ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯ

МИНИСТЕРСТВО ВНУТРЕННИХ ДЕЛ
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
АКАДЕМИЯ

# МАҶМУАИ МАВОДИ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР МАВЗУИ «КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲАВВУЛ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН»

## БАХШИДА БА 30-СОЛАГИИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ «СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ»

# СБОРНИК МАТЕРИАЛОВ МЕЖДУНАРОДНОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНҚИИ НА ТЕМУ «КОНСТИТУЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ЭВОЛЮЦИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ»

## ПОСВЯЩАЕТСЯ 30-ЛЕТИЮ ПРИНЯТИЯ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ОБЪЯВЛЕНИЮ «ГОДА ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ»

Душанбе - 2024

**ТДУ 342.4 (575.3) (063.3)**
**ТКБ 67.99(2) 01 (2 тоҷик)**
**М – 49**

Маҷмуаи маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳаввул ва дурнамои рушди он» бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани “Соли маърифати ҳуқуқӣ” (ш. Душанбе, 02 ноябри с. 2024) // Зери таҳрири П.А. Насуриён. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – 317 с.

Сборник материалов Международной научно-практической конференции на тему «Конституция Республики Таджикистан: эволюция и перспективы развития», посвященную 30-летию принятия Конституции Республики Таджикистан и объявлению “Года правового просвещения” (г. Душанбе, 02 ноября 2024 г.) // Под ред. П.А. Насуриён. – Душанбе: Типография МВД Республики Таджикистан, 2024. – 318 с.

Масъули чоп:
*Раҳмадҷонзода Р.Р.*
Муҳаррирон:
*Мансурзода А.М.,*
*Каримзода У.К.*
Муҳаррири техникӣ:
*Каримова Л.М.*

Ответственный редактор:
*Рахмаджонзода Р.Р.*
Редакторы:
*Мансурзода А.М.,*
*Каримзода У.К.*
Технический редактор:
*Каримова Л.М.*

**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**А К А Д Е М И Я**

**МИНИСТЕРСТВО ВНУТРЕННИХ ДЕЛ**
**РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**А К А Д Е М И Я**

***Бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани “Соли маърифати ҳуқуқӣ”****

***Посвящается 30-летию принятия Конституции Республики Таджикистан и и объявлению “Года правового просвещения”****

*Дар маҷмуа маърузаҳо ва мақолаҳои иштирокчиёни конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳаввул ва дурнамои рушди он», ки дар ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 02 ноябри с. 2024 баргузор гардид, гирд оварда шудаанд. Масъалаҳои доктринаи навтарини конститутсионӣ, иқтидори созандаи Конститутсия, волоият ва амали он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, ҷомеа ва давлат мавриди баррасӣ қарор дошта, таҷрибаи пайвастаи таҳкими қонунияти конститутсионӣ, ки дар даврони истиқлолияти давлатии ҳам худи Тоҷикистон ва ҳам мамлакатҳои хориҷӣ ҷамъ оварда шудаанд, пешкаш мегардад.*

*Маҷмуа метавонад ба донишҷӯён, курсантон ва шунавандагон ҳангоми омӯзиши масъалаҳои таълим, ба омӯзгорон ҳангоми омодагӣ ба дарсҳо ва ба тадқиқотчиён ҳангоми гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва эҷодӣ муфид бошад.*

*Сборник содержит доклады и статьи участников Международной научно-практической конференции на тему «Конституция Республики Таджикистан: эволюция и перспективы развития», прошедшей в МВД Республики Таджикистан 02 ноября 2024 г. В статьях рассмотрены вопросы новейшей доктрины конституционализма, созидательного потенциала Конституции, ее верховенства и действия во всех сферах жизни человека, общества и государства, представлен опыт последовательного упрочения конституционной законности, накопленный за время государственной независимости как самого Таджикистана, так и зарубежных стран.*

*Сборник может быть полезен студентам, курсантам и слушателям при изучении учебных вопросов, педагогам в ходе подготовки к занятиям и исследователям во время проведения научных и творческих исследований.*

**© Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024**
**© Академия МВД Республики Таджикистан, 2024**

* *Маъруза ва мавод дар таҳрири муаллифон чоп карда мешаванд. Масъулият барои саҳеҳӣ, мукаммалӣ ва аслии мавод ба дӯши муаллифони онҳо мебошад.*
* *Доклады и материалы опубликованы в авторской редакции. Ответственность за достоверность, полноту и оригинальность материалов несут их авторы.*

## МУНДАРИЧА СОДЕРЖАНИЕ

РАҲИМЗОДА, Р.Ҳ. Сухани ифтитоҳӣ .......... 5-8
ЯТИМОВ, С.С. Сухани ифтитоҳӣ .......... 9-11
АШУРЗОДА, А.А. Сухани ифтитоҳӣ .......... 12-13
ШОҲИЁН, Ш. Сухани ифтитоҳӣ .......... 14-15
КАРИМЗОДА, У.Р. Сухани ифтитоҳӣ .......... 16-18
ҲАЁТЗОДА, Ф.Ҷ. Сухани ифтитоҳӣ .......... 19-23
САМАД, З.Т. Сухани ифтитоҳӣ .......... 24-26
АЛАМШОЗОДА, А.А. Сухани ифтитоҳӣ .......... 27-29
НАСУРИЁН, П.А. Сухани ифтитоҳӣ .......... 30-33

**ТАҲҚИҚОТҲОИ ИЛМИИ ДОКТОРОН ВА НОМЗАДОНИ ИЛМҲО**
**НАУЧНЫЕ ИССЛЕДОВАНИЯ ДОКТОРОВ И КАНДИДАТОВ НАУК**

АЛИМОВ, С.Ю. Общая характеристика Конституции Республики Таджикистан .. 34-39
АЛИМОВ, С.Ю. Формирование стратегии обеспечения национальной безопасности Российской Федерации .......... 40-45
БУРИЗОДА, Э.Б. Нақши афкори сиёсӣ-ҳуқуқии мутафаккирони тоҷик дар ташаккули маърифати ҳуқуқии ҷомеаи муосир .......... 46-51
БУРИЗОДА, Э.Б., ҚОДИРЗОДА, С.М. Маърифати пайдоиши ҷомеа ва давлат дар Афкори сиёсию хуқуқии Ибни Халдун .......... 51-57
ГРАЧЕВ, Н.И., ТОРЯНИКОВА, И.В., КОТЛЯРОВА, О.Н. Эволюция российской Конституции и государство-цивилизация как концептуальная парадигма конституционного развития России в XXI веке .......... 57-63
ЗАЙЦЕВ, О.А. Конституционно-правовые основы государственной защиты лиц, содействующих правосудию .......... 64-67
КАМОЛЗОДА, И.И. Маърифати ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон дар конститутсияҳои Тоҷикистон .......... 68-72
РАҶАБЗОДА, Р.М. Саҳми Президенти кишвар дар ташаккулёбӣ ва рушди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон .......... 73-77
РЕДКОУС, В.М. Роль Конституции Республики Таджикистан в правовом обеспечении национальной безопасности Республики Таджикистан .......... 77-86
САНГИНЗОД, Д.Ш. Саҳми Пешвои миллат дар ташаккул ва рушди сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон .......... 86-93
СЕМЕНЦОВ, В.А. Ограничения конституционных прав в оперативно-розыскной деятельности по законодательству России и Таджикистана .......... 93-99
ШАРИФЗОДА, Ф.Р., ОДИНАЗОДА, А.Ш. Нақши Конститутсия дар таъмини амнияти миллӣ .......... 100-104
ШАРОФЗОДА, Р.Ш. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҳёи ғояҳои фарҳанги миллӣ .......... 105-111
ЭЛЬНАЗАРОВ, Д.Х. Конституционно-правовая природа обеспечения гарантий прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы совершенствования законодательства .......... 111-119
АБДУЛЛОЗОДА, Н.Р. Конститутсия ҳамчун асоси ҳуқуқии муқовимат ба экстремизм .......... 119-122

АЗИМИ, У.А. Влияние конституционных норм на развитие правового воспитания сотрудников органов внутренних дел Республики Таджикистан ... 122-125
ҒАФУРӢ, М.С. Баланд бардоштани маънавиёти ҷавонон дар раванди фаъолияти давлатӣ ... 125-128
ДАВЛАТЗОДА, М. Конститутсия санади тақдирсози миллат ... 128-131
ДАВЛАТШОЗОДА, А. Нури қонуни асосӣ ... 131-134
ДЖУРАЕВ, Р.З. Философские взгляды И. Канта о политике, праве и государстве ... 134-140
ЕФИМОВ, Е.В. Средства доказывания как реализация конституционных принципов в уголовном судопроизводстве ... 141-147
ЗАРОБИДИНЗОДА, С. З., АРИПОВ, А.Л. Рецидив преступления как квалифицирующий признак в преступлениях в сфере незаконого оборота наркотиков ... 148-153
КАРИМЗОДА, У.К. Хислатҳои асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ... 153-156
МАНСУРЗОДА, А.М. Конституционные обязанности в механизме обеспечения прав человека ... 156-159
МИРЗОЗОДА, Н.Д. Пайдоиш ва густариши институти суди ҳарбӣ дар даврони зардуштия ... 159-169
САИДЗОДА, З.А., ХАЙРУЛЛОЕВ, Ф.С. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешгирии зӯроварӣ дар оила ... 169-174
СИДОРОВА, Е.З. Об истории уголовного права России в дореволюционный период ... 174-177
СУЛАЙМОНЗОДА, М.С. Таъйиноту ҷойи дебоча ва муқаррароти интиқолӣ дар низоми конститутсия ... 177-186
СУЛАЙМОНЗОДА, М.С., НЕГМАТОВ, Б.С. Усулҳои асосии конститутсия ... 187-191
ҲАЙДАРЗОДА, З.П., ҲАЙДАРЗОДА, Д.П. Асосҳои ҳуқуқӣ-ташкилии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ... 192-202
ҲАЙДАРЗОДА, М.П. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии муқовимат ба экстремизм ... 202-212
ҶАМШЕДЗОДА, К.Ҷ. Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ... 212-216
ШАРИФЗОДА, П.Р., ШАРИФЗОДА, Б.Р. Мафҳум ва моҳияти батанзимдарории маъмурӣ-ҳуқуқӣ ... 216-219

**ТАҲҚИҚОТҲОИ ИЛМИИ АДЪЮНКТОН, АСПИРАНТОН ВА УНВОНҶӮЁН**
**НАУЧНЫЕ ИССЛЕДОВАНИЯ АДЪЮНКТОВ, АСПИРАНТОВ И СОИСКАТЕЛЕЙ**

АБДУЛАҲАДЗОДА, А.А., ҲАЙДАРЗОДА, М.П., ВАЛИЗОДА, Н.Д., НУРИДДИНЗОДА, С.Н. Назаре оид ба баъзе аз навгониҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ... 220-226
АБДУЛЛОЗОДА, Ф.У. Фаъолияти Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа ... 226-228
АЛИМЗОДА, Д.А. Марҳилаҳои асосии рушди қонунгузорӣ дар самти Фаъолияти оперативи ҷустуҷӯӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ ... 229-231
АСЛАМОВ, Б.С. Хусусиятҳои хосси қабули Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои сиёсӣ ва гуманистии он ... 232-235

АХМАДЗОДА, Р.С. К вопросу о значимости защиты конституционных прав и свобод человека, процессуальных прав лица в связи с организацией незаконной миграции ........ 235-237
БОБОХОНЗОДА, С.С. Конститутсия кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва рушди босуботи кишвар ........ 238-241
ДЖАЛИЛОВ, Ф.М. Анализ реализации конституционных принципов права на защиту в контексте доказывания по уголовным делам ........ 241-244
ДОДОЗОДА, А. Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди ислоҳоти конститутсионӣ ва таҳкими ҳокимияти судӣ ........ 245-248
ИСАКОВА, И.В. Некоторые аспекты сравнительного анализа конституций Республики Таджикистан и Российской Федерации ........ 248-251
ҚОДИРЗОДА, Ғ.Н., ИБРОҲИМЗОДА, Д.Қ. Маърифати ҳуқуқӣ таҳкимбахши меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 251-255
ҚОДИРЗОДА, Ғ.Н. Маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ - омили ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ........ 255-258
МАҲИНАИ Н. История развития и юридические особенности Конституции Таджикистана ........ 258-262
МАЪРУФЗОДА, М.М. Пайдоиш ва ташаккули хадамоти давлатии муҳофизаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ ........ 262-266
МАЪРУФИЁН, Б.М., АБДУЛВАҲОБЗОДА, М.А. Конститутсия ҳамчун заминаи асосии истифодабарии воситаҳои техникӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ........ 266-271
МУРОДЗОДА, У.У. Конституция Республики Таджикистан: 30 лет гарантии свободы, равенства и прогресса ........ 272-275
РАҲИМЗОДА, А.Р. Ҷабҳаҳои таърихӣ-ҳуқуқии бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахси воқеӣ ........ 275-279
РАҲМАТШОЗОДА, С.Р. Маърифати ҳуқуқӣ - омили рушд ва ташаккули тафаккури ҳуқуқӣ ........ 280-283
РОЗИКЗОДА, Б. К вопросу о законодательном регулировании прохождения службы в органах внутренних дел в государствах-участниках СНГ ........ 283-286
САИДЗОДА, С.С., АБДУЛАҲАДЗОДА, А.А. Масъалаи таълиму тарбияи кӯдакон дар партави суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ ........ 286-294
САМАДЗОДА, А. Некоторые вопросы совершенствования правового регулирования поступления граждан на службу в органы внутренних дел (опыт государств-участников СНГ) ........ 294-299
САМИЪЗОДА, Б.С. Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ........ 299-302
СОЛЕҲЗОДА, Ф.Ф. Фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оид ба таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 303-306
УРФОНЗОДА, Д.С. Ташаккули принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар Конститутсия ва қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 306-308
ФАҲРИДИНЗОДА, Ҳ.С. Ҷойгоҳи конститутсия дар бунёди давлатдории миллӣ . 308-312
ҶАЛОЛЗОДА, С.И. Масоили вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 312-316

# СУХАНИ ИФТИТОҲӢ



**РАҲИМЗОДА РАМАЗОН ҲАМРО**
**ВАЗИРИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН,**
**ҲУҚУҚШИНОСИ ШОИСТАИ ТОҶИКИСТОН,**
**ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ, ДОТСЕНТ,**
**ГЕНЕРАЛ-ПОЛКОВНИКИ МИЛИТСИЯ**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Конститутсия ҳамчун дастоварди бузурги мардуми Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии тоҷиконро фароҳам оварда, шакли олии ифодаи ҳуқуқии давлатдории миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад. Таҷрибаи қабули Конститутсия дар давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистони мо баръало нишон медиҳад, ки он ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ ва санади олии ҳуқуқӣ бо истиқлоли давлатӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз ҷумлаи муҳимтарин рӯйдодҳои таърихи навини халқи тоҷик ва дастоварди бузурги мардуми кишвар мебошад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 6 ноябри соли 2023 дар Паёми табрикотӣ ба муносибати Рӯзи Конститутсия иброз намуданд: «Маҳз ба шарофати Конститутсия рукнҳои давлатдорӣ, низоми ҳуқуқии мамлакат, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ пойдор гардида, давлати мо ба роҳи рушди устувор қадамҳои боэътимод гузошт.

Аз ҷониби мардум дар вазъияти ниҳоят мураккаби сиёсӣ якдилона қабул гардидани ин ҳуҷҷати тақдирсоз, пеш аз ҳама, гувоҳи аз ҷониби халқи Тоҷикистон дастгирӣ ёфтани сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлат буда, ба ҷаҳониён ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстӣ ва анъанаҳои созандаву бунёдкорона доштани мардуми кишварро собит сохт».

Лозим ба ёдоварист, ки бо қабули Конститутсия мардуми шарифи Тоҷикистон бори аввал мустақилона низоми давлатдории миллӣ, роҳи зиндагиву давлатдории худро барои оянда интихоб намуд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда, ба масъалаи принсипиалӣ ва фундаменталии давлат – хусусияти давлати Тоҷикистон нуқта гузошт. Тоҷикистонро давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон намуд.

Тавассути ҳуҷҷати мазкур, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хусусияти давлати тоҷикон, ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ, таъриху фарҳанг ва забони

миллӣ, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, муносибат ба инсон ва шаҳрванд ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои он, мавқеи халқ дар низоми ҳокимияти давлатӣ, муносибати давлат ба моликият, тартиби таъсиси мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла ҳокимияти судӣ, мақомоти маҳаллӣ ва худидоракунӣ, шиносоӣ пайдо намуд. Яъне, Конститутсия шиносномаи давлат ва халқи Тоҷикистон гардид.

Қайд кардан ба маврид аст, ки қабули Конститутсия нахустин чорабинии муҳимми сиёсии мамлакат буда, барои ҳокимияти сиёсии тахти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат фаъолият дошта, ҳамчун санҷиши бузург барои миллатамон ба шумор мерафт. Қабули он, ки дар шароити бениҳоят мураккаби авзои сиёсии иҷтимоӣ доир гардид, аз қобилияти баланди ташкилию роҳбарӣ ва давлатдории Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳад. Дар дили мардуми тоҷик, шуълаи боварӣ ва умед ба оядаи дурахшони халқу миллат ва давлат пайдо шуда, халқи сарбаланди мо дар атрофи роҳбари давлат муттаҳид гардида, сиёсати созанда ва бунёдкоронаи ӯро ҳамаҷониба дастгирӣ намуданд. Натиҷаи чунин дастгирӣ ва муттаҳидӣ дар атрофи Роҳбари давлат – ободиву гул-гул шукуфоии кишварамон ва эътибори байналмилалии он мебошад.

Қабули Конститутсия башорати ба майдони сиёсӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ воридшавии шахсият ва чеҳраи ҷадиди таърихӣ бо фаҳмишу дарки баланди арзишҳои миллӣ ва байналмилалӣ мебошад. Ин бори дигар собит менамояд, ки мавқеъ ва нақши шахсият дар таърих, пешниҳоди барномаи мукаммали бунёдкорона ва созанда, ташаккули элитаи нави сиёсӣ ва миллӣ, аз паси худ бурдани омма ва дигаргуниҳои сифатии ҷомеаи алоҳида мебошад. Ин ба сарвари давлат дар пешбурди фаъолияти давлатдорӣ, бунёди давлати навини тоҷикон ва саҳмашон дар ҳалли муҳимтарин мушкилиҳои ҷаҳони имрӯза, музаффариятҳои барзиёд зам намуд.

Бояд қайд намуд, ки ҷавҳари маърифати ҳуқуқии миллатро, бешубҳа, Конститутсия ташаккул медиҳад, ки он ҳамчун қонуни асосии кишвар арзиши олии ҳуқуқӣ дорад ва дар навбати худ ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолат медиҳад. Бо ин мақсад, бахшида ба сазовор пешвоз гирифтани 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти кишвар дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзи 28 декабри соли 2023 ироа гардид, соли 2024-ро дар мамлакат «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуд.

Эълон шудани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» беҳуда нест, зеро Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони истиқлол мебошад. Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудан ин давоми мантиқии сиёсати давлату Ҳукумат баҳри рушди давлати мустақили миллӣ, пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми ҷумҳурӣ ва устуворгардонии пояҳои устувори ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмӯъ, эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» метавонад сабабу омилҳо ва мақсади зеринро доро бошад:

- пеш аз ҳама баланд бардоштани сатҳи саводнокии ҳуқуқии аҳолии кишвар, ки ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ дар байни аҳолӣ кам ва боиси ташаккули аркони ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократӣ гардад;
- пешгирии ҷавонон ва наврасон аз даст задан ба амалҳои номатлуб, шомилшавии онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ;
- баланд бардоштани таваҷҷуҳи ҷавонон ба таҳсил, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, зиёд намудани озмунҳои мухталифи соҳавӣ ва афзоиш додани иштироки ҷавонон дар маҳфилҳои мазкур;
- баланд гардидани саводи сиёсӣ, ҷаҳонбинии насли наврас ва маърифати ҳуқуқии аҳолии мамлакат дар раванди қабули қонуну санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, бо воситаи вакилони худ иштирок намудан дар идоракунии кишвар ва талаб

намудани ҳуқуқу озодиҳо аз ҷониби аҳолӣ, ки тантанаи арзишҳои демократиро дар кишвар таҷассум намояд;

- ба мақомоти қонунгузории кишвар дар роҳи фаъолияти минбаъда ва муайян намудани самтҳои асосии таҳкими низоми қонунгузорӣ;
- бедории ҳисси миллии ҷавонон дар самти ҳимояи марзу буми кишвар;
- муносибатҳои дуҷонибаи давлат ва шаҳрвандон, риояи вазифаву уҳдадориҳои дуҷонибаи миёни онҳо, иштироки бевоситаи давлату мақомотҳои он ва аҳолӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ.
- зиёд намудани теъдоди оилаҳои солим ва пешгирӣ намудани барҳамхӯрии оилаҳои ҷавонон;
- таваҷҷуҳ ба муҳоҷирони меҳнатӣ бо роҳи пешгирии поймолшавии ҳуқуқи онҳо дар кишварҳои муҳоҷират.

Дар Конститутсия арзишҳое дарҷ гардидаанд, ки мазмун ва моҳияти «маърифати ҳуқуқӣ»-ро ифода менамоянд. Меъёрҳои конститутсионӣ ба монанди арзиши олӣ доштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, дахлнопазир будани ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон, аз ҷониби давлат кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, баробарии ҳама дар назди қонун ва суд ва ғайра дар умум ҷавҳари “маърифати ҳуқуқӣ”-ро ташкил медиҳанд.

Конститутсия дар баробари эътирофи як қатор арзишҳои давлатдории ҷаҳони муосир, аз қабили сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани халқ, инкишоф ёфтани ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсиву мафкуравӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ барои таъсис ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ заминаҳои зарурии ташкиливу ҳуқуқиро фароҳам овард. Он ҳамчун қонуни олии кишвар азму иродаи мардуми Тоҷикистонро оид ба тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат эълон намуд.

Аз ин лиҳоз, ҳар як шаҳрванди мамлакат ин санади тақдирсозро азизу муқаддас меҳисобад, зеро он ҳуқуқу озодиҳои ҳар кадоми онҳоро ба сифати арзиши олӣ эътироф намуда, ҳифзи қонунии як силсила ҳуқуқҳои фитрии инсон, аз ҷумла дахлнопазирии ҳаёт, қадр, номус, инчунин озодии виҷдону эътиқод ва дигар ҳуқуқу озодиҳои ӯро кафолат медиҳад.

Имрӯзҳо, ки мо дар арафаи сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем, бояд мавҷудияти ин санади олии тақдирсози миллатро дар ҳаёти ҷомеа аз ҳар вақта дида, ҳассостар эҳсос намоем. Дар доира ва меҳвари ин санад зистанро омӯзем, меъёрҳо ва муқарраротӣ онро қоидаи рафтори худ қарор диҳем ва арзишҳои онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем. Онро ҳамчун бузургтарин дастовард, роҳнамо ва пайвандгари наслҳо дар қатори чунин ифтихору сарбаландии инсонӣ ва миллиамон – Ватану миллат, худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳуввияти миллӣ ҷойгузин намоем. Бо такя ба арзишҳои умумибашарию миллӣ, дарки моҳият ва мазмуни созандаю бунёдкоронааш онро як ҷузъи таркибии ғояи миллӣ эътироф намоем.

Воқеан, дар ҷомеаи суннатӣ, ки асрҳо бо анъаноти вижа шакл гирифтааст, таъмини низоми одилона ва устувор дар пояи меъёрҳои ҳуқуқӣ татбиқ мешаванд. Чунин низомро маҳз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳукми як санади асосӣ бо шинохт ва риояи меъёрҳои байналмилалӣ рисолати воқеии худ қарор додааст. Он ба ҳукми Қонуни асосӣ тамоми самтҳои фаъолияти давлату давлатдориро танзим намуда, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандонро зери ҳимоя гирифтааст. Муҳимтар аз ҳама, роҳнамоест барои имрӯзу фардои давлату миллат. Чун бахтномаи сарнавиштсоз моро ҳифз мекунад ва мебарад сӯйи ояндаи неку дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол. Бо эътимод метавон изҳор намуд, ки 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷашни муборaки миллӣ ба густариши

бештари худогоҳиву худшиносӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори ватандории ҳар фарди бонангу номуси Тоҷикистони соҳибистиқлол нерӯи тоза мебахшад.

Дар хулоса махсус бояд қайд намоям, ки ҳадафи аслии мо бунёди ҷомеи пешрафта ва адолатпарвар мебошад. Бунёди чунин ҷомеа, танҳо бо амалигардонии меъёрҳои Конститсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон имконпазир аст.

Имрӯз бо эътимод метавон изҳор намуд, ки ҷашнгирии рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷашни мубораки миллӣ ба густариши бештари худогоҳиву худшиносӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори ватандории ҳар як фарди бонангу номуси Тоҷикистони соҳибистиқлол нерӯи тоза мебахшад.

## СУХАНИ ИФТИТОҲӢ



**ЯТИМОВ САЙМУМИН САТТОРОВИЧ**
**Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Конститутсия қонуни асосии давлат, санади махсуси меъёрии ҳуқуқӣ буда, қувваи олии ҳуқуқӣ дорад. Дар ин санади бунёдӣ ҳуқуқ, озодӣ, вазифа ва ухдадориҳои инсон, манфиатҳои миллӣ, арзиш, анъана, одат, фарҳанг, ҳадаф, нақша, маром ва мақсади наслҳои гузашта, имрӯза, ояндаи халқ ифода ёфтааст.

Бартарият ва муҳиммияти конститутсия аз дигар санадҳо дар мазмун, мундариҷа, доираи фарогирӣ ва меъёрҳои он ифода ёфтааст. Меъёрҳои конститутсионӣ ба ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, маънавиёт таъсир расонида, мундариҷаи онҳоро муқаррар менамоянд. Онҳо таъйиноташон мушаххас мебошад.

Пайдоиш, ташаккул ва рушди конститутсияҳо бо таърихи инсоният баробар аст. Аммо дар шакли муосир он ҳамагӣ 237 сол таърих дорад.

Имсол, аз қабули Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистони 30 сол пур шуд.

Сӣ сол муқаддам, 6-уми ноябри соли 1994, дар таърихи навини миллати тоҷик ҳамчун рӯйдоди муҳим, сарнавиштсоз ва хотирмон сабт гардид. Зеро дар ин рӯз, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бахтномаи миллат, ҳомии давлатдории миллӣ ва ифодаи олии ормонҳои ҳазорсолаи миллат мебошад, қабул шуд.

Дар он рӯзи таърихӣ зимни раъйпурсии умумхалқӣ барои қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 94,4%-и шаҳрвандон иштирок намуданд. 87,59%-и аҳолӣ ба ҷонибдории қабули ин ҳуҷҷати тақдирсоз овоз доданд.

Бо қабули Конститутсия майлу иродаи халқи Тоҷикистон оид ба эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ, ки дар бобати интихоби сарнавишти минбаъдаи кишвар имтиҳони ҷиддие буд, муайян гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба аҳамияти ин ҳуҷҷат чунин қайд кардаанд: «Конститутсия барои аз байн бурдани хатаре, ки ба Истиқлоли давлатӣ таҳдид мекард, шароити зарурии ҳуқуқӣ муҳайё карда, барои аз нобудӣ наҷот додани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва аз парокандагӣ раҳоӣ бахшидани миллати тоҷик асос гузошт, ҷиҳати расидан ба ваҳдати миллӣ таҳкурсии устувор гардид ва

дар он марҳилаи ҳасоси таърихӣ барои гузоштани асосҳои аркони давлатдории тоҷикон нақши тағдирсозу ҳалкунанда бозид. Конститутсия нишонаи нахустин ва муҳимтарини соҳибистиқлолии давлат буда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои дигар эътироф гардидани соҳибихтиёрии он аз ҳамин ҳуҷҷати тақдирсоз сарчашма мегирад. Конститутсия ҳамчун бахтномаи миллат ва санади бунёдии сиёсӣ роҳи минбаъдаи пешрафту тараққиёти давлати озоду демократии моро муайян менамояд» (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 23.04.2014).

Яке аз сабабҳое, ки Конститутсияи Тоҷикистон аз ҷониби тамоми аҳолии кишвар дастгирӣ ёфт, моҳияти мардумӣ доштани мухтавои он мебошад. Ин нукта дар моддаи 6-уми Конститутсия чунин ифода ёфтааст: «Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст».

Мардумони олам шоҳиданд, ки миллати тоҷик давоми сӣ сол ҳамчун сарчашмаи ягонаи ҳокимият дар интихобот ва раъйпурсиҳо иштирок варзида, дар рушди давлатдории миллӣ бевосита иштирок намуданд. Таҳти сарварии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафҳои олӣ ва нақшаҳои стратегиро амалӣ сохтанд.

Ба таври оммавӣ, бо масъулияти баланд се маротиба дар маросими раъйпурсии умумихалқӣ дар барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, ки 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 баргузор гардид, иштирок кардани аҳолӣ нишонаи боварӣ, эътимоди халқ ба Пешвои муаззами миллат, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ояндаи дурахшони кишвар мебошад.

Воқеияти инкорнашаванда ва ҳақиқати собитшуда аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади муҳимми сиёсӣ ва эътибори олии ҳуқуқидошта, яке аз дастовардҳои бузурги халқи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Он шакли олии ифодаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, осори таърихӣ ва фарҳанги миллӣ буда, заминаҳои ҳуқуқии эъмори давлати соҳибистиқлол ва миллиро ба вуҷуд овард.

Дар Конститутсия тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудуди кишвар, моҳият ва вазифаҳои давлат, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд, забони давлатӣ, рамзҳои давлатӣ, ҳадафҳои бунёдии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, асосҳои иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангии давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон эълон шудаанд.

Дар моддаи 1-уми Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ муаррифӣ шудааст. Ин меъёрҳо ҷавобгӯи ҳадаф, ормон, андеша ва манфиатҳои миллӣ буда, ба талаботи рушди ҷаҳони мутамаддин созгоранд.

Аз назари илмӣ низ, меъёрҳои «соҳибихтиёрӣ», «демократӣ», «ҳуқуқбунёд», «дунявӣ», «ягона» ва «иҷтимоӣ» барои рушди давлатдории миллӣ беҳтарин идеологияи санҷидашуда, коркардгардида ва таъйиноташон мушаххас мебошад.

Гузашти солҳо собит кард, ки роҳи интихобкардаи халқи тоҷик ҷиҳати бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ дуруст, мантиқӣ, огоҳона ва таконбахши асосии рушди устувори давлат мебошад.

Дар қисми якуми моддаи 11-и Конститутсияи ҶТ таъкид мегардад: «Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро дар амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад».

Пешбурди сиёсати хориҷии сулҳҷуёна, мутавозин, боз ва адолатмеҳвар ба Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки муносибатҳои дипломатии гуногунҷанбаро бо кишварҳои ҷаҳон барқарор, таҳким ва рушд диҳад. Бо созмонҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои мутақобилан судмандро тақвият бахшад.

192 давлати ҷаҳон Истиқлоли Тоҷикистонро эътироф ва ба расмият шинохтанд. Ба ҳолати имрӯза, Тоҷикистон бо 182 кишвар муносибати дипломатиро барқарор ва дар соҳаҳои гуногун ҳамкорӣ менамояд. Тоҷикистон аъзои 57 созмони минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, узви фаъоли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ мебошад.

Конститутсияи ҶТ инсон ва ҳуқуқу озодиҳои онро арзиши олӣ эътироф карда, барои амалишавии онҳо давлатро вазифадор кардааст. Чунончи, 34 моддаи Конститутсия ё худ аз се як ҳиссаи он ба ҳуқуқу озодиҳои инсон бахшида шудаанд.

Миллати тоҷик дар таърихи мавҷудияти худ ҳамеша ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, рушди ҷомеаи дунявӣ, илммеҳвар афзалият додааст. Ҳанӯз, 2500 сол қабл, асосгузори давлати Ҳахоманишиҳо (705-330 пеш аз мелод) Куруши Кабир «Эъломияи ҳуқуқи башар»-ро таҳия намуд. Аввалин бор дар таърихи башарият давлатдории дунявиро асос гузошт.

Дар давраи навин, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вақте, ки Тоҷикистон дар гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор буд, ба саҳнаи сиёсӣ ворид гардида, идеяи бунёди давлати миллӣ ва дунявиро ба миён гузошт ва татбиқ намуд.

Сарвари кишвар ҳамчун давлатмарди огоҳ, соҳибтаҷриба, хирадсолор, дурандеш сарнавишти ояндаи давлату миллатро ба даст гирифт. Тоҷикистонро асос гузошт. Бунёд кард. Ба ҷаҳониён муаррифӣ сохт.

Дар замони муосир ба вазъи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, меъёрҳои эътирофнамудаи Конститутсия омилҳои зерин таъсир мерасонад:

- мураккаб гардидани вазъи геополитикии ҷаҳон;
- вазъияти сиёсӣ-ҳарбии Афғонистон;
- раванди бесобиқаи ифротишавии ҷомеаҳо;
- пурзӯр шудани фаъолияти ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ ва «ҳалқаҳои хуфта»-и онҳо.

Айни замон, ифротисозии ҳарчи бештари ҷомеаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар феҳристи нақшаҳои баъзе абарқудратҳо, дар мақоми аввал қарор дорад. Бо ин мақсад, онҳо бо тамоми роҳ, усул ва имконот талош доранд ақидаҳои мутаассибонаи диниро дар мафкураи аҳолии кишварҳои минтақа, аз ҷумла, дар Тоҷикистон ҷой намоянд.

Натиҷаи фаъолияти тахрибкоронаи душманони сохти конститутсионии кишвар аст, ки имрӯз дар дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ шумораи муайяни шаҳрвандони ҶТ дорои тафаккури ифротӣ ва руҳияи зидди низоми давлатдории миллӣ буда, аксарияти онҳо аъзои ТТЭ-ТБТ мебошанд.

Имрӯз ва ояндаи тақдири давлати миллӣ аз муҳтавои ҷаҳонбинӣ, раванди ташаккули андеша, фикрронӣ ва бархӯрди табақаҳои гуногуни ҷомеа нисбат ба воқеият – сиёсати дохилӣ ва берунии кишвар ва албатта, муҳтавои ҳамбастагии давлат, мароми миллӣ ва вокуниши мардумӣ вобаста аст.

Дар чунин шароити мураккаб ва пурпечутоб, ки таҳдиду хатарҳо ба амнияти миллӣ, манфиатҳо ва сохти давлат афзоиш ёфта истодаанд, мо танҳо тавассути басиҷ намудани тамоми зарфияту неру, татбиқи меъёрҳои конститутсионӣ, аз ҷумла моддаи 1-уми Конститутсияи кишвар, метавонем, ки давлатдории миллиро ҳифз карда, барои наслҳои имрӯза ва оянда давлати муқтадиру устуворро ба мерос гузорем.

# СУХАНИ ИФТИТОҲӢ



**АШУРЗОДА АБДУЛҲАФИЗ АБДУ**
**РАИСИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН,**
**СУДЯИ ДАРАҶАИ ОЛӢ**

**Ҳозирини гиромӣ,**
**Муҳтарам иштирокчиёни конференсияи байналмилалӣ!**

Қаблан миннатдории самимии худ ва ҳайати Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковники милитсия, муҳтарам Рамазон Раҳимзода барои даъват ҷиҳати иштирок дар чорабинии сатҳи баланди имрӯза, ки ба яке аз ҷашни таърихӣ ва дастовардҳои муқаддаси халқи тоҷик 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, изҳор дошта, якояки Шумо ва дар симои Шумо кулли мардуми шарафманди Тоҷикистонро ба ин муносибат сидқан табрик менамоям.

Қабули Конститусияи Тоҷикистони соҳибистиқлол аз зумраи рӯйдодҳои муҳим ва тақдирсози миллати тоҷик ба шумор рафта, дар роҳи эъмори давлатдории навини тоҷикон нақши калидӣ дорад.

Ба ифтихори ин ҷашни муқаддасу муътабари миллӣ, Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд, зеро ҷавҳари маърифати ҳуқуқии миллатро, бешубҳа, Конститутсия ташаккул медиҳад ва ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар нақши калидӣ дорад.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ин санади муҳимм дар ташаккули ниҳодҳои давлатдорӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муҳимм дорад ва дар худ андеша ва ғояҳои инсондӯстонаро таҷассум мекунад.

Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки таҷассумгари орзуву ормонҳои чандинасраи мардуми мо мебошад, ҳамчун санади тақдирсоз дар роҳи эъмори давлатдории навини тоҷикон, пойдориву бардавомии ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ноил гардидан ба пешравиҳои азими сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ба вуҷуд овардани асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳайё намудани фазои мусоид барои ташаккули озодонаи ҳар фард заминаи мустаҳкам ва боэътимоди ҳуқуқӣ гузошт.

Ҳамчун ҳуҷҷати барномавии ҳаёти давлат ва ҷомеа Конститутсия дурнамои пешрафти кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистонро барои солҳои тӯлонӣ пешбинӣ намуда, барои халқи мо бардавому поянда хизмат мекунад ва дар навбати худ мардуми шарифи Тоҷикистон минбаъд низ ба хотири амалӣ гаштани ин орзую ормонҳои нек, пеш аз ҳама тавассути эҳтиром ва риояи дақиқи меъёрҳои он қарзи

шаҳрвандии худро сарбаландона адо хоҳанд кард. Зеро эҳтиром, риоя ва ҳифзи Конститутсия - кафолати таъмини қонуният, амният ва сулҳу суботи давлат ва ҷомеа мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Вазъи сиёсиву иҷтимоии зудтағйирёбанда ва ташвишовари ҷаҳони муосир собит месозад, ки дар баъзе кишварҳо бинобар сарфи назар гардидани арзишҳову меъёрҳои Конститутсия ва риоя накардани қонунгузорӣ, давлату ҷомеа ба хатарҳои вазнин ва мушкилоти сангин рӯбарӯ гашта, ҳатто хатари парокандагӣ ва тақсимшавии давлатҳо ба миён омадааст. Дар чунин шароит Тоҷикистон бо риояи қатъии меъёрҳои Конститутсия сиёсати сулҳҷӯёнаро дар амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва ташаккули падидаҳои мухталифе, ки метавонанд ба истиқлолияти миллӣ ва амнияти конститутсионии мо халал ворид созанд, эҳтиром ва риояи ҳатмии меъёрҳои Конститутсия, ҳамчун таъминкунандаи асосҳои низоми сиёсиву ҳуқуқии кишвар аҳаммияти аввалиндараҷа касб менамояд.

Бинобар ин, риояи Конститутсия ва таъмини волоияти қонун вазифаи ҳамаи мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як фарди бонангу номус мебошад.

**Муҳтарам иштирокчиёни конференсия!**

Дар татбиқи меъёрҳои Конститутсия ва пеш аз ҳама дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ки меҳвари низоми демократӣ мебошанд, ҳокимияти судӣ, аз ҷумла Суди конститутсионӣ нақши бағоят муҳимм дорад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумлаи дастовардҳои даврони истиқлолият ва самараи Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб рафта, ҳамчун мақоми мустақили ҳокимияти судӣ оид ба ҳифзи Конститутсия фаъолият мекунад, ки имрӯз ба таъсисёбии он 29 сол пур мешавад ва барои пешбурди фаъолияташ тамоми заминаҳои ташкиливу ҳуқуқӣ фароҳам мебошанд.

Дар доираи чор барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ки дар давраи истиқлоли давлатӣ қабул шуданд (солҳои 2007 - 2010, солҳои 2011 - 2013, солҳои 2015 - 2017 ва солҳои 2019 - 2021), фаъолияти густурдаи Суди конститутсионӣ, бо назардошти таҷрибаи судҳои конститутсионии давлатҳои пешқадами дунё боз ҳам тавсеъа ёфта, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав қабул шуд.

Аз ин рӯ, Суди конститутсионӣ, ки дар ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ қарор дорад, минбаъд низ бо такя ба салоҳияти худ дар таъмини суботи конститутсионӣ ва рушди таҳкими қонунияти конститутсионӣ дар мамлакат ва бо ҳамин васила дар таъмини ҳамаҷонибаи кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки Конститутсия пешбинӣ наму-дааст, саҳми арзандаи худро мегузорад.

Итминони комил дорам, ки дар конференсияи байналмилалии имрӯза, ки ба масъалаҳои таҳаввул ва дурнамои рушди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, мавзуҳои мубрами илмию амалӣ мавриди баррасии амиқи олимону муҳақиқон қарор дода шуда, пешниҳодҳои ҷолиб манзур мегарданд. Ба кори Конференсия барору комёбӣ таммано менамоям.

Бори дигар ҳозирини гиромӣ ҷашни Рӯзи Конститусия муқаддастарин ҳуҷҷати сиёсиву ҳуқуқии миллатро ба Шумо табрик мегуям, хонаободу сарбаланд бошед.

# СУХАНИ ИФТИТОҲӢ



**ШЕРМУҲАММАД ШОҲИЁН**
**Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳозирини гиромӣ, меҳмонони азиз!**

Қабл аз ҳама ба роҳбарияти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи Вазорати корҳои дохилӣ барои ташкили чунин як чорабинии сатҳи баланд ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 аз номи тамоми кормандони мақомоти судии кишвар миннатдорӣ изҳор менамоям.

Конститутсия, ки мо ҳар сол рӯзи қабул гардидани онро ҳамчун санади муҳими тақдирсоз бо ифтихору сарфарозӣ таҷлил менамоем, аз ҷумлаи дастовардҳои ниҳоят арзишманди даврони соҳибистиқлолии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихи навини кишвар санади воқеан таърихӣ ва ояндасози миллат буда, он истиқлолияти давлатии тоҷиконро дар сатҳи қонуни олии кишвар бо ҳарфҳои зарин сабт намуда, асосҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва самтҳои асосии таҳкиму пешрафти ояндаи онро мутобиқи меъёрҳои умумиэътирофшуда муқаррар кард.

Бо дарназардошти нақш ва мавқеи Конститутсия дар ҳаёти ҷомеа Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳор доштанд: «Конститутсия санади воқеан таърихиву муқаддаси ҳар давлату миллат ва танзимкунандаи тамоми муносибатҳои муҳими ҷомеа мебошад».

Тибқи Конститутсия шакли идораи кишвар, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва иҷтимоии давлат ҳамчун меъёрҳои пойдору устувори он тағйирнопазир эътироф гардиданд. Бо қабули ин бахтномаи миллати мо бори нахуст дар таърихи давлатдории тоҷикон таҷзияи ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда шуда, ҳокимияти судӣ дар баробари ҳокимияти қонунгузор ва ҳокимияти иҷроия ҷой ва мавқеи худро ба даст овард ва айни замон ҳокимияти судӣ дар шаклҳои муқаррарнамудаи Конститутсия ва қонунҳо татбиқи адолати судиро пурра ва ҳаматарафа таъмин менамояд. Маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсия имрӯз дар Тоҷикистон ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни мустақил ва алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ эътироф гардида, ба инкишофу таҳкими институтҳои демократӣ, ҳифзи ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд.

Бо қабули Конститутсия ва дастгирию ташаббусҳои бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ оғоз бахшида шуда, бобати таҳкими фаъолияти судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар иҷрои ҳамаҷонибаи вазифаҳои конститутсионии худ,

такмил ва тақвияти сохтори судӣ, то имрӯз 4 барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ қабул ва амалӣ карда шуданд. Ҷиҳати иҷрои Нақшаи тадбирҳо оид ба татбиқи Барномаҳои мазкур як қатор қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва кодексҳо қабул гардида, дар сохтори Суди Олӣ, судҳои вилоятҳо ва суди шаҳри Душанбе коллегияҳои нави судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ таъсис дода шуданд. Инчунин як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқие ба тасвиб расиданд, ки барои расидан ба ҳадафҳои пешгирифтаи давлати демократию ҳуқуқбунёд мусоидат мекунанд.

Тоҷикистон бо роҳи гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ то имрӯз дар самтҳои ҳифзи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, демократикунонии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳуқуқиву фарҳангӣ, таҳкиму тақвияти низоми давлатдории миллӣ ва аркони бунёди он ба дастовардҳои басо арзишманди таърихӣ ноил гардид.

Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсози мардуми куҳанбунёду соҳибтамаддуни мо оини давлату давлатдории тоҷиконро, ки дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи халқамон идома ва такмил ёфтааст, ҳамчунин кӯшишу талошҳои фарзандони хирадманду фарзонаи ин халқро дар роҳи расидан ба соҳибистиқлолӣ ва сохти давлатдории миллӣ ҷомаи амал пӯшонд. Ғояҳои башардӯстонаи он инъикоскунандаи орзуву омоли халқи тоҷик буда, аз барҷастатарин намунаҳои фарҳанги ниёгони ориёии мо, анъанаҳои давлатдории Сосониёну Сомониён ва мероси бузургони таъриху адабиёти  аз ҷониби умум эътирофгардидаамон сарчашма мегирад.

Конститутсия дар баробари эътирофи як қатор арзишҳои давлатдории ҷаҳони муосир, аз қабили сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ будани халқ, инкишоф ёфтани ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсиву мафкуравӣ ва таҷзияи ҳокимияти давлатӣ барои таъсис ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ заминаҳои зарурии ташкиливу ҳуқуқиро фароҳам овард.

Воқеан, яке аз меъёрҳои асосии Конститутсия ин таъмини иштироки васеи шаҳрвандони кишвар дар идораи корҳои давлативу ҷамъиятӣ мебошад. Вобаста ба ин, боиси зикр аст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсия мавқеи асосиро ишғол намуда, дар як қатор моддаҳои он дарҷ гардидааст.

Арзиши олӣ эътироф шудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун меҳвари асосии Конститутсияи кишвар ифодагари мазмуну моҳияти ҷомеаи демократӣ ва асоси фаъолияти сохторҳои давлатӣ ба шумор меравад. Қобили зикр аст, ки имрӯзҳо дар кишвари мо маҳз ба шарофати қабули Конститутсия ва дар заминаи амалӣ гардидани меъёрҳои он фазои орому осуда, волоияти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ барқарор ва барои рушди бонизоми иқтисодиву иҷтимоии давлат шароити мусоид муҳайё гардидааст.

Тибқи Конститутсия давлати мо узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон эълон гардида, имрӯз тавассути ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли масъалаву мушкилоти глобалии сайёра нақши арзанда мегузорад.

Бахусус, ташаббусҳои байналмилалии Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи амният, обу энергетика, ҳифзи муҳити зист ва рафъи дигар мушкилоти ҷаҳониву минтақавӣ боиси дастгирии ҷомеаи башар гардидааст.

Боварӣ дорам, ки мардуми сарбаланду шарифи Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ гардидани меъёрҳо ва арзишҳои Конститутсия минбаъд низ саҳми арзандаю ватандӯстонаи худро мегузоранд.

Бори дигар ҳамаи Шумо иштирокчиёни конференсияро ба ифтихори 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки Шумо бахту иқболи нек, сулҳу оромӣ ва ба кишвари азизамон пешравию комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

# СУХАНИ ИФТИТОҲӢ



## КАРИМЗОДА УМЕД РАҲМАТШО
**МУОВИНИ ЯКУМИ ПРОКУРОРИ ГЕНЕРАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУШОВИРИ ДАВЛАТИИ АДЛИЯИ ДАРАҶАИ 3**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар баробари ба даст овардани истиқлолият халқи тоҷик ба марҳилаи сифатан нави инкишофи худ ворид шуда, дар ҳама соҳаҳои ҳаёт раванди дигаргуниҳои куллӣ оғоз гардид.

Яке аз аввалин тадбирҳои муҳиме, ки ҳанӯз дар оғози давраи соҳибистиқлолӣ амалӣ карда шуд ва дар заминаи он рушди давлатдории миллӣ муайян гардид, ин бори аввал дар таърихи давлатдории тоҷикон, 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидани Конститутсия мебошад.

Бори нахуст қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи эълони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" пешбинӣ шуда буд, зеро қабули қонунҳои мутобиқ ба замон ва шароити нави таърихӣ яке аз омилҳои асосии суботи иҷтимоиву сиёсии ҷомеа маҳсуб меёфт.

Вале бо сабаби дар соли 1992 оғоз гардидани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нав ба таъхир афтод. Хушбахтона, бо баргузор гардидани иҷлосияи тақдирсози шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи лоиҳаи Конститутсия аз нав оғоз гардида, бо қарори Шӯрои Олӣ аз 25 июни соли 1993, № 836 бо роҳбарии раиси Шӯро муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳайати нави комиссия оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд ва баъдан тибқи қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 апрели соли 1994 лоиҳаи он ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардид.

Конститутсия барои таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, пойдории сулҳу ваҳдат, суботи сиёсӣ, амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат, рушди низоми ҳуқуқии мамлакат, таҳкими муносибатҳои байналмилалӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муҳайё намудани фазои мусоид барои рушди озодонаи ҳар фард заминаи боэътимоди ҳуқуқиро ба вуҷуд овард.

Дар он таҷрибаи тамаддуни башарӣ дар ҳамоҳангӣ бо низоми ҳуқуқӣ, қонунгузории байналмилалӣ ва андешаву тафаккури миллӣ, ки аз таърихи чандинҳазорсолаи тоҷикон сарчашма мегирад, инчунин, андешаҳои сиёсии Сарвари давлат таҷассуми равшан пайдо намуд.

Ин хусусиятҳо Конститутсияро то ба ҳадди мутобиқати комили он ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ мукаммал гардонид.

Конститутсия аз як тараф, барои рушди давлати демократӣ ва таъсиси низоми самарабахши ҳокимияти давлатӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошта, аз ҷониби дигар, барои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар саросари мамлакат шароити мусоид фароҳам овард.

Он ҳамчун муҳиммтарин омили таъмини истиқлоли миллӣ ва якпорчагии кишвар, тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатро кафолат дода, халқи Тоҷикистонро сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намуд.

Ғайр аз ин, Конститутсия дар баробари ин ки санади муайянсозандаи дурнамои пешрафти ҷомеа ва давлат мебошад, инчунин, қонуни олӣ, унсури марказии низоми ҳуқуқии кишвар, замина ва сарчашмаи асосии эҷод, ташаккул ва такмили минбаъдаи низоми нави қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Принсипи мазкур заминаи муҳими таъмини қонуният дар кишвар мебошад, зеро он тақозо менамояд, ки меъёрҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асоси Конститутсия ва барои амалӣ шудани он қабул шаванд.

Бояд қайд кард, ки дар раванди ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ зарурати ба Конститутсия ворид намудани тағйирот ва ба он илова намудани меъёрҳои нави ҷавобгӯ ба муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд.

Рушди устувору босуботи ҷомеаи муосири Тоҷикистон низ ин талаботро тақозо намуда, барои боз ҳам такмил додани меъёрҳои Конститутсия замина фароҳам овард. Бо дарназардошти ниёзмандиҳои сиёсии ҷомеа ва мутобиқ ба талаботу пешрафти он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон се маротиба: 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, ки дар маҷмуъ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро боз ҳам мукаммал гардонда, ҷомеаи Тоҷикистонро ба марҳилаҳои навбатии инкишофи худ ворид ва роҳнамоӣ намуданд.

Ин тағйиру иловаҳо воқеияти замонро инъикос намуда, мазмуну муҳтавои Конститутсияро боз ҳам такмил доданд. Онҳо на танҳо барои рушду такомули низоми сиёсии навини ҷомеа, такмил ва таҳкими қонунгузории ҷорӣ, балки барои пойдору устувор гардидани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, оғози раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум шароити мусоид фароҳам оварданд.

Мо дар даврони истиқлол ба шарофати эҳтиром ва амалишавии меъёрҳои Конститутсия тавонистем ҷомеае бунёд намоем, ки дар он фазои озоду демократӣ ҳукмфармо ва суботи сиёсиву ваҳдати миллӣ, пешрафти бемайлон ва пойдориву бардавомии имрӯзу ояндаи давлату миллат таъмин гардидааст, ки воқеан, мояи ифтихор ва сарфарозии ҳар як шаҳрванди ватандӯсти мамлакат ва дастоварди муҳимтарини даврони истиқлол арзёбӣ мегардад.

Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди мамлакатро зарур аст, ки Конститутсияро ҳамчун яке аз муқаддасоти миллӣ эҳтиром ва риоя намояд, зеро ин заминаи асосии таъмини волоияти қонун, кафолат ва шарти аввалиндараҷаи суботу оромӣ, рушди иҷтимоӣ ва рӯзгори ободу осудаи ҳар як хонадони кишвар мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

То имрӯз ҷанбаҳои гуногуни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва пажуҳиши олимону мутахассисон қарор дода шудааст.

Дар чорабинии имрӯза низ доир ба таҳаввул ва дурнамои рушди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори назар карда хоҳад шуд, ки боварӣ дорам барои дарки

конститутсия, таърих ва ташаккули он ва дар маҷмуъ барои рушди назарияи конститутсия дар ҷумҳурӣ саҳми босазо хоҳад гузошт.

Ба ташкилкунандагони конференсияи имрӯза изҳори миннатдорӣ намуда, ба кори конференсия барор ва ба шумо комёбиҳо орзумандам.

30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак, ҳозирини гиромӣ!

## СУХАНИ ИФТИТОҲӢ



**ҲАЁТЗОДА ФИРДАВС ҶӮРАХОН**
**МУОВИНИ ЯКУМИ РАИСИ ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Муҳтарам Раис,**
**Ҳозирини арҷманд,**
**Ҳамкасбони гиромӣ**

Истиқлоли давлатӣ имкон фароҳам овард, ки дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлате бо номи Тоҷикистон пайдо гардида, сиёсати дохилию хориҷии худро мустақилона амалӣ намояд ва ба сӯи фардои дурахшон қадамҳои устувор гузорад. Вале расидан ба ин мақсадҳои бузург танҳо баъд аз Роҳбари давлат интихоб гардидани фарзанди фарзонаи миллат - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссар шуда, дар кӯтоҳтарин мӯҳлат давлатдории миллӣ эҳё гардид. Ҳамзамон, принсипҳои асосии он дар ҳуҷҷати муҳимми сиёсию ҳуқуқӣ - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассуми худро пайдо намуданд.

Пешвои миллат зарурати қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлолро ҳанӯз дар иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ ва муроҷиатномаи худ ба халқи Тоҷикистон 12 декабри соли 1992 ёдовар шуда, таъкид намуданд, ки «асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ такмил дода, барои бунёди давлати нав - давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан зарур аст».

Бо дарки муҳиммияти қабули Конститутсия барои рушди давлатдории навин, дар шароити басе душвор ва мураккаб барои мамлакат ва мардуми он Пешвои миллат талоши онро намуданд, ки Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳарчи зудтар қабул гардад. Зеро маҳз ҳамин санад метавонист ҳамчун сарчашмаи ягонаи таъмини давлатдории навин, сулҳу оромӣ, назму тартибот, қонунияту адолат ва танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ хизмат кунад.

Воқеан, дар чунин шароити душвор қабул шудани ин санади олии ҳуқуқӣ на танҳо аз муҳиммияти он дар истиқрори сулҳу ваҳдат, балки аз хирадсолории Пешвои миллат дарак медиҳад.

**Конститутсия - нишони фаъолияти расмии ҳокимияти давлатӣ**

Маъмулан, Конститутсия ҳамчун шиносномаи миллат ва нишони фаъолияти расмии ҳокимияти давлатӣ эътироф гардидааст.

Тоҷикистон асосан баъди қабули Конститутсия 6 ноябри соли 1994 аз лиҳози ҳуқуқӣ истиқлоли комили худро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.

Дар ин санади сарнавиштсоз Ҷумҳурии Тоҷикистон расман давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон гардида, заминаи ҳуқуқии бунёди ҷомеаи навини тоҷикон гузошта шуд.

Ҳамзамон, дар ин ҳуҷҷати таърихӣ Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ чун рамзҳои давлатӣ қабул гардида, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ, халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимият муайян шуданд.

Маҳз ба ҳамин ишора намуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз менамоянд, ки «Конститутсияи мо аз андешаи ҳокимияти мардум ба василаи мардум ва барои мардум, ки ҷавҳари аслии соҳибихтиёрии халқ аст, сарчашма мегирад». Ин аст нишони равшани мардумсолорӣ ва инсонмеҳварии мактаби сиёсии Пешвои миллат.

Пас аз қабули Конститутсия дар мамлакат шароит фароҳам омад, ки раванди истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ маҷрои нав гирифта, Ваҳдати миллӣ таъмин карда шавад, суботу амният барқарор гардида, мамлакату мардуми он ба сӯи ҳаёти осоишта қадамҳои устувор гузоранд ва аз пайи амалисозии меъёрҳои конститутсионӣ бошанд. Яъне бо истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ барои амалишавии меъёрҳои Конститутсия имконияту шароит фароҳам омада, мардум бо истифода аз фазои сулҳу оромӣ ва суботу осоиш марҳила ба марҳила ҳаёти ҷамъиятиро дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ интихоб намуда, дар бунёди давлати навини тоҷикон саҳм гузоштанд ва умед ба фардои дурахшонро дар қалбҳои худ дубора эҳё сохтанд.

Дар воқеъ, солҳои нахустини Истиқлоли давлатӣ, ки тоҷикон бо роҳбарии Пешвои муаззами худ ба музаффарияти бузург ноил шуданд, даврони ҳикматомӯзи таърихӣ аст. Зеро қадру манзалат ва ҳикмату бузургии он бо мурури замон ба таври фаррохтар, азимтар ва пурҷилотар эҳсос хоҳад шуд. Ҳамаи ин ба шарофати қабули Конститутсия ва амалишавии меъёрҳои он муяссар гардид.

Дар ин радиф бояд иброз дошт, ки нақши Пешвои миллат дар таҳия, қабул ва амалишавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои конститутсионӣ хеле назаррас ва арзишманд аст.

Аз ҷумла, бо ташаббус ва роҳбарии Пешвои миллат комиссияи конститутсионӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсия ташкил гардид. Комиссия ҳуҷҷате омода кард, ки ба шароит, вазъият, мафкура, фарҳанг, таърих ва хусусияти давлатдории миллии мардуми Тоҷикистон комилан мувофиқ бошад.

Ба таври мушаххас нақши Пешвои миллатро дар ин самт чунин арзёбӣ кардан мумкин аст:

1) Чунонки гуфтем, маҳз бо иқдоми Пешвои миллат дар фазои мураккаби сиёсӣ ба хотири ҳифзи истиқлол, суботи сиёсӣ ва бунёди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ комиссияи конститутсионӣ таъсис ёфт. Комиссия зери роҳбарии Пешвои миллат ду лоиҳаи Конститутсияро омода намуд. Асоси онро Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намуд, зеро зарур буд, ки дар Конститутсия асосҳои ҳуқуқии ин рӯйдоди таърихӣ мустаҳкам карда шаванд.

2) Бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул намудани Конститутсия низ аз иқдоми Пешвои миллат буда, ҷонибдории халқ аз лоиҳаи конститутсияе, ки дар худ шакли идоракунии президентиро муқаррар мекард, аз ҳамовозии мардум ва Сарвари давлат шаҳодат дод, зеро маҳз шакли давлатдории президентӣ вобаста ба омилҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ барои давлатдории навин дар мамлакати мо мусоид ва самаранок буд.

3) Дар моддаҳои Конститутсия меъёрҳое муқаррар гардиданд, ки аз хирадсолорӣ ва сиёсати инсонмеҳварии Пешвои миллат дарак медиҳанд. Ҳамчун намуна метавон ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шакли давлатдории ҷумҳуриявӣ,

низоми сиёсии демократӣ, гуногунандешӣ, тағйирнопазирии ҳудуди Тоҷикистон ва нуқтаҳои дигари ин санади таърихиро баён намуд.

4) Марҳила ба марҳила ташаббус нишон додани Пешвои муаззами миллат барои амалӣ намуданиислоҳоти конститутсионӣ барои пешрафти ҷомеа, дигаргуншавии муносибатҳои ҷамъиятӣ, баланд гардидани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, инкишофи забони давлатӣ, мутобиқгардонӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таъсири манфӣ ва мусбати ҷаҳонишавӣ дар солҳои 1999, 2003 ва 2016 низ далели нақши Пешвои миллат дар такмилу таҳкими асосҳои конститутсионии давлати муосири тоҷикон аст.

5) Махсусан дар амалишавии меъёрҳои конститутсионӣ нақши Сарвари давлат ниҳоят бузург аст, зеро бо ташаббуси Роҳбари давлат фаъолияти мақомоти конститутсионӣ танзим ва мустаҳкам гардида, ҳамаи онҳо имрӯз дар пешрафти давлатдорӣ саҳми мушаххас мегузоранд.

6) Бо инобати аҳаммияти хосси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давлатдории миллӣ бахшида ба 30-солагии қабули он бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023 соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардида, 30-солагии қабули ин санади таърихӣ дар мамлакат бо шукуҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад.

**Конститутсия - санади олии арзишманди давлатдорӣ.**

Дар маҷмуъ, иқдоми Пешвои миллат дар омодасозӣ, қабул ва такмили Конститутсия дар марҳилаҳои ҳассоси пойдоршавии давлати навини тоҷикон нақши муассир гузошт. Ҳамаи ин аз арзишмандии ин санади олии давлатдорӣ дарак медиҳад, ки онҳоро дар шакли зерин ифода намудан имкон дорад:

Конститутсия дар натиҷаи тағйирёбии куллии ҳаёти ҷамъиятӣ қабул шуда, заминаи ҳуқуқию сиёсии инкишофи ояндаи ҷомеаи моро муайян намуд.

Воқеан, агар ба таърихи қабули Конститутсияи замони соҳибистиқлолӣ назар афканем, он дар натиҷаи тағйирёбии куллии ҳаёти ҷамъиятӣ, яъне гузариш аз сохти ҷомеаи сотсиалистӣ ба ҷумҳурии демократӣ қабул гардидааст. Зеро гузариш ба ҷомеаи нав ва мавҷудияти қонунҳое, ки ба талаботи ин ҷомеа ҷавобгӯ нестанд, имкониятро дар самти танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аз байн мебарад.

Аз ҳамин лиҳоз, дар баробари ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ зарурати таҳияи лоиҳаи нави Конститутсия ба миён омад ва бо ташаббуси Пешвои миллат комиссияи конститутсионӣ ташкил гардида, 6 ноябри соли 1994 аввалин Конститутсияи замони соҳибистиқлолӣ ва давраи гузариш ба давлатдории навин қабул гардид. Ҳамчунин, дар Конститутсия меъёрҳое аз қабили давлати ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амсоли инҳо пешбинӣ гардиданд, ки дар он солҳои мураккаб барои миллату давлат ва мардуми мамлакат роҳи дурахшони ояндаро муайян карданд. Зеро дар он солҳои душвор расидан ба ин ормонҳои миллӣ пешгӯинашаванда маҳсуб мешуд. Аммо новобаста ба ин душвориҳо мардуми мамлакат зери роҳбарии Пешвои миллат таҳкурсии конститусионии давлати ҳуқуқбунёду дунявӣ ва иҷтимоиро гузошта, дар раванди таърих мо давра ба давра ба ин арзишҳои давлатдорӣ соҳиб гардидем.

**Конститутсия дар назди давлат вазифаҳои нав гузошт.**

Конститутсия на танҳо натиҷаи бадастомадаро дар ҳаёти ҷамъиятӣ инъикос кард, балки дар назди давлат вазифаҳои нав гузошта, фаъолияти мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро ба танзим даровард.

Дарвоқеъ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон комёбиҳои миллати тоҷикро, ки давоми ҳазорсолаҳо ба даст омадаанд, инъикос намудааст. Аз ҷумла, меъёрҳои он дар заминаи ба эътибор гирифтани арзишҳои давлатдорӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва мафкураи миллӣ таҳияву қабул шуда, давлат барои ҳифзи ин арзишҳои муқаддас мувазззаф гардидааст. Дар баробари ин, Конститутсия тартиби ташкилу фаъолияти сохторҳои муҳимми давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла Маҷлиси Олӣ,

Президент, Ҳукумат, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, суд, прокуратура, ҳизбҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои диниро муайян намудааст. Ба ибораи дигар, инҳо ниҳодҳои калидии давлатдорӣ мебошанд, ки таъсис, фаъолият ва нақши онҳо дар пешбурди давлатдории навин тибқи меъёрҳои Конститутсия амалӣ мешавад.

**Конститутсия - заминаи ҳуқуқӣ барои амалигардонии сиёсати хориҷии давлат.**

Дар ин санад муайян гардидааст, ки ҳангоми ба амал баровардани сиёсати хориҷии мамлакат дар мадди аввал меъёрҳои Конститутсия гузошта мешаванд. Аз ҷумла, дар моддаи 11 навишта шудааст, ки Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро дар амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муайян мекунад. Ҳамчунин, ҳангоми тасдиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқати онҳо ба Конститутсия ба инобат гирифта мешавад. Зеро Конститутсия ифодаи иродаи халқи Тоҷикистон буда, ягон санади дигари меъёрии ҳуқуқӣ ба он мухолиф буда наметавонад. Ҳамзамон, дар Конститутсия заминаи ҳамкории давлат бо ҳамватанони бурунмарзӣ омадааст.

**Конститутсия - муқарраркунандаи мақоми мафкураи сиёсӣ дар ҷомеа.**

Дар моддаи 8 Конститутсия омадааст, ки дар Тоҷикистон мафкураи ягон ҳизб ва ё гурӯҳҳои муайян ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф намегардад.

Ин муқаррарот ба мо имкон дод, ки ба бунёди ҷомеаи дунявӣ дастёб гардем. Агар ба таърихи таҳия ва қабули Конститутсия назар афканем, он дар шароити бисёр душвори мамлакат қабул гардидааст ва интихоби роҳи дунявият дар он замон кори басе мураккаб буд. Аммо ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда, бо ҷасорату истодагариҳои Пешвои миллат моҳияти давлатдории мо ҳамчун давлати дунявӣ мурарртифӣ гардид. Яъне, ҷомеае, ки дар он ҳар кас метавонад динеро пайравӣ кунад ва ё пайравӣ накунад, дар интихоби дин, ақида, андеша озод бошад ва риояи онҳоро Конститутсия кафолат медиҳад.

**Конститутсия - асоси низоми ҳуқуқӣ ва тартиботи ҳуқуқии нав**

Конститутсия танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ ва сарчашмаи асосӣ барои қабули дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки онҳо асосан ифодагари мафкуравии меъёрҳои конститутсионӣ мебошанд. Воқеан, таҷрибаи давлатдории миллӣ нишон дод, ки ин вазифаи худро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зарурӣ ба анҷом расонид. Зеро аз лаҳзаи қабул гардиданаш то ба имрӯз дар заминаи он ҳазорҳо санадҳои ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ равона шудаанд.

Конститутсия тавассути танзими муносибатҳои ҷамъиятии муайян, пешбинии вазифаву уҳдадориҳо дар пешрафти давлат ва ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд нақши сазовор гузошт. Ҳамчунин, Конститутсия дар низоми қонунгузорӣ ҳуҷҷати заминавӣ ба ҳисоб рафта, доира ва хусусияти танзимсозии давлатиро дар ҳама соҳаҳои асосии ҷамъият муайян менамояд. Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ асоси ҳуқуқии қонунгузории мамлакат ба шумор рафта, дар такмили қонунгузории миллӣ ва рушди низоми ҳуқуқи миллӣ нақши асосиро доро мебошад.

**Конститусия - таъминкунандаи дурнамои рушди халқу давлат.**

Вобаста ба ин хусусияти Конститутсия Пешвои миллат иброз намудаанд, ки «Конститутсия ҳамчун ифодакунанда ва равшангари роҳ ба сӯйи ояндаи неку пурсаодат моро водор месозад, ки минбаъд низ бо риояи арзишҳои волои демократӣ ва ҳуқуқӣ ҷомеаи худро аз ҳама гуна хатарҳои дохиливу берунӣ эмин нигоҳ дорем ва дар Ватани азизамон барои ҳар шаҳрванд шароити мусоиду шоистаи зиндагӣ ва фаъолият муҳайё созем».

Ҳамин тавр, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати олии ҳуқуқӣ, санади сарнавиштсозу шиносномаи давлату миллат, роҳнамои расидан ба орзую омоли халқ, заминаи низоми ҳуқуқии давлат, сарчашмаи рушди қонунгузорӣ, кафили ҳуқуқу озодиҳо, таъмингари соҳибихтиёрии давлат, инъикосгари қонунияту адолати иҷтимоӣ ва баёнгари ҳокимияти халқ, инчунин таҷассумгари принсипҳои хирадсолорию инсонмеҳварӣ дар мактаби сиёсии Пешвои миллат буда, таҷлили ҷашни 30-

солагии қабули он нишони арҷгузорӣ ба ин падидаи муқаддаси миллӣ аз ҷониби кулли шаҳрвандони Ватанамон маҳсуб мешавад.

Мо ва наслҳои оянда бояд дар атрофи арзишҳои меҳварии Конститутсия ва дигар дастовардҳои муқаддаси миллӣ муттаҳид гардида, ба заҳмату талошҳои Пешвои миллат барои барқарорсозии ҳукумати конститутсионӣ, таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ ва волоияти қонун арҷ гузорем ва ҳамеша ба амалҳои созандаву бунёдкоронаи Сарвари давлатамон пайравӣ намоем.

## СУХАНИ ИФТИТОҲӢ



**САМАД ЗАФАР ТАҒОЙ**
**ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ МАВОДИ НАШЪАОВАРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ГЕНЕРАЛ- МАЙОРИ ХИЗМАТИ НАЗОРАТИ МАВОДИ НАШЪАОВАР**

**Муҳтарам Раис,**
**Ҳамкорони гиромӣ,**
**Ҳозирини арҷманд,**

Нимаи дуюми солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми садсолаи сипаришуда бар асари иттифоқ афтодани сиёсати навсозӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти мардум ба вуқуъ пайвастанд. Ин омил ба боло рафтани тафаккури озодандешӣ, худшиносии миллӣ, густариши арзишҳои демократӣ мусоидат намуда, таҳаввулоту дигаргуниҳои зиёдеро дар шинохту инкишофи давлатдорӣ ҳамчун дастоварди ҷомеаи умумибашарӣ ба миён овард. Дар ин марҳилаи сарнавиштсоз қабули Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24-уми августи соли 1990 ва касб намудани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми сентябри соли 1991 заминаҳои мусоиди ҳуқуқиро дар самти эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ташаккули падидаҳои конститутсионӣ аз қабили асосҳои сохтори конститутсионӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, инчунин, ташкили ҳокимияти давлатиро ба миён овард.

Марҳилаи нави таҳияи лоиҳаи Қонуни асосӣ баъд аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барқарорсозии сохтори конститутсионӣ ва ташаккули мақомоти нави ҳокимияти давлатӣ оғоз ёфт. Сипас, дар Иҷлосияи XVI ғайринавбатии Шурои Олии ҶТ дар шаҳри Хуҷанд тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Шурои Олии ҶТ аз 23 августи соли 1990 «Дар бораи таъсиси Комиссияи оид ба таҳия намудани лоиҳаи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳайати нави Комиссияи конститутсионӣ таҳти роҳбарии Раиси Шурои Олии ҶТ Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ гардид. Бо дарназардошти муҳиммияти таҳияи Конститутсияи нав, Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кориро оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсия ташкил намуд, ки дар муддати шаш моҳ бо назардошти дастовардҳои илмӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва анъанаҳои миллӣ ду лоиҳаи Конститутсияро таҳия намуд, ки яке хусусиятҳои ҷумҳурии президентӣ ва дигаре парлумониро ифода менамуд.

Дар асоси масъулияти баланди таърихӣ, таҳлили воқеии воқеияти ҷорӣ, набудани омилҳои асосии идоракунии ҷумҳурии парлумонӣ, аз ҷумла, набудани ҳизбҳо ва созмонҳои таҷрибадор ва ба инҳо монанд, Комиссияи конститутсионӣ ба

хулосаи ягона омад, ки тибқи он ба муҳокимаи умумихалқӣ лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳуриявӣ пешниҳод карда шавад, ки он шакли идоракунии президентиро пешбинӣ менамуд. Сабаби асосии таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нави мамлакат дар санаи 20-уми июли соли 1994 аз ҷониби Иҷлосияи XIX Шурои Олии ҶТ қабул шудани Қонуни ҶТ «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳисоб меравад.

Дар ҷараёни муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи Конститутсияи нав беш аз 1,2 миллион шаҳрвандони кишвари мо ширкат варзиданд. Дар рафти муҳокима аз ҳамватанони хориҷа 8,5 ҳазор пешниҳодот ворид гардид. Моҳи ноябри соли 1994, лоиҳаи Конститутсия ба раъйпурсӣ пешниҳод гардид, ки дар 64 ҳавза 2 миллиону 685 ҳазору 724 шаҳрванд ба қайд гирифта шуда, 2 миллиону 535 ҳазору 437 ё 94.4% шумораи умумии интихобкунандагон ширкат варзиданд. Дар натиҷа, 2 миллиону 352 ҳазору 554 ё 87,5% овоздиҳандагон барои қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон овоз доданд ва 105 ҳазору 300 ё 3,92 % зид овоз доданд.

Ҳамин тавр, 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи замони соҳибистиқолии Тоҷикистон қабул ва ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб шуданд.

Иброз бояд дошт, ки Конститутсияи ҶТ мафҳумҳо ва меъёрҳоеро дар худ инъикос намуд, ки онҳо заминаи ҳуқуқии тамоми дастовардҳои минбаъда гардиданд.

**Аввалан,** ҷараёни қабули Конститутсияи кишвар нишон дод, ки халқи тоҷик ва мардуми Тоҷикистон сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё бавосита, яъне тавассути намояндагони худ дар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ амалӣ менамояд. Марҳилае, ки дар он Конститутсия қабул гардид, шароити басо душвор барои мамлакат ба ҳисоб мерафт, лекин новобаста аз ин мушкилиҳо, бо азму иродаи қавӣ халқи тоҷик ба заминаи як давлати воқеан ҳуқуқбунёд асос гузошт.

**Дуюман,** Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳайси давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон намуд. Тоҷикистон ҳамчун давлати комилҳуқуқ дар сатҳи байналмилалӣ пазируфта шуда, шохаҳои ҳокимияти давлат зери принсипи волоият, мустақилият ва мухторияти ҳокимияти давлатӣ фаъолият мекунанд, ки ин соҳибихтиёрии мамлакатро чи дар дохил ва чи дар хориҷи мамлакат нишон медиҳад.

Ҳамчунин, имрӯз падидаҳои декмократӣ дар кишвар мушоҳида гардида, заминаи ҳуқуқии давлати ҳуқуқбунёд дар мамлакат мавҷуд мебошад. Дунявияти кишвар аз он бармеояд, ки дар мамлакат ягон дину мазҳаб ҳамчун мафкураи ҳукмрон эътироф намегардад, ки ин таъминкунандаи гуногунандешагӣ дар кишвар аст.

Вобаста ба сохти давлатдорӣ чунин иброз намудан мумкин аст, ки мо роҳи бунёди давлати ягонаро интихоб кардем. Чунки маҳз ин сохти давлатдорӣ дар шароити имрӯза, таърих, фарҳанг, идеология, минталитет, урфу одат ва анъанаҳои давлатдории мо мувофиқ аст. Дар баробари ин, Коститутсия шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро барои ҳар як шаҳрванд кафолат додааст, ки ин аз иҷтимоӣ будани кишвари мо шаҳодат медиҳад.

**Сеюм,** бояд иброз дошт, ки алоқамандии давлат ва ҳуқуқ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ яке аз нишонаҳои давлат эътироф гардидааст. Яъне бе ҳуқуқ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ мавҷудияти давлат зери суол меравад. Ба сифати чунин маҳаки давлатдорӣ дар кишвари мо Конститутсия ва дигар қонунҳое, ки аз он сарчашма мегиранд баромад мекунад. Конститутсия Истиқлолияти давлатии тоҷиконро ба расмият даровarда, дар пешрафту устувории ҷомеаи мутамаддин нақши босазое гузош.

**Чорум,** бори аввал ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дар ин санади олии ҳуқуқӣ дахлнопазир эълон гардида, эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон кафолат дода шуд. То қабул гардидани Конститутсияи соли 1994 чунин арзишҳо дахлнопазир набуданд ва кафолати амалишавии онҳо дида намешуд.

**Панҷум,** асосҳои ҳуқуқиву сиёсӣ ва самтҳои асосии таҳкиму пешрафти ояндаи ҷомеаро мутобиқ сохта, барои мустаҳкам гардидани истиқлолияти воқеъии давлат замима гузошт. Аз ҷумла, дар заминаи Конститутсия, қонунҳое қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд, ки назирашонро ҷомеаи ҷаҳонӣ кам дар ёд дорад. Масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ» хусусияти миллӣ дошта, дар заминаи меъёрҳои Конститутсияи ҷумҳурӣ таҳия гардидаанд.

**Шашум,** Конститутсия шаклҳои гуногуни моликиятро асоси иқтисодиёти мамлакат эътироф намуда, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусиро кафолат дод. Маҳз ин омил метавонад, ки ба баланд гардидани вазъи моликиятдории давлат ва шаҳрвандон таъсир расонида, боиси баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум гардад, ки инро дар марҳилаҳои давлатдории хеш аллакай мушоҳида намудем.

**Ҳафтум,** хусусияти меъёрӣ касб намудани рукнҳои асосии давлатдорӣ дар Конститутсия, аз ҷумла, Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ ифода мегардад. Рамзҳои давлатӣ муаррифгари мамлакат дар сатҳи байнадмилалӣ маҳсуб ёфта, нишони мавҷудияти як давлати соҳибихтиёр бо номи Тоҷикистон мебошанд.

**Ҳаштум,** бо қабул гардидани Конститутсияи ҶТ ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи алоҳидаи ҳокмияти давлатӣ эълон гардида, ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонуниияту адолат дар доираи салоҳияти худ ба сифати ҳокимияти мустақили давлатӣ фаъолият дорад.

Нақши таърихии Конститутсия, пеш аз ҳама, дар он аст, ки аз солҳои аввали истиқлолият халқи Тоҷикистон – ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ – сарнавишти худро маҳз тибқи муқаррароти ҳамин ҳуҷҷати тақдирсоз муайян намуда, самтҳои тараққиёти ҳамаи соҳаҳои зиндагиашро мушаххас гардонид.

Тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ қайд кардаанд, «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои бисёр арзишманди даврони соҳибистиқлолии мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар асоси Конститутсия таъмин намудани соҳибихтиёрӣ, истиқлолу озодӣ ва тамомияти арзии кишвар вазифаи асосии давлат буда, тағйирнопазир будани шакли идораи кишвар, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва иҷтимоии давлат ҳамчун меъёрҳои пойдору устувори он эътироф гардидаанд».

Имрӯзҳо, ки мо дар арафаи сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем, бояд онро ҳамчун бузургтарин дастовард, дар қатори дигар арзишҳои замони Истиқлолият -Ватану миллат, худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳуввияти миллӣ ҷойгузин намоем. Бо такя ба арзишҳои умумибашарию миллӣ, дарки моҳият ва мазмуни созандаю бунёдкоронааш онро як ҷузъи таркибии ғояи миллӣ эътироф намоем.

## СУХАНИ ИФТИТОҲИИ



**АЛАМШОЗОДА АБДУРАҲМОН АЛАМШО**
**МУОВИНИ ЯКУМИ ВАЗИРИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ГЕНЕРАЛ-ЛЕЙТЕНАНТИ МИЛИТСИЯ**

**Муҳтарам меҳмонон, ҳозирини гиромӣ!**

Боиси ифтихор аст, ки чун анъана 6-уми ноябр дар ҷумҳурии азизамон рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ботантана ва шукуҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта мешавад. Ин санаи таърихӣ ба он рабт дорад, ки баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, санади олии сарнавиштсоз ва муайянкунандаи дурнамои давлатдорӣ – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 бо роҳи райпурсии умуммихалқӣ қабул карда шуд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ одатан зери моҳияти Конститутсия қонуни асосии давлат фаҳмида мешавад, ки дар он мувофиқи иродаю манфиати қувваҳои сиёсии дар ҷамъият ҳукмрон асосҳои сохтори маъмурию давлатӣ ва ҷамъиятӣ муқаррар карда шудааст. Конститутсия ҳуҷҷати таърихӣ ба ҳисоб меравад. Конститутсия ҳамчун санади муҳиммтарини ҳуқуқӣ асоси ҳуқуқии фаъолияти давлат буда, мувофиқи хусусияти сиёсии худ ҳуҷҷати ҷозибаноки муттаҳид ва сафарбаркунандаи тамоми мардум аст.

Конститутсия шаҳодатномаи ҳар як халқи соҳибистиқлол ва гувоҳномаи давлати озоду мустақил, санади танзимкунандаву муайянсозандаи низоми давлатдорӣ ва муҳиммтар аз ҳама - кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст. Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар худ муҳиммтарин принсипҳои демократии аз ҷониби ҷомеаи башарӣ эътирофшударо таҷассум намуда, баробарии ҳамаро дар назди қонун эълон дошт.

Лозим ба зикр аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳассоси таърихӣ ва даргириҳои шадиди сиёсӣ қабул гардидааст. Дар раванди омода ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баркарор намудани сохти конститутсионӣ ва устувор гардонидани институти конститутсионализм нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беандоза назаррас мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади тақдирсоз барои амалӣ гаштани орзуву ормонҳои ҳазорсолаи миллати тоҷик ва ташаккули давлатдории муосири Тоҷикистон мусоидат намуд. Пояҳои устувори давлатдорӣ, аз қабили соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ будани давлатро таъмин кард.

Муҳиммтар аз ҳама, қабули Конститутсия имкон фароҳам овард, ки шакли мувофиқ ва дурусти идораи давлатӣ интихоб гардида, фаъолияти мустақил ва озоди шохаҳои ҳокимияти давлатӣ таъмин гардад.

Аҳаммияти муҳиммтарини Конститутсия пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки заминаҳои мусоидро ҷиҳати ба даст овардани сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овард.

Қабули Конститутсия ба он мусоидат намуд, ки рушди босубот дар кишвар таъмин гардад, сатҳи некуаҳволии аҳли ҷомеа беҳтар ва натиҷаҳои назаррас дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсиву ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ба даст оварда шавад. Ҳамзамон қабули Конститутсия ҷиҳати устуворгардонии волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд заминаҳои мусоид фароҳам овард.

Конститутсия Тоҷикистонро чун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ, халқи Тоҷикистонро бошад чун мардуми адолатпарвар, ташабускор, бунёдкор, сулҳпарвар ва фарҳангӣ дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намуд. Меъёрҳои ин санади тақдирсоз ҳамчун раҳнамои зиндагии тоҷикон барои садсолаҳо муайян гардидааст.

Дар заминаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни асосии кишвар низоми қонунгузорӣ рушд намуда, шумораи зиёди қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои ҷорӣ, кодексҳо ва санадҳои зерқонунӣ қабул гардиданд. Меъёрҳои ин санади олии ҳуқуқӣ мутобиқ ба санадҳои байналмилалӣ буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзиши олӣ эътироф намудааст.

Ин аст, ки имрӯз ҳаёти орому осуда ва пешрафту тараққиёти ҷомеаву давлатро бе риояву иҷрои меъёрҳои Конститутсия ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар шароити муосир ва ҳассосу бархурди тамаддунҳо дар кишвари мо рушди мафкураи миллӣ маҳз дар заминаи он арзишҳое ташаккул дода шавад, ки дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки имсол 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Маҳз бо мақсади арҷ гузоштан ба Конститутсия ва риояву иҷро намудани меъёрҳои он Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки соли 2024 ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон карда шавад. Эълон гардидани соли маърифати ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардошта шаванд, арзишҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд ташвиқу тарғиб гардида, институти ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд мустаҳкам ва муносибати эҳтиромона ба он таъмин карда шавад. Ҳамзамон маърифатикунонии ҳуқуқии аҳолӣ имкон медиҳад, ки рафтори қонунии шаҳрвандон дар руҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул дода шуда, ба ин васила волоияти қонун, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таъмин карда шавад.

Инчунин, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ба рушти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва устуворгардонии пояҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд.

Аз ин лиҳоз, ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ, бахусус кормандони мақомоти корҳои дохилиро зарур аст, ки дар ташвиқу тарғиби меъёрҳои Конститутсия бомасъулияту фаъол бошанд ва ба моҳияту мазмуни сиёсӣ ва аҳаммияти таърихиву ҳуқуқии конститутсия арҷ гузоранд.

Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба мақом ва манзалати Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ зикр менамоянд, ки «Бо дарназардошти аҳамияти бузурги ин санади олии ҳуқуқӣ дар пешрафти ҳаёти ҷомеа ва давлат дар назди ҳар як фарди солимфикру огоҳи кишвар

имрӯз вазифаҳои басо муҳим ва масъулиятнок қарор доранд, ки яке аз муҳимтарин вазифаҳо ин омӯзиш, тарғибу ташвиқи мазмун ва моҳияти Конститутсия ва қонунҳои дигари дар мамлакат қабулгардида мебошад».

Метавон бо бовари иброз намуд, ки сулҳу осоиштагӣ, устувории аркони давлатдорӣ, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда аз риояву иҷро гардидани меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста буда, ба пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомъиятиву давлатӣ ва пойдории давлат замина хоҳад гузошт.

Пас мо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки эҳтиром ва арҷгузорӣ ба Конститутсия на ҳамчун як санади ҳуқуқии муқаррарӣ, балки ҳамчун муқаддасоти арзишманди миллӣ ва мояи ифтихори ҳар як шаҳрванди кишвар қарор дошта бошад. Моро зарур аст, ки ҳаёту зиндагии хешро дар заминаи меъёрҳои Конститутсия ба роҳ монда, вазифаҳои шаҳрвандии худро дар назди давлату миллат анҷом диҳем.

Ҳозирини гиромӣ!

Дар фарҷоми сухан, Шуморо ба муносибати 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол табрику таҳният гуфта, бароятон саломативу шодкомӣ ва дар корҳоятон муваффақиятҳои беназирро таманно менамоям.

## СУХАНИ ИФТИТОҲӢ



**НАСУРИЁН ПӮЛОД АСАДУЛЛО**
**САРДОРИ АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН,**
**НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ, ГЕНЕРАЛ-МАЙОРИ МИЛИТСИЯ**

**Муҳтарам меҳмонон ва ҳамкасбон!**

Ба ҳамагон маълум аст, ки 6 ноябри соли 1994 ҳамчун рӯзи фаромӯшнашаванда дар таърихи навини давлатдории кишвари азизамон бо рангҳои заррин сабт мегардад. Маҳз дар ҳамин санаи таърихӣ аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба сифати қонуни олии кишвар қабул гардид. Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол барои пойдории ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ноил гардидан ба пешравиҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ба вуҷуд овардани асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳайё намудани фазои мусоид барои ташаккули озодонаи ҳар фард заминаи мустаҳкам ва боэътимоди ҳуқуқӣ гузошт.

Чи тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 6 ноябори соли 2023 дар Паёми табрикотии худ ба муносибати Рӯзи Конститутсия иброз намудаанд: “Конститутсия маҳсули андешаи бунёдии миллии халқи Тоҷикистон мебошад, зеро маҳз бо иродаи мардуми кишвар дар вазъияти барои давлату ҷомеа ниҳоят мураккабу ҳассоси таърихӣ якдилона қабул гардида, дар побарҷойии давлат ва низоми идоракунии он нақши ҳалкунанда бозид”.

Бо қабули Конститутсия халқи Тоҷикистон ба ҷонибдории давлате раъй дод ва онро ҳамчун ояндаи худ интихоб кард, ки дар ин давлат волоияти қонун ҳукумрон буда, ҳамаи аркони давлатдорӣ аз ҳуқуқ сарчашма мегиранд. Баъд аз қабули Конститутсия дар кишвар ислоҳоти бунёдиву фарогири сиёсиву ҳуқуқӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ оғоз шуда, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлатро ба танзим даровард ва барои суботи конститутсионӣ заминаи мустаҳкам фароҳам овард. Конститутсия, ки метавон онро шиносномаи давлат ва бахтномаи миллат номид, бори нахуст Тоҷикистонро ба ҷаҳониён чун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муаррифӣ намуд, забони тоҷикиро ҳамчун забони давлатӣ эълон ва рамзҳои давлатии мамлакатро муайян кард, ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрвандро арзиши олӣ ва халқро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намуд.

Си соли амали Конститутсия собит сохт, ки халқи тамаддунсозу фарҳангӣ ва ободгари мо он замон тавонист санаде қабул намояд, ки дар ҳақиқат таҷассумгари

манфиатҳои миллӣ буда, рушди бонизоми давлат ва ҳаёти осудаи ҷомеаро таъмин менамояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини волоияти қонун, таҳкими раванди демократикунонии ҷомеа, бароҳмонии сиёсати дурусти ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва пешгири намудани ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ замина гузошт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 28 декабри соли 2023 дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод намуданд, ки соли 2024 бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардад. Дастур дода шуд, ки тамоми сохтори мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд ҳамаи захираю имкониятҳоро ҷиҳати таъмини тартибот ва волоияти қонун барои соли 2024, ки 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд.

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ин иқдоми Пешвои муаззами миллат оид ба эълон намудани соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” саривақтӣ ва муҳим ба шумор рафта, дар баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии сокинон бахусус ҷавонони мамлакат нақши бисёр муҳим дорад. Махсусан дар даврае, ки тамоми ҷаҳонро ташвишҳои гуногуни ҳарбиву сиёсӣ ва геополитикӣ фарогир буда, ин гуна «бозиҳои сиёсӣ»-и қудратхоҳони ҷаҳонӣ ба ҳастии кишварҳои миллӣ таҳдиди воқеӣ эҷод менамояд, баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ бисёр муҳим мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти аҳолии мамлакатро ҷавонону наврасон ташкил менамояд. Ҳарчанд ҳуқуқ ҳамчун фанни таълимӣ дар муассисаҳои миёна ва баъдан дар макотиби олӣ таълим дода шавад ҳам, вале сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар то ҳол ба талаботи ҷомеаи мутамаддин ҷавобгӯ нест. Омили асосии онро маҳз рӯз ба рӯз ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тағйирот дар низоми қонунгузории кишвар ташкил менамояд. Аз ин ҷост, ки донистан ва аз худ намудани ҳуқуқҳои аввалини инсон ва махсусан ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд аз вазифаи асосии ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад.

Мақсад аз ҳадафи асосии сиёсати ҳуқуқии кишвар қарор гирифтани масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон низ дар робита бо расидан ба ҳадафу мақсадҳо ва вазифаҳои давлати ҳуқуқбунёд, аз ҷумла, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона ба он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Эҳтиром нисбат ба Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи мамлакат вазифаи ҳар як шахс мебошад ва ба ин хотир мо ҳамеша бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии насли наврас, тарғибу ташвиқи одоби ҳамидаи муоширaт, риояи арзишҳои волои умумибашарӣ ва миллӣ, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи нек ба воя расонидани ҷавонон бояд кӯшиш намоем ва танҳо дар ин сурат метавонем ба дастовардҳои нав ноил гардида, муқаррароти меъёрҳои Конститутсияро воқеан дар ҳаёт амалӣ созем.

Тавре маълум аст, тамоми механизми қонунгузории мамлакат аз Конститутсия сарчашма мегирад. Вобаста ба ин, мавқеъ ва нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди қонунгузории кишвар ва таҳкими сиёсати ҳуқуқии мамлакат

назаррас буда, маҳз дар заминаи муқаррароти меъёрҳои заминавии он дурнамои инкишофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян ва муқаррар гардидааст.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боис гардид, ки вобаста ба сохти иҷтимоӣ ва низоми давлатдорӣ санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба меъёрҳои конститутсионӣ дар таҳрири нав қабул гардида, мураттабсозӣ, мутобиқсозӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо таъмин карда шаванд.

Бояд зикр намуд, ки вобаста ба рушди кишвар ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти тағйиру иловаҳои минбаъдаи он, сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистон дар самти танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ марҳила ба марҳила инкишоф ёфтааст. Дар Конститутсия меъёрҳои зиёде мавҷуд аст, ки дурнамо, равиши асосӣ ва стратегияи инкишофи қонунгузорӣ ва дар шакли умум, принсипҳои асосии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамоянд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки стратегия ва дурнамои масъалаҳои танзими муфассали ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ аз Конститутсия сарчашма гирифта, дар доираи қонунгузорӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ мавриди танзим ва муқаррарнамоӣ қарор дода шудаанд. Таҳлил ва омори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба он далолат менамояд, ки то ба имрӯз аз ҷониби мақоми олии қонунгузории кишвар зиёда аз 400 санадҳои қонунгузорӣ ҷиҳати танзим, муайяннамоӣ ва пешбинӣ намудани қоидаҳои рафтори ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шудаанд.

Дар баробари ин, дар заминаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ зиёда аз 17000 санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қабул гардиданд, ки моҳияти асосии онҳоро асосҳо ва иҷрои нишондодҳои санадҳои қонунгузорӣ ташкил медиҳад. Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз қабули Конститутсия бо дарназардошти унсурҳои асосии давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ мустаҳкам гардид.

Ҳарчанд қабули қонунҳо, сифату табиати иҷтимоӣ ва механизми амали онҳо масъалаи марказӣ ё худ бунёдии рушди давлат бошад ҳам, дар баробари ин татбиқи бечунучарои қонунҳо дар ҷомеа аҳамияти калон дорад. Ин масъала ба сатҳи тафаккури ҳар фарди ҷомеа зич алоқаманд аст. Беҳуда нест, ки таъмину волоияти қонун ва ташаккули маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа баробари дигар унсурҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд, аз қабили таҷзияи ҳокимият, таъмини ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, масъулияти дуҷонибаи давлат ва шахсият аз рӯи аҳаммият дар як сатҳ ниҳода шудаанд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки Конститутсия на танҳо қонуни асосӣ, балки санади махсуси ҳуқуқиест, ки бо эътибори олии ҳуқуқӣ ва махсусияти худ аз дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ фарқ мекунад, ки ин хусусиятҳо ҳамчун сарчашмаи ягонаи қонунгузории Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тариқ, ба ифтихори 30-солагии қабули Конститутсия аз ҷониби сарвари давлат пешниҳод гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар назди ҳар сокини мамлакат масъулияти бештар мегузорад. Зеро таъмини волоияти Конститутсия ва қонун бештар аз ҳама ба сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон алоқамандӣ дорад, ки то куҷо ҳисси эҳтиром ба қонун ва ё худ ҳисси қонунпазирӣ доранд.

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо арҷгузорӣ ба ин муқаддасоти миллӣ тасмим гирифтааст, ки ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмӣ-амалии байналмилалиро дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳаввул ва дурнамои рушди он” баргузор намояд.

Дар кори конференсияи мазкур олимон-ҳуқуқшиносон, намояндагони ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва суд, роҳбарият ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчунин намояндагони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба таври маҷозӣ иштирок доранд. Метавон бо боварӣ иброз намуд, ки баргузории

чунин як конференсияи бошукӯҳи сатҳи байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷашни мубораки миллӣ ба густариши бештари худогоҳиву худшиносӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори ватандории ҳар як фарди бонангу номуси Тоҷикистони соҳибистиқлол нерӯи тоза мебахшад.

# ТАҲҚИҚОТҲОИ ИЛМИИ ДОКТОРОН ВА НОМЗАДОНИ ИЛМҲО

# НАУЧНЫЕ ИССЛЕДОВАНИЯ ДОКТОРОВ И КАНДИДАТОВ НАУК

**УДК 342(575.3)(075)**

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Алимов Суробшо Юсуфшоевич**
*Профессор кафедры государственно-правовых дисциплин Российско-Таджикского (Славянского) университета, доктор юридических наук*
E-mail: s-alimov@yandex.ru

История развития Конституций Таджикистана тесным образом связана с формированием таджикского государства и включением его в состав Советского Союза, однако после августовских событий 1991 года и неудачного политического переворота, 9 сентября 1991 года Таджикистан объявил свою независимость и начался этап строительства независимого таджикского государства. В действующую Конституцию были внесены соответствующие изменения, и было принято решение о разработке новой конституции.

Однако, в результате начала гражданской войны работа над проектом Конституции была приостановлена и возобновлена лишь в 1993 году. К тому времени в Таджикистане произошли изменения в форме правления. Для достижения мира и согласия на шестнадцатой сессии Верховного совета в Худжанде была упразднена должность Президента и формой правления была выбрана парламентская республика. На той же сессии Э. Рахмонов был избран председателем Верховного совета. На семнадцатой сессии Верховного совета было принято решение продолжить работу над принятием новой Конституции РТ, был утвержден новый состав комиссии во главе с Э. Рахмоновым. В результате работы данной комиссии была разработана новая Конституция с президентской формой правления, которая была принята 6 ноября 1994 года. Данная Конституция внесла существенные изменения в государственное строительство Таджикистана и послужила фундаментом для строительства независимого государства.

Конституция РТ 1994 года состоит из преамбулы, 10 глав, 100 статей и переходных положений. В преамбуле закреплены цели задачи принятия Конституции. Так, в ней говорится, что народ Таджикистана, являясь неотъемлемой частью мирового сообщества, сознавая свой долг и свою ответственность перед прошлым, настоящим и будущими поколениями, понимая необходимость обеспечения суверенитета и развития своего государства, признавая незыблемыми свободу и права человека, уважая равноправие и дружбу всех наций и народностей, ставя задачей создание справедливого общества, принимает и провозглашает настоящую Конституцию.

Переходные положения в Конституции РТ появились в результате проведенных в 1999, 2003 и 2016 годах конституционных реформ. В них указывается порядок вступления в силу внесенных поправок в Конституцию РТ (изменения и дополнения в

Конституцию РТ вступают в силу после объявления результатов всенародного референдума и со дня их официального опубликования.), а также вступление в действие ряда конституционных положений (выборы Президента подряд на два срока, предусмотренные частью 4 статьи 65, начинаются по окончании полномочий действующего Президента; Члены Маджлиси милли, депутаты Маджлиси намояндагон и члены Правительства после вступления в силу «Изменений и дополнений в Конституцию РТ» в установленном Конституцией и конституционными законами порядке приносят присягу).

Раскрывая содержание Конституции 1994 года, следует отметить, что она коренным образом отличается от содержания предыдущих Конституций советского Таджикистана. Так, по-новому закреплены основополагающие принципы общественного устройства, которые сформулированы в главе 1 «Основы конституционного строя».

Республика Таджикистан провозглашается суверенным, демократическим, правовым, унитарным, светским, социальным государством с республиканской формой правления. Закреплено, что носителем суверенитета и единственным источником власти является народ Таджикистана.

В Конституции 1994 года последовательно проведен принцип государственности - разделение законодательной, исполнительной и судебной властей, которые являются самостоятельными (ст. 9). Важной конституционной новеллой является положение об особой защите установленной системы государственной власти. Как подчеркивается в статье 6, «Ни одна общественная организация, политическая партия, группа людей или отдельная личность не вправе узурпировать государственную власть. Узурпация власти является особо тяжким преступлением».

В отличие от Конституции Таджикской ССР 1978 года, целью, которой являлась легализация социалистического государственного устройства, социалистического способа хозяйствования, власти диктатуры пролетариата, признания утверждения социализма на территории СССР, в Конституции 1994 года нет специальной главы, регулирующей экономическую систему. Однако, эти вопросы нашли свое отражение в закреплении положений о различных формах собственности, свободы предпринимательской и экономической деятельности, установлено признание и равная защита всех форм собственности (ст. 12). К сожалению, ученые, проводившие в советское время научные исследования по проблемам социалистического строительства, не имели возможность критически исследовать деятельность высших органов управления.

В целях недопущения господства той или иной идеологии в обществе, Конституция 1994 года устанавливает принцип политического и идеологического многообразия. Согласно со статьей 8, никакая идеология не может устанавливаться в качестве государственной или обязательной. Этот принцип дополняется признанием многопартийности, установлением равенства общественных объединений перед законом.

Впервые в конституционном законодательстве Таджикистана устанавливается светский характер. Никакая идеология не может устанавливаться в качестве государственной. Религиозные объединения отделены от государства и не могут вмешиваться в государственные дела.

Республика Таджикистан провозглашена правовым государством. В этой связи к основам конституционного строя отнесены положения о высшей юридической силе Конституции и ее прямом действии на всей территории государства, в соответствии Конституции, законов и иных правовых актов, об обязательности Конституции и законов для государственных органов, должностных лиц, граждан и их объединений. Впервые в Конституции закреплено положение о том, что нормы международного

права, признанные Республикой Таджикистан, являются составной частью ее правовой системы.

Конституция 1994 года содержит ряд новых положений в сфере организации и деятельности системы органов государственной власти. Данные положения базируются на положениях статьи 9 Конституции и определяют, что законодательным и представительным органом является Маджлиси Оли РТ, состоящий из двух палат - Маджлиси намояндагон и Маджлиси милли, исполнительную власть осуществляют Президент и Правительство, судебная власть осуществляется посредством Конституционного суда, Верховного суда и Высшего Экономического суда.

После заключения мирного соглашения 27 июня 1997 года Республика Таджикистан приступила к строительству мирной жизни. Основу для дальнейшего развития государства должна была заложить действующая Конституция. Поэтому возникла необходимость в проведении конституционной реформы. В процессе обсуждения реформ был изучен опыт как ведущих стран мира, так и опыт постсоветских государств, в частности, России и Казахстана.

26 сентября 1999 года был проведен референдум по внесению изменений и дополнений в Конституцию. Прежде всего, эти изменения коснулись органов государственной власти, был создан профессиональный двухпалатный парламент, учрежден Совет Юстиции, который должен был обеспечить независимость судей, увеличен срок полномочий Президента РТ с пяти до семи лет и т.д. Каждый бывший Президент республики является пожизненным членом Маджлиси милли, если он сам не откажется от использования этого права[1]. Эти изменения заложили основу для формирования новых институтов, до этого времени не существовавших в РТ, а также обеспечили развитие и процветание государства. Так, впервые в истории Таджикистана был сформирован профессиональный парламент - Маджлиси Оли РТ, состоящий из двух палат, а именно Маджлиси намояндагон, постоянно действующей палаты парламента, и Маджлиси милли. Создание двухпалатного парламента заложило основу для формирования института парламентаризма и развития многопартийной системы в Таджикистане.

Создание Совета юстиции заложило основу для обеспечения независимости судебной власти, повышения уровня профессионализма судей, а также решения других насущных проблем, которые существовали в судебной системе.

Так, конституционная реформа 1999 года дала толчок для развития государства.

В 2003 году была проведена вторая конституционная реформа в Республике Таджикистан. С инициативой о внесении изменений и дополнений в Конституцию выступили ряд депутатов Маджлиси намояндагон и членов Маджлиси милли.

Проведение конституционной реформы было вызвано рядом причин. В стране изменилась политическая ситуация. Таджикистан стал преодолевать последствия страшной братоубийственной войны. В стране происходили коренные изменения, как в политической сфере, так и в экономическо-социальной сфере. Стали воплощаться в жизнь демократические принципы, объявленные в Конституции. В этой связи, необходимо было создать эффективные органы управления, а уже существующие органы власти реформировать. В Таджикистане активно стали развиваться различного рода общественные объединения и политические партии. Поэтому и было принято решение о проведении референдума по внесению изменений и дополнений в Конституцию, который состоялся 22 июня 2003 года.

Данная конституционная реформа была более масштабной, чем в 1999 году. В Конституцию были внесены более 50-ти поправок. Эти поправки вносили как

[1] Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. - 2000.- №4. - Ст. 108.

грамматические исправления в Конституцию, так и существенно повлияли на порядок организации и деятельности органов государственной власти. В частности, реформе подверглись Маджлиси милли и порядок формирования судейского корпуса.

Впервые закрепив функционирование двухпалатного парламента в 1999 году, Республика Таджикистан на тот период времени не обладала большим опытом парламентаризма. В этой связи, стали возникать ряд проблем во взаимоотношениях между палатами парламента. Именно для того, чтобы улучшить работу парламента, в него были внесены структурные изменения. В частности, были образованы должности первого заместителя Председателя Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон. Также было увеличено количество сессий Маджлиси милли - с двух до четырех в год.

Ряд изменений были внесены и в четвертую главу Конституции, посвященной Президенту. Проанализировав мировой опыт, в Конституцию была внесена поправка, в соответствии с которой был отменен верхний возрастной порог для занятия поста Президента РТ, которая до этого составляла 65 лет. В новой редакции части 2 статьи 65 Конституции установлено, что каждый гражданин РТ, не моложе 35-ти лет, владеющий государственным языком и постоянно проживающий на территории республики не менее последних 10-ти лет, может быть выдвинут кандидатом на пост Президента.

Также изменению подверглась и часть первая статьи 65 Конституции. Так, в первоначальном варианте Конституции 1994 года в статье 65 предусматривалось, что Президент РТ избирается сроком на 5 лет. Одно и то же лицо не может быть Президентом более двух сроков подряд. Как было отмечено выше, данное положение Конституции было изменено на референдуме 1999 года, в соответствии с которым Президент избирался сроком на 7 лет, но не более одного срока подряд. После референдума в 2003 году статья 65 Конституции устанавливала, что одно и то же лицо не может быть Президентом более двух сроков подряд и избирается он сроком на 7 лет[1].

Таким образом, изменения, внесенные в данную статью Конституции РТ, воспроизвели часть положения, которое было в первоначальной редакции статьи 65 Конституции РТ 1994 года, и сохранили часть положения, которое было внесено на референдуме в 1999 году. Тем самым, вернувшись к первоначальной формулировке Конституции 1994 года, за исключением срока полномочий.

Другим существенным изменением Конституции стало увеличение срока полномочий судей с пяти лет до десяти лет. Данная поправка была внесена в рамках продолжающейся судебной реформы, начало которой было положено в 1999 году с созданием Совета юстиции. Целью этой поправки является обеспечение независимости судебной власти.

Подводя итог, следует отметить, что конституционная реформа 2003 года, как и реформа 1999 года, сыграла важную роль в развитии Республики Таджикистан.

22 мая 2016 года в Республике Таджикистан состоялся третий референдум по изменению и дополнению Конституции. Необходимость внесения изменений и дополнений в Конституцию на современном этапе имело ряд предпосылок:

Важно отметить, что уголовно-процессуальные меры личной безопасности лиц, содействующих правосудию, имеют процедурную природу и обладают следующими специфическими признаками: регулируются нормами УПК РФ; применимы к участникам уголовного судопроизводства в рамках уголовного дела; направлены на достижение назначения уголовного судопроизводства; решение об их применении выносится должностным лицом, в чьем производстве находится уголовное дело[1].

В Таджикистане охрана жизни, здоровья, чести, достоинства и имущества потерпевшего, свидетеля, а также иных участников уголовного судопроизводства (членов их семей, близких родственников) от опасных противоправных действий также

[1] Зайцев, О.А., Епихин, А.Ю., Мишин, А.В. Процессуальные и криминалистические механизмы обеспечения безопасности участников уголовного судопроизводства. – М.: Издательство «Юрлитинформ», 2020. – 152 с.

является одним из элементов принципа «Охрана прав и свобод личности при производстве по уголовным делам» (ч. 3 ст. 12 УПК РТ). Меры личной безопасности в подобных ситуациях, осуществляются в рамках Закона Республики Таджикистан от 29 декабря 2010 г. №644 «О государственной защите участников уголовного судопроизводства», УПК РТ и других нормативных правовых актов Республики Таджикистан. Таким образом, процесс государственной защиты лиц, содействующих правосудию, является комплексным и многосторонним правовым институтом, который включает в себя самые обширные связи.

В настоящее время представителями уголовно-правовой науки проводится немало фундаментальных и прикладных исследований, направленных на совершенствование оперативно-розыскных, уголовно-процессуальных, криминалистических и иных механизмов обеспечения безопасного участия личности в производстве по уголовному делу[1]. Есть все основания полагать, что с учетом преемственности научных традиций российских уголовно-процессуальных научных школ, ученые-процессуалисты Таджикистана продолжат свои научные изыскания по самым различным проблемам уголовного процесса (включая обеспечение государственной защиты лиц, содействующих правосудию)[2].

Повышение эффективности правового регулирования государственной защиты субъектов уголовно-процессуальных отношений достигается разумной имплементацией и использованием положительно зарубежного опыта в отечественном законотворческом и правоприменительном процессе[3].

В заключение следует отметить, что перечень уголовно-процессуальных мер личной безопасности должен быть расширен с целью увеличения гарантий права участников процесса, содействующих правосудию, повышения эффективности такого содействия и участия, а, в конечном счете – достижения задач уголовного процесса. Закрепление в уголовно-процессуальном законодательстве конкретных уголовно-процессуальных мер безопасности напрямую свидетельствует об окончательном признании нашими странами особой значимости рассматриваемого института для реализации конституционной обязанности государства защищать права и обязанности каждого человека.

[1] Дмитриева, А.А. Теоретическая модель безопасного участия личности в российском уголовном судопроизводстве: дис. … докт. юрид. наук: 12.00.09 / А.А. Дмитриева. – М., 2016; Скрипилев, Г.А. Применение, изменение и отмена мер безопасности участников российского уголовного судопроизводства: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Г.А. Скрипилев. – М., 2013; Нафикова, Г.А. Механизм реализации принципа охраны прав и свобод человека и гражданина в уголовном судопроизводстве: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Г.А. Нафикова. – Екатеринбург, 2010 и др.

[2] Рахмаджонзода (Юлдошев), Р.Р. Теоретическое осмысление содержания уголовного преследования в Республике Таджикистан // Уголовное судопроизводство. – 2020. – № 4. – С. 41-45.

[3] Зайцев, О.А., Епихин, А.Ю., Гришина, Е.П. Реализация международных принципов и стандартов защиты детей-жертв и свидетелей преступлений в уголовно-процессуальном законодательстве России // Журнал зарубежного законодательства и сравнительного правоведения. – 2020. – № 6. – С. 20-33; Зайцев, О.А., Шамурзаев, Т.Т. Обеспечение безопасности участников уголовного процесса по законодательству Российской Федерации и Кыргызской Республики // Актуальные проблемы судебной, правоохранительной, правозащитной, уголовно-процессуальной и национальной безопасности: материалы всерос. науч.- практ. симпозиума с международным участием. – Краснодар: Кубанский гос. ун-т, 2019. – С. 51-57 и др.

ТДУ 342.41

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР КОНСТИТУТСИЯҲОИ ТОҶИКИСТОН

## ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА В КОНСТИТУЦИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

**КАМОЛЗОДА ИЛҲОМ ИКРОМ**
*Муовини ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улугзода оид ба илм ва инноватсия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*
E-mail: ilhom2005_81@mail.ru

Дар назарияи муосири давлат ва ҳуқуқ ба ҳуқуқҳову озодиҳои инсон ва шаҳрванд таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Ҳуқуқҳои инсон - масъалаи муҳим ва марказии назарияи давлат ва ҳуқуқ ва умуман илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ мебошад. Ҳоло дар китобҳои дарсии назарияи давлат ва ҳуқуқ ба ин масъала бобҳо ё фаслҳои алоҳида бахшида мешаванд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон - ҷузъи мавзӯи омӯзиши назарияи давлат ва ҳуқуқ гаштааст.

Арзиши олӣ эълон гаштани инсон ва ҳуқуқҳову озодиҳояш маънои онро дорад, ки акнун танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо назардошти инсон ва ҳуқуқҳояш, бо истифодаи бештар усулҳои диспозитивии танзими ҳуқуқӣ (озодиву мустақилияти иштирокчиёни онҳо), имкониятҳои танзими маърифатиро низ тақозо мекунад, ки бо назардошти хидамт ба инсон ва қонеъгардонии талаботаш сурат мегирад.

Оид ба муайян намудани мафҳуми "марифати ҳуқуқӣ" андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ хеле гуворо ва мақсаднок асоснок карда шудаанд[1]. Дар иртибот ба иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2024 № 668 «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» фаъолияти илмӣ ва таҳлилиии олимони ҳуқуқшинос дучанд гаштааст. Дар назарияҳои ҷаҳони муосир оид ба ҷанбаҳои гуногуни тадқиқоти маърифати ҳуқуқӣ се консепсияи асосӣ, антропологӣ, соотсиологӣ ва фалсафӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Дар доираи назарияи онтропологӣ маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун зуҳуроти гуногуни ҳаёти ҳуқуқӣ ифода карда мешавад[2]. Моҳияти назарияи антропологӣ дар ташаккул ва инкишофи паҳлуҳои мухталифи маърифати ҳуқуқи ифодакунанда танҳо натиҷаҳои фаъолияти хуқуқӣ равона карда шудааст, фаҳмида мешавад.

Аз ҷониби дигар эътирофи натиҷаҳои фаъолияти хуқуқӣ дар тавсифи ченакҳои маърифати ҳуқуқӣ, ки дар ҷаҳони муосир ба арзишхо мубаддал гаштаанд эҳиёи дубораро талаб мекунад, ки ҷавҳари онтрополгӣ дар он нуҳуфтааст. Ба назари мо, "маърифатӣ ҳуқуқӣ" дар доираи назарияи онтрополгӣ аз худ категория ё ин ки ченкаҳои ҳуқуқиеро боқи монодааст, ки бе тасвири он умқи мафҳумсозӣ нуқсонпазир аст.

Маърифати ҳуқуқӣ дар доираи назарияи сотсиологӣ ҳамчун падидаи иҷтимоии ба субъектони ҳуқуқ нигаронида шуда арзёбӣ карда мешавад. Дар ин маврид дар тафсири он накши аксиологияи ҳуқуқӣ, яъне сифатҳои муайяни ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва шахсиятҳо калидианд. Аммо назарияи мазкур ҷанбаи арзишӣ ва меъёрии худро дар худуди муайан, нисбати субъекти муайяни ҳуқуқ (маърифати ҳуқуқии омӯзгор, судя ва ғ.) иникос намуда, ба тасвири моҳияти марифати ҳуқуқӣ қодир нест[3].

Консепсияи фалсафии фаҳмиши маърифтаи ҳуқуқӣ ба андешаи бархе аз олимони соҳаи ҳуқуқ ифодакунандаи як навъи сарвати ҳуқуқӣ мебошад, ки ба сатҳи

---

[1] Насридинов, Э.С. Правововаая культура / Э.С. Насридинов. - Душанбе, 2014. - С. 23.
[2] Теория государства и права / Под ред. В.В. Лазарева. - М., 1994. - С. 167
[3] Алексеев, С. С. Общая теория права. Т. 1. - М., 1981. - С. 213.

бадастомадаи инкишофи сифатҳои танзимкунандаи ҳуқуқ, технологияи ҳуқуқӣ, дахл дорад[1].

Аз нуқтаи назари мо, асосҳои назариявии консепсияҳои дар боло зикршуда моҳияти маърифати ҳуқуқиро ба қадри кофӣ қавӣ намегардонанд. Агарчи мазмуни оқилонаи онҳоро рад кардан душвор аст, чун ҳар кадоми онҳо ба баъзе хусусиятхои муҳимми маърифати ҳуқуқӣ ишора мекунанд, вале маълум нест, ки ин назарияҳо бо ҳамдигар чи гуна омехта шудаанд? Кадоме аз онҳо бештар ва кадоме аз онҳо камтар паҳлуҳои маърифатӣ ҳуқуқиро ифода мекунанд?

Барои посух додан ба ин саволҳо дарки назариявии маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун низоми ягонаи ҷудонашаванда, ки мутаҳидкунандаи категория ва фаҳмишҳои ҳуқуқӣ ҳастанд зарур аст.

Барои дарки назариявии моҳияти маърифати ҳуқуқӣ ва ифодаи он дар сандаҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар амалияи татбиқи унсрҳои он бештар ба консепсияи **иттилоотӣ-семеотикӣ** ишора карда мешавад. Унсури мазкур мавқеъҳои мувофикро, ки дар он маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи мушаххаси фаъолияти ҳуқуқӣ баромад намуда, идея (рамз, арзишҳо, ки ба шарофати онҳо одамон воқеияти ҳуқуқиро дарк мекунанд ва мавҷудияти худро бунёд мекунанд) пазируфта мешавад. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби профессор С. Ятимов аст, ки мегуяд: ”Дар тамоми соҳаҳо иттилоот ҷузъи ҳаётан муҳимми фаъолият ба ҳисоб меравад. Ҳангоми истифодаи истилоҳи информатсия “маълуот”, на “хабар” фаҳмида шуда, маҳз ҳамин талабот ба инобат гирифта мешавад[2].

Аз ин ҷост, ки мақсади асосии маърифати ҳуқуқӣ дар робита ба амалӣ гаштани функсияи иттилоотии он дар замири ҷомеаи шаҳрвандӣ коркарди заминаҳои ҳуқуқии рафтори қонунӣ, ба одат табдил додани риояи қонун ва қонунияти ҳуқуқӣ, инкишофи малакаҳои иштироки шаҳрвандони дар ҳаёти ҳуқуқӣ ва дар ҳамин аснод ташкили фазои устворн ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

Дар доираи андешаҳои нисбатан муосири ҳуқуқӣ функсияи иттилоотӣ-семиотикии маърифтаи ҳуқуқӣ бештар ба санадҳои заминавии ҳуқуқӣ чун асоси тарғиби ғояҳои маърифати ҳуқуқӣ такия мекунад, зеро дар он принсипҳои умумии ҳуқуқ ва арзишҳои ҳуқуқие, ки  аз ҷониби давлат дар давраи муайяни инкишофи таърих созмон ёфта буданд, ҳамакнун ба ҳайси стандартҳои маърифати ҳуқуқӣ пазируфта мешаванд. Ба арзишҳои ҳуқуқие, ки ормонияти ҳуқуқиро тавлид мекунанд, пеш аз ҳама баробарии ҳама дар назди қонун, ҳуқуқ ба ҳаёт, қадр, номус, дахлнопазирии ҳуқуқи инсон ва монанди ин ҳуқуҳои фитрии инсонро ташкил медиҳанд. Дар навбати худ чунин принспиҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқ ба монанди қонуният, адолати иҷтимоӣ, мутаносибии ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, инсондӯстӣ, ҳуқуқбунёдӣ, демократӣ ва ғайра метавонанд заминаи ибтидоии маърифати ҳуқуқиро ташкил диҳанд ва ҳамзамон побарҷо мондани онро таъмин созанад[3].

Таърих гувоҳ аст, ки дар давраи муайяни инкишофи ҳуқуқ маърифати ҳуқуқии одамон, қоидаҳои рафтори ҷомеа, унсурҳои гуногуни фарҳангӣ ҳуқуқӣ маҳз дар асоси заминаҳои болозикр бартарӣ пайдо намуда, боиси мусбат тағийр ёфтани шуури одамон, донишҳои ҳуқуқии онҳо, ба миён омадани арзишхои нави ҳуқуқӣ мегардад. Ин раванд метавонад фосилаи шинохти арзишҳои маърифати ҳуқуқӣ ва рафтори ҳуқуқии инсонҳоро, ки аз қонунгузорӣ срачашма мегиранд дур гардонад, ки он метавонад боиси пайдо гардидани нуқсоннокӣ дар низоми ҳуқуқии давлат гардад. Аз ин рӯ, мақомоти қонунгузор ва дигар мақомоти давлати, ки салоҳияти

[1] Алексеев, С.С. Право: азбука - теория - философия: Опыт комплексного исследования. - М., 1999. - С. 269.
[2] Ятимов, С. Илм ва Амният. – Душанбе: Ганч, 2020. – С. 18.
[3] Мартышин, О.В.. Национальная, политическая и правовая культура в контексте глобализации // Государство и право. – 2005. - № 4. – С. 9-17.

ҳуқуқэҷодкуниро доранд, арзишҳои маърифати ҳуқуқиро ба инобат гиранд, барузияти онҳоро таъмин созанд ва дар меъёрҳои қонунгузорӣ ҷой диҳанд.

Ағлабан исбот шудааст, ки таъсири мутақобилаи фарҳангҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа аз субъектони фардӣ қариб, ки вобастагӣ надоранд. Мусаллам аст, ки барандагони фарҳанги мушаххас гурӯҳҳо, синфҳо, ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд. Инкишофи конститусионии Тоҷикистони Шуравӣ ва соҳибистиқлол бештар аз таъсири мутақобилаи маърифати ҳуқуқии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ дарак медод. Раванди гузариш аз як Конститутсия ба Конститутсияи дигар дар Тоҷикистони таърихи таҳаввули амиқи маърифати ҳукуии ҷомеаро инъикос кард ва ҷой гирифтани меъёрҳои он дар Конститсия амри воқеъии даврон буд.

Дар доираи таҳлили мазкур мафҳуми «Маърифати ҳуқуқии Конститутсионӣ» ҳамчун маҷмуъи маълумотҳоро доир ба сатҳ ё дараҷаи инъикоси маърифати ҳуқуқии ҷомеа дар Конститусия мъниндод карда мешавад.

Аввалин ғояҳои конститусионии мардуми тоҷик ҳанӯз зери таъсири инқилоби Октябри соли 1917 ба миён омдааст. Аммо ба андешаи муҳаққиқ А. Имомов, афкори сиёси-ҳуқуқии то инқилобӣ дар Тоҷикистон дар ҳамон давра ба сатҳи конститусиони-ҳуқуқӣ нарасида буд, агарчанде, ки яке аз равашанфикрони ҳамон замон А. Дониш аз натиҷаи сафарашон ба шаҳри Санкт-Петрбург оид ба тағийр додани сохти идракунӣ ва ташкили сохтори мутаносиби уфуқии он андешаҳои худро дар шакли гузориш таҳия намуда буд, мутассифона дастгирии минбаъда наёфт[1].

Дар Тоҷикистон аз соли 1929 то 1991 чор маротиба Конститусия қабул карда шудааст, ки дар мазмун ва моҳияти он арзишҳои маърифати ҳуқуқиро пайдо кардан мумкин аст.

Дар Конститутсияи соли 1929 дар муқоиса бо тамоми Конститусияҳои минбаъдаи замони Шуравӣ, принсипи муттасилии мушоҳида немешуд, аммо меъёрҳое ҷой доштанд, ки асосоҳои конститусионии сохтори ҷамъиятиро муайян менамуданд ва дар асоси он декретҳои дахлдоре қабул карда шудаанд, ки барои баланд бардоштани маърифатнокии, аҳолӣ мусоидат намуданд.

Конститутсияи соли 1929 аз конститутсияҳои минбаъдаи Тоҷикистон низ бо микдори зиёди муқаррароти барномавӣ, ки дар бисёре аз моддаҳои худ ҳадафҳои ба даст овардан ва мустаҳкам намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ба дурнамои татбиқи онҳо нигаронида шуда буд, рабт дошт[2].

Зимини таҳлили матни Конститусияи мазкур меъёрҳои умумии маърифатии дар матни Конститутсия аз он шаҳодат медод, ки Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Точикистон барои дастраси воқеии меҳнаткашон ба илму дониш, ройгон босавод намудани коргарон ва деҳқононро вазифаи аввалиндараҷаи худ карор медиҳад[3]. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби академик Тоҳиров Ф.Т. аст, ки чунин қайд намудааст: "Таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Точикистон яке аз нахустин заминаҳои маърифатӣ дар ташкил ва мустаҳкам намудани мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати миллӣ мебошад"[4].

Давраи дигари инкишофи маърифати ҳуқуқӣ чун муқаррароти ҳуқуқӣ ин қабули Конститусияи 1937 ҶШС Тоҷикистон мебошад, ки дар асоси Конститутсияи соли 1936-уми ИҶШС, қабул гардида буд. Принсипҳои қонунияти сотсиаллистӣ, баробарӣ, адолат, ки заминаи асосии меъёриву-арзишии ҷамъиятро ташкил медоданд ва маърифати ҳуқуқӣ низ ба ҳамин принсипҳо такя мекард.

---

[1] Имомов, А. Основные этапы развития Конституции Таджикистана // Государство и право. – 2002. - № 1. - С. 2-3.

[2] Тахиров, Ф.Т. Станавление советского права в Таджикистане: монография / Ф.Т. Тахиров. - Душанбе, 1987. – С. 34-39.

[3] Ҳамон ҷо. – С. 34.

[4] Ҳамон ҷо. – С. 34-39.

Илова бар ин, маърифтаи ҳуқуқии Конститутсионӣ дар принсипҳои дахлнопазирии шахсият, манзил ва махфияти мукотибот, ҳабсҳои ғайриқонунӣ, кофтуковҳо, мусодира ва дигар чораҳои маҳдудкунандаи озодӣ ифода ёфтаанд, аммо ба назари бархе аз муҳаққиқон принсипҳои мазкур хусусияти рамзиро дошта, механизми амалишавӣ ва субъектони татбиққунандаи дахлдор дар ин самт мавҷуд набуд[1].

Баробарҳуқуқии шаҳрвандон чун принсип ва меъёри афзалиятнокӣ Конститусияи 1937 пазируфта шуда, танҳо дар шакли фишурдаи кӯтоҳ ҷой дода шуда буд.

Дар Конститутсия таъкид гардида буд, ки «баробарҳуқуқии шаҳрвандон сарфи назар аз миллат ва нажодашон» таъмин карда мешавад. Сарфи назар аз он, ки давлат таъмини некуаҳволии иҷтимоии аҳолӣ (шуғли кафолатнок, нафақа, таҳсилоти ройгон, хизматрасонии тиббӣ, кӯмакпулӣ оид ба беморӣ ва ғайраро) ба зиммаи худ гирифта бошад ҳам, аммо, ҳамаи ин аз ҷониби давлат аз рӯйи принсипҳои мутаносибӣ ва тибқи меъёри муайян таъмин карда мешуд.

Ҳуқуқ ба меҳнат низ чун меъёри конститусионӣ дар матни он ҷой дода шуда, бо ҳуқуқи дастраси пайдо намудан ба меҳнатӣ кафолатнок ва музди меҳнати мувофиқ асосонок карда шудааст.

Ба назари мо меъёри мазкур ченаки арзишманди маърифтаи ҳуқуқиро доро буда, ҳамчун далели тавоноӣ ва муҳофизати сохти сотсиалистӣ, ки халқро аз буҳрони истеҳсолии барзиёд ва бекорӣ озод кард буд, ба миён гузошта шуд. Аммо, боз ҳам механизми ҳуқуқии татбиқи он ҳамчун омили ноанҷоми мантиқӣ боқӣ монд.

Аз ҷониби дигар қонуни асосӣ дар воқеъ афзалияти принсипи ягонагии ҳокимият ва халқи мехнаткашро, ба фаъолияти Шуроҳо вогузор карда буд. Шуроҳо ҳам вазифаи қонунгузор ва ҳам иҷроияро дар дасти худ муттаҳид менамуданд.

Суд ва мустақилияти судӣ, ки мақоми ягонаи татбиққунандаи ниҳоӣ ба шумор мерафт ба таври эломиявӣ эътироф карда шуда, интихоб, ҳисоботдиҳӣ ва бозхонд кардани судяҳо аз тарафи Шуроҳо баамал бароварда шуда, мустақилияти онҳоро амалан аз байн бурд[2].

Ҳамин тариқ, меъёрҳои маърифати ҳуқуқӣ пеш аз ҳама дар эътирофи аввалия ва рамзии ҳуқуқи инсон ҳамчун зуҳуроти демократӣ ва омили мафкуравӣ дар Конститутсияи 1937 ҷой дода шуда буд, бо вуҷуди ҳамин ҳам муҳиммияти воқеъии онро мушоҳида намудан хеле душвор аст.

Конститусияи соли 1978 дар маҷмуъ ғояҳо, принсипхо ва арзишҳои конститутсияҳои қаблии шуравиро нигоҳ дошт. Дар он дастгоҳи ҳокимиятӣ ва тобеъиятӣ пурзӯр карда шуда, мутаносибан эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва номгӯйи он дар Конституисяи соли 1978 васеъ карда шуд. Ба андешаи муҳаққиқон, Конститутсияи соли 1978 ифодакунандаи “музаффариятҳои сотсиализм» ба шумор мерафт, чун дар он накши Ҳизби коммунистӣ ва ваколатҳои он васеъ карда шудаанд. Сохтори Ҳизб ҳам дар марказ ва ҳам дар маҳалл ба мақоми дастурдиҳанда мубаддал гашта, ҷузъи таркибии меъёри конститутсионӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар доираи ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, гарчанде ки Конститусияи 1978 меъёрҳои бевоситаи таъсирарасонии санадҳои ҳуқуқи байналмилалиро муқаррар накарда бошад ҳам, аммо дар қисми 2-и он, ки ба давлат ва шахс бахшида шудааст, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, фитрияти онҳо низ бо мазмуни моҳияти сотсиалистӣ доштанашон ба инобат гирфта шудааст.

Ифодаи меъёрҳои маърифати ҳуқуқӣ дар Конститутсияи соли 1994 Тоҷикистон бо райъпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, пеш аз ҳама дар эътирофи халқи

[1] Съезды Советов (в документах). 1923-1927гг. Том VII. – С. 403-404.
[2] Клейменова, Е.В., Моралева, К.А. Правовая культура и ее стандарты в конституциях Российской Федерации // Правоведение. - 2003. - № 1. - С. 50-56.

Тоҷикистон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ифода мегардад.

Яке аз ҷанбаҳои асосии маърифтаи ҳуқуқии конститусионӣ ин таъсирбахш будани он ба низоми сиёсии ҷомеа аст. Аз инҷост, ки Конститутсияи соҳибистиқлоли Тоҷикистон асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, тартиби ташкил ва таҷзияи ҳокимияти давлатиро муайян кард, ки дар натиҷа низоми сиёсӣ устувор ва давлати миллии мо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ рушду тараққӣ карда истодааст.

Дар воқеъ, ҳуқуқи инсон дар Конститутсияи навини Тоҷикистон танҳо бо нишондоди меъёрҳои давлат маҳдуд намешавад. Ба мафҳуми ҳуқуқи муосир дар илми имрӯза ҳуқуқҳои инсон, аниқтараш ҳуқуқҳои дар қонун (ҳуқуқи позитивӣ) ифода гаштаи инсон дохил карда мешаванд. Ифодаи онҳо дар Конститутсия чун стандартҳои (талаботи барои ҳамаи давлатҳо ва одамон умумӣ) байналхалқӣ муқаррар карда шуда баромад мекунанд. Ягон давлати ҷаҳон наметавонад аз риояи талаботи ҳуқуқӣ-байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон саркашӣ намояд.

Ҳуқуқҳои инсон дар конститутсияҳои пасошуравӣ, аз ҷумла, дар Конститутсияи Тоҷикистон (м. 10) чун муқаррароти мустақиман амалкунанда зикр гаштаанд. Бо назардошти такмили қонунгузорӣ ва рушди маърифати ҳуқуқӣ айни замон ҳуқуқҳои инсон бевосита амал карда, барои мушаххас намудани онҳо қабули асноди меъёрӣ зарурат надорад. Ҳуқуқҳои инсон бевосита заминаи ҳалли парвандаҳои ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо бевосита (бидуни мушаххасгардӣ дар қонунгузорӣ) муносибатҳои ҷамъиятиро (алалхусус, бо иштироки одамон) танзим мекунанд[1].

Ҳамин тариқ, маърифатӣ ҳуқуқӣ, ки дар мазмуни Конститутсияи соли 1994 бараъло инъикос ёфта, меъёри маърифтаи ҳуқуқии демократӣ, аз ҷумла принсипҳо, арзишҳои демократиро фаро мегирад ва дар чунин нуқтаҳо иниъкос карда шудааст:

– дар шуури ҷамъиятӣ ва мавҷудияти ғояҳои афзалиятноки инсон ва шаҳрванд, эҳтиром ва шаъну эътибор онҳо;

– иштироки бевоситаи халқ дар иҷрои вазифаҳои давлатӣ, ташаккули демокартии онҳо дар асоси низоми интихоботӣ, ки ба асосҳои баробарӣ, озодӣ, рақобат, адолат, асос ёфтааст;

– маҷмуи институтҳои устувори конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар демократикунонии ҷомеа ва давлат, озодии шахс ва бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд, амаливашии принсипи таҷзияи ҳокимият, ки ифодаи бевоситаи ирода ва мақсадҳое, ки ормонияти миллиро ифода мекунанд, гуногунандешии сиёсӣ ва низоми бисёрҳизбӣ, ки дар асоси эътиқод ва манфиатҳои миллӣ ба расмият даровarda шудаанд, бунёд ёфтааст;

– мавҷудияти механизмҳои муромфиавии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, таъсис ва иштирок дар корҳои ҷамъиятии сиёсии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ;

– низоми ҳифзи сохти конститутсионӣ ва арзишҳои Конститутсия тавассути талаботи волоияти қонун ва риояи ҳатмии он аз ҷониби тамоми мақомоти давлатӣ, ва ҳама гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон.

Хулоса, меъёрҳои маърифати ҳуқуқӣ, ки дар Конститутсияи навини Тоҷикистон инъикос ёфтааст, муҳимтарин натиҷаи дастовардҳои замони истиқлол ба шумор рафта, марҳилаи устворӣ рушди ҷомеа ва давлат маҳсуб меёбад.

[1] Бабаева, В.К. Общая теория права: учебник. 4-изд. - М, 2000. - С. 111

**ТДУ 342.511**

# САҲМИ ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР ДАР ТАШАККУЛЁБӢ ВА РУШДИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

## ВКЛАД ПРЕЗИДЕНТА СТРАНЫ В СТАНОВЛЕНИИ И РАЗВИТИИ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**РАҶАБЗОДА РАВШАН МУҲИТДИН**
*Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*
E-mail: rrm_67@mail.ru

Барпо намудани давлати соҳибистиқлол, дарвоқеъ, талошу заҳмати зиёдро тақозо мекунад ва барои амалӣ сохтани раванди ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар ба вуҷуд овардани заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ зарур аст. Зеро танҳо бо роҳи танзими қонунии равандҳои мухталифи ҳаёт ва муносибатҳои ташаккулёбандаи ҷомеа, ки дар давраи гузариш қарор дошт ва мардуми кишвар ба марҳалаи созандагиву бунёдкорӣ қадамҳои нахустин мегузоштанд, ноил шудан ба пешравиҳо, амалигардонии ҳадафҳои стратегии давлат ва баланд бардоштани обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ имконпазир буд.

Яке аз муҳимтарин нишондиҳандаи давлати соҳибистиқлол доштани Конститутсияи мукаммал ва ҳокимияти қавии конститутсионӣ ба шумор меравад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 яке аз дастовардҳои азими мардуми Тоҷикистон буда, таҳкурсии бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро гузошт, ки имрӯз баҳри ифодаи ҳуқуқии хусусияти давлатдории миллии тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ нақши хосаеро доро мебошад.

Дар ин ҷода, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «Конститутсия нишонаи нахустин ва муҳимтарини соҳибистиқлолии давлат буда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва давлатҳои дигар эътироф гардидани соҳибихтиёрии он аз ҳамин ҳуҷҷати тақдирсоз сарчашма мегирад»[1].

Хушбахтона, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳоест, ки Конститутсияи устувор ва ҳокимияти конститутсионии пойдори худро дорад. Мувофиқи таҳлилҳои коршиносони байналмилалӣ Конститутсияи Тоҷикистон яке аз мукаммалтарин Конститутсияи ҷаҳони муосир буда, дар шумори панҷ конститутсияи беҳтарини дунё шомил мешавад. Он тамоми меъёрҳои муосири сохторӣ ва арзишии низомҳои демократӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои эътирофшудаи умумибашариро фаро мегирад.

Ба даст овардани Конститутсияи мукаммалу устувор ва барои соҳиб шудан ба ин шиносномаи пурифтихори худ, миллат ва давлати мо роҳи басо душвор ва печидаро пушти сар гузошт, ки ҳар як қадами он моҳияти таърихӣ ва аҳаммияти тақдирсоз дорад. Дар садри ин талошу мубориза таърихии миллат Президенти он, абармарди таърих, Эмомалӣ Раҳмон меистод. Шахсе, ки бо ҷонбозиҳои худ халқро соҳиби шиносномаи давлатӣ, соҳиби аркони давлатдорӣ ва соҳиби давлати соҳибистиқлол намуд.

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290.

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 23 апрели соли 2014. – Душанбе: Шарқи озод, 2014. – 48 с.

Корномаи сиёсии Президенти кишвар бо мафҳуми конститутсия аз оғоз пайванди ногусастанӣ дошт, зеро ӯ аввалин қадами худро ба водии сиёсати бузург маҳз бо ҳамин маром, яъне **«барқарор намудани ҳокимияти конститутсионӣ»** гузошта буд. Ба ибораи дигар, қонунгароӣ ва конститутсионализм аз ибтидо меҳвари тафаккури сиёсии ӯро ташкил дода, ба тадриҷ ба мазмуни фаъолият ва мактаби сиёсии ӯ табдил ёфтанд. Ин аст, ки дар таърихи давлатдории навини мо номи Эмомалӣ Раҳмон бо мафҳумҳои усулие чун волоияти қонун, ҳукумати қонунӣ ва ҳокимияти конститутсионӣ пайванди амиқ доранд.

Таъкидҳои ӯ бар волоияти қонун ва иҷрои қатъии меъёрҳои конститутсионӣ бесабаб набуд, зеро Эмомалӣ Раҳмон дар замоне ба роҳбарии давлат расид, ки Конститутсияи Тоҷикистон на танҳо ба як санади бетаъсир, балки ба бозичаи дасти гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ табдил дода шуда буд. Қариб дар ҳар ҷаласаи Шӯрои Олии Тоҷикистон чанд банди Конститутсия ба манфиати ин ё он гурӯҳ тағйир дода мешуд. Танҳо дар соли 1992 ба Конститутсияи Тоҷикистон даҳ маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуда буданд. Аз тарафи дигар, таҷрибаи давлатдорӣ дар сатҳи ҷаҳон нишон медиҳад, ки бе устувории Конститутсия таъмини устувории раванди сиёсӣ ва пойдории давлат номумкин аст. Худи Роҳбари давлат ин масъаларо чунин ба миён гузошта буд: «Бе қабули Конститутсияи нав ва дар асоси он муайян намудани сиёсати ҳуқуқии кишвар ва барқарор намудани сохторҳои фалаҷшудаи ҳокимияти давлатӣ пешравии ҷомеаро таъмин кардан, муайян намудани сиёсати мутавозини дохиливу хориҷӣ ва ҳимояи манфиатҳои сиёсиву иқтисодии кишвар ғайриимкон буда, давлат ва ҷомеаи мо дар ҳар қадам ба душвориҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавӣ рӯ ба рӯ мегардад».

Талош ва ташаббуси Президенти кишвар барои таҳия ва қабули аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва фаъолияти минбаъдаи ӯ барои такмил ва татбиқи амалии ин санади таърихӣ худ як корномаи бузург аст.

Аз ин рӯ, барои дарки дурусти ин корномаи таърихии Президенти кишвар таваҷҷуҳ ба чор самти асосии фаъолияти ӯ хеле муҳим аст.

**Самти якум**, саҳми Президенти кишвар дар ташкил ва роҳбарии бевоситаи раванди таҳия ва қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Аввалин нуқтаи муҳим дар ин самт он аст, ки Президенти кишвар худи раванди таҳия ва қабули Конститутсияро дар шакли бисёр шаффоф ва демократӣ ба роҳ гузошт. Чунки мувофиқи моддаи 99 Конститутсияи Тоҷикистон соли 1978[1] Шӯрои Олии Тоҷикистон ҳуқуқи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияро дошт, аммо баръакси ин, Эмомалӣ Раҳмон ба ташкили таҳия ва муҳокимаи умумихалқии Конститутсия ва қабули он аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ таъкид варзид. Барои ҳарчи шаффоф ва демократӣ идома ёфтани ин раванд, бо дастури ӯ ҳамзамон се гурӯҳи мустақили корӣ оид ба таҳия лоиҳаи Конститутсия таъсис дода шуд, ки ин як амали бесобиқа буд. Илова бар ин, Эмомалӣ Раҳмон шахсан ин равандро зери назорат гирифта, пайваста таъкид менамуд, ки дар Конститутсияи навин бояд ҳар як пешниҳоди мардум ва орзуву омоли ҳар як қишри ҷомеаи мо ба назар гирифта шавад. Қобили зикр аст, ки дар ин раванди таърихӣ аз тарафи мардум ба гурӯҳҳои корӣ беш аз ҳаштуним ҳазор (8500) таклифу пешниҳод расида буданд, ки худи ҳамин миқдори бузурги таклифу пешниҳод, ифодагари иштироки фаъоли оммаи халқ дар ин раванди сарнавиштсоз мебошад.

Президенти кишвар ин лаҳзаҳои таърихиро дар суханрониҳои худ чунин ёдоварӣ намудаанд: «Қабули Қонуни асосии кишвар, ки аслан бо назардошти андешаву пешниҳоди сершумори мардуми шарифи Тоҷикистон таҳия гардидааст, танҳо ба шарофати кӯшишу талошҳои халқи тоҷик дар роҳи эъмори давлатдории навин муяссар

[1] Конститутсияи (Қонуни асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳои то 1 феврали соли 1993 аз 14-уми апрели соли 1978. – Душанбе, 1993. – С. 29.

гардид. Аз ин лиҳоз, қабули ин санад дастоварди бузурги миллии мо ба шумор меравад».

Хусусияти дигари муносибати ӯ бо раванди таҳияи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он буд, ки гурӯҳҳои корӣ бояд таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ дар самти конститутсионализмро ҳамаҷониба омӯхта, дар кори худ дастовардҳои олитарини башарӣ дар ин самтро фаро мегирифтанд. Ӯ масъаларо чунин гузошта буд, ки хусусан, дар боби сохтори давлатӣ, фаъолияти шохаҳои ҳокимият, ташаккули институтҳои асосии давлатдорӣ ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол бояд ҳамрадифи конститутсияҳои давлатҳои пешрафтатарини ҷаҳон бошад. Илова бар ин, беҳтарин мутахассисони сатҳи байналмилалӣ низ ба кори арзёбӣ ва экспертизаи ин санад ҷалб карда шуданд.

**Самти дуюм,** саҳми Президенти кишвар дар ташаккули мазмун ва меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Аъзои гурӯҳҳои кории таҳияи матни Конститутсия дар ёддоштҳои худ хотирнишон кардаанд, ки Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Роҳбари давлат дар шаклгирии мазмун ва меъёрҳои усулии Конститутсия низ саҳми таърихӣ дошт. Ҳарчанд бисёре аз азъои гурӯҳ ходимони собиқадори давлатӣ, ҳуқуқшиносони касбӣ ва олимону муҳаққиқони соҳаи илмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ буданд, аммо зимни нишастҳои корӣ Эмомалӣ Раҳмон идеяҳо, арзишҳо, меъёрҳо ва механизмҳоеро пешниҳод мекард, ки бо дурандешона ва амалгароёна будани худ фарқ мекарданд.

Масалан, матни моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[1], ки тамоми мазмун ва моҳияти давлатдории миллии моро ифода мекунад, бевосита аз тарафи ӯ ба миён гузошта шудааст. Он меъёрҳои усулие, ки дар ин модда мустаҳкам шудаанд, ҳанӯз дар аввалин суханронии Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми интихоб гардидан ба ҳайси роҳбари Тоҷикистон дар Иҷлосияи XVI таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд садо дода буданд. Маҳз дар он лаҳзаи таърихӣ ӯ бо қатъият эълон карда буд, ки ҷонибдори давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад. Маҳз ҳамин идеяи Эмомалӣ Раҳмон аввалин хишти Конститутсияи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол буда, он ба тадриҷ такмил ёфта, ба меъёри муайянкунандаи модели давлатдории миллии муосири тоҷикон табдил ёфт.

Имрӯз, бо гузашти замон, бо андозагирӣ дар маҳаки таҷриба дармеёбем, ки интихоби ин меъёрҳо ва ин модели давлатӣ то чӣ андоза интихоби дуруст, муҳим ва барои миллат ва давлати мо сарнавиштсоз будааст.

Аз меъёрҳои бунёдии дигаре, ки дар раванди таҳияи Конститутсияи навини Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯйи он таъкид ва пофишорӣ намуд, дар сатҳи конститутсионӣ ҳифз шудани моҳияти иҷтимоии давлат буд.

**Самти сеюм,** саҳми Президенти кишвар дар анҷоми ислоҳоти конститутсионӣ ва такмили низоми ҳуқуқии мамлакат.

Моҳияти ин самт дар он зоҳир мегардад, ки баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд тамоми қонунгузории мамлакат пурра ба меъёрҳои он мутобиқ карда, қабули маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун омили ташаккули низоми ҳуқуқӣ анҷом дода мешуд. Ин вазифаи моҳиятан мушкил ва кори ҳаҷман бузурге буд, ки дар таърихи давлатҳои классикии мутамаддин маъмулан чанд даҳсола ва ҳатто садсоларо дар бар мегирад. Аммо хурсандиовар аст, ки ба парламент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ муяссар гардид, ки дар фурсати кӯтоҳ низоми ҳуқуқии мамлакатро ташаккул диҳанд.

Ҳамин тавр, зери роҳбарии Президенти кишвар дар заминаи Конститутсияи Тоҷикистон ислоҳоти амиқи қонунгузорӣ сурат гирифт. Маврид ба зикр аст, ки

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 3.

имрӯз ин низоми ҳуқуқӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[1], 17 – қонуни конститутсионӣ, 21 – кодекс, 16 – қонуни авф, 2 – қонуни авфи амвол ва 3 – қонуни авфи шаҳрвандон бинобар қонунигардонии маблағҳояшон, 32 – қонуни буҷет ва беш аз 390 қонуни соҳавӣ қомат афрохтааст. Дар ин миён 3 – кодекс ва зиёда аз 110 – санади қонунгузорӣ вазифаҳои даврии худро иҷро карда, аз эътибор соқит дониста шуданд.

Бинобар он ки ба қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда имзои Роҳбари давлат гузошта мешавад, аз назари илми ҳуқуқшиносӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ӯ ба таври табиӣ тарҳрезандаи низоми ҳуқуқии мамлакат ба ҳисоб меравад. Аммо таҷрибаи ин давра нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои ҳуқуқӣ аз дигар субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ камтар набуда, ӯ бо ташаббус, пешниҳод, эрод ва идеяҳои сершумори худ дар раванди такмили қонунгузорӣ саҳми бевосита гузоштааст, ки ҳамаи ин барои ҳимояи манфиатҳои мардум равона гардидааст.

Чунончи, танҳо дар давраи солҳои 2015-2024 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин, аз ҷумла: Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон[2], Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон[3] ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон[4], тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионӣ – 6, тағйиру иловаҳо ба кодексҳо – 5, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» – 2 адад пешниҳод шудаанд, ки ҳамаи ин барои расидан ба ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат ва ташаккули низоми ҳуқуқии мамлакат равона гардидаанд.

Ҳамин тавр, зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон як раванди бисёр муҳим ва мураккаби таърихӣ, яъне ислоҳоти амиқи конститутсионӣ ва миллишавии низоми ҳуқуқии мамлакат ба пуррагӣ анҷом ёфт. Бо ин хидмати бузурги таърихии худ Президенти кишвар ба давлатдории миллии мо моҳият ва ҳастии ҳуқуқӣ бахшида, шакли ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлолро ҳамчун давлати аз назари ҳуқуқӣ мустақил ба вуҷуд овarданд.

**Самти чорум,** саҳми Президенти кишвар дар татбиқи амалии меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол**.**

Моҳияти ин самти фаъолияти Президенти кишвар дар он аст, ки ӯ дар таърихи давлатдории миллии мо на танҳо ҳамчун ташаббускори қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, балки ҳамчун татбиққунандаи амалии ин санади таърихӣ шинохта мешавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки гарчи қабули чунин Конститутсияи мукаммал кори осон набуд, аммо дар амал татбиқ кардани он вазифаи боз ҳам душвортар будааст.

Дар ин кор дар рӯбарӯи Роҳбари давлат чанд мушкили ҷиддӣ меистод. ***Аввалан,*** солҳои аввали татбиқи меъёрҳои Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккаби сиёсию низомӣ идома ёфта, дар кишвар низои дохилӣ давом дошт. Дар чунин шароит, раванди татбиқи амалии сохтори давлати миллии тоҷикон бояд ҳамзамон бо анҷоми музокироти бисёр печида барои дастёбӣ ба сулҳ ва ваҳдати

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

[2] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли с. 2016, № 1329 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2016. – №7. – мод. 604, с. 2022, №7, мод. 439; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни с. 2024, №2054.

[3] Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти с. 2022, № 1852 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2022. – №1-3. – мод. 2.

[4] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри с. 2022, № 1918 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2022. – №12, қ. 1. – мод.757.

миллӣ идома меёфт. Аз тарафи дигар, элитаи сиёсӣ ва идории кишвар, ки асосан дар шароити ҷомеаи Шӯравӣ ташаккул ёфта буд, дар татбиқи меъёрҳои ҷомеаи демократӣ ва давлати ҳуқуқбунёд таҷрибаи амалӣ надошт.

Бинобар ин, баъзан ташаббусҳои пешқадами Эмомалӣ Раҳмон дар дохили худи элитаи сиёсӣ бо мушкилот рӯбарӯ мешуд. Душвории дигар дар он буд, ки кишварҳои дигар барои татбиқи амалии ин арзишҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ даҳсолаҳо ва садсолаҳоро сарф намуда буданд, аммо Тоҷикистон бояд ин марҳиларо дар фурсати кӯтоҳ мегузашт. Ҳамин тавр, дар чунин шароити печида, татбиқи меъёрҳои нави конститутсионӣ дар як ҷомеаи пасошӯравӣ аз Роҳбари давлат заҳмат, талош ва ҷасорати махсусро талаб мекард. Хушбахтона, Эмомалӣ Раҳмон аз уҳдаи ин вазифаи таърихии худ низ ба хубӣ баромад.

Имрӯз мафҳумҳое чун волоияти қонун, давлати демократӣ, давлати ҳуқуқбунёд, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликияти хусусӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, матбуоти озоду мустақил, парламенти касбӣ, судҳои мустақил ва даҳҳо мафҳуми дигар, ки башарият онро дар тӯли асрҳо бо мубориза ба даст овардааст, барои ҷомеаи мо мафҳумҳои бисёр ошно ва маъмулӣ гардидаанд. Пас, метавон хулоса гирифт, ки аз назари татбиқи амалии меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ, мамлакати мо зери роҳбарии Президенти кишвар як ҷаҳиши беназири таърихиро анҷом додааст.

Дар охир маврид ба зикр аст, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуъ нишон медиҳад, ки саҳми Президенти кишвар дар ташаккулёбӣ ва рушди Конститутсия, аз ҷумла: дар ташкил ва роҳбарии бевоситаи раванди таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар ташаккули мазмун ва меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар анҷоми ислоҳоти конститутсионӣ ва такмили низоми ҳуқуқии мамлакат, татбиқи амалии ҳадафҳо ва меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон беандоза бузург буда, гувоҳи онанд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ташаббускор, бунёдгузор, ҳомии қавӣ ва татбиқкунандаи амалии нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

**УДК 342.52**

# РОЛЬ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПРАВОВОМ ОБЕСПЕЧЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Редкоус Владимир Михайлович**
*Ведущий научный сотрудник сектора административного права и административного процесса Института государства и права Российской академии наук, профессор Академии управления МВД России, доктор юридических наук, профессор*
e-mail: rwmmos@rambler.ru

Конституция Республики Таджикистан, от 6 ноября 1994 года (изменения и дополнения внесены в результате референдума от 26.09.1999 г., 22.06.2003 г., 22.05.2016 г.)[1] является достоянием народа Республики Таджикистан, так как в ней закреплены получившие конституционное оформление высшие духовные, нравственные, куль-

[1] Тексты документов предоставлены СПС «СоюзПравоИнформ» // URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=2213 (дата обращения: 25.08.2024).

турные, экономические, политические и иные ценности народа Республики Таджикистан, ставшие основными направлениями развития Республики Таджикистан, позволившими ей занять достойное место среди суверенных демократических правовых государств современности.

«Конституция является плодом национальной созидательной мысли народа Таджикистана, ибо именно благодаря воле народа страны она единодушно была принята в очень сложной исторической обстановке для государства и общества и сыграла решающую роль в построении страны и её системы управления», – подчеркнул в своем послании Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон[1].

На основе положений Конституции Республики Таджикистан была разработана Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года[2], а также иные документы стратегического планирования и нормативные правовые акты. Конституция Республики Таджикистан – ядро политической и правовой системы Республики Таджикистан, основной закон государства, обеспечивающий более чем тридцатилетнее существование суверенного Таджикистана.

Конституция Республики Таджикистан является основой для развития и совершенствования законодательства об органах внутренних дел. Так, на основе Конституции Республики Таджикистан разработан проект Закона Республики Таджикистан «О полиции»[3].

Базовым положениями, определяющими направленность правового регулирования в области обеспечения национальной безопасности Республики Таджикистан, являются следующие закрепленные в Конституции Республики Таджикистан нормы:

Республика Таджикистан - суверенное, демократическое, правовое, светское и унитарное государство. Таджикистан - социальное государство, политика которого направлена на создание условий, обеспечивающих достойную жизнь и свободное развитие человека (ст. 1);

Человек, его права и свободы являются высшей ценностью. Жизнь, честь, достоинство и другие естественные права человека неприкосновенны. Права и свободы человека и гражданина признаются, соблюдаются и защищаются государством (ст. 5);

Территория Таджикистана неделима и неприкосновенна. Государство обеспечивает суверенитет, независимость и территориальную целостность республики. Пропаганда и действия, направленные на разделение единства государства, запрещаются (ст. 7);

защита Родины, охрана интересов государства, укрепление его независимости, безопасности и оборонной мощи – священный долг гражданина. Порядок прохождения военной службы определяется законом (ст. 43).

Определяющее значение в правовом регулировании отношений в области обеспечения национальной безопасности играет глава вторая Конституции Таджикистана – «Права, свободы, основные обязанности человека и гражданина».

Важнейшее положение закреплено в ст. 14 Конституции Таджикистана – «Права и свободы человека и гражданина регулируются и охраняются Конституцией, законами республики, признанными Таджикистаном международно-правовыми актами. Права и свободы человека и гражданина осуществляются непосредственно. Они определяют цели, содержание и применение законов, деятельность законодательной, исполнительной и местной властей, органов местного самоуправления и обеспечиваются судебной властью. Ограничения прав и свобод граждан допускаются только с

[1] Поздравительное послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона по случаю Дня Конституции. 06.11.2023 г. // URL: https://khovar.tj (дата обращения: 25.08.2024).
[2] Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. – Душанбе, 2016 // URL: http://portali-huquqi.tj (дата обращения: 26.08.2024).
[3] Электронный ресурс – Режим доступа: URL: https://mvd.tj (дата обращения: 26.08.2024).

целью обеспечения прав и свобод других граждан, общественного порядка, защиты конституционного строя и территориальной целостности республики».

Полномочия органов государственной власти в области обеспечения национальной безопасности зависят от их конституционно определенного места в механизме государства и соответственно предоставленных полномочий.

В современных государствах с президентской формой правления большими полномочиями в области обеспечения национальной безопасности наделяется президент страны. Не является исключением и Республика Таджикистан. Полномочия Президента Республики Таджикистан в сфере обеспечения национальной безопасности обусловлены тем, что в соответствии со ст. 64 Конституции Республики Таджикистан Президент Республики Таджикистан является главой государства и исполнительной власти (Правительства). Президент является гарантом Конституции и законов, прав и свобод человека и гражданина, национальной независимости, единства и территориальной целостности, преемственности и долговечности государства, согласованного функционирования и взаимодействия государственных органов, соблюдения международных договоров Таджикистана.

Ст. 69 Конституции Республики Таджикистан закрепляет полномочия Президента Республики Таджикистан, которые он реализует, в том числе, и в области обеспечения национальной безопасности, а именно: определяет основные направления внутренней и внешней политики республики; представляет Таджикистан внутри страны и в международных отношениях; образовывает и упраздняет министерства и государственные комитеты; отменяет или приостанавливает действие актов органов исполнительной власти в случае их противоречия Конституции и законам; создает Совет безопасности и руководит им; подписывает законы; руководит проведением внешней политики, подписывает международные договоры и представляет их на утверждение Маджлиси намояндагон; является Верховным Главнокомандующим Вооруженными Силами Таджикистана; назначает и освобождает командующих войсками Вооруженных Сил Таджикистана; объявляет военное положение при реальной угрозе безопасности государства и вносит Указ об этом на утверждение совместного заседания Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон; использует Вооруженные силы Республики Таджикистан за ее пределами для выполнения международных обязательств Таджикистана с согласия совместного заседания Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон; объявляет чрезвычайное положение на всей территории республики или в отдельных местностях с незамедлительным внесением Указа об этом на утверждение совместного заседания Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон и сообщением в Организацию Объединенных Наций; решает вопросы гражданства; присваивает высшие воинские звания, дипломатические ранги, иные специальные ранги и звания; награждает граждан государственными наградами, присваивает государственные премии и почетные звания Таджикистана; исполняет другие полномочия, предусмотренные Конституцией и законами.

В случае реальной угрозы правам и свободам граждан, независимости государства и его территориальной целостности, стихийных бедствий, в результате которых конституционные органы республики не могут нормально функционировать, как временная мера, для обеспечения безопасности граждан и государства, объявляется чрезвычайное положение. Срок чрезвычайного положения устанавливается до трех месяцев. В необходимых случаях этот срок может быть продлен Президентом Республики Таджикистан (ст. 46).

Важнейшей гарантией соблюдения прав и свобод человека и гражданина является закрепленное в ст. 47 Конституции Республики Таджикистан положение, что «в условиях чрезвычайного положения не могут быть ограничены права и свободы, предусмотренные в статьях 16, 17, 18, 19, 20, 22, 25 и 28 Конституции. Правовой режим чрезвычайного положения определяется конституционным законом».

Конституционный Закон Республики Таджикистан «О правовом режиме чрезвычайного положения» был принят 3 ноября 1995 года[1].

Таким образом, в условиях чрезвычайного положения не могут быть ограничены:

– право иностранных граждан и лиц без гражданства пользоваться провозглашенными правами и свободами и иметь равные с гражданами Таджикистана обязанности и ответственность, за исключением случаев, предусмотренных законом; возможность Таджикистана предоставить политическое убежище иностранным гражданам, ставшим жертвами нарушения прав человека; запрет на выдачу граждан Республики Таджикистан выдан иностранному государству (ст. 16);

– равенство граждан перед законом и судом, гарантированность прав и свобод каждого, независимо от его национальности, расы, пола, языка, вероисповедания, политических убеждений, образования, социального и имущественного положения, равноправие мужчин и женщин (ст. 17);

– право каждого на жизнь; гарантированность государством неприкосновенности личности; запрет пыток, жестокости и бесчеловечного обращения; запрет на проведение принудительных медицинских и научных экспериментов над человеком (ст. 18);

– гарантированность судебной защиты; право каждого требовать, чтобы его дело было рассмотрено компетентным, независимым и беспристрастным судом, учрежденным в соответствии с законом; запрет на осуществление без законных оснований задержания, ареста; право лица с момента задержания пользоваться услугами адвоката (ст. 19);

– презумпция невиновности (ст. 20). Никто не считается виновным в совершении преступления до вступления приговора суда в законную силу. Никто не может быть привлечен к ответственности после истечения срока уголовного преследования, а также за деяния, которые в момент их совершения не считались преступлением. Никто не может быть повторно осужден за одно и то же преступление. Закон, принятый после совершения лицом противоправного деяния и усиливающий наказание за него, обратной силы не имеет. Если после совершения противоправного деяния ответственность за него отменена или смягчена, применяется новый закон.

– неприкосновенность жилища, запрет на вторжение в жилище и лишение человека его жилища, за исключением случаев, предусмотренных законом (ст. 22);

– возможность каждого получить и ознакомиться с документами, касающимися его прав и интересов, кроме случаев, предусмотренных законом. (ст. 25);

– право граждан на объединение (ст. 28).

Правовая основа обеспечения национальной безопасности Республики Таджикистан не является чем-то застывшим и неизменным, она постоянно трансформируется в соответствии с изменяющимися общественными отношениями. Это касается как базовых законов о безопасности, так и отраслевых, регламентирующих самостоятельные виды национальной безопасности, или касающиеся режимов безопасности в рамках осуществления отдельных видов деятельности, функционирования объектов, производств и т.д.

Так, в Республике Таджикистан приняты:

– Закон Республики Таджикистан от 28 июня 2011 года «О безопасности»[2];

– Закон Республики Таджикистан от 20 марта 2008 г. «Об органах национальной безопасности Республики Таджикистан»[1]:

---

[1] Конституционный Закон Республики Таджикистан «О правовом режиме чрезвычайного положения» от 3 ноября 1995 г. № 94 // URL: http://portali-huquqi.tj (дата обращения: 27.08.2024).

[2] Закон Республики Таджикистан «О безопасности» от 28 июня 2011 г. // URL: http://portali-huquqi.tj (дата обращения: 28.08.2024).

– Закон Республики Таджикистан от 1 марта 2005 г. «О Пограничных войсках Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан»[2];

– Закон Республики Таджикистан от 29 декабря 2010 года «О продовольственной безопасности»[3];

– Закон Республики Таджикистан от 29 января 2021 г. № 1759 «Об обеспечении биологической безопасности и биологической защиты»[4];

– Закон Республики Таджикистан от 19 июля 2012 г. «О безопасности пищевых продуктов»[5];

– Закон Республики Таджикистан от 3 июля 2012 г. «О транспортной безопасности»[6];

– Закон Республики Таджикистан от 30 мая 2017 г. «О сейсмической безопасности»[7];

– Закон Республики Таджикистан от 28 февраля 2004 г. «О промышленной безопасности опасных производственных объектов»[8];

– Закон Республики Таджикистан от 29 декабря 2010 г. «О безопасности гидротехнических сооружений»[9]

– Закон Республики Таджикистан от 8 августа 2015 г. № 1214 «Об обеспечении экологической безопасности автомобильного транспорта»[10];

Конституционные предписания о гарантиях законности и обеспечении соблюдения прав и свобод человека и гражданина вызвали необходимость формулирования в базовом законе, предназначенном для регулирования оперативно-розыскных правоотношений, принципов законности и уважения прав и свобод человека и гражданина.

В частности, в ст. 3 Федерального закона «Об оперативно-розыскной деятельности»[3] (далее – закон об ОРД РФ) указано, что эта деятельность основывается на общеправовых принципах законности, уважения прав и свобод человека и гражданина, а в ст. 4 одноименного Закона Республики Таджикистан «Об оперативно-розыскной деятельности»[4] (далее – закон об ОРД РТ) наряду со специальными принципами (конспирации, сочетания гласных и негласных методов и средств), перечислены принципы законности, гуманизма, равенства перед законом, уважения и соблюдения прав и свобод человека и гражданина.

Более того, законодательство об оперативно-розыскной деятельности содержит определенные гарантии соблюдения прав и свобод человека и гражданина при осуществлении оперативно-розыскной деятельности (ст. 5 как закона об ОРД РФ, так и закона об ОРД РТ), суть которых заключается в том, чтобы допускать возможность ограничения конституционных прав только в крайних случаях, с целью снижения негативных последствий таких ограничений, а если ограничение все же произошло, обеспечить защиту нарушенных прав.

Важно учитывать, что к числу конституционных прав человека и гражданина, которые могут быть вынуждено ограничены в ходе оперативно-розыскной деятельности, относятся: тайна переписки, телефонных переговоров, почтовых, телеграфных и иных сообщений, неприкосновенность жилища, личная и семейная тайна и др., но при условии, что о допустимости такого ограничения имеется прямое указание в конституционной норме.

Например, в ст. 25 Конституции Российской Федерации указано: «Никто не вправе проникать в жилище против воли проживающих в нем лиц иначе как в случаях, установленных федеральным законом, или на основании судебного решения», а в ч. 2 ст. 22 Конституции Республики Таджикистан предусмотрено: «Не допускается вторжение в жилище и лишение его жилища, за исключением случаев, предусмотренных законом».

Требование обеспечения соблюдения прав человека и гражданина означает обязанность проведения оперативно-розыскных мероприятий лишь при наличии оснований и выполнении условий, предусмотренных в законе, с использованием средств,

---

[1] Назаров, М. Конституция Республики Таджикистан гарант защиты прав и свобод человека // Konstituciya-tadzhikistan.pdf?sequence=1.

[2] Юсуфов, А.Х. Конституция Республики Таджикистан об ограничении прав и свобод граждан в условиях чрезвычайного положения // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия гуманитарных наук. - 2012. - № 2. - С. 5.

[3] Федеральный закон «Об оперативно-розыскной деятельности» от 12 августа 1995 г. № 144-ФЗ (ред. от 29 декабря 2022 г.) // Собрание законодательства РФ. 1995. - № 33. - С. 3349.

[4] Закон Республики Таджикистан Об оперативно-розыскной деятельности» от 25 марта 2011 г., № 687 « (с изм. и доп. по сост. на 18 июля 2017 г.) // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2011. - № 3. - Ст.155.

исключающих необоснованное ограничение этих прав[1]. «Правовое ограничение конституционных прав граждан должно быть таким, – пишет В.Н. Омелин, – чтобы, с одной стороны, оно не препятствовало оперативно-розыскным мерам по борьбе с преступностью, а, с другой стороны, не допускало незаконного или необоснованного ограничения указанного права»[2].

Оперативно-розыскное законодательство предусматривает в случаях ограничения конституционных прав и свобод человека в качестве основного условия – наличие судебного решения (ч. 2 ст. 8 закона об ОРД РФ), либо ходатайства уполномоченного прокурора и санкции уполномоченного на то судьи (ч. 2 ст. 8 закона об ОРД РТ). Основанием для рассмотрения судом соответствующего материала и принятия решения по вопросу о проведении оперативно-розыскного мероприятия, ограничивающего конституционные права граждан, является мотивированное постановление, вынесенного надлежащим должностным лицом органа, осуществляющего оперативно-розыскную деятельность.

Если возникает ситуация, не терпящая отлагательства, которая может привести к совершению тяжкого или особо тяжкого преступления, а также когда имеются данные о событиях и действиях (бездействии), создающих угрозу государственной, военной, экономической или экологической безопасности, то на основании мотивированного постановления одного из руководителей органа, осуществляющего оперативно-розыскную деятельность, допускается проведение оперативно-розыскного мероприятия, но с обязательным уведомлением суда (судьи) в течение 24 часов. Тем не менее, в течение 48 часов с момента начала проведения оперативно-розыскного мероприятия орган, его осуществляющий, обязан получить судебное решение о проведении такого мероприятия либо прекратить его проведение.

Оперативные материалы рассматриваются уполномоченным судьей единолично и незамедлительно. Такое рассмотрение проводится вне рамок судебного разбирательства и втайне от лиц, чьи конституционные права подлежат ограничению. Указанная особенность подобной судебной процедуры признана правомерной Конституционным Судом Российской Федерации. В частности, в определении от 14 июля 1998 г. (к содержанию которого мы уже обращались ранее) прямо указано, что «наделение суда полномочием по осуществлению процедуры независимого одобрения оперативно-розыскных мероприятий, связанных с ограничениями конституционных прав граждан, не ущемляет этих прав, а, напротив, создает дополнительную гарантию их защиты».

Судебные решения на право проведения оперативно-розыскного мероприятия и материалы, послужившие основанием для их принятия, хранятся только в органах, осуществляющих оперативно-розыскную деятельность (ч. 3 ст. 12 закона об ОРД РФ, ч. 4 ст. 9 закона об ОРД РТ), что вовсе не означает запрета на приобщение копий таких решений к материалам уголовного дела, в котором в качестве доказательств используются представленные результаты оперативно-розыскную деятельности. Более того, результаты оперативно-розыскных мероприятий, проводимых на основании судебных решений, должны представляться именно вместе с копиями этих судебных решений. Это правило нашло закрепление в межведомственной Инструкции от 27 сентября 2013 г. о порядке представления результатов оперативно-розыскной деятельности органу дознания, следователю или в суд[3].

---

[1] Семенцов, В.А. Использование результатов оперативно-розыскной деятельности в досудебном производстве: учеб. пособие. - М.: Юрлитинформ, 2021. - С. 122.

[2] Омелин, В.Н. О законодательных условиях проведения оперативно-розыскных мероприятий, ограничивающих конституционные права граждан // Закон и право. - 2019. - № 10. - С. 144.

[3] Приказ МВД, Министерства обороны, ФСБ, Федеральной службы охраны, Федеральной таможенной службы, Службы внешней разведки, Федеральной службы исполнения наказаний, Федеральной службы по контролю за оборотом наркотиков, Следственного комитета РФ от 27

В соответствии со ст. 35.1 Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан[1] (далее – УПК РТ), порядок рассмотрения материалов об ограничении конституционных прав граждан при проведении оперативно-розыскных мероприятий определяется УПК РТ и законом об ОРД РТ.

Однако не ясно, почему порядок рассмотрения материалов об ограничении конституционных прав граждан при проведении оперативно-розыскных мероприятий определяется не только законом об ОРД РТ, но и УПК РТ, особенно в ситуации, когда оперативно-розыскная деятельность осуществляется до деятельности уголовно-процессуальной.

По мнению А.П. Азарова, «нередко оперативники начинают работать задолго до появления уголовного дела, проводя оперативно-розыскные мероприятия, ограничивающие конституционные права и свободы частных лиц. В такой ситуации попросту невозможно установить корреляционные связи с конкретным уголовным делом, которое может вообще не появиться. В результате права и интересы граждан остаются незащищенными»[2].

Для нас очевидно, что современное нормативное правовое регулирование разнородных видов деятельности: оперативно-розыскной и уголовно-процессуальной в Российской Федерации и Республике Таджикистан свидетельствует об их отграничении друг от друга по целому ряду критериев: от законодательных основ и до процедурных правил, а также особенностей производства, но при наличии общего предназначения (эффективная борьба с преступностью).

Поэтому предпочтение в регулировании оперативно-розыскных правоотношении должно отдаваться закону об ОРД. Как указал Конституционный Суд Российской Федерации, «приоритетными признаются нормы того закона, который специально предназначен для регулирования соответствующих отношений[3].

В продолжении нашего исследования отметим, что решение социально полезной задачи борьбы с преступностью с помощью оперативно-розыскных средств и методов может быть связано с нарушениями закона и как следствие этого – неоправданном ограничении конституционных прав и свобод человека и гражданина. Нарушения закона при проведении оперативно-розыскных мероприятий на практике отличаются многообразием и возникают по различным причинам: от низкого качества правового регулирования до профессиональной некомпетентности оперативных сотрудников, либо злоупотребления полномочиями[4].

Учитывая, что предметом прокурорского надзора охватывается законность оперативно-розыскной деятельности, считаем необходимым уточнить, что он (надзор) носит специфический характер, обусловленный стремлением обеспечить не только верховенство закона, но и режим секретности. Собственно секретность оперативно-розыскной деятельности обуславливает, что в предмет прокурорского надзора не

---

сентября 2013 г. № 776/703/509/507/1820/42/535/398/68 «Об утверждении Инструкции о порядке представления результатов оперативно-розыскной деятельности органу дознания, следователю или в суд» // Российская газета. 2013. 13 декабря.

[1] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан от 3 декабря 2009 г. № 564 (с изм. и доп. по сост. на 3 января 2024 г.) // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2009. - № 12. - Ст. 816.

[2] Азаров, А.П. Об обжаловании решений и действий органов, осуществляющих ОРД, в порядке КАС РФ: абрис проблемы // Журнал административного судопроизводства. - 2020. - № 1. - С. 18.

[3] Постановление Конституционного Суда Российской Федерации от 29 июня 2004 г. № 13-П «По делу о проверке конституционности отдельных положений статей 7, 15, 107, 234 и 450 Уголовно-процессуального Кодекса Российской Федерации в связи с запросом группы депутатов Государственной Думы» // Собрание законодательства РФ. 2004. - № 27. - Ст. 2804.

[4] Семенцов, В.А., Гладышева, О.В. Надзор уполномоченного прокурора за исполнением закона при проведении оперативно-розыскных мероприятий // Прокуратура в России: 300 лет на защите прав и свобод: сб. материалов всерос. науч.-практ. конф. / под ред. Н.П. Кирилловой, В.Д. Пристанскова, Н.А. Сидоровой, Н.Г. Стойко. - М.: Русайн, 2022. - С. 143.

входят сведения об организации, тактике, методах и средствах осуществления этой деятельности (ч. 3 ст. 21 закона об ОРД РТ).

Указанная специфика прокурорского надзора за оперативно-розыскной деятельностью обусловила введение в научный и практический оборот понятия «уполномоченный прокурор» с целью ограничения круга должностных лиц органов прокуратуры, которые могут осуществлять надзор за исполнением закона в сфере оперативно-розыскной деятельности.

По российскому законодательству уполномоченный прокурор не обладает полномочием согласовывать обращения в суд оперативно-розыскных органов с ходатайствами о проведении оперативно-розыскных мероприятий. Закон об ОРД РФ не предусматривает правила обязательного информирования уполномоченного прокурора о факте такого обращения и не предоставляет ему возможность опротестования судебных решений о даче разрешения на проведение оперативно-розыскных мероприятий по представляемым в суд оперативным материалам, даже в тех случаях, когда прокурор полагает их несоответствующими закону.

В то же время предметом прокурорского надзора охватываются вопросы об исполнении органами, осуществляющими оперативно-розыскной деятельность, требований закона об обязательном обращении в суд при необходимости производства оперативно-розыскных мероприятий, ограничивающих конституционные права и свободы, о своевременном уведомлении суда о случаях неотложного проведения таких мероприятий, о сроках их проведения и др.

А вот по законодательству Республики Таджикистан деятельность уполномоченного прокурора по надзору за оперативно-розыскной деятельностью регулируется более развернуто, что выражается в следующем:

*во-первых*, в ст. 1 Закона об ОРД РТ дано понятие уполномоченного прокурора, чего нет в законе об ОРД РФ, как прокурора, «который в пределах своих полномочий имеет право знакомиться с оперативно-розыскными документами и право проверки законности решений органов, осуществляющих оперативно-розыскную деятельность, о проведении оперативно-розыскных мероприятий»;

*во-вторых*, рассмотрение материалов об ограничении конституционных прав граждан при проведении оперативно-розыскных мероприятий «осуществляется уполномоченным прокурором, уполномоченным на то судьей… без участия секретаря, единолично и незамедлительно» (ч. 1 ст. 9 закона об ОРД РТ);

*в-третьих*, опять-таки уполномоченный прокурор заявляет перед судьей ходатайство о проведении оперативно-розыскного мероприятия, ограничивающего конституционные права граждан, на основании мотивированного постановления, утвержденного одним из руководителей органа, осуществляющего оперативно-розыскную деятельность (ч. 2 ст. 9 закона об ОРД РТ).

Еще одним важным аспектом, позволяющим нивелировать отрицательные последствия незаконного и необоснованного ограничения конституционных прав, служит обжалование решений и действий органов, осуществляющих оперативно-розыскную деятельность, которые привели к нарушению прав и свобод заявителя. С учетом специфики оперативно-розыскной деятельности право обжалования по данному направлению имеет ряд особенностей. Следует признать, что такое право возникает в связи с получением информации о проведении оперативно-розыскных мероприятий в отношении конкретного лица, что выглядит вполне логично, поскольку обжаловать можно только то, о чем осведомлен. Право обжалования распространяется только на тех лиц, которые полагают, что их законным интересам причинен вред, создана угроза наступления вреда либо такой вред был потенциально возможен непосредственно в связи с осуществлением оперативно-розыскного мероприятия.

В определении Конституционного суда Российской Федерации от 4 февраля 1999 г. указывается: «если же лицо, в отношении которого проводятся оперативно-

розыскные мероприятия, узнало об этом и полагает, что его права и законные интересы ущемлены, то оно имеет право на обжалование и судебную защиту»[1]. В то же время, «у гражданина нет конституционного права на истребование всей собранной о нем информации, если оперативно-розыскные мероприятия осуществлялись с соблюдением требований Конституции и в рамках закона»[2].

Решения и действия должностных лиц, осуществляющих оперативно-розыскную деятельность, могут быть обжалованы не только в суд (судье), но и в вышестоящий орган, прокурору (ч. 3 ст. 5 закона об ОРД РФ, ч. 2-4 ст. 5 закона об ОРД РТ).

Вместе с тем, опять же специфика оперативно-розыскной деятельности, требует особого подхода к механизму обжалования, для чего необходимо закрепление непосредственно в законе об ОРД порядка обжалования решений и действий оперативно-розыскных органов, включая внедрение закрытого порядка рассмотрения подобных жалоб, но эта тема требует самостоятельного исследования. Подводя итог проведенному исследованию, можно сделать ряд выводов.

Оперативно-розыскная деятельность в Российской Федерации и Республике Таджикистан может быть связана с законным и обоснованным ограничением конституционных прав человека и гражданина. Конституционные предписания и сформировавшиеся на их основе правовые позиции о гарантиях законности и обеспечении соблюдения прав и свобод человека и гражданина вызвали необходимость формулирования в базовом законе, предназначенном для регулирования оперативно-розыскных правоотношений, принципов законности и уважения прав и свобод человека и гражданина. В качестве основного условия законности и обоснованности ограничения конституционных прав человека и гражданина в оперативно-розыскной деятельности служит наличие судебного решения, принимаемого в рамках особой судебной процедуры, с возможным проведением оперативно-розыскных мероприятий без такого решения, в ситуациях, не терпящих отлагательства, но с последующим его получением.

Обосновано, что судебный порядок рассмотрения материалов об ограничении конституционных прав граждан при проведении оперативно-розыскных мероприятий должен определяться в базовом законе об ОРД, специально предназначенном для регулирования оперативно-розыскных правоотношений.

Прокурорский надзор за оперативно-розыскной деятельностью носит специфический характер, обусловленный стремлением обеспечить не только верховенство закона, но и режим секретности. Указанная специфика вызвала необходимость введение в научный и практический оборот понятия «уполномоченный прокурор», деятельность которого по закону об ОРД РТ регулируется более развернуто, чем в законе об ОРД РФ, за счет формулирования указанного понятия и возложения именно на уполномоченного прокурора обязанности заявления ходатайства перед судьей о проведении оперативно-розыскных мероприятий.

Важным аспектом, позволяющим нивелировать отрицательные последствия незаконного и необоснованного ограничения конституционных прав, служит обжалование решений и действий органов, осуществляющих оперативно-розыскную деятельность, с закреплением порядка обжалования опять же непосредственно в законе об ОРД.

---

[1] Определение Конституционного Суда Российской Федерации от 4 февраля 1999 г. № 18-О «По жалобе граждан М.Б. Никольской и М.И. Сапронова на нарушение их конституционных прав отдельными положениями Федерального закона "Об оперативно-розыскной деятельности"» // Вестник Конституционного Суда РФ. 1999. - № 3.

[2] Определение Конституционного Суда Российской Федерации от 14 июля 1998 г. № 86-О «По делу о проверке конституционности отдельных положений Федерального закона "Об оперативно-розыскной деятельности» по жалобе гражданки И.Г. Черновой"».

**ТДУ 342.41:340.113**

# НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ*

## РОЛЬ КОНСТИТУЦИИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**ШАРИФЗОДА ФАЙЗАЛӢ РАҲМОНАЛӢ**
*Намояндаи ваколатдор дар Бюрои ҳамоҳангсозии мубориза алайҳи ҷинояткории муташаккилона ва дигар намудҳои ҷиноятҳои хатарнок дар ҳудуди давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия*
e-mail: faizali_74@mail.ru

**ОДИНАЗОДА АБДУҒАФОР ШЕР**
*Профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия*
e-mail: 939150001@mail.ru

Арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон, аз ҷониби давлат эътироф, риоя ва ҳифз намудани онҳо, ки дар моддаи 5 Конститутсия мустаҳкам гардидааст, яке аз хусусиятҳои ташаккули давлати демократӣ дар Тоҷикистон мебошад. Дар ин замина Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардааст: «Конститутсияи Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро ба сифати арзиши олӣ эътироф намуда, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрӣ, аз ҷумла ҳаёт, қадр ва номуси инсонро эълон менамояд ва давлатро масъул месозад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз намояд»[1].

Дар ҷомеаҳои демократӣ, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ мақсади ягона набуда, балки вазифаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад[2]. Чунонки муҳаққиқон дуруст қайд мекунанд, бо пайдоиши хавфи нав дар асри XXI дар низоми арзишҳои инсоният тағйиротҳои муайян ба вуҷуд омадаанд. Тадқиқотҳои сотсиологӣ, ки аз ҷониби фонди «Афкори ҷамъиятӣ» ва фонди илмҳои гуманитарии Россия гузаронида шудаанд, арзишҳои асосиро дар шуури шаҳрвандони Россия муайян кардаанд. Шаҳрвандони пурсишшуда дар ҷойи аввал ҳаёти инсонро ҳамчун арзиши олӣ ва дар ҷойи дуюм озодиро гузоштаанд[3]. Аз ин бармеояд, ки самаранокии фаъолияти механизми амнияти миллӣ бевосита аз амнияти шахсият вобаста мебошад. Ин исботи он мебошад, ки инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳам аз ҷониби низоми ҳуқуқии ватанӣ (моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ҳам дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ арзиши олӣ эътироф шудаанд.

Вазоратҳо, идораҳо, кумитаҳои давлатӣ, хадамоти давлатӣ, сарраёсатҳо мутобиқи сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шаҳрвандон дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Проблемаҳои амалия ва назарияи модернизатсияи фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021-2025)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1292.

[1] Ҳомидов, Х. Президент Э.Ш. Раҳмонов - бунёдгузори давлати муосири тоҷикон. – Душанбе: «Қонуният», 2006. – С. 100.

[2] Жинкина, И.Ю. О понятии «безопасность государства» // США: экономика, политика, идеология. - М.: РАН, 1995. - № 9. - С. 60.

[3] Елагин, А.Г. Безопасность и свобода в жизнедеятельности человека // Труды Академии управления МВД России. - 2015. - № 1 (33). - С. 6.

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар таъмини манфиатҳои муҳими ҳаётии шахс, ҷомеа ва давлат мусоидат менамоянд.

Бо итминони комил қайд мекунем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавассути фаъолияти мақсадноки институтҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон, дар асоси Конститутсия ва қонунгузории кишвар, ҳифзи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии объектони амнияти миллиро таъмин менамояд[1]. Аммо воқеияти таъмини амнияти миллӣ бештар аз тадқиқотҳои танқидӣ, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун одат ҷорӣ шудааст, аз дарки назариявии муқаррароти асосии консептуалӣ, шаклу усулҳои татбиқи амалии он дар шароити муосир вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, метавонем хулоса кунем, ки кишвари мо дар марҳилае қарор дорад, ки рушди минбаъдаи он асосан аз мутобиқшавии сохторҳои давлатӣ ба шароити тағйирёбандаи геополитикӣ, вазъияти иҷтимоию сиёсии дохили кишвар ва иқтидори институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ муайян карда мешавад.

Дар айни замон равишҳои гуногуни назариявӣ ва методологии омӯзиши ин масъала таҳия ва амалӣ карда мешаванд[2]. Ин бо ҳамгироӣ ва мураккабии категорияи «амнияти миллӣ» маънидод карда мешавад, ки ба гуногунӣ ва серамалии низоми амнияти миллӣ мувофиқ буда, унсурҳои он ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти муштарак - таъмини суботу сулҳ, ваҳдат, нигоҳ доштани анъанаҳои миллӣ ва баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволӣ ва зиндагии аҳолӣ нигаронида шудаанд. Яъне, дар зери натиҷаи таъмини амнияти миллӣ, пеш аз ҳама, вазъи некӯаҳволии давлат ва шаҳрвандон, ки бо мавҷудияти шароити муносиби зиндагии шаҳрвандон алоқаманд мебошад, дарк карда мешавад. Маҳз ҳадафи рушди устувори кишвар, ноил шудан ба афзалиятҳои миллӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, асоси таҳия ва қабули Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 шуд[3]. Бинобар ин, ҳокимияти давлатӣ дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатиро дар соҳаи таъмини пурсамари амният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ба сифати арзиши олӣ муқаррар мекунад.

Соҳаи амнияти миллӣ фазои иҷтимоию сиёсӣ мебошад, ки асосҳои бунёдии ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Бояд қайд кард, ки имкониятҳои воқеӣ ва дурнамо бояд бо назардошти имкониятҳои вуҷуддошта тартиб дода шаванд. Таъмини амнияти миллӣ гарави шукуфоии давлат ва некӯаҳволии шаҳрвандон мебошад. Вобаста ба ин, танзими махсус бо мақсади муҳофизат намудан аз таҳдиду хатарҳо барои он муносибатҳои иҷтимоӣ зарур аст, ки асоси ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон ва шаҳрвандони онро муайян мекунанд. Ҳокимияти давлатӣ дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ, самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатиро дар соҳаи таъмини амнияти самаранок муқаррар менамояд.

---

[1] Грибин, Н.П., Диденко, А.В. Концептуальные основы национальной безопасности Российской Федерации: монография. - М., 2010; Юрченко, М.В., Давыдов, А.В. Научно-теоретические основания категории «национальная безопасность России» // Вестник Бурятского государственного университета. Серия: Политология. - 2011. - № 6. - С. 169-173; Гадельшин, Р.И. О подходах к определению понятия политики национальной безопасности // Алтайский юридический вестник. - 2018. - № 1 (21). - С. 35-36, 39

[2] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 - бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 № 636 тасдиқ шуд // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: docplayer.ru/42070411-Nacionalnaya-strategiya-razvitiya-respubliki-tadzhikistan-naperiod-do-2030-goda.html (санаи воридшавӣ: 26.06.2024).

[3] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 - бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 № 636 тасдиқ шуд // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: docplayer.ru/42070411-Nacionalnaya-strategiya-razvitiya-respubliki-tadzhikistan-naperiod-do-2030-goda.html (санаи воридшавӣ: 26.06.2024

Қайд намудан зарур аст, ки тибқи моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар кишвар ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим мешавад. Шохаҳои ҳокимият мустақил буда, дар таъмини амнияти миллӣ ваколатҳои дахлдор доранд, ки бо қонун «Дар бораи амният» танзим карда мешаванд. Ҳар гуна фаъолият, ки бо таъмини амнияти миллӣ алоқаманд мебошад, дар робитаи зич бо мақомоти давлатӣ сурат мегирад. Вобаста ба ин, шахсе, ки субъекти таъмини амнияти миллӣ мебошад, ҳамзамон объекти он мегардад. Далели чунин хулоса моддаи 1 Конститутсия мебошад, ки тибқи он Тоҷикистон «…давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад» ва моддаи 5 «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд».

Шиори бунёдии назарияи амнияти миллӣ ва ҳуҷҷатҳои идоракунии стратегӣ, ки дар асоси он таҳия шудаанд, бояд такя ба шаҳрвандон бошад. Аҳолии кишвар, тибқи суханони Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, иродаи қавъӣ, меҳнатдӯстӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ доранд[1].

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» дар қисми муайян намудани вазифаҳо ва шаклҳои амалисозии фаъолияти баъзе аз сохторҳо, инчунин шаҳрвандон, ки дар соҳаи фаъолияти худ амнияти миллиро бевосита таъмин намекунанд, таҳия карда шавад: «Вазорату идораҳо, кумитаҳои давлатӣ, хадамотҳои давлатӣ, сарраёсатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроия, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шаҳрвандон дар таъмини манфиатҳои ҳаётии шахс, ҷамъият ва давлат, дар доираи пешбининамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ саҳми худро мегузоранд». Амнияти миллӣ ҳамчун ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар намудҳои ба ҳам алоқаманд ва вобастаи амният, ки аз ҷониби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои қонунгузории давлат, пеш аз ҳама, амнияти иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҷамъиятӣ, ҳарбӣ, экологӣ, итиллоотӣ ифода меёбад[2].

Бояд як ҳолати муҳиммро қайд кард, ки бо душвории муайян ва аксар вакт бо имконнопазирии объективии кӯшишҳои кодексозии тамоми ҳолатҳои ҷаҳони муосир, бо тавсифи мукаммали маҷмӯи аломатҳое, ки таркиби кирдори ҷиноятиро ташкил медиҳанд, алоқаманд мебошад ва бо нуктаи назари қонунгузор барои аҳолӣ хатари ҷамъиятиро ба миён меорад. Раванди мазкур, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ душвориҳои зиёд ба вуҷуд оварда, метавонад ба принсипҳои ягонагии соҳаи ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон мухолифат кунад.

Ба ин нигоҳ накарда раванди ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ ба субъективизми худсарона роҳ намедиҳад, чунки ин натиҷаи эҷодиёти иҷтимоӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии инсон ва ҷомеа мебошад. Асоси онро талаботҳои конститутсионӣ, меъёрии қабулшуда ва муқарраршуда ташкил медиҳад, ки риояи онҳоро давлат ба уҳда гирифтааст. Дар навбати худ давлат бо низоми ҳуқуқии худ вобаста мебошад ва ин вобастагии тарафайн дар конститутсияи мамлакат мустаҳкам карда шудааст. Ҳангоми тартиб додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки барои самаранок танзим кардани масъалаҳои ҳаётӣ қудрат надоранд ва баъзан ҳамдигарро такрор намуда, ба низоми давлатӣ мухолифат мекунанд, ҳокимияти оммавӣ бо ин ваколатҳои худро суст карда, сатҳи боварии шаҳрвандонро паст менамояд.

Амнияти миллӣ ҳамчун ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар намудҳои ба ҳам

[1] Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2017 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: - http://www.mmk.tj/ru/president/letter/ (санаи муроҷиат: 30.06.2024).

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни с. 2011, № 721 (таҳр. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 № 1137, 15.03.2016 № 1283, 03.08.2018 № 1540) Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=46031 (санаи муроҷиат: 26.06.2024).

алоқаманд ва ба ҳам вобастаи амният, ки бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои қонунгузории давлат, пеш аз ҳама, иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҷамъиятӣ, ҳарбӣ, экологӣ, итиллоотӣ пешбинӣ шуданд, ифода меёбад.

Дар баробари ин, чунин меъёрҳо набояд ихлосмандӣ дошта бошанд ва аз ин догма сохтан зарур нест. Дар ҷанбаи амалӣ масъалаи ҳифзи амнияти миллӣ риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар бисёр ҳолатҳо дар мухолифат ба якдигар қарор доранд. Асоси ин гуна зиддиятҳо номувофиқ будани манфиатҳои гурӯҳӣ ва шахсӣ мебошад, ки ҳангоми интихоби байни зарурати риоя кардани манфиатҳои аксарият, баъзан бар хилофи манфиатҳои ақаллият, душвориҳо ба миён меоянд[1].

Мувофиқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» дар қисми муқаррар кардани салоҳиятҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар низоми амнияти миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, истиқлолияти миллӣ, тамомияти арзӣ буда, самтҳои асосии таъмини амнияти миллиро муайян мекунад[2].

Категорияи «амнияти миллӣ», ҳамчун ҳифзи манфиатҳои миллӣ, дар намудҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳамдигар вобастаи амният зоҳир мегардад, ки аз ҷониби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои қонунгузории давлат, пеш аз ҳама, иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҷамъиятӣ, низомӣ, экологӣ, иттилоотӣ пешбинӣ шудаст. Дар нашрияҳои илмӣ мафҳумҳои «амнияти миллӣ» ва «амнияти ҷамъиятӣ» аксар вақт омехта карда мешаванд. Дар айни замон сухан дар бораи баҳсҳои схоластикӣ намеравад. Ҳалли масъалаҳои методологии назарияҳои умумӣ ва махсуси амният, аз ҷумла, интихоб ва баҳогузории равишҳо, усулҳо, методикаҳои тадқиқотӣ аҳамияти илмӣ дорад, ки барои боз ҳам самараноктар коркард ва таҳлил кардани масъалаҳои амнияти давлат имконият медиҳанд. Истилоҳи «амнияти ҷамъиятӣ» танҳо ҷузъи дохилии муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки бо омодагии қабули чораҳои пешгирикунанда ва рафъкунанда барои таъсиррасонӣ ба шароити номусоиди зиндагӣ алоқаманд мебошад.

Таҳлили қисми таркибии категорияи «амнияти ҷамъиятӣ» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои соҳибихтиёри ИДМ, дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, консептуалӣ тафовути муайянеро дар муносибат ба объекти таъмини амнияти ҷамъиятӣ ошкор намуд. Дар Федератсияи Россия ба сифати объект пеш аз ҳама инсон, шаҳрванд, инчунин арзишҳои ҷомеа (моддӣ, маънавӣ) баромад мекунанд. Дар ҳуҷҷатҳои аксарияти дигар давлатҳои аъзои ИДМ афзалият пеш аз ҳама ба ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва некуаҳволии шаҳрвандон дода шудааст, яъне ба як гурӯҳи номуайяни шахсон. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки амнияти ҷамъиятӣ, ҳамчун хусусияти ҳолати камтар осебпазир аз таъсироти манфӣ, нишонаи устувори миқдорӣ-сифатии параметрҳои ҳифз аз таҳдидҳои на шахси мушаххас, балки доираи номуайяни шахсон ва иттиҳодияҳои расмӣ ва ғайрирасмии онҳо мебошад, масалан, сокинони ҷамоатҳо, коллективҳои меҳнатӣ, дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва дар натиҷа, тамоми ҷомеа. Ва савол на танҳо дар як муқоисаи оддии «ягона-сершумор» мебошад.

Сухан дар бораи масъалаи риояи афзалиятҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ меравад, ки аксар вақт бо ҳам мухолифат мекунанд, вақте ки дар фаъолияти ҳаррӯза интихоби байни зарурати эҳтироми ҳуқуқҳои қонунии аксарият сарфи назар аз расман якхелаи ҳуқуқҳои қонунии ақаллият вуҷуд дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути фаъолияти мақсадноки институтҳои давлатӣ

---

[1] Амельчакова, В.Н. Административно-правовое регулирование деятельности органов внутренних дел по обеспечению национальной безопасности в Российской Федерации: автореф. ... канд. юрид. наук: 12.00.14 / В.Н. Амельчакова. - М.: МУ МВД России, 2006. – С. 4.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни с. 2011, № 721 (таҳр. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 № 1137, 15.03.2016 № 1283, 03.08.2018 № 1540) Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=46031 (санаи муроҷиат: 26.06.2024).

ва ҷамъиятӣ, шаҳрвандони кишвар тибқи Конститутсия, қонунҳои конститутсионии худ ва дигар санадҳои қонунгузорӣ батанзимдарории амнияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатро амалӣ мекунад. Дурнамои ҷумҳурӣ бетағйир боқӣ монда, аз нигоҳдории ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, татбиқи принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва самаранокии иқтисодӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии халқи тоҷик иборат мебошад.

Ҳамин тариқ, ҳифз гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд (қ.1 м.14); таҳти ҳимояи давлат қарор доштани шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар (қ.1 м.16); истифода бурдани ҳуқуқу озодиҳои эълоншуда аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст (қ.2 м.16); баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, кафолати ҳуқуқу озодиҳо аз ҷониби давлат, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк (қ.1 м.17); кафолати дахлнопазирии шахс (қ.3 м.18); кафолати ҳифзи судӣ (қ.1 м.19); ҳифз кардани ҷабрдида ва кафолат додани ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарар барои ҷабрдида аз ҷониби давлат (м. 21); дахлнопазирии манзил (қ.1 м.22); ҳақ доштани шаҳрванд ба мусофират, интихоби озодӣ маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он (м. 24); мустақилона муайян намудани муносибати шахс нисбат ба дин (м. 26); иштироки бевосита ва ё бавоситаи шаҳрванд дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ (қ.1 м.27); кафолати озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор (қ.1 м.30); ҳаққи соҳиби моликият ва мерос будани шахс (қ.1 м.32); аз ҷониби давлат ҳимоя намудани оила ҳамчун асоси ҷамъият (қ.1 м.33); ҳаққи шахс ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат, ҳимояи иҷтимоӣ (қ.1 м.35) ва манъи маҳдудиятҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ (қ. 2 м.35); ҳуқуқи шахс ба манзил, аз ҷумла, сохтмони манзили хусусӣ (м. 36); ҳуқуқи истироҳат (м.37); ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ (м.38); кафолати таъмини иҷтимоии шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ ва дигар ҳолатҳои дар қонун пешбинишуда (м. 39); иштироки озодонаи шахс дар ҳаёти фарҳангии ҷамъият, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ, ва истифода аз дастовардҳои онҳо (м. 40); ҳуқуқи шахс ба таҳсил (м. 41) ва ғ. Дар зиёда аз 20 моддаи боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мустаҳкам гардидаанд, ки тибқи моддаи 47 Конститутсия, ҳатто дарҳолати эълони вазъияти фавқуллода, аксарияти ин ҳуқуқу озодиҳо маҳдуд карда намешаванд[1].

Хулоса, инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳам аз ҷониби низоми ҳуқуқии ватанӣ (моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ҳам дар меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ арзиши олӣ эътироф шудаанд. Мақомотҳои давлатӣ, ҳамчун унсури муҳиммтарини қувваҳои таъмини амнияти миллӣ ба ҳисоб рафта, дар рафти кори заҳматноки ҳаррӯза барои амалӣ кардани манфиатҳои миллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи таъсири бевосита мерасонад.

Аз ин бар меояд, ки вазифаи асосии давлат ин пайваста таъмин кардани амнияти шахсият, танзими муҳити иҷтимоӣ мебошад, зеро давлат ва танзимгарони иҷтимоӣ барои таъмини ҳифзи инсон аз таҳдидҳои гуногун таъсис дода шуда, фаъолият мекунанд. Аз ин рӯ, таъмини амнияти шахсӣ ва ҷамъиятӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва барқарор намудани ҳуқуқҳо - вазифаҳои умумидавлатӣ мебошанд, ки хусусияти маҷмуӣ дошта, аз аҳаммиятнокии ин падидаҳои иҷтимоӣ вобастаанд.

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

**ТДУ 342.4:340.1**

# НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЭҲЁИ ҒОЯҲОИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ*

## РОЛЬ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ВОЗРОЖДЕНИИ ИДЕЙ НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ

**ШАРОФЗОДА РУСТАМ ШАРОФ**
*Профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
E-mail: www-rustam-tj@mail.ru

Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар болоравии сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон нақши муҳим доранд, чунки дар онҳо арзишҳои ҳуқуқӣ, аз қабили «давлати ҳуқуқбунёд», «давлати демократӣ», «давлати соҳибихтиёр», «давлати иҷтимоӣ», «арзиши баланди иҷтимоии инсон», «дахлнопазирии шахсияти инсон», «ҳуқуқҳои дахлнопазири инсон», «ҳуқуқҳои тавлидии инсон», «озодии инсон», «баробарҳуқуқӣ», «демократия» ва дигар ифодаи худро ёфтаанд.

Арзишҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф бо дарназардошти мазмуни ҳуқуқияшон бо арзишҳои ҳуқуқӣ, ки дар ҷомеаи ҷаҳон пазируфта мешаванд («волоияти ҳуқуқ», «волоияти қонун», «қонуният», «баробарҳуқуқӣ», «баробарии гендерӣ», «ҳуқуқҳои дахлнопазири инсон», «озодии инсон» ва дигар), робита доранд. Аз тарафи дигар арзишҳои ҳуқуқии конститутсионӣ бо дарназардошти алоқамандӣ бо арзишҳои миллии иҷтимоӣ (ахлоқӣ, маънавӣ, оилавӣ, эстетикӣ ва дигар) мазмуни миллӣ доранд, чунки таърихан ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири арзишҳои маънавӣ-фарҳангӣ ва тамаддунӣ ташаккул ёфта, инкишоф меёбанд.

Арзишҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон буда, дар заминаи анъанаҳои ҳуқуқии миллӣ, ҳамчун шакли ифодаи мазмун ва моҳияти меъёрҳо ва арзишҳои миллӣ дар соҳаи одобу ахлоқ, никоҳ, оиладорӣ, тарбияи фарзандон, эҳтироми волидайн, саховатмандӣ, дастгирии ятимон ва ғайра, бо дарназардошти манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади ҳимояи анъанаҳои миллӣ ташаккул ёфта, дар шароити гуногуни таърихӣ инкишоф меёбанд. Арзишҳои миллии фарҳангӣ-тамаддунӣ, ки дар заминаи онҳо ҷомеаи тоҷикон дар тули ҳазорсолаҳо арзи ҳастӣ дорад, аз насл ба насл гузашта, бо баробари ташаккули низоми ҳуқукии миллӣ шакли ифодаи ҳуқуқӣ пайдо мекунанд.

Олимони муосир муътақиданд, ки меъёрҳо ва арзишҳои конститутсионӣ на танҳо дар заминаи дониши ҳуқуқӣ, шуур ва фарҳанги ҳуқуқӣ, балки дар робита бо фарҳанги миллӣ, анъанаҳои миллӣ, одату анъанаҳо дарк карда мешаванд[1]. Дар

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Проблемаҳои амалия ва назарияи модернизатсияи фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021-2025)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1292.

[1] Раянов, Ф.М. Проблемы теории и практики правового государства. – Уфа: АН РБ, Гилем, 2013. – С. 163-164.

асарҳои илмӣ зарурати таҳқиқу дарки ғояи давлати ҳуқуқбунёд дар робита бо тамаддун махсус таъкид карда мешавад[1]. Тавре Ф.Х. Галиев қайд мекунад, фаъолияти инсон аз тасаввуроте, ки инсон дар тули ҳаёташ «аз сарчашмаҳои гуногун, аз он ҷумла ахлоқ, анъанаҳо, дин ба даст меорад, вобастагӣ дорад»[2]. Ба ақидаи О.В. Орлов паҳн намудани ғояҳои миллӣ, маънавӣ-сиёсӣ тавассути иттилоотонии ҳуқуқии аҳолӣ нақши муҳим дорад[3]. Унсурҳои равонии шуури ҳуқуқӣ, ки бо анъанаҳои миллӣ робита доранд, устувор буда, ба пойдории анъанаҳои таърихӣ, арзишҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ мусоидат мекунанд[4].

Арзишҳои ҳуқуқие, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ пазируфта мешаванд, ба мисли «давлати ҳуқуқбунёд», «давлати иҷтимоӣ», «ҳуқуқҳои инсон», «баробарҳуқуқӣ», «озодӣ» ва дигар дар Конститутсияи ҷумҳурӣ ифодаи худро ёфтаанд. Айни замон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ, арзишҳои миллии ахлоқӣ-маънавӣ, арзишҳои устувори равонӣ, унсурҳои моддӣ ва маънавии фарҳанги миллӣ ифодаи худро ёфтаанд. Моҳияти арзишҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ки дар Конститутсияи ҷумҳурӣ ифода ёфтаанд, тағйирнопазир буда, рушди устувори ҷомеа ва давлатро таъмин мекунанд.

Мутафаккирони форсу тоҷик ба дарки моҳият ва паҳлуҳои ҷудогонаи давлат, аз он ҷумла вазифаҳои иҷтимоии давлат таваҷҷуҳи зиёд медоданд. Айни замон инкишофи таърихӣ, мазмун ва шаклҳои ифодаи андешаи давлати иҷтимоӣ дар асарҳои мутафаккирони форсу тоҷик дар таносуб бо афкори Ғарб хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар назарияи фалсафӣ-ахлоқии файласуфони Шарқ (Форобӣ, Ибни Сино, Насуриддини Тӯсӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва диг.) андешаи давлати иҷтимоӣ дар иртибот бо ғояи «давлати намунавӣ», дар доираи фалсафаи шарқӣ, анъанаҳои аҷамии давлатдорӣ, назарияи ормонӣ пешбарӣ мешавад. Ҳадафи асосии онро барпо намудани давлати беҳтарин баҳри таъмини шароити хуби зисти одамон ташкил медиҳад[5].

Абӯ-Наср ал-Форобӣ ва Абӯ Али Ибни Сино тарафдори «мадинаи фозила» буданд, ки дар он ҳокимиятдорон баҳри манфиатҳои умум ва хушбахтии одамон саъю талош доранд[6]. Фороби вазифаи иҷтимоии давлатро дар пойдории адолат, маърифати мардум, таҳсил ва донишомӯзӣ, тарбияи ахлоқиву зеҳнии халқ, паҳн гаштани некӣ ва

---

[1] Раянов, Ф.М. Трудный путь к правовому государству. – Уфа: Башкортостан, 1999. – С. 72.

[2] Галиев, Ф.Х. Конституционные основы правовой культуры // Ученые записки юридического факультета. Вып. 44-47. – СПб.: Санкт-Петербургский государственный экономический университет, 2017. – С. 23.

[3] Орлов, О.В. Политико-правовая культура личности – фактор формирования гражданского общества // Труды института государства и права Российской академии наук. – 2013. – № 1. – С. 37.

[4] Шарофзода, Р.Ш. Устойчивость социально-правовых ценностей как условие эффективности профессиональной деятельности сотрудников органов внутренних дел Республики Таджикистан // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2022. – № 4 (56). – С. 98-108; Шарофзода, Р.Ш. Риски профессиональной правоохранительной деятельности в контексте интеграции правовых и моральных норм и ценностей // Труды Академии МВД РТ. – 2022. – № 2 (54) . – С. 46-54; Шарофзода, Р.Ш. Морально-нравственные императивы профессиональной деятельности сотрудников органов внутренних дел // Труды Академии МВД РТ. – 2022. –№ 1(53). – С. 76-85; Шарофзода, Р.Ш. Проблемы обеспечения устойчивости профессионального правосознания юристов на фоне трансформационных процессов // Правовая жизнь. – Душанбе – 2023. - № 1 (41). – С. 12-29; Шарофзода, Р.Ш. Проблемы обеспечения устойчивости профессионального правосознания юристов на фоне трансформационных процессов // Правовая жизнь. – Душанбе – 2023. – № 1 (41). – С. 12-29.

[5] Оид ба нуктаҳои назар дар бораи давлат дар афкори Шарқи исломӣ муфассал ниг.: Сюкияйнен, Л.Р. Политическая и правовая мысль Арабского Востока // История политических и правовых учений / Под ред. В.С. Нерсесянца. - М., 1999; Сативалдыев, Р.Ш. Политическая и правовая мысль раннесредневекового мусульманского Востока: монография. – Душанбе, 1999; Сотиволдиев, Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2011.

[6] Оид ба «мадинаи фозила» ва «мадинаи ҷоҳила» муфассал ниг.: Фараби. Трактат о взглядах жителей добродетельного города // Григорян С.Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII-XII вв. – М., 1960.

ахлоқи ҳамида мебинад. Мақсади асосии давлат, ба андешаи ӯ, дар таъмини хушбахтии одамон аст[1].

Абӯалӣ ибни Сино мақоми баланди инсонро дар олами ҳастӣ эътироф мекунад. Ӯ дар асараш «Тадбири манзил» аз ҷумла менависад: «Худованди қодири мутаол хасоисе аз неъматҳои худро ба бани навъи инсон ихтисос дода ва сабаби онҳо мақоми одамиро дар миёни коинот аз бисёре аз махлуқоташ бартару болотар намудааст»[2]. Ин ақидаи олим ва мутафаккири барҷастаи тоҷик якчанд аср пеш аз ифодаи ғояи арзиши волои инсон дар таҷрибаи ҷаҳонии конститутсионӣ пешниҳод шуда буд. Ақидаи Абӯалӣ ибни Сино дар шароити имрӯзаи эътирофи арзиши олии инсон дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва конститутсияҳои демократӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Файласуфи тоҷик якчанд қарн пеш аз афкори Аврупо оид ба арзиш, мақоми баланд, қадри инсон ҳарф зада буд. Ва танҳо пас аз якчанд асрҳо, асосан дар давраи инқилобҳои буржуазии Аврупо (асрхои XVII-XVIII) андешаи ҳуқуқҳои фитрии инсон дар робита бо мақоми баландаш дар ҳуҷҷатҳои аврупоӣ (Эъломияи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванди Фаронса аз соли 1789, Конститутсияи Фаронса аз соли 1791 ва диг.) эътироф мешаванд.

Ин ақидаро мутафаккирони дигари форсу тоҷик низ ҳимоя ва тарғиб намудаанд. Чунончи, Насируддини Тӯсӣ инсонро «ашрафи мавҷудоти ин олам» меномад. Тавре ӯ дар «Ахлоқи Носирӣ» менависад, «инсон дар фитрат мартабаи вусто ёфтааст ва миёни маротиби коинот афтода ва ӯро роҳ аст ба иродат ба мартабаи аъло ва ё ба табиат ба мартабаи адно»[3].

Низомулмулк вазифаи асосии давлатро дар ғамхорӣ нисбат ба раъият, беҳтар намудани шароити зиндагии онҳо, таъмини амнияти одамон мебинад. Ӯ давлати адолатпешаро ҳамчун шакли беҳтари давлатдорӣ, ки дар он вазифаҳои иҷтимоӣ дар соҳаи таъмини некӯаҳволӣ, амнияти одамон ва ҷомеа, тартиботи устувори ҷомеа бо сомон мерасанд, ҳимоя мекунад[4].

Нзомулмулк зимни ҳимояи ғояи давлатдории миллӣ ба таҷрибаи давлатдории аҷам, алалхусус, Анӯшервон такя мекунад. Тибқи маълумоти Б. Ғафуров, Низомулмулк дар ташкили идоракунии давлат «ба таҷрибаи замони Сомониён такя менамуд ва баҳри эҳёи анъанаҳои фарҳангии он кӯшиш ба харҷ медод»[5]. Ба андешаи Низомулмулк давлат вазифаҳои иҷтимоиро дар соҳаи сохтомони шаҳрҳо, ободонии деҳот, обёрикунии заминҳои ҳосилхез, сохтмони каналҳо, пулҳои калон ва дигар ба зимма дорад[6]. Тибқи маълумоти Б. Ғафуров «ба туфайли фаъолияти Низомулмулк идоракунии давлати Салҷуқиён ба низом дароварда шуда буд»[7].

Абдураҳмони Ҷомӣ ҳокимиятро ҳамчун воситаи таъмини ҳаёти арзанда, хизмати иҷтимоӣ ба одамон, пойдории некиву адолат дарк мекунад. Ҳифзи ҳуқуқҳои раъият, пеш аз ҳама, аҳолии камбизоат вазифаи аввалиндараҷаи давлат эътироф мешавад. Ба ақидаи мутафаккир, «олам танҳо тариқи адолат обод мешавад, зулм бошад, онро хароб мекунад». Подшоҳони аҷам, алалхусус, Анӯшервон ҳамчун подшоҳи одил, ҳимоягари манфиатҳои одамон тасвир карда мешаванд[8].

Абдураҳмони Ҷомӣ ваҳдати иҷтимоиро заминаи муҳимми амалӣ гаштани ҳадафҳои иҷтимоии давлат мешуморад. Мутафаккир аз андешаҳои «якдилии аъзои

---

[1] Фараби. Трактат о взглядах жителей добродетельного города / Пер с арабского И.О. Мухаммеда и А.В. Сагадеева // Философские трактаты. – Алма-Ата, 1971. – С. 158, 176. - С. 191-377.
[2] Сотиволдиев, Р.Ш. Таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2011. – С. 162.
[3] Ҳмон ҷо. – С. 170.
[4] Сиасет-намэ. Книга о правлении везира XI столетия Низам ал-мулька / Перевод, введение и примечания проф. Б.Н. Заходера. – М.- Л., 1949. – С. 14. – 379 с.
[5] Гафуров, Б.Г. Таджики: Древнейшая, древняя и средневековая история. – М., 1972. – С. 396.
[6] Ниг.: Сиасет-намэ. – С. 36-41.
[7] Ғафуров, Б. Асари ишорашуда. – С. 396.
[8] Ҷомӣ. Асарҳо. – Душанбе, 1989. – С. 209.

ҷомеа», «муттаҳидии иҷтимоӣ» пуштибонӣ мекунад. Ҳаёти осудаҳолона заминаи пешрафти давлат буда, зимни иҷрои вазифаҳои иҷтимоии давлат дар соҳаи ҳимояи одамон, таъмини сулҳу суботи ҷомеа, «амнияти халқ» таъмин мешавад. Ин ақидаҳои мутафаккир дар замони мо низ аҳаммияти фарҳангӣ ва сиёсӣ доранд. Маъмулан дар назарияҳои муосири давлати иҷтимоӣ зарурати кафолати манфиатҳои иҷтимоӣ, ваҳдати иҷтимоӣ, созиши иҷтимоӣ ҳамчун заминаи рушди ҷомеа пазируфта мешавад. Абдураҳмони Ҷомӣ якчанд аср пеш аз пешбарии ин ақидаҳо зарурат ва аҳаммияти ваҳдати иҷтимоиро ҳамчун вазифаи давлат дарк намуда буд.

Абдураҳмони Ҷомӣ ақидаи қадршиносии инсонро тарғиб мекунад, сифатҳои баланди ахлоқии инсонро ҳимоя мекунад, қадри инсонро баланд мебардорад, аъзои ҷомеаро ба ҳимояи манфиатҳои давлат даъват мекунад, ғояи баробарии одамонро сарфи назар аз мансубияти милливу динӣ пешниҳод мекунад, ҳадафи асосии ҳаёти инсонро дар якдилӣ ва муносибати бародаронаи одамон мебинад. Абдураҳмони Ҷомӣ намояндаи барҷастаи равияи инсондӯстӣ (гуманизм) мебошад, ба қобилияту истеъдоди беандозаи инсон боварии комил дорад, ҳуқуқи инсонро ба ҳаёти арзанда ҳимоя мекунад. Адураҳмони Ҷомӣ давлатро ҳамчун кафили таъмини қадри баланди инсон ва ҳуқуқҳояш эълон мекунад, идоракуни оқилонаи давлатро заминаи ҳаёти хушбахтонаи инсон мешуморад, паҳлуҳои гуногуни санъати давлатдориро таҳлил мекунад, афзалияти меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқиро дар идоракунии давлатӣ эътироф мекунад.

Абдураҳмони Ҷомӣ якчанд қарн пеш аз мутафакирони Ғарб, аз ҷумла гуманизми аврупоӣ, оид ба зарурати қадршиносии инсон ибрози андеша намуда, ғояи қадри баланди инсон ва ҳуқуқҳояшро ҳимоя мекунад. Ақидаҳои гуманитарии Абдураҳмони Ҷомӣ ва мутафаккирони дигари форсу тоҷик пеш аз гуманизми аврупоӣ пешниҳод шуда буданд ва имрӯз ифодаи конститутсиониро дар давлатҳои мутамаддин пайдо намудаанд.

E-mail: a.u.a.2310@gmail.com

Конституция является фундаментом правового государства, определяя основные принципы организации власти, права и свободы человека. В современных условиях, когда прогрессирует преступность и правоохранительная система сталкивается с новыми вызовами, многократно возрастает актуальность в целом развития правового просвещения среди населения, и в частности правового воспитания сотрудников правоохранительных органов. Именно конституционные нормы, являющиеся основой правового государства, играют ключевую роль в формировании правового сознания общества и профессионально-правовой этики сотрудников правоохранительных органов, способствуя повышению качества их работы и укреплению доверия населения к правоохранительным органам.

Принятая в 1994 году Конституция Республики Таджикистан[1] является важнейшим шагом на пути к построению демократического и правового общества, а также сыграла ключевую роль в развитии правового просвещения среди населения, и в частности, правового воспитания сотрудников правоохранительных органов республики. В системе правоохранительных органов важная роль отводиться органам внутренних дел, так как свои основные задачи данные органы реализуют в тесной взаимосвязи с населением и находятся на передовой в борьбе с преступлениями и преступностью. В связи с этим, можно сказать, что от уровня правового воспитания сотрудников органов внутренних дел зависит степень доверия населения к данным органам, а также эффективность реализации правоохранительных функций.

* Статья подготовлена в рамках реализации научно-исследовательской темы «Правовое воспитание и политическая культура сотрудников правоохранительных органов в условиях трансформирующегося общества Республики Таджикистан: проблемы и стратегия развития (2023-2028 годы)», которая финансируется за счет средств государственного бюджета Республики Таджикистан. Государственный регистрационный номер: 0121TJ1289.

[1] Конституция Республики Таджикистан от 06.11.1994 года (изменения и дополнения: 26.09.1999; 22.06.2003; 22.05.2016) // [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://mmk.tj (дата обращения: 01.07.2024).

По мнению Н.В. Сердюка и С.А. Пушкарева, правовое воспитание в органах внутренних дел исходит из понятия самого правового воспитания, формирует у сотрудников навыки и привычки активного правового поведения, обеспечивающие правильное понимание и исполнение государственной правоохранительной политики, которая направлена на благо общества[1].

То есть, правовое воспитание сотрудников органов внутренних дел должно иметь конкретный, эффективный и целенаправленный характер, и являться важнейшим средством формирования правового сознания сотрудников. Основным источником развития правовых знаний у сотрудников органов внутренних дел должны быть конституционные нормы.

Конституционные основы правового воспитания сотрудников органов внутренних дел исходят из Конституции Республики Таджикистан, которая закрепляет принципы правового государства, верховенства права, соблюдения прав и свобод человека, а также разделения властей. Эти принципы являются неотъемлемой частью правового воспитания сотрудников органов внутренних дел. Конституционные нормы определяют основные задачи правоохранительных органов, их функции, полномочия и ответственность перед обществом.

В тоже время, Конституция Республики Таджикистан предоставляет конституционные гарантии правового воспитания, гарантируя право каждого гражданина на получение образования, включая правовое воспитание. В частности, статья 41 Конституции Республики Таджикистан провозглашает: «Каждый имеет право на образование. Общее основное образование обязательно. Государство гарантирует общее основное обязательное бесплатное образование в учебных заведениях». Статья 30 гарантирует свободу слова и свободу печати, что способствует распространению правовой информации[2].

Конституция Республики Таджикистан устанавливает рамки для правового просвещения, определяя ключевые направления, такие как:

– пропаганда прав и свобод человека – статья 17 Конституции гарантирует равенство всех перед законом;

– повышение правовой грамотности граждан – статья 19 Конституции провозглашает право каждого гражданина на защиту своих прав и интересов в суде;

– развитие правовой культуры – статья 26 Конституции гарантирует право каждого гражданина на свободу вероисповедания[3].

Конституционные нормы, основанные на конституционных принципах, в развитии правового воспитания имеют особое влияние. Конституционные нормы, такие как верховенства закона, провозглашающие равенство всех перед законом, разделение властей, независимость суда, право на защиту, уважение прав человека формируют у сотрудников органов внутренних дел понимание важности соблюдения закона, уважения прав и свобод человека. Правовое воспитание, основанное на конституционных принципах, способствует формированию у сотрудников правового мышления, этических норм, ответственности за свои действия и уважения к правам граждан.

Так, правовое воспитание - это часть всего процесса духовного формирования личности, без которого нельзя обойтись при становлении правового государства.

---

[1] Теория и технологии воспитания сотрудников органов внутренних дел Российской Федерации: учебно-методическое пособие / под ред. д-ра пед. наук, доцента Н.В. Сердюк. – М.: Академия управления МВД России, 2017. - С.70; Пушкарев, С.А. Правовые ценности в профессиональной деятельности сотрудников органов внутренних дел: автореф. дис. … канд. юрид. Наук: 12.00.01 / С.А. Пушкарев. – Ростов-на-Дону, 2009. – 24 с.

[2] Конституция Республики Таджикистан от 06.11.1994 года (изменения и дополнения: 26.09.1999; 22.06.2003; 22.05.2016) // [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://mmk.tj (дата обращения: 01.07.2024).

[3] Там же.

Оно обусловлено усилением роли права, пониманием его значения как объективной действительности и отвечает потребностям демократии, укрепления правопорядка и законности[1].

Правовое воспитание сотрудников органов внутренних дел имеет ряд особенностей, обусловленных спецификой их профессиональной деятельности. Оно должно включать в себя:

– изучение конституционных норм и законодательства, регулирующего правоохранительную деятельность;

– обучение принципам законности, справедливости и гуманизма;

– развитие навыков профессиональной этики, культуры поведения и общения;

– повышение уровня правовой грамотности, необходимой для эффективного исполнения служебных обязанностей.

Реализация конституционных норм в правовом воспитании сотрудников органов внутренних дел осуществляется через различные механизмы, такие как:

1) Образовательные программы.

В учебных заведениях МВД Республики Таджикистан обучение строится на основе конституционных принципов, с акцентом на изучение прав человека, законности и справедливости.

2) Профессиональная подготовка.

Систематическое обучение и повышение квалификации сотрудников органов внутренних дел, направленное на углубление знаний конституционного права и развитие навыков правомерного применения законодательства.

3) Этические кодексы.

Разработка и внедрение этических кодексов, устанавливающих стандарты профессионального поведения, основанные на конституционных принципах.

4) Пропаганда и информационные кампании.

Проведение информационных кампаний и мероприятий, направленных на повышение осведомленности сотрудников органов внутренних дел о конституционных нормах и их роли в правоохранительной деятельности.

Несмотря на конституционные гарантии и значительные усилия, направленные на развитие правового воспитания сотрудников органов внутренних дел, для дальнейшего развития правового воспитания в органах внутренних дел необходимо решать ряд проблем, таких как:

– недостаток ресурсов и финансирования образовательных программ;

– отсутствие единой системы правового воспитания в органах внутренних дел;

– недостаточная практическая применимость правовых знаний сотрудников в повседневной деятельности;

– слабая координация между государственными органами и общественными организациями.

Ряд авторов придерживаются общепринятого мнения, что правовое воспитание - целенаправленная, организационно налаженная, систематическая деятельность государства, его органов, граждан и общественных объединений по формированию правовых знаний и повышению качества правовой культуры[2].

---

[1] Азими, У.А. Кадровое обеспечение органов внутренних дел Таджикистана: историко-правовой анализ: дис. … к-та юрид. Наук: 12.00.01 / У.А. Азими. – Душанбе, 2020. - С.76.

[2] Сотиволдиев, Р.Ш. Теория государства и права: учебник для вузов. – Душанбе: Империал-Групп, 2009. - С. 322-323; Насурдинов, Э.С. Формирование правовой культуры в Республике Таджикистан в условиях углубления культурно-цивилизационных различий: проблемы теории и практики: дис. … д-ра юрид. Наук: 12.00.01 / Э.С. Насурдинов. – Душанбе, 2014. - С.290; Крыгина, И.А. Правовая культура, правовое воспитание и управление правовоспитательным процессом в современном

Для эффективной реализации конституционных принципов в сфере правового просвещения и повышения уровня развития правового воспитания сотрудников органов внутренних дел необходимо:

– усилить финансовое обеспечение образовательных программ;

– укрепить практическую составляющую образовательного процесса, создавая условия для отработки практических навыков применения правовых норм;

– разработать единую систему правового воспитания, включающую все этапы профессиональной подготовки сотрудников;

– усилить взаимодействие между государственными органами и общественными организациями;

– развивать информационные технологии для повышения доступности правовой информации;

– проводить регулярные оценки эффективности правового воспитания и внесение необходимых корректировок в образовательные программы.

Таким образом, необходимо отметить, что Конституция Республики Таджикистан создает прочную основу для развития правового воспитания, гарантируя право граждан на образование, свободу слова и свободу печати. На наш взгляд, важно использовать эти гарантии для реализации эффективных программ правового воспитания, направленных на формирование правового сознания и культуры населения страны, и в частности сотрудников органов внутренних дел, что в свою очередь способствует устойчивому развитию правового государства.

**ТДУ 321.1**

# БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪНАВИЁТИ ҶАВОНОН ДАР РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

## ПОВЫШЕНИЕ ДУХОВНОСТИ МОЛОДЕЖИ В ПРОЦЕССЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**ҒАФУРӢ МЕҲРИДИН САДРИДДИН**
*Сардори факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. полковники милитсия*
gmc-78@yandex.ru

Дар шароити кунунӣ Паёми Роҳбари давлат аҳаммияти муҳимми сиёсиву давлатдорӣ дошта, дар худ нишонаҳои ҷомеаи демократиро инъикос менамояд ва он аз ҷониби мардум ҳамчун дастур ва роҳнамои самти фаъолият ва дурнамои рушди Тоҷикистон пазируфта мешавад. Паёми навбатии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар бо хусусиятҳои худ аз Паёмҳои қаблӣ фарқ дошт. Президенти кишвар давраи 33 соли давраи соҳибистиқлолиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, даҳаи аввал яъне солҳои 90-умро ҳамчун марҳилаи озмоиши бисёр сахту сангини таърихӣ баён намуданд. Зеро ноороми дохилӣ ва

российском обществе: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / А.А. Крыгина. – Ростов-на-Дону, 1999; Пушкарев, С.А. Правовые ценности в профессиональной деятельности сотрудников органов внутренних дел: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / С.А. Пушкарев. – Ростов-на-Дону, 2009. – 24 с.

шароити вазнини сиёсиву иҷтимоии дохилии кишвар хатари аз байн рафтани якпорчагии давлати тозаистиқлолро ба вуҷуд овард.

Хушбахтона, баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ҳайси Раиси шуро интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси ҳаллу фасли мушкилотҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва барқарорсозии тартиботу амният дар кишвар гардид. Чуноне ки дар Паёми Пешвои миллат дар ин маврид зикр гардид: «Дар чунин шароити ниҳоят мураккабу душвори ҷамъиятиву сиёсӣ, яъне дар вазъияте, ки дар пойтахти кишвар ташкил ва баргузор намудани ягон чорабинии сиёсӣ ғайриимкон буд, Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид, ки дар ҷараёни он нахустин қарорҳо ҷиҳати қатъи ҷангу хунрезӣ, таъмин намудани суботу оромӣ, сарҷамъ сохтани миллати тоҷик ва барқарорсозии сохти конститутсионӣ қабул карда шуданд». Баробар ба даст омадани сулҳу оромӣ дар кишвар дар фосилаи кӯтоҳ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор оид ба ҳалли муаммои об дар ҷаҳон шинохта шуд. Воқеъан, чунин дастоварди назаррас дар самти сиёсати хориҷӣ, ки Тоҷикистон ноил гардид на ба ҳама давлатҳои ҷаҳон муяссар мегардад.

Пешвои миилат дар идомаи Паёми хеш ду даҳсолаи баъдинаро марҳилаи рушди устувори Тоҷикистон ҳисобида, торафт баланд гардидани нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиро яке аз омилҳои асосии аз ҷониби мардум дастгирӣ ёфтани сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ арзёбӣ намуданд. Дар воқеъ амалӣ намудани тамоми нақшаву ҳадафҳои давлтӣ танҳо дар ҳолати дастгирии мардум ва тавъам омадани манфиати бахшҳои ҳаёти ҷомеа имконпазир ва босамар мегардад. Аз ин рӯ, кӯшишу талоши шаҳрвандони низ барои амалӣ намудани ҳаргуна стартегияву барномаҳои давлатӣ, ки ҳадафаи ҳамаи онҳо беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум ба ҳисоб меравад бисёр муҳим мебошад.

Дар ин иртибот агар дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ масалаи асосӣ ҳалли муаммоҳои соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бошанд, ҳоло чанд соли охир яке аз мақсадҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ рушди нерӯи инсонӣ мебошад, ки он барои фароҳам намудани сатҳи боз ҳам беҳтари зиндагии мардум ва рушди давлат нигаронида шудааст.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти кишварамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои охир нисбати ин масъала дар Паёмҳои солонаи хеш таваҷҷӯҳи хосса намуда, ҷиҳати рушди нерӯи ҷавонон, баланд бардоштани донишу маърифат, малака, забондонӣ ва касбомӯзии онҳо диққати махсус зоҳир менамоянд. Аз ҷумла дар таърихи 22.12.2016 дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ ба мавзуи рушди нерӯи инсонӣ махсус таъкид намуданд, ки «Дар панҷ соли оянда фаъолияти Ҳукумат ба баланд бардоштани сифати рушди нерӯи инсонӣ нигаронида шудаба масъалаҳои илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи муҳити зист ва шуғл диққати ҷиддӣ дода мешавад ва дар натиҷаи амалӣ гардидани чунин тадбирҳо Тоҷикистон дорои сатҳи баланди рушди инсонӣ мегардад». Аз рӯи ин гуфтаҳо, метавон чунин хулоса намуд, ки Роҳбари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани нерӯи инсониро аз муҳимтарин масъалаҳои давлатӣ шуморида, барои инкишофи сармояи инсонӣ шароити мусоид фароҳам карданро аз вазифаҳои таъхирнопазири ҳукумати мамлакат медонанд.

Аз назари Роҳбари давлат сифати нерӯи инсонӣ ҳарчи баланд бошад, ҳамон андоза имконияти рушду инкишофи давлат низ бештар мегардад. Ба андешаи Пешвои миллат пешрафти соҳаи маориф омили асосии рушди нерӯи инсонӣ арзёбӣ намуданд: «Мо чунин мешуморем, ки бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди нерӯи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад».

Чуноне ки дар Паём Роҳбари давлат ишора намуданд, аксарияти давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ҳамон кишварҳое маҳсуб меёбанд, ки бо истифода аз нерӯи инсонӣ ба дастовардҳои баланди иқтисодӣ ноил гардидаанд. Аз рӯи мантиқи ин гуфтаҳо

метавон мушоҳида намуд, ки аксарияти давлатҳои пешрафта на аз ҳисоби захираҳои бузурги зеризаминӣ, баръакс бештари онҳо бо истифода аз рушди нерӯи инсонӣ – ихтирооти нави илмиву техникӣ ва бунёдкориву созандагӣ ба муваффақиятҳои назаррас шарафёб гаштанд. Мисол, Ҷопон, Сингапур, Малайзия ва ғ. Хулоса, танҳо ба умеди захираҳои зеризаминӣ шудан кофӣ нест. Барои дар оянда ноил гардидан ба пешрафту комёбиҳои назаррас рӯ овардан ба илму техника ва технологияи муосир яке аз омилҳои асосии рушд ба ҳисоб меравад.

Дар воқеъ аз назари захираи нерӯи инсонӣ мо боигарии бузург дар ихтиёр дорем. Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози синну соли аҳолӣ давлати ҷавон ба шумор рафта, мувофиқи нишондоди оморӣ, ҷавонони синнашон то 30-сола 70% аҳолии кишварро ташкил медиҳанд. Аз сабаби он, ки ҷавонон қисми бузурги аҳолии кишварро ташкил медиҳанд, тасмими баланд бардоштани сифати нерӯи инсонӣ аз ҷониби Роҳбари давлат махсусан нисбати ин қишри ҷомеа нигаронида шудааст. Дар ҳақиқат сармояи бузурги ҳар давлат ҷавонони созандаву бунёдкор ва босаводу худшинос маҳсуб меёбад. Пас масъалаи беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбия ва афзун кардани нерӯи ҷавонон масъалаи ҳамешагии давлат ба ҳисоб рафта, он ба рушди минбаъдаи давлат аҳамият хосса касб менамояд.

Вазифаи ҳар як соҳибватан ин пеш аз ҳама арҷ гузоштан ба фарҳангу таърихи бостонии миллат ва омӯхтани он инчунин аз худ кардани мероси ҷовидонаи садҳо ҳазорон фарзандони фарзонаи халқамон, яъне шоирону адибон ва олимону мутафаккирони барҷастаи миллат мебошад.

Нуқтаи меҳвари Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ маҳз талқини илмомӯзӣ буд. Сарвари давлат аз аввал то анҷоми паёми хеш танҳо бар ин таъкид доштанд, ки танҳотавасссути омӯхтани илму дониш, фаро гирифтани чанд забони хориҷӣ метавон ба рушди бештари илм, техникаю технологияи навтарин ва дигар самтҳои муҳиму пешрафтаи илми ҷаҳонӣ дастрасӣ пайдо намуд.

Оре доништ ва фаҳмиши илмӣ дар бораи ҷаҳони гирду атороф ба инсоният имкон метияд, ки роҳи ҳалли мушкило дорои хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро пайдо кунад ва рушди устуворро дар якҷоягӣ бо ҳифзи муҳити зист таъмин намояд.

Масъалаи аз ҳама муҳим ин баланд бардоштани маънавиёти ҷавонон мебошад, ки ин маҷмуи амалҳо ва тадбирҳои давлатию ҷамъиятӣ дар самти тарбияи талқини ҷавонон дар рӯҳияи фарҳангдӯстӣ, инсондустӣ, шинохти арзишҳои таърихӣ ва фарҳанги миллӣ, дарки асосҳои ахлоқӣ ва эътиқодии динии хеш ва дурӣ ҷустан аз хурофотгароӣ ва бегонапарварӣ мебошад. Сарвари давлат хурофотро таъқид намуда, изҳор доштанд, ки “Хурофот ҷаҳолат аст ва ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва давлат мегардад”. Ҳамқадами замон буданро бошад, талқин менамояд. Ба ақидаи Пешвои миллат, ягона роҳи дуруст барои ҳамқадами замон будан ва рушди давлату ҷомеаро таъмин кардан ин омӯзиши илму дониш, хусусан илмҳои табиӣ, риёзӣ дақиқ ва аз худ кардани касбу ҳунар мебошад. Зеро бо бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ҷомеа ба ҷое намерасад.

Тасмими Роҳбари давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон оид ба баланд бардоштани сифати нерӯи инсонӣ бо тафаккури созандагиву бунёдкорӣ иртиботи ногусастанӣ дорад. Тафаккури созандагӣ ва бунёдкорӣ дар байни мардум андешаеро ба вуҷуд меоварад, ки тамоми нерӯи зеҳниву ҷисмонии онҳо, пеш аз ҳама, ҷавонон, ба самти ободкориву созандагӣ равона гардад. Тафаккури созандагӣ барои бунёди зиндагии хуб, саҳм доштан дар ободии ҷомеа ва пешрафти кишвар дар ҳифзи суботу оромӣ ва ҳам ба тақвияти бештари суръати рушди ҳамаҷонибаи давлату миллат мусоидат менамояд. Аз ин хотир, инкишофи малакаву маҳорати илмиву эҷодӣ ва ҳам ҷисмонии

ҷавонон дар қатори масъалаҳои муҳимтарин дар маркази диққати Ҳукумати кишвар қарор хоҳад гирифт.

Умуман, дар ҳолати фароҳам овардани шароити мусоид барои шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон сифати нерӯи инсонӣ баланд гардида, иқтидори зеҳниву ҷисмонии аҳолӣ ба самти созандагиву ободкорӣ равона хоҳад шуд. Бо ин васила солимии ҷомеа ва суботи сиёсии ҷомеаро таъмин намуда, ба дастовардҳои назарраси иҷтимову иқтисодӣ ноил хоҳем гашт.

Дар самти рушди нерӯи инсонӣ таълиму тарбияи ҷавонони худшинос, худогоҳ, бомаърифат ва хештаншинос ва соҳибкасб муҳим буда, маҳз чунин ашхос барои ободиву пешрафти ҷомеа саҳми арзанда хоҳанд гузошт бо баланд гардидани маънавиёти ҷавонон пеши роҳи падидаҳои номатлуб, вуруди таҳдидҳои замони муосир, вайроншавии оилаҳои ҷавон, таҳқиру гаппартоиҳои бемаънӣ, дағалгуфториву дағалрафторӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ гирифта шуда, одобу ахлоқи намунавӣ ва баланди инсонӣ дар шахсияти ҳар як ҷавон ташаккул меёбад.

Хулоса, имрӯз ҳадафи олии давлат ва қабули барномаву стратегияҳои давлатӣ фароҳам намудани зиндагии шоиста барои аҳолии кишвар мебошад. Дар ин иртибот дар ҳолати дуруст татбиқ ёфтани стратегияву барномаҳои давлатӣ ва супоришҳои Пешвои миллат оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди сифати нерӯи инсонӣ, имконияту тавоноии мардум дар роҳи созандагиву бунёдкорӣ боз ҳам афзун мегардад. Дар чунин маврид ҳар узви ҷомеа вобаста ба завқу тавоноии худ дар самту соҳаи муайяни ҷомеа фаъолияти босамар намуда, барои рушди ҳаёти шахсӣ, ободии ҷомеа ва пешрафти миллату давлати хеш саҳми муносиб хоҳанд гузошт.

**ТДУ 342.4**

## КОНСТИТУТСИЯ САНАДИ ТАҚДИРСОЗИ МИЛЛАТ

### КОНСТИТУЦИЯ СУДЬБОНОСНЫЙ АКТ НАЦИИ

**ДАВЛАТЗОДА МАЪРУФҶОН**
*Сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
E-mail: dmarufchon86@mail.ru

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба 30 солагии конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид.

Зеро дар саҳифаҳои дурахшони таърихи миллат санаҳои тақдирсоз ва муҳимме ҳастанд, ки онҳо боиси ифтихору сарфарозии мардуми кишваранд. 6 ноябр Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи чунин санаҳои муҳимми таърихӣ маҳсуб меёбад.

Рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаддастарин ва бузургтарин ҷашни мардуми тамаддунсоз дар таърихи халқи тоҷик мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давраи барои миллати тоҷик ҳассос ва сарнавиштсоз таҳия ва қабул гардид, имрӯз яке аз беҳтарин Конститутсияҳои дунё эътироф шудааст. Бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи давлатдории миллии тоҷикон таҳаввулоти бузург ба вуҷуд омад. Қабули Конститутсия дар роҳи бунёд ва ташаккули давлатдории миллии тоҷикон,

пайвастани он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ, таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши барҷастаи таърихӣ гузошт.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикосгари ормони тамоми халқи тоҷик буда, барои пойдории ҳокимияти конститутсионӣ, тақвияти рукнҳои давлатдории миллӣ, ноил гардидан ба дастовардҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, гуногунандешӣ заминаи мусоид ва боэътимоди ҳуқуқиро фароҳам овард. Яке аз зарфиятҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи башардӯстӣ буда, арзиши олӣ эътироф гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон шаҳодати ин гуфтаҳост. Бояд тазаккур дод, ки маҳз бо шарофати соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 мардуми Тоҷикистон тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсӣ қабул намуданд. Конститутсия баёнгари иродаи халқи Тоҷикистон ва дастоварди бузургу нодир ва ифтихори миллати тоҷик буда, маҳз бо шарофати таҳия ва қабули ин санади тақдирсоз роҳи рушди давлатдории миллии тоҷикон муайян гардид.

Ҳақ ба ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки 25 апрели соли 2008 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта буд: «рушди устувори сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар аз заминаҳои мустаҳками санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста аст». Дар партави гуфтаҳои Президенти кишвар, мо бояд барои такмили конститутсияи амалкунанда аҳаммияти махсус зоҳир намоем.

Мавриди зикр аст, ки бо назардошти равандҳои рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ се маротиба- солҳои 1999, 2003 ва 2016 тавассути баргузории раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Санаи 6 ноябри барои тамоми мардуми тоҷик, яке аз санаҳои тақдирсоз мебошад, зеро маҳз дар ҳамин рӯз бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, ки имсол мо 30- солагии онро ҷашн хоҳем гирифт. Ин сана барои мардуми мо, як санаи таърихӣ буда, сарнавишти имрӯзу фардои давлатамонро дар худ таҷассум менамояд. Таърих гувоҳ аст, ки дар Тоҷикистон аз соли 1929 то ба имрӯз, 5-маротиба, яъне дар солҳои 1929, 1931, 1937, 1978 ва 1994 конститутсия қабул гардида, Конститутсияи нави амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз конститутсияҳои гузашта, куллан фарқ дошта, меъёрҳои он мустақиман амал намуда, ба стандартҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.

Соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ба қабули Конститутсияи нави он асос гардид. Дар он хусусиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон гардиданд. Ҳарчанд баъзе меъёрҳои он бо конститутсияҳои собиқ ҶШСТ умумият доранд, вале баробари ин бисёр ҳолатҳои нав муқаррар карда шудаанд, ки хусусиятҳои давраи нави давлатдории Тоҷикистонро иникос мекунанд.

Дар таҳияи Конститутсияи ҷумҳури ба хусусиятҳои хоси иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию фарҳангӣ, давлатию ҳуқуқӣ, таърихию анъанавӣ ва мазҳабию миллӣ такя карда шуд. Дар таърихи давлатдории тоҷикон бори аввал матни Конститутсия ба забони давлатӣ – тоҷикӣ навишта шуд.

Аз вақти қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишварамон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Маҳз тайи ҳамин солҳо музокироти тӯлонии миёни тоҷикон, ки мақсад аз он таъмини сулҳу субот ва оромию баҳамоии тарафҳо буд, шурӯъ шуда, 27 июни соли 1997 бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба анҷом расид. Созишнома дар баробари ҳаллу фасли як қатор

масъалаҳои мубрами рӯз, ворид намудани тағйироту иловаҳоро ба Конуститутсия пешбинӣ намуд.

Барои амалӣ намудани ин ҳадаф якумин тағйиру илова ба Конститутсия 26 сентябри соли 1999 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба 31 моддаи Констиутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, ки ин тағйиру иловаҳо дар бобати ташкили Парламенти доимоамалкунандаи касбӣ – Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таъсиси мақоми нави дастаҷамъӣ – Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳост. Сипас, мутобиқи талаботи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1999 Шӯрои адлия таъсис дода шуд, ки дар як марҳилаи муайян фаъолият карда, рисолаташро ба иҷро расонид.

Ҳамзамон, пешрафти ҳаёти ҷомеа талаб менамуд, ки муқаррароту меъёрҳои конститутсионӣ такмил дода шуда, он ба талаботи давру замон мувофиқ гардонда мешуд. Тавре Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус дар Паём ба Маҷлиси Олӣ аз 4 апрели соли 2003 иброз намуда буданд: «…меъёрҳои Конститутсия бояд ба инкишофи равандҳои демократӣ дар ҷомеа ва танзими муносибатҳои нави иқтисодӣ мусоидат намояд». Бояд тазаккур дод, ки соли 1999 на ҳамаи камбудию нуқсонҳои Конститутсия ислоҳ гардида, норасоиҳои дар матн ҷойдошта бартараф карда шуданд. Ҳамин буд, ки як гурӯҳ аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббус баромад намуданд. Ин пешниҳоди намояндагони халқ, иборат аз ҳифзи арзишҳо ва дастовардҳое буданд, ки дар зарфи солҳои 1992-2003 ба даст омаданд. Тағйиру иловаҳо масъалаҳои зеринро дар бар мегирифтанд, аз ҷумла арзиши олӣ эътироф намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муҳлати ваколати Президент 7 солӣ на бештар аз ду муҳлат пай дар пай, мӯҳлати ваколатҳои судяҳо бошад аз 5 сол ба 10 сол дароз карда шуд инчунин муқаррароти интиқолӣ ва таҳриру тасҳеҳ.

Ҳамин тавр, бори дуюм – 22 июни соли 2003 ба 56 моддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардиданд, ки ин пеш аз ҳама, самараи заҳматҳои роҳбарияти давлат ва халқи Тоҷикистон аст. Халқи Тоҷикистон, амалан ихтиёри давлатдориро ба даст гирифта, асосҳои ҳуқуқии барпо намудани давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро гузошта, ислоҳоти конститутсиониро дар мамлакат амалӣ гардонид ва заминаҳои эҳёи миллиро фароҳам сохта, дар кишвар раванди бунёдкориро оғоз намуд.

Тағйиру иловаҳои сеюм ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он мебошад, ки рушди устувору босуботи ҷомеа, бахусус ҷомеаи муосири Тоҷикистон тақозо менамояд, ки меъёрҳои Конститутсия пайваста такмил дода шаванд. Такмили меъёрҳои Конститутсия дар навбати худ талаб менамояд, ки қонунгузории амалкунанда низ такмил ёбад. Инчунин бо дарназардошти рушди забони давлатӣ, ба инобат гирифтани қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми октябри соли 2011, №458 тасдиқ шудааст, зарурат пеш омадааст, ки матни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, истилоҳот ва ибораву калимаҳои он мукаммал гардонида шуда, вожаву таркибот тибқи меъёрҳои он дақиқ навишта шаванд. Зарурати дигари ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ба ҳам мутобиқ намудани меъёрҳои Қонуни асосӣ ба истилоҳу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Ин тағйироти Конститутсия барои рушди бемайлони соҳаҳои сиёсӣ, иктисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа мусоидат мекунад.

Конститутсия шаҳодатномаи ҳар як халқи соҳибистиқлол ва гувоҳномаи давлати озоду мустақил, санади танзимкунандаву муайянсозандаи низоми давлатдорӣ ва мухимтар аз ҳама кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст. Дар байни та-

моми арзишҳои ғайримоддии инсоният, ки дар ҷамъияти демократӣ зиндагӣ мекунанд ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олитарин мебошанд.

Васлгари пояҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд ва Конститутсия, инсон мебошад. Дар ҳар боб ва ҳар моддаи Конститутсияи кишвар, инсон, ҳуқуку озодиҳо, манфиатҳои ҳаётии он иникос ёфтааст. Шаҳрвандон сарфи назар аз милату нажод, ҷинсу забон, ақидаи динӣ, сиёсию иҷтимоӣ, маълумот ва молу мулк дар назди қонун баробаранд. Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибатҳои ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад, ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс, бадарға кардан мумкин нест. Ҳолати шаҳрвандии дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянгашта ба ҳар кас имкон медиҳад, ки озодона дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ ширкат варзад.

Конститутсия санади муқаддасест, ки сарнавишт ва роҳи минбаъдаи халқу давлатро бароиояндаи бардавом муайян мекунад. Конститутсия ба мо ҳуқуқ дод, ки баъди воқеаҳои нохуши таърихи кишвар дар бораи дигаргуниҳо, бунёдкориҳо, пешрафтҳо, тараққиёт бо фараҳ сухан ронему кору зиндагӣ кунем. Суханони Президенти кишвар Эмомали Раҳмон дар ин бобат қобили зикр аст, ки навиштааст: «Халқе, ки дар замираш тухми бунёдкорӣ ва созандагӣ рӯидааст, баояндаи нек умед баста метавонад. Конститутсияи кишвари мо аз замири халқ рӯидааст. Онро баояндаи неку обод роҳнамоӣ мекунад».

Маҳз, Конститутсияи Тоҷикистон эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва иҷтимоиро ҳамчун мароми халқи Тоҷикистон муқаррар намудааст. Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихи навини кишвар санади воқеан таърихӣ ва тақдирсози миллат буда, он истиқлолияти давлатии тоҷиконро дар сатҳи қонуни асосӣ тақвият бахшида, асосҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва самтҳои асосии таҳкиму пешрафти ҷомеаро мутобиқи меъёрҳои эътирофшудаи ҷаҳони муосир муқаррар намуд.

**ТДУ 372.8**

# НУРИ ҚОНУНИ АСОСӢ*

## ЛУЧ ОСНОВНОГО ЗАКОНА

**Давлатшозода Азиза**
*Сардори кафедраи забонҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, полковники милитсия*
E-mail: azizadavlat@mail.ru

Таърих гувоҳ аст, ки истифода аз як забони воҳид заминаи пешрафти давлатро мусоид месозад ва ба ташаккули миллате бо пайванди иҷтимоии қавӣ сабаб мешавад. Хушбахтона, миллати мо соҳиби чунин забон аст, забоне, ки реша дар умқи таърих дошту дорад ва гузаштаи пурифтихори он ба ҳар фарди меҳандӯст ва ҳисси баланди миллидошта равшан аст.

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблема ва сиёсати рушд (солҳои 2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1289.

Таърих гувоҳ аст, ки ин забон, яъне забони тоҷикӣ, дар асрҳои миёна дар шибҳи қора нақши байналмилалиро ифо мекард ва то замони соҳибистиқлолии кишвари маҳбубамон агарчи мақоми давлатӣ надошт, аммо дар умури сиёсиву иқтисодӣ ба кор мерафт.

Ин мафҳумро мо ду гуна арзёбӣ мекунем:

а) соҳибистиқлолии нисбӣ;

б) соҳибистиқлолии комил.

Соҳибистиқлолии нисбии мамлакати мо ба даврони Шуравӣ рост меояд, зеро ки бори нахуст, пас аз барҳам хӯрдани давлати Сомониён аз чанголи ҳокимони бегона раҳоӣ ёфтем ва дар ҳайати ҳокимияти Шуравӣ то ҳадде худро озод эҳсос кардем, аммо вобастагии мо ба марказ мустақилияти пурраи моро инкор мекард ва натиҷа ҷунбишҳои сиёсии охири солҳои 80 ва аввали солҳои 90, мусодиф ба вазъи бозсозии давраи М.С. Горбачев шуд, ки баробари мушкилоти ба сари халқи мо омада ниҳоятан истиқлоли комили хешро дарёфтем, ки аз ҷумла, ба масъалаи забон сахт алоқаманд аст.

Забони тоҷикӣ ҳарчанд ки дар замони Шуравӣ мақоми расмӣ пайдо кард, яъне Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон 22-юми июли соли 1989 қабул шуд, (бад-ин васила дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тағйироту иловаҳо ворид карда шуд), аммо ҷараёни ба забони сиёсӣ, иқтисодӣ ва илму фарҳанг табдил ёфтани он дар айёми истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, мушаххас бигӯем, баъд аз Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибтидо гирифтааст. Дар ҷиҳати воқеӣ шудани ин раванди пурарзиш саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басе бузург аст.

Танҳо бо кӯшишҳои пайгиронаи Пешвои муаззами миллат забони тоҷикӣ то ба имрӯз марҳилаи тозаеро дар масири рушди худ оғоз намуда ва роҳи тараққиёти бесобиқаро пеш гирифтааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар маросими таҷлили Рӯзи забон 22-июли соли 1996 ба ин нукта рӯ оварда гуфтаанд, ки «Иҷрои қонуни забон солҳои аввал дар шароити авҷи муборизаҳои сиёсиву мафкуравӣ ба вуқуъ мепайваст. Тарафҳои мусбат ва манфии ин талошу муборизаҳоро мову шумо бо чашми худамон дидем. Вале гузашти айём ва он дигаргуниҳое, ки баъди соҳибистиқлол шудани ҷумҳурии мо ба вуқуъ пайвастанд, ба бисёр масъалаҳои печида ва нофаҳмиҳои тарафҳои муқобил нуқта гузошт»[1].

Давлати мо дар раъйпурсии умумихалқӣ соҳиби Конститутсияи худ шуд, ки дар моддаи дувуми он зикр гардидааст: «Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо амал мекунад.

Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳақ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд»[2].

Акнун мо вазифадорем, ки нуктаҳои конститутсиониро дар бораи амали забони давлатӣ... (*ихтисори мо* - А.Д) иҷро кунем.

Ҷойи изҳори хушҳолист, ки бар рағми ҳама нодидагириҳо ва паст заданҳои шаъни ин забон, ки аз солҳои 20 ба ин сӯ шиори худкомагон қарор гирифт ва ҳатто дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ низ душманони миллат хостанд авзои муташанниҷи он айёмро доман бизананд ва аз пайи таҳқири ворисони забони ноби мо шуданд, аммо афроди бофарҳанг, чунонки ишорат намудем, дар дифои он бархостанд ва шароити лозимаро барои инкишофи он муҳайё сохтанд, яъне тири сухани фурсатталабон, ки шикасти давлати забонро интизор буданд, хок хӯрд. Зикри суханони шоири зиндаёд

[1] Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон. – Душанбе, 2011. – С.19.

[2] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2009. – С. 34.

Убайд Раҷаб ба муқобили он назарияпардозон, ки нобудии забони моро ба фол мегирифтанд, ин фурсат барҷо мебуд:

*Ҳар дам ба рӯйи ман*
*Гӯяд адӯйи ман,*
*К-ин шеваи дарии ту чун дуд меравад,*
*Нобуд мешавад,*
*Бовар намекунам,*
*Бовар намекунам*[1].

Дар даврони Истиқлол орзуи шоири шаҳири мо Лоиқ Шералӣ, ки бо мароми халқ пайванд садо медод, дар амал татбиқ шуд. Таваҷҷуҳ шавад ба ин ҳарфҳои шоир:

*Чун пойтахтатон тахти забон надорад,*
*Забон забони шумо нест*[2].

Суханони поён аз пиёда гардидани хостҳои деринаи мардуми шарифи мо дарак медиҳанд:

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми табрикотии хеш ба муносибати Рӯзи забон 21-уми июли соли 2009 бо овардани далоили илмӣ ва амалӣ дар бахши густариши забони давлатӣ ва танзими истилоҳоти илмӣ дар риштаҳои илм ва технологияи муосир, татбиқи ҳадафмандона ва риояи ҳатмии Қонуни забон дар ҷумҳурӣ зарурати таъсиси сохтори наверо бо номи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

5-уми октябри соли 2010 ба муносибати рӯзи Забон фармуда буданд, ки «Масъалаи истилоҳот ва махсусан таҳияи истилоҳоти илмӣ, ки барои ба забони илм табдил ёфтани забони модарии мо аҳамияти аввалиндараҷа дорад аз масъалаҳои ҳалталаб барои мо ба шумор меравад. Бо таъсис ёфтани Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала бояд зери назорати ҷиддии ин муассиса қарор гирад»[3]. Агар шоирона бигӯем, «акнун шаҳри забони мо дарвоза дорад».

Бо ҳидояти Президенти кишвар ва нишондоди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафедраҳои умумидонишгоҳӣ низ дар пайи танзиму такмили барномаҳои мукаммали таълими забони давлатӣ шуда ва коми донишҷӯёнро бо шаҳди сухани модарияшон боз ҳам шодоб хоҳанд кард. Садорати кафедраи забонҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба ҳисоб гирифтани вижагиҳои самти омӯзишии шунавандагону курсантон ҷиҳати муфидтар ба роҳ мондани таълими забони миллӣ аз пайи таҳияи барнома ва дастурҳои таълимӣ шуд. Аз ҷумла, дар давоми 96 соат дарс масъалаҳое, амсоли забон ва аҳамияти иҷтимоии он, забон ва истиқлоли кишвар, мавқеи забони тоҷикӣ дар доираи хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва гурӯҳи забонҳои эронӣ, андешаҳои бузургон оид ба мақоми забон, пайдоиши вожаҳои нав дар забон, мавқеи истилоҳот дар забон ва ғайра тадрис мешаванд, ки ба инкишофи савияи таърихдонӣ ва ҳисси милливу худшиносии шунавандагон мусоидат менамоянд. Зимни мавзуъҳо ба рушди малакаи ҳуҷҷатшиносӣ ва ҳуҷҷатнигории онҳо низ диққат дода мешавад.

Зеро маърифату фазилати ҳар фард маҳз дар забон ва тавассути забон ифода мешавад. Омӯзиши забон дар тамоми давру замон аз муҳимтарин омилҳои касб намудани илму дониш маҳсуб мешуд.

---

[1] Рӯзномаи «Ҷумҳурият». 20-уми феврали с. 2010 .
[2] Анварӣ, С., Кабиров, Ш. Забони тоҷикӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: «Эр-граф», 2013, - С. 145.
[3] Маводи конференсияи илмии-ҷумҳуриявии «Забони давлатӣ ва танзими истилоҳот» (ш. Душанбе, 18 сентябри с. 2012), - Душанбе, 2013. – С. 3.

Дар анҷом гуфтанием, ки муваффақият дар заминаи омӯзиши забонро аз баракати истиқлолияти давлатамон ва ҳидояти нури Қонуни асосӣ - Конститутсия, ки чун чароғ роҳи моро мунаввар месозад, медонем.

**УДК 340.12+321.01**

# ФИЛОСОФСКИЕ ВЗГЛЯДЫ И. КАНТА О ПОЛИТИКЕ, ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ*

**Джураев Раджаббой Зухурович**
*Доцент кафедры философии и политологии Российско-Таджикского (Славянского) университета, кандидат философских наук*
E-mail: rajabRTSU@mail. ru

*Две вещи наполняют душу все новым и нарастающим удивлением и благословением, чем чаще, чем продолжительнее мы размышляем о них, – звездное небо надо мной и моральный закон во мне.*
И. Кант

Философия, политика и право - мировые науки, которые созданы коллективным разумом человечества, которые в становлении и развитии отдельных личностей могущие стать предпосылкой гигантского духовно-нравственного импульса.

Одним из величайших ученых, внесших огромный вклад в развитие мировой философско-правовой мысли, в разработку государственно-правовых вопросов, ценностей государственных институтов, несомненно является И. Кант.

Он является родоначальником немецкой классической философии, основоположником одного из крупнейшего направлений в современной формалистической теории права, которое в систематизированной форме разработал и обосновал политическую и правовую доктрину идеологии либерализма.

Проблемы изучения сущности права, правосознания и вопросы государства, хотя, изначально были объектом пристального внимания мыслителей разных эпох, однако ими правосознание не рассматривалось в качестве относительно самостоятельной отрасли знания, не были выделены ее характерные черты, особенности и методологии исследования.

Изучение отмеченных вопросов стали актуальными в связи с происходящими социально-экономическими и политическими процессами для мыслителей эпохи Нового времени и Просвещения, одним представителей которого и был И. Кант.

Как отмечает В.С. Нерсесянц, «Именно в трудах Канта на основе критического рационализма начинается целостное философское осмысление проблемы права и теория государства, разработки методологии исследования права и становление философии права, определяются место и роль права в жизни человека и общества»[1].

---

* Статья подготовлена в рамках научно-исследовательской темы «Особенности профилактики и способы борьбы с проявлениями экстремизма и радикализма в молодежной среде Республики Таджикистан (2023-2028 гг)», финансируемой за счет государственного бюджета РеспубликиТаджикистан. Государственный регистрационный номер: 0121TJ1290.

[1] Нерсесянц, В.С. Философия права: учеб. для вузов / В.С. Нерсесянц; - М.: ИНФРА-М: Норма, 1997. – С. 116.

В соответствии с этим, можно утверждать, что политико-правовая концепция И. Канта о сущности права и государства, причины ее происхождения, представляет собой целостную правовую доктрину и высшую ступень в эволюции правового мировоззрения XVIII в., эпицентром которой являются проблемы человеческой свободы и правовые организации общественных отношений, которая была разработана под непосредственным влиянием великой французской революции и французского Просвещения.

Политико-правовые взгляды И. Канта изложены в таких его работах, как «Идея всеобщей истории во всемирно-гражданском плане», «К вечному миру», «Метафизика нравов», в трактате «Метафизические начала учения о праве», в которых на основе методологии критического рационализма дается рационалистическое объяснение проблемам права и государства. Этим она и отличается от политико-правовых концепций просветителей XVIII в.

Нужно подчеркнуть, что в политико-правовых трактатах И. Канта были разработаны такие фундаментальные правовые проблемы, как методологические основания научной теории права, интеллектуально-волевая сущность нормативности, характеристика правовых норм как субъективных прав и обязанностей человека, проблемы правового государства, разделения властей, соотношение права и морали и ряд других вопросов.

Определяя право в широком культурологическом аспекте, И. Кант заложил основу для формирования философии права в качестве самостоятельной дисциплины, предметом изучения которой стало многообразие методов и способов изучения и исследования политико-правовых явлений жизнедеятельности человека и общества. Поэтому ему удалось внести в процесс осмысления феномена права ряд оригинальных и исключительно плодотворных новых идей, особенно о взаимосвязи и взаимообусловленности объективного и субъективного права, их взаимоотношении с другими сферами общественной жизни.

Наряду с этим, ученый осознавал трудности понимания и многообразности проявления права, считал необходимым правильно осмыслить и верно разъяснять его сущность, полагая, что «вопрос о том, что такое право, представляет для юриста такие же трудности, как для логики вопрос, что такое истина»[1].

Особенности политико-правовой концепции Канта заключаются в том, что в ней можно заметить элементы новой правовой мотивации законопослушного поведения человека, а также попытки по новому взглянуть на сущность человека, ее права, обязанности и ответственность, которые не являлись характерными для предшествующей западноевропейской правовой традиции.

В связи с этим, правовая доктрина Канта начинается с рассмотрения проблемы человека, определение его сущности, занимаемого положения и поведения в обществе. «Каждое лицо, отмечает Кант, обладает совершенным достоинством, абсолютной ценностью, личность не есть орудие осуществления каких бы то ни было планов, даже благороднейших планов общего блага»[2].

Согласно Канту, человек является разумным, просвещенным, субъектом. Разум как качество человека развивается не только в индивиде, а в процессе смены поколений, следовательно, проблема просвещения им была осознана как прогрессивный исторический процесс развития культуры, в ходе которого человек преодолевает зависимость от природы и приобретает свободу.

---

[1] Баскин, Ю.Я. Кант и формирование идеи правового государство в первой половине X1X века в Германии // Кантовский сборник: Межвуз. Темат. сб. науч. тр. - Калининград: из-во КГУ, 1993. - Вып.17. - С.25.
[2] Кант, И. Метафизические начала учения о добродетели / Соч. -Т.4. Ч.1. - М.,1965. - С. 112.

«Просвещение, отмечает Кант, - это выход человека из состояния своего несовершеннолетия, в котором он находится по собственной вине. Несовершеннолетие по собственной вине – это такая причина, которая заключается не в недостатке рассудка, а в недостатке решимости и мужества..., имей мужество пользоваться собственным умом»[1], т.е., разумность по Канту есть результат возрастающего процесса развития культуры, а не обобщение существующей практики.

Человек, отмечает философ, в качестве мыслящего, тянущегося к приобретению знания обладает теоретическим разумом, в качестве стремящегося к действию, человек обладает практическим разумом.

В соответствии с этим, Кант подразделяет разум человека на теоретический - к сферам познания и мышления (т.е., познающий) и на практический - к области поведения человека, (т.е., регулирующий), определяя предметы их интересов, которые часто не совпадают друг с другом.

Правила человеческого действия, содержащие определенные принципы, Кант называет императивами, которые подразделяет на гипотетические и категорические. Под гипотетическими подразумеваются нравственные принципы, а под категорическими – правовые.

Человек, считал философ, в процессе жизнедеятельности не может руководствоваться только гипотетическими правилами, он также должен следовать требованиям категорического безусловного императива. Если источником гипотетического императива, являются человеческая воля и опыт, то исходным принципом категорического императива выступает право, как непоколебимое наставление о правиле должного поведения человека, которое называет нравственным законам.

Как видно, по мнению Канта, человек в своем «нравственном поведении подчинен своей воле и собственным мотивам поведения, а в правовом - должен следовать требованиям нравственного закона, т.е., законам нравственной свободы, особо подчеркивая обязательный и формалистический характер данного предписания «поступок будет моральным только в том случае, если он совершается единственно из уважения к нравственному закону»[2].

Кант полагает, что нравственный закон занимает промежуточное положение между как теоретическим, так и практическим разумом. Теоретический разум создает основу и является предпосылкой возникновения права, а практический разум имеет способность создавать себе ограничения на основании действующих и вновь принимаемых законов.

Нравственный поступок, согласно Канту, имеет моральный и легальный характер, разграничивая их, определяются два важных принципа - категорического императива.

Первый: «Поступай так, чтобы максима твоего поступка могла стать всеобщим законом» (под максима понимаются личные принципы поведения). Вторая требует, поступать «так, чтобы ты всегда относился к человечеству и в своем лице, и в лице всякого другого так же, как к цели, и никогда не относился бы к нему только как к средству»[3].

Из данного рассуждения Канта вытекает, что поведение человека с одной стороны, регулируется нормами морали, которые связаны- с его мотивацией, с другой согласно требованиям и законов.

[1] Кант, И. Что такое Просвещение? / Собр. соч.: в 8 т. Т. 4. - М., 1994. – С. 191.
[2] Кант, И. Метафизические начала учения о добродетели / Соч. -Т.4. Ч.1. - М.,1965. – с. 140.
[3] Кант, И. Основоположение метафизики нравственности / Собрание соч.- Т.4. Ч.1. - М.,1965. – С. 260.

В этом отношении права О.М. Беляева, которая отмечает, что «в правовой концепции Канта всеобщий моральный закон и всеобщий правовой закон определяет свободу человека, первый – в сфере моральности, второй – в сфере легальности[1].

Исходя из этого, можно заключить вывод о том, что правовая концепция Канта тесно связана с его учением о морали, это объясняется тем, что, во-первых, понятие «нравственность» он использовал в двух смыслах: мораль как нравственность и мораль как учение о праве; во-вторых, в его концепции право и мораль имеют один и тот же источник – практический разум человека и единую цель обеспечения свободы человека. И здесь мы солидарны с А.Х. Саидовым, который отмечает, что «Кант исходил из того, что принципы поведения человека являются едиными и лежат в основе всех регуляторов человеческого поведения»[2].

Как было отмечено, согласно Канту, мораль основана на внутренних побуждениях человека и осознании человеком своего долга, в сфере которого нет и не может быть общеобязательных кодексов, в отличии от которого право для регулирования тождественных поступков использует внешнее принуждение со стороны власти или государства и предполагает наличие публичного законодательства.

По рассуждению Канта, никто не в праве принуждать человека совершать те или иные поступки, направленные как средства к достижению определенной цели, но человек не может быть принужден другими к тому, чтобы иметь ту или иную цель. Если говорить по-другому, никто не в праве указывать человеку как он должен жить и каким образом ему необходимо видеть свое личное благо и счастье, тем более, путем насилия или принуждения. Нашим моральным долгом, отмечает философ, является стремление не нарушать отношений, основанных на взаимности и выражающими эту взаимность.

В соответствии с этим, для Канта, основным критерием определения сущности права и морали выступает «свободная воля человека», которая на юридическом языке является синонимом понятия права, т.е., «право имеет ценностное измерение, оценивается посредством понятия свободы»[3].

Бояд гуфт, ки дар замони Ҳахоманишиҳо, ки сохтори густурдаи ҳокимият ва идораи давлатӣ доштанд, адлияи подшоҳӣ дар ҷорӣ намудани адолат ва тартиботи ҳуқуқӣ дар кишвар нақши муҳим бозид. Дар адабиёт қайд карда мешавад, ки бо кори қозигӣ на танҳо ходимони маъмурӣ, аз ҷумла органҳои маҳаллии ҳокимият, аз қабили сатрапҳо машғул буданд. Ҳахоманишиҳо шӯрои давлатӣ таъсис дода буданд, ки онро шӯрои хирадмандон меномиданд ва ҳамзамон бо муҳокимаи муҳимтарин корҳои сиёсӣ ва давлатӣ ба иҷрои адолат машғул буд. Шояд ин шӯро даъвову баҳсҳои дорои аҳамияти миллӣ, парвандаҳои сиёсӣ ё мазҳабиро баррасӣ мекард, ки ҳаллу фасли онҳо барои ҷомеа муҳим буд[2].

Дар замони Сосониён низ мисли замони Ҳахоманишиҳо, шӯъбаи судӣ мавҷуд буд, ки ба он доддабир (вазири адлия) сарварӣ мекард. Ба андешаи И.Б. Буриев, - ин шӯъба бо масъалаҳои ташкилӣ, кадрҳо, бо кадрҳои органҳои судӣ машғул буд[3]. Сардори девон мушовири подшоҳи подшоҳон дар масъалаҳои марбут ба ташкил ва гузаронидани мурофиаҳо, ҳангоми таъини қозӣ ё худ судя ба ин вазифа буд. Дарбори подшоҳӣ доимо аҳамияти амалӣ гардондани адолатро таъкид мекард ва бинобар ин пайваста аз як сатрапӣ ба сатрапии дигар мегузашт. Доддабир дар марҳалаи ташкилӣ ва тайёрии ба амал баровардани адолати судии сарвари давлат иштирок дошт. Чунин суд дар як сол ду маротиба - дар рузҳои ид гузаронида мешуд. Тавре маълум аст, таъини судя дар сатрапиҳо, шаҳрҳо ва дигар минтақаҳо салоҳияти сарвари давлат буд. Доддабир органи назоратии тамоми системаи судии империя буд.

Ислоҳоти идораи давлатӣ аз ҷониби подшоҳи Ҳахоманишиҳо Дориюши Кабир (522-486) барои сулолаи Сосониён барои мутамарказ ва идоракунии самараноки минтақаҳои гуногун ва гетерогенӣ дар соли 518 пеш аз милод намунаи ибрат буд. Дориюш ба ислоҳоти маъмурӣ, молиявӣ ва ҳарбӣ шуруъ намуд. Ӯ давлатро ба 20 ноҳияи андози маъмурӣ тақсим кард, ки онҳоро сатрапияҳо меномиданд. Сатрапияҳои васеътарин метавонанд кишварҳоеро дар бар гиранд, ки дар корҳои дохилӣ мустақилияти бештар дода шудаанд. Сатрапҳо ба сардорони мулкӣ табдил дода шуданд, ки вазифаҳои қудрати онҳо аз ҳокимияти сарварони ҳарбӣ ҷудо карда шуданд.

Онҳо ба идораи минтақавӣ роҳбарӣ мекарданд, ҳокимияти судиро ба амал меоварданд, ба гирифтани андозҳо ва иҷрои уҳдадориҳо назорат мекарданд. Албатта, суди сатрапӣ суди ҳарбиро ба хотир меорад, зеро он шакли қатъии протсессуалии мурофиаи судии умумиро риоя намекард. Фарқияти он аз охирин бо он буд, ки са-

---

[1] Ардавирафнома: рай и ад в маздаяснийской религии / Перевод и введение Рахима Орифа. Тус, 1994. С.45. (на перс. яз.).
[2] Абдулхонов, Ф.М. История судопроизводства досоветского Таджикистана (историко-правовое исследование): дисс…канд. юрид. наук: 12.00.01 / Ф.М. Абдулхонов. - Душанбе, 2011. - 190 с.
[3] Буриев, И.Б. Становление и развитие институтов государственности: монография / И.Б. Буриев. – Душанбе: Адиб, 2009. - С. 163.

трап асосан ҷиноятҳои сиёсӣ, муҳимтарин ва инчунин парвандаҳоеро, ки судҳои умумӣ ҳал карда наметавонистанд, баррасӣ ва ҳал мекард. Ин ва дигар ислоҳоте, ки ҳахоманишиҳо анҷом доданд, асоси тағйирот дар сохтори идораи давлатии Сосониён гардид.

Пас аз Ҳахоманишиҳо Македония, ки ба ин минтақа омада буданд, асосан аз механизми адолати замони ҷанг истифода мебурданд, аммо ин масъала ба вазифаи тадқиқоти мо дахл надорад. Аз ин рӯ баррасии онро дар ин рисола зарур намешуморем. Адолати подшоҳӣ дар тахти ҳукмронии Парфия ва Сосониён давом дошт. Намояндагони ин сулолаҳо пайрави дини зардуштӣ буда, ҳангоми адои адолат бовар доштанд, ки вазифаи динии худро дар назди ҷомеа ва Аҳурамаздо иҷро мекунанд.

Сарчашмаҳо на танҳо дар бораи он, ки Сосониён ба мурофиаи судӣ машғул буданд, балки дар бораи худи рафти ин раванд низ хабар медиҳанд. Ҷолиб он аст, ки адолати шоҳӣ аз татбиқи адолат, аввал аз худи Подшоҳи подшоҳон оғоз ёфтааст. Гузаронидани ин раванд ба зиммаи мубодилаи асосӣ – мубади - мубадон, сардори мақомоти динии давлати Сосониён вогузор шудааст, ки ин тасодуф нест. Гап дар сари он аст, ки таълиму тарбия ба дӯши намояндагони табақаи динӣ буд, ки онҳо низ дар соҳаи ҳуқуқ таҳсил кардаанд. Гузоришҳо мавҷуданд, ки дар давлати Ҳахоманишиҳо ҳатто «хонаи қонунҳо» вуҷуд доштааст. Тавре муҳаққиқон маълум карданд, маъбадҳои оташ, ки дар он китобчаҳо бо матнҳои қонунҳо нигоҳ дошта мешуданд, хонаи қонуни Ҳахоманишиён маҳсуб мешуданд. Илова бар ин, набояд фаромӯш кард, ки сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ меъёрҳои ҳуқуқии авестоӣ буданд, ки танҳо ба намояндагони рӯҳониёни олии дини зардуштӣ маълум буданд. Аз ин рӯ, монополия дар соҳаи мафкуравӣ, таълиму тарбия, дониши ҳуқуқӣ ва адолат ба рӯҳониён тааллуқ дошт, ки иҷрои ҳукм дар болои худ аз ҷониби подшоҳон ба намояндагони онҳо вогузор шуда буд.

Ҳамин тариқ пайдоиш ва густариши институти суди ҳарбӣ дар ҳама давру замон омилу сабабҳои худро доштааст. Масалан, қабл аз пайдоиши институти суди ҳарбӣ дар давраи зардуштӣ бисёр давлатҳо бе доштани институти махсуси суди ҳарбӣ ин соҳаро идора мекарданд. Он замон барои баррасии ҳама гуна баҳсҳои ҳуқуқӣ суди ягона амал мекард. Бисёр органҳои давлатӣ, аз ҷумла суди гражданӣ, дар замони осоишта кору фаъолият мекарданд, ки чунин чиз ба ҳамаи органҳои суд низ тааллуқ дошт. Аммо дар замони ҷанг, дар дигар ҳолатҳои фавқулодда, вақте ки ҳокимияти давлатӣ дар натиҷаи задухурдҳои дохилӣ ва ё ҷанг бо душманони беруна заиф мешуд, суд бояд вазифаҳои тамоман дигарро иҷро мекард. Дар замонҳои қадим, вақте ки ҳолатҳои дар боло зикршуда ба вуҷуд меомаданд, инчунин ҳангоми баррасии парвандаҳо бо иштироки гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон, асосан мансабдорони давлатӣ, низомиён, дигар шахсони бонуфуз аз ҷумлаи шахсони наздик ба ҳоким, раҳбарони маҳаллӣ, намояндагони рӯҳониён, принсипҳои беғаразӣ, одилона ва объективии баррасии парванда аз ҷониби суд вайрон карда мешудааст. Маълум аст, ки дар кори ба амал баровардани адолати судӣ нисбат ба категорияҳои дар боло зикршуда муносибатҳои гуногун талаб карда мешуд.

Илова бар ин, бештар сабабҳои субъективии имконнопазирии беғаразонаи адолати судӣ, омилҳои зиёди объективӣ, монанди хизматрасонӣ ба давлат, бахусус ҳарбиёне буданд, ки ватани худро ҳимоя мекарданд, давлатҳои дигарро забт мекарданд, барои давлати худ ғанимат меоварданд ва ғуломонро асир мегирифтанд. Ба ҳамин тариқ, нуфуз ва тавоноии мансабдорони давлат низ ба таври холисона бархурди дигареро дар баррасии баҳсҳои онҳо талаб мекард. Эътимоди мардум ба давлат ва ниҳодҳои давлатӣ ба ҳамин вобаста буд. Ҳамаи ҳолатҳои дар боло зикршуда ва дигар ҳолатҳое, ки бояд ҳангоми муроҷиат ба суд ба категорияҳои алоҳидаи шахсон, аз ҷумла хусусиятҳои касбии онҳо ба инобат гирифта мешуданд, сабаби пайдоиши судҳои махсусгардонидашуда гардиданд. Ин гуна судҳо танҳо дар доираи ваколатҳое, ки махсус ба онҳо дода шудааст, баррасӣ ва ҳал кардани

парвандаҳо ваколатдор буданд. Онҳо категорияҳои қатъии муайяншудаи парвандаҳои байни субъектҳои алоҳидаи ҳуқуқро, ки тобеияти ин мақомоти судиро ташкил медоданд, бар хилофи суди умумӣ, ки мебоист бидуни истисно тамоми баҳсҳоро аз рӯи соҳа ва категорияи парвандаҳо баррасӣ мекард, баррасӣ мекарданд.

Дар бораи ҷинояткорон аз категорияҳои одамони бонуфуз, файласуфи бузурги англис Ҷон Локк хеле ҷолиб сухан гуфтааст: «Ҷинояткорони калон беҷазо мемонанд, зеро онҳо барои дасти адолат хеле қавӣ ҳастанд»[1]. Дар онҳо вазъияти ҳақиқии таърихи асримиёнагии Тоҷикистон, махсусан нисбат ба феодалҳо, амалдорон ва табақаҳои ҳарбӣ инъикос ёфтааст. Аммо ба гуфтаи қозии давраи Сосониён, «Додгоҳ бояд ҳама гуна шикояти тарафҳоро ҳамаҷониба баррасӣ ва таҳлил кунад»[2]. Ҳокимони замони гузашта даъвати намояндагони чунин тоифаҳои аҳолиро қабул намуда, кӯшиш мекарданд, ки ба ин даъватҳо ҷавоби муносиб диҳанд, институтҳои давлатиро ба мубориза бо онҳо мутобиқ созанд. Дар ҷамъият ва пеш аз ҳама давлат муассисаҳое таъсис дода мешуданд, ки ашрофонро ором карда метавонистанд, ба қонунҳои ҳарбиён, амалдорони худписанд итоат намекарданд. Мо ба чунин муассисаҳо ба монанди ниҳоди мазолим ва қозии ҳарбӣ ишора мекунем. Ин мақомоти махсусгардонидашуда ё квазисудӣ, ки ҷӣ аз рӯи ҳайати субъектӣ ва ҷӣ аз рӯи ҳукми судӣ ва мурофиаи судӣ ин ва ё он ҷиҳат аз судҳои тобеияти умумӣ фарқ мекарданд, гарчанде ки ба амалӣ намудани адолати судӣ машғул буданд. Мо таҷассуми мушаххаси ин сиёсати давлатро дар соҳаи адолати судӣ таъсиси девони мазолим, салоҳияти муҳтасиб,[3] таъсиси мақомоти махсуси милитсия, ваколатҳои мансабдорони мақомоти маҳаллӣ дар замони қадим ва асрҳои Миёна бо ваколатҳои уқуқӣ мушоҳида мекунем.

Намояндагони табақаи ҳарбӣ дар замонҳои қадим, дар асрҳои Миёна ва нав асосан бо ташкили тартиботи ҳуқуқӣ дар дохили кишвар ва ҷанг дар қаламрави хориҷӣ банд буданд. Баръакси дигар категорияҳои одамон, низомиён, хизматчиёни ҳарбӣ бо як хусусияти дигар - ҳаракатнокӣ хос буданд. Артиш ҳамеша дар ҳаракат буд ва низомиён метавонистанд амалҳои ғайриқонунӣ, кирдорҳои ношоиста ва ҷиноятҳое содир кунанд, ки ба манфиатҳои ҷомеа, давлат ва шахсони алоҳида таҳдид мекунанд[4]. Дар байни аскарон низ баҳсҳои зиёде вобаста ба тақсими ғанимати ҳарбӣ, заминҳои забтшуда, техникаи ҷангӣ ва ғайра ба миён меомад. Албатта, ба муқобили ҳарбиён ҳам кирдорҳои гуногун ва ҷиноят содир карда мешуд. Кирдорҳои ношоиста ва ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҳарбиён ва ба муқобили ҳарбиён содир карда мешаванд, аз ҷумла ба воситаи судҳо ҳал карда мешуданд. Аммо инро ба шарте ба амал баровардан мумкин аст, ки қушунҳо дар майдони ҳарбӣ бошанд ва ё содир кардани ҷиноят ё ҷиноят дар қаламраве, ки салоҳияти судяи граждани ба он дахл дорад, сурат гирифта бошад.

Системаи мақомоти судӣ ҳамеша аз рӯи принсипи ҳудудии ташкил ба вуҷуд меояд, бинобар ин, салоҳияти ҳар як суди тобеияти умумӣ, аз ҷумла марҳилаи якум, ки дар он қисми зиёди парвандаҳои граждани ва ҷиноятӣ бояд баррасӣ мешуд, ба ҳудуди муайян фаро гирифта шудааст. Ин омил омили асосӣ ва муайянкунандаи пайдоиши институти судҳои ҳарбӣ дар таърихи мурофиаи судӣ дар Тоҷикистон гардид. Маҳз мухолифати байни ҷои ҷиноят ва принсипи ҳудудии ҳалли баҳсҳо баррасии парвандаҳои марбут ба низомиёнро ғайриимкон гардонд. Ҳарбиён танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ (хиёнат ба давлат, содир кардани ҷиноятҳои вазнин)

---

[1] Локк Дж. Сочинения. В 3-х томах. - М., 1985. Т.3. - С.366.
[2] Краткий Сасанидский Судебник / Перевод А. Халикзаде. - Душанбе: ЭР-граф, 2015. - С. 137.
[3] Шахси мансабдорест, ки дар давлатҳои мусалмонӣ барои назорат аз рӯи ахлоқ, иҷрои ойинҳо ва вазифаҳои динӣ, дуруст истифода бурдани тарозу дар бозорҳо машғул буд ва дар баробари ин бо адолат низ сару кор мегирифт.
[4] Азизов, У.А. Становление и развитие институтов преступления и наказания на территории дореволюционного Таджикистана: монография. – Душанбе, 2014. – С. 43-45.

метавонистанд аз сафи артиш хориҷ карда шаванд, то нисбати ӯ адолати судӣ бароварда шавад, дар ҳоле ки бисёр ҷиноятҳо ва баҳсҳо аз салоҳияти касе берун мемонд.

Дар баробари ин бояд қайд кард, ки принсипҳои ташкили суди ҳарбӣ дар аввал асосан бо принсипҳои ташкили суди умумӣ мувофиқат мекарданд, вале дар байни онҳо тафовути куллӣ низ вуҷуд дошт. Ин, масалан, ба принсипи қаламравӣ дахл дорад, ки он ба ҳарбӣ, ба категорияи аз ҳама серҳаракаттарини аҳолӣ дахл надорад. Судҳои ҳарбӣ дар асоси принсипи дигар – салоҳияти шахсӣ амал мекарданд. Бо ҷорӣ намудани ин принсип принсипи маҳдудияти минтақавии мурофиаи граждане бартараф карда шуд: судҳои ҳарбӣ барои категорияи муайяни шахсон - ҳарбиён ташкил карда шуданд, на аз рӯи принсипи минтақавӣ.

Аввалин маълумот дар бораи таъсиси судяи ҳарбӣ (сипоҳдовар) ба замони Ҳахоманишиҳо (550-329 пеш аз милод) рост меояд[1]. Муҳаққиқ Муҳаммад Рашшод қайд мекунад, ки дар ин давра адолатро қозӣ амалӣ мекард, ки дар байни онҳо қозиёни шаҳрвандӣ ва ҳарбӣ низ буданд[2]. Дар баробари ин, чун қоида, намояндаи табақаи донишмандон ба сифати судя таъин карда мешуд вале дар баробари ин, ҳолатҳое низ мешуданд, ки намояндагони табақаҳои дигар низ баъзан ба вазифаи судяи ҳарбӣ таъйин карда мешуданд[3]. «Мақомоти судии болоӣ бошанд ба сифати марҳилаи апеллятсияи суди генералӣ ва ҳарбӣ баромад мекарданд, ки ин низомро сарвари давлат ташкил карда буд. Шахси бо қарори суд розӣ набуда, ҳақ дошт, ки ба сарвари давлат – шоҳи шоҳон шикоят кунад ва адолатро талаб кунад.

Институти суди ҳарбӣ, ки замоне таъсис ёфта буд, дар тамоми марҳалаҳои таърихии минбаъдаи рушди давлатдории тоҷикон вуҷуд доштааст[4]. Масалан, дар замони Сосониён яке қозӣ аз мансабдорони мӯҳтарам дар давлат ба шумор мерафт. Ба андешаи муҳаққиқ Ф.М. Абдулхонов, мурофиаҳои даврони Сосониён хусусияти баҳсу мунозира дошта, парванда бо шикояти шахсони алоҳида оғоз мешудааст[5]. Вай дуруст менависад, ки «…аммо баҳсҳои суди умумӣ фаъолияти чунин органҳо, монанди судҳои подшоҳӣ ва ҳарбӣ, ки характери айбдоркунанда ё тафтишотӣ доштанд, истисно намешуд»[6]. Бо вуҷуди ин, дар он ҷойҳое, ки судя таъин нашуда буд, деҳқони маҳаллӣ метавонист ба сифати судя баромад кунад. Вале танҳо дар робита ба низомиён судя ё худ қозии махсуси ҳарбӣ таъин карда мешуд[7].

Ҳамин тариқ, дар замони Сосониён институти суди ҳарбӣ вуҷуд дошт. Дар давраи ҳукмронии онҳо ҷамъият ба якчанд мулкҳо тақсим шуда буд, ки дар байни онҳо асосан руҳониён, ҳарбиён, деҳқонон ва косибон зиндагӣ мекрданд. Ҳар як давлат дар баробари қонунгузории умумии давлатӣ қоидаву қонунҳои махсуси худро дошт. Дар баробари ин қоидаҳо ва меъёрҳои динӣ, маъмурӣ, ҳарбӣ вуҷуд доштанд, ки танҳо ба синфҳои мушаххас марбут буданд.

---

[1] Қаламрави Тоҷикистони имрӯза соли 530-и пеш аз милод. ба ин империя тааллуқ дошт. Ниг.: Ѓафуров, Б.Г. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва нав. Дар ду қисм. - Душанбе: Ирфон, 1998 . - С.79.

[2] Буриев, И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Ҷ.1. - С. 68.; Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. Ҷ.1-2. – С. 108-109.

[3] Кристенсен, А. Эрон дар даврони Сосониён. - С.323 (ба забони форсӣ).

[4] Ба гуфтаи Ш. Азимов, дар давлати Сомониён судяҳои ҳарбӣ буданд.; Ниг.: Азимов, Ш. Давлат ва ҳуқуқи Сомониён. - Душанбе, 1999. - С.69. Аммо дар ин бора ягон манбаи дигар намегӯяд, бинобар ин А. Холиқов мавҷудияти судяи ҳарбӣ дар давлати Сомониёнро рад мекунад. Ниг.: Холиқов, А. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. - Душанбе, 2002. Қисми 1. - С.147; Кушматов, А. Вақф. - Душанбе, 1990. - С. 24.

[5] Абдулхонов, Ф.М. История судопроизводства досоветского Таджикистана (историко-правовое исследование): автореф… дисс. Канд. юрид. наук: 12.00.01 / Ф.М. Абдулхонов. - Душанбе, 2011. - С.7.

[6] Абдулхонов, Ф.М. Асаризикршуда. - С.7.

[7] Одинаев, Р.С. Асари змкршуда. - С.51.

Дар замони Сосониён институти суди ҳарбӣ «сипаҳдовар» ном дошт[1]. Он на танҳо ба баҳсҳои судии байни низомиён машғул буд, балки даъвоҳо алайҳи низомиён, инчунин ҷиноятҳо ва ҷиноятҳои содиркардаи онҳоро низ баррасӣ мекард.

Ба андешаи муҳаққиқ Ф.М. Абдулхонов дар низоми адлияи зардуштӣ дар баробари фаъолияти судяи гражданӣ ё худ шаҳрвандӣ, судяи ҳарбӣ, судяи қонуни урфу одат, инчунин маъмурият низ дорои салоҳияти иҷрои адолат буд[2]. Давраи зардуштӣ дар таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон аз муҳимтарин давраҳо ба шумор меравад. Дар замони зардуштӣ институти суди ҳарбӣ дар давраи ҳукмронии Ҳахоманишиҳо ташкил шуда буд. Ин ташкилот то омадани арабҳо ба сарзамини Тоҷикон қариб, ки бетағйир фаъолият мекард. Ҳамин тариқ марҳилаи дигари таърихи суди ҳарбӣ давраи таъсиси Хилофати Араб (632-1258) ва паҳн шудани қудрати он дар қаламрави Тоҷикистони пеш аз шӯравӣ мебошад, ки боиси эҳёи институти судяи ҳарбӣ дар ин қаламрав гардид.

Дар заминаи гуфтаҳои боло метавон ба ин хулоса расид, ки амалӣ намудани адолати судӣ аз ҷониби мақомоти динӣ ва маъмурӣ дар замони зардуштия, аслан мутлақи ҳуқуқҳои ҳокими олиро нишон медиҳад, ки вай метавонист доираи салоҳияти тамоми мансабдорони давлатро таъин ва муайян кунад. Илова бар ин, ҳокимияти судии сарвари давлат бевосита дар шакли дарбори подшоҳӣ, суди ҳарбӣ низ амалӣ мегардид, ки бо вуҷуди ба расмият даровардани мушаххас ва беэътиноӣ ба тартиби аз тарафи умум эътирофгардидаи мурофиаи судӣ, ба зудӣ метавонист бо даъвоҳои гуногун сару кор кунад.

**ТДУ 316.6:342.9**

# НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА*

## РОЛЬ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПРЕДУПРЕЖДЕНИИ НАСИЛИЯ В СЕМЬЕ

**САИДЗОДА ЗИКРУЛЛО АЛӢ**
*Сардори факултети № 1Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковник милиции*
e-mail: sza-68@mail.ru

**ХАЙРУЛЛОЕВ ФАРРУХ САЙФУЛЛОЕВИЧ**
*Дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ- ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқшинос-машваратчии ташкилоти ҷамъиятии «Инсон ва Адолат», номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
e-mail: nigora_farrukh@mail.ru

[1] Шоҳ Ҳусайнӣ Носириддин. Ҳакамӣ дар замони Сосониён // Ҳуқуқи мардум. Маҷаллаи илмӣ. - Теҳрон, 1346. - С.19.
[2] Абдулхонов, Ф.М. Асари зикршуда. С.129.
* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила (2023-2028», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1291.

Бархам хӯрдани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Сотсиалистии Шӯравӣ, тағйири куллии вазъи сиёсӣ ва оғози ислоҳоти иқтисодӣ дар қаламрави кишварамон зарурати қабули конститутсияи навро барои давлати нав – Ҷумхурии Тоҷикистон ба миён овард. Аз ин рӯ, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 6 ноябри соли 1994[1] (минбаъд – Конститутсия) барои миллати тоҷик ва халқи кишварамон яке аз рӯзҳои таърихие ба шумор меравад, ки дар ин рӯз адолати бузурги ҳуқуқиву сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангиву таърихӣ пойдор гардид.

Дар паёми шодбошияш ба муносибати Рӯзи Конститутсия, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд намуд: "Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз дар инкишофи давлатдории навини Тоҷикистон марҳалаи нави таърихиро оғоз бахшида, боиси дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи мо гардид ва барои эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ замина гузошт." [2]

Тибқи пурсиши сотсиологӣ дар Тоҷикистон, ки соли 2019 аз ҷониби Филиали GOPA mbH дар Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи "Пешгирии зӯроварӣ дар оила" ва дастгирии молиявии Ҳукумати Швейтсария гузаронида шуда буд, сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии аҳолӣ (надонистани қонунҳо ва ҳуқуқҳои худ) яке аз омилҳои паҳн гаштани зӯроварӣ дар оила ба ҳисоб меравад[3].

Албатта, "Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад", - муқаррар шудааст дар моддаи 42 Конститутсия. Аз ин ҷост, ки яке аз мақсадҳои асосии Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 – 2023, ки дар замонаш бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, таҳти №294 тасдиқ шуда буд[4], боло бурдани маърифати ҳуқуқии аъзои ҷомеа маҳсуб меёфт.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мо тасмим гирифтем, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро боз як маротибаи дигар мавриди омӯзиш қарор дода, нақши онро дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила муайян намоем.

Пеш аз ҳама, қайд кардан мехоҳем, ки асосҳои роҳбарикунандаи конститутсионӣ, аз қабили, ҳуқуқи ҳар кас ба ташкили оила, бастани ақди никоҳ бо расидан ба синну соли никоҳӣ, ҳуқуқи озодона бастани ақди никоҳ, баробарҳуқуқии мардону занон дар ҳаёти оилавӣ ва дигар, ба мафкураи мо дар аввали асри XX ворид гардид ва мазмуну мундариҷаи онҳо аз давраи шӯравии Тоҷикистон сарчашма мегиранд.

Конститутсия яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеа – оиларо зери назари худ гирифта, онро асоси ҷомеа эълон намуд. Муҳиммтар аз ин, давлат оиларо таҳти ҳимояи худ қарор дод. Дар моддаи 33 Конститутсия муқаррар мешавад, ки "Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад".

Дар ин радиф бояд қайд, ки оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар баъзе кишварҳои ҷаҳон (аксаран, кишварҳои Ғарб – *аз муаллифон*) имрӯзҳо вазифаи табии худро гум карда, нақши падару модарон дар иҷрои масъулияти таълиму тарбияи фарзандон тамоман ранги дигарро гирифта истодааст. Дар ин ҷомеаҳо мафкураи аҳолиро бо ақидаҳои бо ном "нав" нисбат ба фарҳангҳои таҳҷоӣ мағзшӯӣ мекунанд ва нақши

---

[1] Дар ҳамин ҷой ва минбаъд истифода карда шуд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри с. 1999, 22 июни с. 2003 ва 22 майт с. 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. - (Матн бо забоҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе, 2016.

[2] Табрикоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 29-солгарди рӯзи қабули Конститутсия // [Манбаи электронӣ] – Речаи ворилшавӣ: https://sputnik.tj/20231106/rahmon-tojikistoniyon-ruz-konstitutsiya-1060344043.html - (санаи мурочиат: 14.02.2024 с.).

[3] Русу, Виорелия. Причины и подталкивающие факторы насилия в семье. – Душанбе, 2019.

[4] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Д"ар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 – 2023" аз 3 майи соли 2014, таҳти № 294.

оиларо дар ҳаёти онҳо ноҷиз мегардонанд. Бо чунин суръат, бо андешаи мо, арзишҳои оилавӣ бе ному нишон аз байн рафта, чунин вазъият барои амнияти давлатҳо ва тамомияти марзу буми онҳо, албатта, хатари муайянро эҷод мекунад.

Дар чунин ҷомеаҳо ақди никоҳ дигар дар шуури ҷамъиятӣ ҳамчун ягона роҳи имконпазири зиндагӣ муаррифӣ карда намешавад. Ин дар он инъикос меёбад, ки дар раванди интихоби ҳамсар ҳангоми бастани ақди никоҳ, муносибат ба ақди никоҳ ва рафтори шаҳвонӣ, инчунин дар системаи арзишҳо дар самти рафтори гендерӣ ва нақшҳои гендерӣ тағйироти кулли ба вуҷуд омадаанд.

Дар натиҷаи чунин тағйиротҳо дар ин ҷомеаҳо заиф шудани талаботҳои муқарраршуда дар боби ақди никоҳ, нигоҳ доштани оила, соҳиби фарзанд шудан, маҳдуд кардани муносибатҳои маҳрамона дар чаҳорчӯби ақди никоҳ ва тақсими нақшҳо сирф ба мардон ва сирф ба занон ба назар мерасад. Ин на танҳо ба муносибати шаҳвонӣ дар доираи ақди никоҳ ё берун аз он, балки ба тамоюли ҷинсӣ низ дахл дорад. Муносибат нисбат ба истилоҳи “ақаллиятҳои ҷинсӣ” таҳаммулпазир мешавад ва узвият дар онҳо дигар пинҳон намешавад.

Дар чунин вазъият, ба андешаи мо, падидаи оила ва тамоми арзишҳое, ки бо он иртибот доранд, оҳиста-оҳиста аз байн меравад, ки аз назари амният, барои вуҷудияти давлат хатарҳои бисёр дорад.

Бо ифтихор бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон оиларо ҳамчун асоси ҷомеа эътироф карда, барои дастгирӣ ва нигоҳубини он чораҳои зиёд андешида истодааст. Яке аз онҳо бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахри ҷомеаи солим, ки аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад, соли 2015 дар кишвар “Соли оила” эълон шуда буд[1]. Баъзе кишварҳо, ба мисли, Федератсияи Россия, муҳиммияти падидаи оиларо имрӯзҳо дарк карда, чунин чорабиниҳо акнун гузаронида истодаанд[2].

Ҳамзамон дар қаламрави Тоҷикистон то ба ҳол ҳодисаҳои бастани ақди никоҳ бо роҳи маҷбурӣ ба чашм мерасанд. Ҷавонон аз ҷониби падару модарон барои бастани ақди никоҳ бо шахсони дигар бидуни майлу хоҳиши онҳо маҷбур карда мешаванд. Бо ифодаи дигар, ҳолатҳои мазкур зӯроварӣ дар оила ба ҳисоб меравaнд. Таҷриба гувоҳ аст, ки аксарияти никоҳҳои зайл устувор нестанд ва тез пароканда мешаванд, зеро ахлоқи никоҳшавандагон бо ҳам рост намеояд. Афсӯс, ки миқдори ками ин оилаҳо бе истифодаи зӯроварӣ, оромона, ба тақдир тан дода, пош мехӯранд. Одатан, дар вақти бекор кардани ақди никоҳ маълум мегардад, ки сабаби он зӯроварӣ дар оила, яъне никоҳи маҷбурӣ боис шудааст.

Моддаи 33 Конститутсия муқаррар мекунад, ки мардон ва занон ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Ҳуқуқи озодона бастани ақди никоҳ ҳуқуқи конститутсионист ва яке аз шартҳои бастани ақди никоҳ дар қаламрави Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Моддаи 12 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2008[3] (минбаъд КО ҶТ) розигии ҳамдигарии марду зани никоҳшавандаро зарур мешуморад. Риоя накардани ин шарт метавонад ақди никоҳро беътибор намояд (моддаи 28 КО ҶТ).

Афсӯс, дар ҷомеаи имрӯзаи мо инчунин никоҳҳои бармаҳал ба чашм мерасанд. Дар банди 15 Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии

---

[1] Соли 2015- Соли оила эълон гардид // [Манбаи электронӣ] – Речаи воридшавӣ: https://khovar.tj/2015/01/soli-2015-soli-oila-elon-gardid/ (санаи мурочиат: 26.01.2024 с.).
[2] Указ Президента Российской Федерации от 22.11.2023 № 875 «О проведении в Российской Федерации Года семьи» // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://publication.pravo.gov.ru/document/0001202311220013 (дата обращения: 26.01.2024 г.).
[3] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1998 с., № 22, м. 303 (дар таҳрири ҚҶТ аз 24.02.2017, таҳти №1395).

Тоҷикистон барои солҳои 2014 – 2023 [1] никоҳҳои бармаҳал яке аз сабабҳои зӯроварӣ дар оила қайд мешаванд. Дар чунин вазъият ҷавонони ба синни никоҳӣ нарасида ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ омода нестанд. Мушкилиҳои ба сар афтодаро тоқат намекунанд, ки ин боиси нофаҳмӣ ва низоъҳо ва дар охир вайрон шудани муносибатҳои оилавӣ мегардад.

Тибқи моддаи 33 Конститутсия мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд метавонанд оила ташкил кунанд. Тибқи моддаи 12 КО ҶТ синну соли никоҳӣ ҳамчун шарти асосии бастани ақди никоҳ муқаррар шудааст, ки мувофиқи моддаи 13 КО ҶТ он аз ҳаждаҳсолагӣ муққарар шудааст. Дар ҳолатҳои истисноӣ дар асоси санади судӣ синни ҳаждаҳсолагӣ ба мухлати на бештар аз як сол кам карда шуда метавонад.

Зиёда аз ин, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 (минбаъд – КҶ ҶТ) ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳ нарасида (моддаи 168) ва бастани ақди никоҳ дар ҳаққи шахсе, ки ба синни никоҳӣ нарасидааст (моддаи 169)-ро, ҷиноят ба муқобили ноболиғон эътироф карда, барои даст задан ба ин кирдорҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар мекунад[2].

Яке аз сабабҳои зӯроварӣ дар оила – бисёрникоҳӣ мебошад. Баҳри решакан кардани ин зуҳуроти номатлуб Конститутсия бисёрникоҳиро манъ мекунад (моддаи 33).

Дар радифи муқаррароти манъи бисёрникоҳӣ КҶ ҶТ, дузанагӣ (серзанӣ)-ро ҳамчун ҷинояти муқобили оила эътироф карда, барои содир кардани он ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад (моддаи 170 КҶ ҶТ).

Гарчанде ки дар атрофи масъалаи дузанагӣ (серзанӣ) дар ҷомеа баҳсҳои зиёд аст, аммо, бо андешаи мо, дар шароити кунунӣ мавҷуд будани манъи бисёрникоҳӣ, дузанагӣ (серзанӣ) на танҳо аз нигоҳи арзишҳои дунявӣ, инчунин аз нигоҳи фарҳангиву динӣ бо маврид мебошад.

Бояд қайд кард, ки занҳо барои бисёршавҳарӣ ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд, ки ин холигӣ, бо андешаи мо, яке аз проблемаҳои ҷиддии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Таҳлили вазъи зӯроварӣ дар оила нишон медиҳад, ки шахсоне, ки дар оила зӯроварӣ содир мекунанд, асосан, ҳуқуқу озодиҳои аъзои оиларо поймол карда, ба ин ҳамчун як одати маъмул ва муқаррарӣ назар доранд, гӯё, ҳуқуқи зан нисбати ҳуқуқи мард кам бошад ва зан дар ихтиёрдории ҳуқуқи худ озод набошад. Дар натиҷа ҳуқуқу озодиҳои зайл мавриди вайронкунӣ қарор дода мешаванд: ҳуқуқ ба ҳаёт, саломатӣ, истироҳат, таҳсил, интихобот, моликият, ҳуқуқи озодона иштирок кардан дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ, озодии виҷдон ва дигар ҳуқуқҳи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ.

Аммо моддаи 17 Конститутсия мардону занонро баробарҳуқуқ ва инчунин моддаи 33 он дар оиладорӣ зану шавҳарро баробарҳуқуқ эълон мекунад. Муқаррароти мазкур доираи фаъолияти занонро фарох карда, иштироки онҳоро дар пешравии ҷомеа муҳим мешуморад. Барои ин, албатта, занҳо бояд соҳиби ҳуқуқу озодиҳои муайян буда, амалӣ кардани онҳоро имконият дошта бошанд.

Бояд қайд кард, ки моддаи 33 Конститутсия масъалаи гендериро низ мавриди назар қарор медиҳад, яъне такя ба суннатҳои фарҳангӣ, мардон ва занонро ҳамчун ҷинсиятҳои ягонае, ки ҳуқуқи ташкили оила доранд, баррасӣ мекунад.

Ин нуктаи дар боло овардашуда муҳим аст ва онро қайд кардан лозим буд, зеро дар бисёр кишварҳои ҷаҳони имрӯза никоҳҳои, ба қавл "ғайриинсонӣ" (аз муаллифон), ба ҳукми қонун даровардa шуда истодаанд ва чунин қоидаҳои нав ба

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023" аз 3 майи соли 2014, № 294.
[2] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, №9, мод.68, мод.69, №22, мод.306 (дар таҳрири ҚҶТ аз 24.12.2022, № 1924 ва № 1925).

халқу миллатҳои дигар ҳамчун тарзи дурусти ҳаёти оилавӣ таҳвил карда истодаанд. Масалан, никоҳи ҳамҷинсӣ, никоҳ бо ашёи беҷон, никоҳ бо ҳайвонҳо ва ғайра.

Дуруст қайд мекунад муҳақиқи ватанӣ О.Э. Раҳмон, ки чунин "арзишҳои нави иҷтимоӣ" дар ҷомеаи тоҷик бинобар мухолифат доштанашон ба арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ, динӣ, оилавии халқи мо, қобили қабул буда наметавонанд[1].

Таҷриба гувоҳӣ медиҳад, ки аксаран ҷабрдидагони ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила занон ва кӯдакон ба ҳисоб меравmenд. Ин бешубҳа нест, чунки аз қадим занҳо ва кӯдакон гурӯҳи осебпазири ҷомеа ба шумор меравanд. Мавҷуд будани қолабҳои гендерӣ дар ҷомеа ба ин низ боис мешаванд. Масалан, қолаби гендерии "Занҳо заифанд!" дар ҷомеа чунин ақидаро паҳн мекунад, ки заиф бояд ҳамеша таҳти парасторӣ ва итоати шахси зӯр, яъне мардон бошанд. Агар зан аз итоату фармонбардории мард саркашӣ намояд, пас мавриди зӯрӣ қарор дода мешавад.

Омори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки соли 2022 занҳо дар 81 % ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила ҷабр дидаанд ва дар даҳ моҳи соли 2023 шумораи занони ҷабрдида ба 82,7 % расидааст,[2] яъне шумораи ҷабрдидагон-занон боло рафтааст.

Бояд қайд кард, ки дар ҳар як ҳолати зӯроварӣ дар оилаҳое, ки фарзанд доранд, кӯдакон бе ягон дудилагӣ ҷабрдида ҳисоб мешаванд. Аммо, сад афсӯс, ки дар ягон омор ҳамчун ҷабрдида кӯдакон дарҷ намешаванд. Чунин вазъият, шояд, ки, чи тавре бархе аз олимон қайд мекунанд, аз шакли номукаммал қарор доштани механизми конститутсионии ҳифзи ҳуқуқҳои ноболиғон, ки эҳтиёҷ ба такмил дорад, вобастагӣ дорад[3].

Маҳз барои ҳамин, "Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд", - гуфта мешавад дар моддаи 34 Конститутсия.

Дар зери ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат на танҳо андешидани маҷмӯи чораҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ баҳри дастгирии модару кӯдак дар ҷомеа фаҳмида мешаванд, инчунин тибқи моддаи 5 Конститутсия ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои онҳоро, ҳамчун ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила, давлат ба уҳда гирифтааст.

Зиёда аз ин, тибқи моддаи 21 Конститутсия ҳуқуқи ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оиларо қонун ҳифз мекунад. Аз ин рӯ, давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила кафолат медиҳад. Ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила аз ҷинояте, ки дар ҳаққи ӯ содир шудааст, тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи товон кардани зарари ҷисмонӣ, моддӣ ва маъеавӣ дорад.

Дар ин росто, дар қаламрави кишварамон дар асоси Конститутсия санаи 19 марти соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" қабул шуд, ки муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим намуда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунандаро муайян менамояд[4].

Ҳамин тариқ, Конститутсия вазифаи асосии худ, яъне бунёди ҷомеаи адолатпарварро иҷро намуда, дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила нақши

---

[1] Раҳмон, О.Э. Унсурҳои фарҳангӣ-тамаддунии вазъи ҳуқуқии занони Тоҷикистон // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С.13.

[2] Омори мазкур аз ҷониби Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

[3] Сафарзода, Б.А., Шосаидзода, Ш.Ш. Ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳу озодиҳои конститутсионии кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги уқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 163.

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила" аз 19 марти с. 2013, № 954 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №3, мод.197.

муҳимро мебозад. Конститутсия мисли номи асари Ҷалол Икромӣ “Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро” дарвозаест, ки тавассути он мардуми тоҷик ба ҷаҳони нав бо сатҳи маърифати оиладории баланд бояд ворид гардад. Маърифати оиладорие, ки дар он барои зӯроварӣ дар оила ҷой набошад ва ҳамчун махзани назари нек ба оянда, меҳру муҳаббат байни аъзоёни оила, нияти муттаҳидӣ, арҷгузорӣ ба фарҳанги миллӣ, хизмат намояд, ки дар натиҷа асоси давлату ҷомеа – оила мустаҳкам ва устувор бимонад.

**УДК 343.2/.7**

# ОБ ИСТОРИИ УГОЛОВНОГО ПРАВА РОССИИ В ДОРЕВОЛЮЦИОННЫЙ ПЕРИОД

**Сидорова Екатерина Закариевна**
*Заместитель начальника кафедры уголовного права и криминологии Восточно-Сибирского института МВД России, кандидат юридических наук, старший лейтенант полиции*
e-mail: ketrik6@mail.ru

На сегодняшний день прагматизм истории уголовного права является одним из актуальных вопросов. Представление истории как ретроспективной науки, подлежит точному установлению причинно-следственной и логической связей, т.е. ход истории. История как наука регулярно подвергается критике, сомнениям, уподоблениям. Предопределяемый процесс формирования правовой регламентации уголовного законодательства России составляет сущность и особенность отечественного уголовного закона.

В свою очередь, генезис системы наказания был обоснован характером общественных отношений, социальной допустимостью (дозволенностью) поведения людей. Закономерность зависимости динамики развития общества от характера и природы преступности предопределила поступательный процесс унификации уголовного закона.

«Исторический путь – не тротуар Невского проспекта», – подчеркнул Н. Чернышевский, анализируя и определяя ретроспективность и прагматизм науки[1]. Историческое знание, как отражение действительности, всегда является «фонарем в будущее» (В.О. Ключевский), предоставляя нам возможность определения уникальности уголовной системы России[2]. Значение периодизации отечественного уголовного законодательства состоит в его сущности (содержании). Аналитика детерминантов становления уголовно-ориентированной правовой позиции урегулирования общественных отношений и содержание уголовно-правовых документов, позволяют определить содержание и особенность российского уголовного законодательства.

В целом значение уголовного права определяет правовую идентификацию всего российского законодательства. Уголовное право занимает важное место в системе

[1] Рогачев, А.Г. «Исторический путь – не тротуар Невского проспекта....» – о письме В.И. Ленина к американским рабочим / А.Г. Рогачев // Социально-экономический и гуманитарный журнал Красноярского ГАУ. – 2018. – № 3 (9). – С. 102–112.

[2] Богун, Е.Т. Открытие интерактивного исторического парка «Россия – моя история» в г. Омске / Е.Т. Богун, Б.В. Шахов // Омские научные чтения: Материалы Всероссийской научно-практической конференции, Омск, 11–16 декабря 2017 года. – С. 742–744.

отечественного права. Являясь основой борьбы с преступностью, уголовное право содержит фундаментальные теоретические постулаты определения механизма борьбы с преступностью, его закономерностями. Социальное предназначение, сфера регулирования и преступность обособляют эту науку в российской правовой системе как самостоятельную. Рассмотрение механизма преступления предполагает решение вопросов, стоящих перед уголовно-правовой наукой, обуславливает актуализацию задач борьбы с преступностью.

Периодизация означает фрагментацию, т.е. разделение на соответствующие этапы развития исторического процесса, которым присущи отличительные факторы формирования уголовной системы, системы наказания, сдерживания и предупреждения преступности. Определение актуального характера развития социально-негативных отношений определяют уголовно-правовой механизм преступления и борьбу с ним. Борьба с преступностью сводится к совокупности методик и правил расследования, раскрытия и предупреждения преступности. Уголовное право проявляется, прежде всего, с позиции юридической техники и дифференциации ответственности[1].

Российское уголовное законодательство прошло долгий путь развития юридической концепции определения социализации, обусловленной стремлением к рациональной организации человеческих коллективов для сохранения устойчивого постоянства общественных отношений, жизнь социума, в целом. Развитие уголовного законодательства прошло путь от принципов «вавилонского периода» (Законы Хаммурапи – «око за око, зуб за зуб») до либерализации уголовного закона, регламентации принципов гуманизма, первостепенности прав и свобод человека, идейных истоков современной демократической традиции реализации права. Доктринальная лиминализация уголовно-правовой идентификации России перешла от уголовного обычая к Уголовному Кодексу Российской Федерации 1996 г[2]. Эволюция отечественного уголовного закона предопределила переход от инквизиционного к состязательному процессу в функции осуществления правосудия.

Таким образом, в центре нашего внимания – история уголовного права России в дореволюционный период. Объектом исследования стало уголовное законодательство России до 1917 г. Предметом нашего исследования стали отдельные памятники права, совокупно детерминирующие метаморфозу отечественного уголовного законодательства.

Итак, обратим внимание на становление и развитие российского уголовного законодательства в X-XVII вв., а именно на становление и развитие уголовного законодательства в Киевской Руси.

Процесс появления и развития российского уголовного законодательства был сложным, постепенным и продолжительным. Первыми источниками уголовного права в период становления государственности у славян были договоры князя Олега с византийскими императорами Львом и Александром в 911 г. и Игоря с византийскими императорами Романом, Константином и Стефаном в 944 г. Указанные памятники отечественного законодательства закрепляют положения уголовного права.

Из правовой регламентации уголовных норм в договорах следует, что нормы уголовного закона на ранней стадии русской государственности отличаются неквалифицированностью. Учитывая объективные причины становления отечественного права, его несвоевременность, следует сказать об уникальности процесса развития уголовно-правовых норм национального закона. На этапе зарождения уголовного преследования, нормы уголовного права выступают в качестве новизны регулирова-

[1] Благов, Е.В. Уголовное право Российской Федерации. - М.: Проспект. 2019. - С. 7.
[2] Уголовный кодекс Российской Федерации: федеральный закон от 13 июня 1996 г. № 63-ФЗ // Собрание законодательства РФ. – 1996. – № 25. – Ст. 3274.

ния общественных отношений, и в этом случае трудно говорить о их действенности и практичности, учитывая процесс организации Киевского государства. Тем не менее, ранние (первые) упоминания уголовного права зародили уголовную отрасль отечественного закона.

Правовая регламентация договоров 911 и 944 гг. не знает концептуального определения вины, но закрепляет два вида наказания за преступления: смертная казнь и денежный штраф.

Смертная казнь назначалась за убийство. В случае побега убийцы потерпевшие имели право обратить его имущество в свою пользу, распоряжаться им, в таком случае поиски убийцы прекращались, в случае отсутствия имущества поиска продолжались.

Денежный штраф, как императивная норма уголовного закона, назначалась за нанесение побоев, а также применялась в отношении разбойников и воров. В отношении краденого имущества указанные лица обязаны были оплатить вдвое то, что взяли. Особенностью действия раннего уголовного закона по кругу лиц является то, что указанные в договорах нормы распространялись как на славян, так и на византийцев.

История отечественного права приобрела новый прецедент в лице Русской Правды. Русская правда (XI-XV вв.) имеет соответствующее название государственно-императивной воли, то, что государство регламентирует как закон, то и есть истина в рамках общественных отношений. Правовая доктрина основывается не только на нормах уголовного права, а является совокупностью отраслевого закрепления. К источникам уголовного права, помимо обычая, добавились княжеские и судебные решения и византийское право. Княжеские решения выступали в качестве обобщения судебных ращений, оснований для их исполнения. Византийское право, как источник Русской Правды, вошло в отечественное законодательство по объективным причинам развития русской государственности, с принятием христианства в 988 г. Нормы византийского права реализовывались в судебной практике решением судей, основанных на регламентации византийского права.

Содержание Русской Правды изменялось. На сегодняшний день историки выделяют три редакции: Краткую, Пространную и Сокращенную. С принятием и утверждением Русской Правды в национальном праве предопределило развитие всего отечественного законодательства. Русская Правда выступила в качестве авторитетного правового акта, раскрывающего уголовный закон. Доктрина закрепляет дефиницию преступления (обида) (преступно то, что причиняет ущерб конкретной личности, имуществу).

Русская Правда не закрепляла возрастного ограничения уголовной ответственности, ей не известен институт вменяемости. Несмотря на упоминание об институте соучастия в совершении преступления, данный памятник права не делит соучастников по ролям. Также в Русской Правде имеется представление о превышении пределов необходимой обороны, регламентируются обстоятельства, смягчающие или отягчающие уголовное наказание. Формально Русская Правда демократична, она не закрепляет в качестве наказания смертную казнь, но реально разрешала кровную месть и закрепляла «правила ночного вора». Институт наказания в виде денежного штрафа претерпел развитие, доктрина закрепляет следующие виды: дикая вира (40 гривен), головничество, продажа, урок[1].

Другими словами, Русская Правда реформировала национальное законодательство, путем расширения методов регуляции общественных отношений. Под правовую юрисдикцию стали попадать иные действия граждан, в сравнении с договорами 911 и 944 гг. Прослеживается динамика развития уголовного закона.

[1] Мунчаев, Ш.М., Устинов, В.М. История России. - М.: ИНФРА. 2003. - С. 202.

В заключение необходимо сконцентрировать внимание на проблематике поставленной темы и сказать о следующем. Развитие национальной правовой культуры прошло долгий путь от принципов «вавилонского периода» (Законы Хаммурапи – «око за око, зуб за зуб») до либерализации уголовного закона, регламентации принципов гуманизма, первостепенности прав и свобод человека, идейных истоков современной демократической традиции реализации права. Отечественный закон прошел путь от уголовного обычая к Уголовному Кодексу Российской Федерации 1996 г.

Постепенно обоснованный путь формирования русской государственности на каждом определенном историческом этапе заключен в уникальности. Изменение социально-экономических и политических реалий, востребованность и необходимость общественных потребностей детерминировали реформу отечественного права, и, как следствие, явились источником формирования национального уголовного закона. Соответствие правовой регламентации реальным общественным отношениям выступало в ключе актуализации государственно-правового механизма. Другими словами, такое соответствие послужило продуктивному пути исторического развития, в том числе и формированию законодательных основ русской государственности.

**ТДУ 342.41**

# ТАЪЙИНОТУ ҶОЙИ ДЕБОЧА ВА МУҚАРРАРОТИ ИНТИҚОЛӢ ДАР НИЗОМИ КОНСТИТУТСИЯ

## НАЗНАЧЕНИЕ И МЕТО ПРЕАМБУЛЫ И ПЕРЕХОДНЫХ ПОЛОЖЕНИЙ В СТРУКТУРЕ КОНСТИТУЦИИ

**СУЛАЙМОНЗОДА МАНУЧЕҲР СУБҲОНАЛӢ**
*Мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*
e-mail:sulaymonzoda.m@gmail.com

Ҳар як қисм, фаслу боб, модда ва меъёрҳои конститутсионӣ мавқеъ ва таъйиноти ба худ хосс доранд ва самтҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатиро инъикос менамоянд. Аз ҷумла, падидаҳои дебоча ва муқаррароти интиқолӣ дар низоми конститутсияҳои миллӣ ҷойи хосс доранд. Ҳолатҳои онҳоро аз рӯйи қолаби анъанавии таркиби меъёрҳои ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ таҳлилу шарҳ додан бе самара аст, чунки ба онҳо хусусиятҳои анъанавии таркиби меъёрҳои ҳуқуқӣ хосс нест, онҳо аз ҳолатҳои консептуалии сиёсию мафкуравӣ ва ҳуқуқӣ иборатанд. Ин омил бо тарзу воситаҳои дигар муайян кардани мазмуну таъиноти онҳоро тақозо мекунад.

Доир ба масъалаи ҷойи дебоча дар низоми конститутсионӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳар гуна фикру мулоҳизаҳо ҷой доранд[1]. Вале аксари муаллифон, аз ҷумла, муаллифи ин сатрҳо дебочаро сарфи назар дар кадом шакл, ҳаҷм ва мазмун ифода ёфтан, қисми таркибии конститутсия мешуморанд. Тарзи ифода ва таркиби ҷойгиршавии банду сархатҳои Дебоча аксар вақт бо қисми меъёрии моддаҳои конститутсия якранг нестанд. Ва вазифаи конститутсия низ он нест, ки қисми мазкур хислати меъёрӣ пайдо карда яксон бо моддаҳои он амал кунад. Ҳадафи дебоча - муайян кардани хусусиятҳои давраи қабули конститутсия, давраҳои инкишофи қаблӣ ва рушди минбаъдаи

[1] Авакьян, С.А. Конституционное право России: учебный курс. 2-ое изд. В 2 т. Т. 1. –М., 2007. – С. 156-157.

он, аз номи кӣ эълон шудани он, барпо кардани кадом сохтори ҷамъиятӣ, шаклу моҳият ва усулҳои идораи давлат, эътирофи муқаррароти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муносибат бо арзишҳои умумибашарӣ, эътирофи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва волояти онҳо ва ғайра мебошад. Ҳолатҳои мазкури дебоча бештар хислати мафкуравӣ-сиёсӣ дошта таъсири онҳо ба меъёр ва ҳолатҳои ҳуқуқии конститутсия калон аст[1]. Оид ба ин мавзуъ дар адабиёти ҳуқуқӣ фикру андешаҳои гуногун баён ёфтаанд.

Дар хусуси табиати ҳуқуқии дебочаи конститутсияҳо мавқеи В.В. Маклаков ҷолиби диққат аст. Ба назари ӯ, дар дебоча ҳадафҳои конститутсия зикр ёфта, шароити таърихии қабули он шарҳ дода шуда, гоҳҳо ҳуқуқ ва озодиҳо ё интиҳои роҳбаронаи сиёсати давлатӣ эълон карда мешаванд[2]. Қисми мазкури конститутсия аз самти нақши сиёсӣ ва мафкуравӣ хеле муҳим аст. Дар хусуси табиати ҳуқуқӣ ва қувваи ҳуқуқии дебоча бошад, одатан гуфта мешавад, ки ҳолатҳои он меъёрии ҳуқуқӣ нестанд, аммо аҳамияти ҳуқуқӣ барои тафсир ва татбиқи дигар ҳолатҳои конститутсия доранд, яъне дебоча самти тафсири ҳолатҳои дигари конститутсияро нишон медиҳад. Аммо дар он ҳолатҳое, ки дебоча эълони ҳуқуқ ва озодиҳоро дарбар гирад (масалан, дебочаи Конститутсияи Франсия соли 1946, ки дар таркиби конститутсияи ҳоло амалкунанда ҷой ва мавқеи хос дорад), онҳо метавонанд ҳамон аҳамияти ҳуқуқие дошта бошанд, ки меъёрҳои қисми асосии конститутсия доранд.

Профессор М.В. Баглай қайд мекунад, ки дебоча аҳамияти меъёрӣ надорад, аз ин рӯ, тавсияҳои он ҳеҷ гуна оқибати бевоситаи ҳуқуқӣ пайдо намекунад, гарчи аҳаммияти ахлоқӣ – сиёсии эъломиҳои он хеле бузург аст. … конститутсияҳо аз дебоча оғоз меёбанд, ки хислати ботантанаи эъломӣ доранд ва қувваи ҳуқуқӣ надоранд. Дар дебоча бештар мақсад ва вазифаҳои давлат муайян карда шуда, идоманокии таърихии давлатдорӣ, масъулият дар назди Худо ва халқ, асосҳои ахлоқии конститутсия ва ғайраҳо қайд ёфта, онҳо ба ҳар ҳол мазмуни минбаъдаи конститутсияро муайян менамоянд [3].

Дебоча ҳамчун қисми таркибии конститутсия аксар вақт якҷоя бо қисмҳои меъёрии он қабул ва тағйир меёбад. Тарзу воситаи тағйиру илова дохил кардан ба дебоча ҳамон аст, ки ба тамоми матни конститут-сия хос аст. Дебочаи конститутсия ғайр аз дигар хусусиятҳо инчунин мазмуну таъйиноти сиёсӣ ва мафкуравӣ дорад ва дар онҳо холатҳои сафарбаркунанда ва вазифадоркунанда ҷой доранд.

Дар асоси таҳлили дебочаи бисёр конститутсияҳои мамлакатҳои гуногун чандин омилҳои ба мавзӯи мазкур дахлдорро қайд кардан ба маврид аст. Мувофиқи луғати русӣ-тоҷикӣ ибораи «Преамбула» ба забони тоҷикӣ ҳамчун муқаддима, дебоча, сарсухан (қисми даромади ягон ҳуҷҷати муҳим – қонун, шартнома ва ғайра) тарҷума шудааст. Ва ибораи дебоча дар истилоҳоти ҳуқуқии конститутсионии тоҷикӣ нав мебошад. Чунки то қабули конститутсияҳои охирини давраи шӯравии сотсиалистӣ (солҳои 1977-1978) дар матни конститутсияҳои пешина қисми даромад, дар шакли дебочаи мухтасар ҷой доштанд. Ва дар конститутсияҳои охирини шӯравӣ низ матни қисми даромад преамбула ё дебоча гуфта ном гирифта нашуда буд. Дар забонҳои миллӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ онро ҳар гуна ном мегирифтанд. Ва дар марҳилаи бо забони тоҷикӣ таҳия кардани лоиҳаи Конститутсияи ҳозира ибораи дебоча барои ифодаи қисми даромади конститутсия ва қонунҳо мувофиқ дониста шуд. Ибораҳои муқаддима ва сарсухан барои қисми даромади асарҳои илмию оммавӣ васеъ истифода мешавад. Аммо таъиноту вазифаи дебочаи ҳуҷҷати ҳуқуқӣ чанде дигар аст.

---

[1] Имомов, А. Нақши Конститутсия дар бунёди давлатдории миллии тоҷикон. – Д.: 2011. – С. 200-208.
[2] Конституции зарубежных государств: учебное пособие / сост. В.В. Маклаков. – 3-е изд., перераб. И доп. – М.: БЕК, 2002. – С.59.
[3] Баглай, М.В. Конституционное право Российской Федерации: учебник для вузов. 7-ое издание. – М.: Норма, 2008. – С. 79.

Ба ҳамин тариқ, дар забони тоҷикӣ барои ифодаи қисми даромади санадҳои ҳуқуқӣ: конститутсия, қонунҳо, шартномаҳо мафҳуми дебоча ба мақсад мувофиқ дониста шудааст.

Дар конститутсияи аксари мамлакатҳо қисми муқаддимавӣ мавҷуд аст ва бештари онҳо бе ном ифода карда шудаанд. Баробари ин дар конститутсияи бисёр давлатҳо қисми мазкур ҳамчун Преамбула ном гирифта шудааст. Масалан, нигаред ба конститутсияи давлатҳои Аргентина, Ветнам, Гурҷистон, Испания, Ливан, Ливия, Марокаш, Озарбойҷон, Япония ва ғайра. Дар конститутсияи мамлакатҳои номбурда ҳаҷми преамбула нисбатан муфассал аст. Дар конститутсияи дигар мамлакатҳо, ки ҳаҷми қисми даромад мухтасар аст, аксаран он ҳамчун преамбула ном гирифта нашудааст. Ҳамзамон қайд кардан лозим аст, ки дар конститутсияи як қатор давлатҳо қисми дебоча умуман ҷой надорад. Мисол конститутсияхои Австралия, Америка, Исландия, Италия, Колумбия, Кореяи Шимолӣ, Миср, Нидерландия, Норвегия ва ғайра.

Дебочаи конститутсияи давлатҳои пасошӯравӣ (собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқии шӯравии сотсиалистӣ), ба истиснои ҷумҳуриҳои Латвия, Литва ва Эстония бо иборахои забонзадаи шиорӣ ва мафкуравӣ ба қолиб андохта шудаанд. Дар онҳо арзишҳое, ки дар марҳилаи таърихии қабули конститутсия ноил гаштан ба онҳо ҳадафи асосӣ дониста шудаанд, бо иборахои ҷозибанок ифода ёфтаанд. Ба монанди дарк намудан, тасдиқ кардан, ба асос гирифтан, пос доштан, барпо кардан, ноил гаштан, нигоҳ доштан, ҳифз намудан, кафолат додан, эътироф намудан, кушиш кардан, устувор гардонидан ва ҳоказо. Тавассути ин иборахо ҳадафҳои конститутсия ифода карда шудаанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамин қабил аст ва аз шаш сархат иборат буда, ҳолатҳои он ба мазмуни кулли меъёрҳои конститутсия таъсир доранд[1].

Дебочаи конститутсия сарфи назар аз ҳаҷм, шакли ифода ва ҳадафҳо, мазмун ва таъиноти ба худ хос доранд. Онҳо бо тарзи мухтасар ва ё муфассал мавзӯҳои муҳими сатҳи конститутсиониро муайян мекунанд. Ва раванди эҷоди конститутсия ба танзими ҳуқуқии онҳо мувофиқ гародонда мешавад.

Аз рӯйи омилҳои мазкур мазмуни дебочаи конститутсияи мамла-катҳои дунё шартан аз инҳо иборатанд:

– аз эълони эътиқодмандӣ ба қудрати Худо оғоз ёфтани матни конститутсия ва дебоча;
– маълумот дар бораи таърихи мухтасари рӯ овардан ба рушди конститутсионии мамлакат, хусусияти қабули конститутсияи амалкунанда ва накши он дар таъмини устувории ҷомеа ва давлат;
– инъикоси таърихи ташкилёбӣ ва давра ба давра пешравии ҷузъҳо ва сохторҳои давлатдории миллӣ ва дар асоси кадом омилҳо комёб гаштан ба он;
– маълумот дар хусуси давра ба давра ноил гаштан ба истиқлолияти давлатӣ;
– кушиш ба посдории арзишҳое, ки ба умумияти фарҳангии динӣ ва ягонагии қавмӣ бо халқу иттиҳодияҳои қитъавӣ ва ё минтақавӣ хос аст;
– аз рӯйи кадом усулҳо, консепсия ва шаклҳо ба роҳ мондани идора ва рушди давлатдорӣ, ифодаи иродаю манфиатҳои миллат;
– дар заминаи арзишҳои динӣ ё дунявӣ қарор гирифтани ҳаёти ҷомеа;
– соҳибихтиёрии халқ ва миллат ҳамчун сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ ва муайян кардани шаклҳои амалигардонии он;
– ифодаи иродаю манфиатҳои халқ ва миллат дар таъсис ва фаъолияти дастгоҳи давлатӣ;
– эълон ва ҳатмӣ донистани риояи волоияти конститутсия ва қонунҳо, амали мустақими меъёрҳои конститутсия;

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳҳо аз 26 сентябри с. 1999, 22 июни с. 2003 ва 22 майи с. 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

– инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ;

– эътирофи усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ дар заминаи ҳамкорӣ ва тақсимоти вазифаҳо;

– эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва манфиатҳои қонунии онҳо;

– масъулияти шаҳрванд ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ;

– қисми ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳон эълон доштан ва ба роҳ мондани ҳамкории судманд бо ҳамаи халқҳои ҷаҳон;

– қисми таркибии низоми ҳуқуқии миллӣ донистани санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва риояи ҳолат ва меъёрҳои онҳо ва ғайра.

Баробари ин, баъзе омилҳои дар дебочаи як қатор давлатҳо ҷой дошта, мазмун ва таъиноти махсус дошта, аз усулу қоидаҳои маъмулӣ низоми конститутсионӣ фарқ доранд. Масалан, Конститутсияи давлати Туркия (соли 1982) дебочаи муфассал дорад ва тамоми мазмуни он аз оҳанги идеологӣ (мафкуравӣ) ва миллатгароӣ иборат аст. Дар он решаҳои таърихи давлатдории туркҳо ва вафодории ҷомеа ва давлат ба ғояҳои миллӣ, усулҳо ва азнавсозии пешвои миллат Отатурк ифода ёфтааст. Ҳамчунин ҳолатҳои рӯҳбаландкунанда ва вафодорӣ ба ғояҳои миллии туркӣ бо рангу лафзи гуногун ифода карда шудааст. Ғояи соҳибихтиёрии миллӣ дар асоси усулҳои ҳуқуқӣ ва демократӣ ба роҳ мондани ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, усули таҷзияи ҳокимият, озодиҳои иҷтимоии шаҳрвандони туркро пешбинӣ кардааст. Дебоча ба тамоми таъиноти Конститутсия оҳангӣ мафкуравӣ дода, бартарии миллати туркро нисбат ба дигар шаҳрвандони гурӯҳи этникӣ, хусусан курдҳо эълон дорад. Мафкураи мазкур дар моддаҳои 2, 3 ва 4 конститутсияи мазкур хислати меъёрии конститутсионӣ пайдо карда, тавассути усулҳои умумии қисми якуми он, асоси сохтори конститутсионии давлати Туркияро ташкил менамояд. Бо вуҷуди ин, дар моддаи 176 муқаррар карда шудааст: «Дебоча, ки ғоя ва усулҳои дар асоси Конститутсия қарор доштаро эълон менамояд, қисми таркибии Конститутсияро ташкил менамояд».

Дар дебочаи Конститутсияи Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам (соли 1992) муборизаи халқ барои нигоҳ доштани давлатдории хеш ва давра ба давра дар зери ғояҳои марксизм-ленинизм ва роҳбарии пешво - Хо Ши Мин соҳиб гаштан ба истиқлолияти давлатӣ ва муборизаи бардавом барои ҳифзи он ифода ёфтааст.

Дебочаи конститутсияи як қатор мамлакатҳо бо номи Худо ва ё эътирофи масъулият дар назди Худо оғоз меёбад (Аргентина, Аморати Муттаҳидаи Араб, Қувайт, Марокаш, Олмон, Покистон, Тунис, Шветсария, Эрон ва ғайра). Аммо чи тавре, ки дар сарчашмаҳо қайд ёфтааст, иснод ба робитаи илоҳӣ ба конститутсия ҳамон ҳадафҳои мафкуравие дорад[1], ки ба ибораҳои «Мо, халқи ин ё он мамлакат … », «Мо, халқи сермиллати …», «Мо, намояндагони халқ дар мақомоти олии намояндагӣ ба ифодаи иродаи халқи … кушиш намуда конститутсияи мазкурро эълон менамоем» ва ғайра хосс мебошанд.

Ҳамзамон дебоча ғайр аз эътироф ва эълони арзишу усулҳои эътирофшудаи таҷрибаи конститутсионӣ, боз ҳолатҳоеро дарбар гирифта метавонад, ки тавассути онҳо ба хусусияти махсуси сохтори ҷамъиятӣ ва давлатии мамлакати мазкур ва ҳолатҳои дигар ишора карда мешаванд.

Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати олии ҳуқуқии ҳассос ва серамал ба тағйиротҳо дар ҳаёти ҷомеа ва рӯйдодҳои сиёсӣ бе тафовут нест. Ҳар гуна ҳодисаҳо ва тағйиротҳои ҷиддии сифатӣ ва миқдорӣ бо роҳу воситаҳои гуногун ба мазмун ва таркиби конститутсия таъсир расонида метавонанд. Ин ҳолати муқаррарии конститут-

[1] Современные зарубежные конституции // Сб. документов по конституционному праву зарубужных стран. – М., 1996. – С. 5-6.

сияҳои навишташуда мебошад. Агар конститутсия ба ҳодиса ва рӯйдодҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ бетафовут монад, ин омил бояд боиси ташвиш гардад, зеро ки он шаҳодати карахтии конститутсия ва далели аз маҷрои босуръати ҳаёт қафомонии он мебошад. Ба конститутсияҳои навишта нашуда, чунин омил чандон таъсири зиёд надорад. Онҳо имкони «ҳазм» намудани чунин дигаргунсозиҳо буда, бо роҳҳои гуногуни қонунгузории мамлакат пешбинӣ карда, тағйир ёфта метавонанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Қонуни Асосии зинда ва ҷавобгӯйи тағйиротҳои ҷиддии дар ҳаёти ҷомеа, давлат, низоми мақомоти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд ба вуқӯъ пайваста мебошад. Ва меъёрҳои он тарҳи рушди самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, давлат ва шаҳрвандро танзим менамоянд. Яке аз роҳҳои инъикоси таъсири чунин рӯйдодҳо ба конститутсия бо тартиби пешакӣ муқарраргардида ва риояи нишондоди худи конститутсия дохил кардани тағйиру иловаҳо аст. Дар моддаи 98 Конститутсияи ҶТ муқаррар карда шудааст, ки тағйироту иловаҳои Конститутсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ сурат мегирад ва тартиби таъин кардани онро муайян кардааст.

То ин давра Конститутсияи ҶТ соли 1994 се маротиба (солҳои 1999, 2003 ва 2016) тавассути тағйиру иловаҳо мукаммал гардид. Ба мавзуи таҳқиқоти мо тағйиру иловаҳои соли 2003 дахл дорад.

Маҳз дар раъйпурсии соли 2003 дар таркиби Конститутсияи ҶТ қисми хотимавии «Муқаррароти интиқолӣ» пайдо гардид[1]. То ин вақт ба таҷрибаи конститутсионии ҷумҳурӣ чунин фасл хосс набуд. Субъектҳои ташаббуси мазкур аз иловаи таркибии Конститутсия номидани муқаррароти интиқолӣ худдорӣ намуда, онро дар охири матни Конститутсия, бе муайян кардани боби алоҳида ё идомаи моддаҳои боби даҳум ҷой додаанд. Таркиби қисми муқаррароти интиқолӣ низоми ба худ хос дорад ва аз чор банд иборат аст. Дар раъйпурсии соли 2016 мазмуни муқаррароти интиқолӣ чанде тағйир ёфт, аммо таркиби он ҳамоно аз чор банд боқӣ мондааст.

Бояд қайд кард, ки қисми мазкур на фақат дар таҷрибаи конститутсионӣ, балки барои таркиби қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои оддии ҶТ низ чизи нав мебошад. Фақат дар баъзе қонунҳои ҶТ боб ё фасли ҳолатҳои хотимавӣ ҷой дошта, вале муқаррароти интиқолӣ ҷой надорад. Дар таҷрибаи конститутсионии давраи шӯравӣ чунин падида қариб пешбинӣ карда намешуд.

Бо сабаби дар Конститутсияи ҶТ соли 1994 дар таҳрири соли 2003 пайдо шудани Муқаррароти интиқолӣ марок ба падидаи мазкур афзуд. Тибқи ин омил ҳанӯз соли 2005 баъзе фикру мулоҳизаҳои худро дар шакли мақолаи илмӣ ба чоп расонида будам[2]. Аммо ҳанӯз ҳам дар атрофи масоилҳои муқаррар намудани ҷойи муқаррароти интиқолӣ дар низоми Конститутсия, хусусиятҳои меъёрҳои (ҳолатҳои) дар он ҷой дошта, моҳият ва қувваи ҳуқуқии онҳо, таъсири онҳо ба низоми қонунҳои ҶТ ва ғайра андешаҳо бисёранд.

Дар таҷрибаи конститутсионии бисёр давлатҳо чунин қисмҳои конститутсия ҷой доранд. Аммо тафовути истилоҳотӣ дар номи чунин фасл ё боб, дар таркиб, ҳаҷм ва мазмуни онҳо, моҳияти ҳуқуқӣ ва қувваи ҳуқуқии онҳо, хислати муқиммӣ ё муваққатӣ доштани амали онҳо хеле зиёданд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар ҳадди муайян хусусиятҳои хосси он қисми конститутсия, ки ба муқаррароти интиқолӣ дахл доранд, таҳқиқ шудааст[3]. Пайдоиши фасли муқаррароти хотимавӣ ва гузаришии Конститутсияи Федератсияи Россияро олимон ба чандин омилҳо алоқаманд мешуморанд. Аз ҷумла, бо андешаи Б.Н. Топорнин

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри с. 1999, 22 июни с. 2003 ва 22 майи с. 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 86.

[2] Имомов А. Конституционно-правовая природа переходных положений Конституции // Государство и право. - 2005. - № 3. – С. 1-9.

[3] Конституционное право: учебник / Под ред. В.В.Лазарева. – М.: 1998. – С. 45; Сравнительное конституционное право. – М.: 1996. – С. 131-139.

қисми мазкур аз як су ба зарурати навгардонии маҷмуи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии мавҷуда, ки бо қабули конститутсияи нав алоқамананданд ва ба тарзи куллӣ низоми ташкили ҷомеа ва давлати мазкуранд (чи тавре ки дар Россия руй дод), аз сӯйи дигар, бо зарурати муқаррар кардани баъзе истисноҳо аз қоидаҳои нави конститутсионӣ, нигоҳ доштани амали қонунҳои қаблан қабулшуда то қабули қонунҳои нав, ки танзими муносибатҳои ҷамъиятиро бо ҳолатҳои нави конститутсионӣ муқаррар менамоянд, алоқаманд мешуморад. Муҳлати амали чунин фаслҳо бо бартараф кардани монеаҳои мавҷуда алоқаманд мебошанд ва ҳамчун қоида дар конститутсияҳо нишон дода намешаванд[1].

С.А. Авакян чунин мешуморад, ки таъиноти падидаи мазкур «… нишон додани он, ки кадом рӯз рӯзи қабули конститутсия дониста мешавад, аз кадом рӯз он ба амал медарояд, тақдири конститутсияи пешина чигуна аст, чи тавр қонунгузории қаблӣ то қабули қонунҳои нав мувофиқи конститутсияи мазкур татбиқ мегарданд, мақомоти мавҷуда ва аз нав таъсисёбанда чи тавр амал мекунанд»[2]. Бояд қайд кард, ки ин омилҳои ба Конститутсияи Федератсияи Россия ва конститутсияҳое, ки бо таркиби худ ба он наздиканд, дахл дорад, чунки фасли дахлдори конститутсияи чандин давлатҳои дигар таъиноти мазмунан чанде васеъ доранд.

Дар Конститутсияи Федератсияи Россия ва баъзе давлатҳои дигар ба таъйиноти қисми муқаррароти хотимавӣ ва интиқоли равшанӣ андохта шудааст. Мисол, қисми дуюми Конститутсияи ФР таркиби махсус дошта, он аз 9 банд иборат аст. Аммо дар худи матни фасли дуюм ба масъалаи кадом ҳолатҳоро хотимавӣ ва кадомро интиқолӣ донистан ишора карда нашудааст. Дар адабиёт қайд ёфтааст, ки ҳолатҳои хотимавӣ қувваи худро дар тамоми давраи амали конститутсия нигоҳ медоранд, ҳолатҳои интиқолӣ бошанд, муваққатианд. Дар ҷойи дигар қайд ёфтааст, ки таъиноти фасли муқаррароти хотимавӣ ва интиқолӣ бо муайян кардани тартиб ва мӯҳлати ба амал даромадани Конститутсияи ФР, ба низом даровардани шакли фаъолияти мақомоти федералии ҳокимияти давлатӣ дар давраи гузариш, алоқаманд аст.

Ба андешаи мо, мавқеи профессор В.В. Маклаков асоснок аст, ки мегуяд: «Баъзан муқаррароти интиқолии конститутсия, нисбат ба таъиноти худ нақши хеле баланд бозида метавонад»[3]. Ҳамзамон ба хусусияти интиқолии моддаи 92 Конститутсияи Фаронса соли 1958 ишора мекунад, ки мувофиқи он аксарияти қонунҳои органикӣ ва қисман қонунгузории ҷорӣ тавассути ордонансҳои (қарорҳои) ҳукуматӣ қабул шудаанд. Ӯ чунин мешуморад, ки ҳолатҳои хотимавии конститутсия – қисми конститутсияи навишташуда, кодексгардонида мебошад, ки меъёрҳои муҳимро дарбар мегиранд. Дар онҳо ҳолатҳои тафсирӣ, меъёрҳо дар хусуси тафсири конститутсия, меъёрҳое, ки аҳамияти онҳо хеле бузург ва бештар сохтори нави давлатиро равшан менамоянд, ҷой доранд[4].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин андешаҳо ҷой доранд, ки муқаррароти интиқолӣ – меъёрҳои мувақатии конститутсионӣ мебошанд, ки идоманокии ҳокимиятро таъмин ё тартиби ба амал даромадани падидаҳои нави конститутсиониро муайян мекунанд. Воқеан, аксари меъёр ва ҳолатҳои муқаррароти интиқолӣ қолаби мувақатии амал доранд ва амалӣ шудани онҳоро бо мӯҳлатҳои муқарраршуда чен кардан мумкин аст. Вале ин кори саҳл нест. Дар ҳамин қисми конститутсияи чанде давлатҳо меъёрҳое мавҷуданд, ки ба мӯҳлатҳои муқарраршуда ҷой намегиранд. Давомнокии татбиқи онҳоро бо ҳамон қолаби вақт чен кардан мумкин аст, ки умуман меъёрҳои конститут-

[1] Конституция Российской Федерации: научно-практической комментарий / Под ред. акад. Б.Н. Топорнина. – М., 1997. – С. 685.
[2] Авакьян, С.А. Конституционное право России: учебный курс. 2-ое изд. В 2 т. Т. 1. 2007. – С.161.
[3] Конституции зарубежных государств: учебное пособие / сост. В.В. Маклаков. – 3-е изд., перераб. И доп. – М.: БЕК, 2002. – С. 92.
[4] Современные зарубежные конституции / Сб. документов по конституционному праву зарубежных стран. – М., 1996. – С. 10.

сия ба он таъин шудаанд. Масалан, меъёри дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 116 Конститутсияи Ҷумҳурии Федеративии Олмон ҷой дошта, дар хусуси муайян кардани мафҳуми ибораи «немис» ва асосҳо барои барқарор кардан дар шаҳрвандӣ меъёрҳои воқеӣ ва устуворанд. Ҳамин ҳолатро нисбати фасли ҳолатҳои хулосавии Конститутсияи Ҷумҳурии Туркманистон дар бораи мувофиқати қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ба конститутсия, дар бораи тағйирнопазирии шакли ҷумҳуриявии идора қайд кардан мумкин аст. Ба ҳамин қатор баъзе меъёрҳои боби 2 Конститутсияи Конфедератсияи Швейтсария, аз ҷумла, дар бораи ҳаҷми боҷи паушалӣ аз воситаҳои нақлиёти автотехникӣ ва истифодаи роҳҳои мошингард таалуқ доранд.

Дар алоқа бо омили дар конститутсияи аксари давлатҳо ҷой надоштани нишондоди равшан дар хусуси ҷойи муқаррароти интиқолӣ дар таркиби конститутсия ва қувваи ҳуқуқии меъёрҳои дар онҳо ҷой дошта, лозим аст, ки ба ин масъала чанде таваққуф карда шавад. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки дар конститутсияи баъзе давлатҳо меъри императивӣ (ҳатмӣ) ҷой доранд, ки ҷойи ин падидаро дар низоми меъёрҳо ва ҳолатҳои конститутсионӣ муайян мекунанд. Масалан, моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Молдова эълон кардааст, ки фасли мазкур қисми таркибии конститутсия мебошад.

Меъёрҳо ва ҳолатҳои мазкур дар Конститутсияи Сиёсии Ийолоти Муттаҳидаи Мексика (қисми мустақил буда, аз 16 моддаҳо иборат аст) номи «Муқаррароти интиқолӣ» гирифт; дар Конститутсияи Ийолоти Муттаҳидаи Бразилия (қисми алоҳида аз 36 модда иборат буда, онҳо ба бандҳо ҷудо мешаванд) «Ҳолатҳои гузаришии конститутсионӣ» ном дорад; дар Конститутсияи Сурия (боби Х), ҳамчун қисми таркибии конститутсия, «Қарорҳои муваққатӣ» номида шудааст; дар Конститутсияи Португалия (бе нишон додани фасл ё боб, моддаҳои 292-312–ро дарбар мегирад; дар Конститутсияи ҶФО (фасли Х1) «Қарорҳои хулосавӣ ва интиқолӣ» ном дорад. Минбаъд бо мақсади осон кардан, мо фаслҳо, қисмҳо ва бобҳои мазкурро бо ибораи «Ҳолатҳои интиқолӣ» ном мегирем.

Фасли 11 Конститутсияи ҶФО соли 1949 «Қарорҳои хулосавӣ ва интиқолӣ» ном дошта 31 моддаҳои матни асосии Конститутсия (116-146) –ро дарбар мегирад. Ғайр аз ин, моддаи 140 нишондоде дорад, ки мувофиқи он «Ҳолатҳои моддаҳои 136, 137, 138 ва 141 Конститутсияи (Веймарии) Олмон аз 11 августи соли 1919 қисми таркибии Қонуни Асосии мазкур мебошад». Фасли мазкур идоманокии ҳолатҳои Конститутсияи ҶФО соли 1949 ва Конститутсияи (Веймари) Олмон соли 1919-ро таъйин карда, ба онҳо қувваи олии ҳуқуқӣ дода ва баробарии онҳоро бо меъёрҳои Конститутсияи амалкунанда муқаррар кардааст. Ҳолати мазкур шаҳодати он аст, ки меъёрҳои муқаррароти интиқолӣ якҷоя бо баъзе хусусиятҳо, ҳамон сифатҳо ва қувваи ҳуқуқӣ доранд, ки ба дигар меъёрҳои конститутсия низ хосанд.

Конститутсияи баъзе мамлакатҳо таркиби ба худ хоси муқаррароти интиқолӣ доранд. Мисол қисми 4 Конститутсияи Юнон «Ҳолатҳои махсус, хулосавӣ ва интиқолӣ» ном дошта, аз фаслҳои А, В, С, D иборат аст, ки моддаҳои 106-120-ро дарбар мегирад. Ҳар яке аз ин фаслҳо мазмун ва таъиноти махсус доранд. Конститутсияи Испания дар қисми хотимавӣ чор зерфаслҳои иловагӣ, гузаришӣ, бекоркунӣ ва ниҳоӣ дорад, ки ҳар яки онҳо ба қисмҳо ва бандҳо тақсим шудаанд. Боиси эътибор аст, ки боби 2-уми фасли шашуми Конститутсияи Конфедератсияи Швейтсария аз моддаи 196 иборат аст, ки он 16 ҳолатҳои интиқолиро дарбар гирифтааст ва ҳар яки он меъёрҳои иловагӣ, меъёрҳои шарҳу эзоҳи дахлдор дорад.

Мавзуи танзимнамоии муқаррароти интиқолӣ дар таҷрибаи конститутсионии давлатҳои гуногун хеле фарогир буда, аз якдигар бо ҳаҷм, мазмун ва таъиноти худ фарқ доранд. Дар ин ҷой кушиш карда мешавад, ки вобаста ба ин омилҳо қисми интиқолии конститутсияҳои якчанд давлатҳо тафсир карда шаванд.

1. Дар ҷойи аввал ҳолатҳои қисми муқаррароти интиқолие меистанд, ки муҳлат ва тартиби ба амал даромадани конститутсия, дар бораи шартҳои амали

баъзе меъёрҳои моддаҳои дахлдори конститутсия, дар бораи имзогузории конститутсия аз тарафи сарвари давлат (промулгатсия) ва ғайра меистанд (Конститутсияи Юнон, Испания, Қазоқистон, Литва, Молдова, Конститутсияи Сиёсии Ийолоти Муттаҳидаи Мексика (КСИММ), Конститутсияи Португалия, Федератсияи Русия (ФР) ва ғайра).

2. Меъёрҳо дар хусуси мувофиқат ва амали қонунҳо, дар бораи қувваи ҳуқуқии санадҳои то қабули конститутсия нашр шуда, дар бораи эҳтироми конститутсия ва қонунҳо, дар бораи тақдири санадҳое, ки хилофи усули соҳибихтиёрии халқанд, дар бораи риоя ва ҳифзи конститутсия ва эътироз дар ҳолатҳои вайронкунии он, дар бораи амали шартномаҳои байналмилалие, ки то ба амал даромадани конститутсия тасдиқ шудаанд (Конститутсияҳои давлатҳои Италия, Юнон, Молдова, Лаҳистон, Португалия, ФР, Тунис, Япония).

3. Меъёрҳо дар бораи ченаки намояндагӣ ва интихоботи парлумон, мӯҳлати ваколати парлумон, шумораи ҳайати парлумон, дар бораи тартиби даъвати иҷлосияи якуми парлумон (Конститутсияҳои Испания, Италия, Қазоқистон, Шоҳигарии Марокко, Молдова, Покистон, Португалия, ФР, Тунис, Ҷумҳурии Федеративии Олмон (ҶФО), Япония, Ийолоти Муттаҳидаи Бразилия (ИМБ)).

4. Меъёрҳо дар бораи Президент, дар бораи тартиби интихобот ва мӯҳлати ваколати он, дар бораи салоҳият, дар бораи тартиби интихоби ноиб-президент (Конститутсияҳои ИМБ, Қазоқистон, Молдова, Покистон, Португалия, ФР, КСИМ Мексика, Тоҷикистон).

5. Меъёрҳо дар бораи Ҳукумат, дар бораи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳокимияти иҷроия дар марказ ва маҳалҳо, дар бораи хизмати давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ (Конститутсияҳои Италия, Португалия, ИМ Бразилия, ФР, Франсия, Япония, КСИММ).

6. Меъёрҳо дар бораи интихоби судҳо, дар бораи маҳдудияти синну соли судяҳо, дар бораи муҳлати ваколати онҳо (Конститутсияҳои Италия, Испания, Португалия, ФР, ИМБ, Юнон, Тоҷикистон).

7. Меъёрҳо дар бораи маҳдудияти ҳуқуқи ғайрифаъолонаи интихоботӣ, дар бораи ғайри қобилияти сиёсӣ ва интихоби набудани шаҳрванд (Конститутсияҳои Италия, Португалия).

8. Меъёрҳо дар бораи нигоҳ доштани шаҳрвандӣ, дар бораи муайян кардани немисҳо, дар бораи гурезаҳо ва шахсони бадарғашуда (Конститутсияҳои ИМБ, ҶФО, КСИММ).

9. Оид ба масъалаҳои молия, адои қарзҳо, дар бораи молу мулки иттифоқ ва уҳдадориҳои молу мулкӣ, дар бораи андозҳо, дар бораи имтиёзҳо ба баъзе тоифаи шахсон (Конститутсияҳои ИМБ, Покистон, ҶФО, КСИММ).

10. Дар бораи иттифоқҳои мухторӣ ва ҳудуди миллӣ, дар бораи муайян кардани сарҳади ийолот ва музофотҳо (Конститутсияҳои Италия, Испания, Португалия).

Конститутсияи баъзе мамлакатҳо, ғайр аз ҳолатҳои номбаршуда, инчунин дигар мавзуъҳои танзимнамоии конститутсиониро, мисол, дар бораи салоҳият ва ваколатҳо (Конститутсияи Сиёсии Мексика, ҶФО), дар бораи тартиби бахшиши ҷазо (Конститутсияи ИМБ), дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ (Конститутсияи Португалия) ва ғайраро пешбинӣ кардаанд.

Таркиб ва мазмуни муқаррароти интиқолии конститутсияи давлатҳо бо ин ё он хусусияти худ аз якдигар фарқ мекунанд. Махсусан, қисми ҳолатҳои интиқолии Конститутсияи Конфедератсияи Швейтсария хусусиятнок буда, дар он ҳар гуна меъёрҳои иловагӣ, меъёрҳои шарҳу эзоҳ, ки ин ё он ҳолатҳои моддаҳои 84, 85, 87, 90, 95,102, 103, 106, 110, 112, 113, 126, 128, 130, 131 ва 132 дарбар мегиранд, ҷой дорад. Ингуна меъёрҳои муқаррароти интиқолӣ моҳиятан қисми таркибии конститутсияҳои мазкурро ташкил менамоянд.

Дар конститутсияи як қатор мамлакатҳо фасл ё боби махсус дар бораи муқаррароти интиқолӣ ҳамчун идомаи фаслу бобҳои дигари конститутсианд, баробари ин, дорои таркиби хоси худ мебошанд. Масалан, фасли дуюми Конститутсияи ФР на аз моддаҳо, балки аз 9 бандҳо иборатанд, ки ҳар кадоми онҳо дорои меъёрҳои ба худ хосанд, онҳо барои шарҳу татбиқи меъёр ва ҳолатҳои конститутсия таъин шудаанд. Фасли дуюми Конститутсияи Италия бошад ғайр аз моддаҳои 138 ва 139 қисми алоҳида доранд, ки аз қарорҳои интиқолӣ ва интиҳои иборат буда, тартиби рақамии худро доранд (моддаҳо аз 1 то 18).

Ҷойи ҳолатҳои интиқолӣ дар таркиби конститутсия якгуна набуда, тибқи ҳадаф ва вазифаҳои онҳоро тартибдиҳанда (таъсисдиҳандаҳо) таркиб ва мазмуни гуногун доранд. Масалан, дар баъзе конститутсияҳо онҳо қисми таркибии конститутсия буда, дар фаслу бобҳои ҷудогона танзим шудаанд. Масалан, қисми 4 Конститутсияи Юнон «Муқаррароти махсуси хотимавӣ ва гузаришӣ» ном дошта, аз чор фаслҳои ба моддаҳо ҷудо шуда иборат буда, яке аз банди он «с» «Муқаррароти интиқолӣ» ном дорад ва 9 моддаро (111-119) дарбар гирифтааст. Дар фасли 15 Конститутсияи Фаронса қарори интиқолӣ ҳамчун қисми таркибии конститутсия аз 3 модда (90-92) иборат аст. Қарорҳои интиқолӣ ва хотимавии Конститутсияи Португалия ҳам пурра ба таркиби конститутсия дахл дошта, аз 22 моддаҳо (моддаҳои 292-312) иборат аст.

Пайдоиши қисми муқаррароти интиқолии Конститутсияи ҶТ соли 1994 бо тағйиру иловаҳои соли 2003 алоқаманд аст. Дар матни Конститутсияи ҶТ соли 1994 ва тағйиру иловаҳои соли 1999 ҳанӯз чунин қисм ҷой надошт. Ва оид ба зарурияти он низ ягон таклифу пешниҳодҳо мавҷуд набуд. Барои татқиқотчиёни падидаи конститутсионализм мароқангез аст, ки чунин қисм дар Конститутсияи ҶТ соли 1994 бо кадом сабаб пайдо гардид ва ҳадафи асосии аз чӣ иборат буд. Барои дарёфт кардани асоси водоркунандаи ин иқдом бояд ҳар як банди муқаррароти интиқолӣ, ки дар таҳрири конститутсионии соли 2003 дар Конститутсияи ҶТ соли 1994 пайдо гардид, сабабҳо ва рушди минбаъдаи он дар таҳрири соли 2016 чуқур таҳлил карда шавад.

Банди якум ва дуюми муқаррароти интиқолӣ дар таҳрири консти-тутсионии солҳои 2003 ва 2016 бе тағйир монданд. Дар онҳо ба масъалаҳои аз кадом вақт эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани тағйиру иловаҳое, ки ба Конститутсияи ҶТ дар ин солҳо ворид карда шудааст, масъалаи амали қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки то тағйиру иловаҳо дохил кардан ба Конститутсия амал мекарданд, равшанӣ андохта шудааст. Банди чоруми муқаррароти интиқолӣ дар таҳрири аввал – соли 2003 дар бораи нигоҳ доштани салоҳияти судяҳо то тағйиру иловаҳо ба Конститутсия интихоб ва ё таъин шуда ва то 10 сол дароз кардани мӯҳлати судяҳои нав интихоб ва ё таъин шуда, дар таҳрири соли 2016 бекор гардиданд. Ба ҷойи он дар таҳрири нави банди чорум тартиби савгандёдкунии аъзоёни Парлумон ва Ҳукумати ҶТ муқаррар карда шуд.

Дар хусуси банди сеюми муқаррароти интиқолии Конститутсияи ҶТ қадре таваққуф намудан лозим аст, зеро ки маҳз дар таҳлили пайдоиши он ба ин масъала равшанӣ андохтан мумкин аст. Мазмун ва таъиноти банди чоруми қисми мазкур бо сарсатри якум ва чоруми моддаи 65 Конститутсияи ҶТ дар бораи мӯҳлати ваколати Президенти ҶТ ва тартибу мӯҳлати пай дар пай интихоб шудани ӯ (дар таҳрири солҳои 1994, 1999, 2003 ва 2016) дахл дорад. Чи тавре, ки маълум аст дар таҳрири соли 1994 пешбинӣ шуда буд, ки Президенти ҶТ-ро шаҳрвандон ба муҳлати 5 сол интихоб менамоянд ва як шахс ба ин вазифа бештар аз дӯ муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад. Ин меъёр дар таҳрири Конститутсия дар соли 1999 тағйир ёфта, муҳлати ваколати Президенти ҶТ 7 сол муқаррар карда шуд, аммо акнун муайян карда шуд, ки як шахс ба ин вазифа бештар аз дӯ муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад.

Дар тағйиру иловаҳои Конститутсияи ҶТ дар соли 2016 моддаи 65 дар таҳрири нав тасдиқ гардид. Мувофиқи он меъёр дар хусуси мӯҳлати ваколати Президенти ҶТ

7 сол ва як шахс ба ин вазифа бештар аз ду мӯҳлат пай дар пай интихоб шуда натавонистан нигоҳ дошта шуд. Ҳамзамон ба моддаи мазкур қисми панҷум илова гардид, ки мувофиқи он «Маҳдудияти дар қисми чоруми ҳамин модда пешбинигардида нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат татбиқ намегардад. Вазъи ҳуқуқи ва ваколатҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллатро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад».

Дар ҳамин замина дар банди сеюми Муқаррароти интиқолӣ ин ҳолат ба таври зерин ифода карда шуд: «Интихоби пай дар пайи Президент барои ду мӯҳлат, ки дар қисми чоруми моддаи 65 пешбинӣ шудааст, баъд аз ба охир расидани ваколати Президенти амалкунанда оғоз меёбад» [1].

Ба ҳамин тариқ, дар чор маротиба иқдоми қабул, тағйиру иловаҳо дохил кардан ба Конститутсияи ҶТ соли 1994 масъалаи асосӣ муҳлати интихоб ва дар вазифаи Президенти ҶТ пай дар пай интихоб шудани як шахс буда, хислату таъиноти фардӣ доранд. Тағйиру иловаҳои пай дар пайи моддаи 65 Конститутсияи ҶТ соли 1994 ва пайдоиши падидаи муқаррароти интиқолӣ дар иловаҳои солҳои 2003 ва 2016 ба Конститутсия воридшуда ва рушди минбаъдаи он тавъам ба якдигар пайвандӣ доранд.

Дар натиҷаи таҳлили ҳолатҳои қисми муқаррароти интиқолии Конститутсияи ҶТ қаблан хулоса карда будем, ки ҳолатҳои муқаррароти интиқолӣ қисми ҷудонопазири конститутсия мебошанд (12, 64. 291-292). Ҳамчунин қайд кардан лозим аст, ки яке аз асосҳои қисми таркибии Конститутсияи ҶТ донистани муқаррароти интиқолӣ бо тартиби ба конститутсия хос, тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйир ёфтани он мебошад. Ҳеҷ гуна роҳу воситаи дигари тағйирёбии ин фасл ё қисм пешбинӣ нашудааст. Ба ҳамин хусусияти қисми муқаррароти интиқолии конститутсияи баъзе давлатҳои хориҷӣ профессор Ю.А.Юдин дар мисоли замимаи Конститутсияи Ҳиндустон нишон додааст, ки он фақат тавассути тартиби махсуси дар моддаи 246 муқарраршуда, тағйир меёбад.

Пайдоиши падидаҳои дебоча ва муқаррароти интиқолӣ дар низоми конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон далели рушди таҳаввулот дар назарияи Конститутсия ва бо нигоҳи нав назар кардан ба нақши Конститутсия дар воқеияти ҳуқуқӣ ва сиёсии мамлакат мебошад. Инчунин он далели то рафт устувор гаштани ҷойи конститутсия дар низоми ҳуқуқӣ-сиёсӣ, тасдиқи пайвандии ҳуқуқ бо воқеияти ҳаёти ҷомеа ва давлат ва унсури рушди фарҳангӣ конститутсионӣ аст. Ва охирон, нерӯҳои қудратманди ҷомеа тавассути ҳардӯи ин қисмҳо (ҳолатҳо) иродаю манфиати худро аз самти ҳуқуқӣ-сиёсӣ ва мафкуравӣ устувор менамоянд.

Пайдоиш ва рушди падидаи конститутсионии дебоча – қисми даромад ва муқаррароти интиқолӣ ё ҳолатҳои хотимавӣ ва ё ҳолатҳои гузаришӣ дар конститутсияи мамлакатҳои гуногун сабабҳои ба худ хос дошта, воқеияти давраи муайяни рушди таҷрибаи сохтмони давлатӣ ва таъсису фаъолияти мақомоти олии давлатиро ифода мекунад. Зарурияти дар матни конститутсия ҷой додан ё ҷой надодани чунин қисмҳо ё фаслҳо дар раванди қонунгузории конститутсионӣ аз тарафи субъектони ваколатдори ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ муайян карда мешавад.

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳҳо аз 26 сентябри с. 1999, 22 июни с. 2003 ва 22 майи с. 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 58.

**ТДУ 342.4**

# УСУЛҲОИ АСОСИИ КОНСТИТУТСИЯ

## ОСНОВНЫЕ МЕТОДЫ КОНСТИТУЦИИ

**СУЛАЙМОНЗОДА МАНУЧЕҲР СУБҲОНАЛӢ**
*Мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент*
e-mail:sulaymonzoda.m@gmail.com

**НЕГМАТОВ БАҲОДУР САФАРОВИЧ**
*Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
e-mail:negmatov.bc87@mail.ru

Мартабаи конститутсияро олимон пеш аз ҳама бо ғояҳои асосгузоранда, роҳбаронаи дар меъёр ва падидаҳои онҳо ҷой дошта алоқаманд мешуморанд, ки хусусиятҳои аз ҳама асосии устуворӣ, мазмун ва таъсири онҳоро ба ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ифода мекунанд. Ҳамаи ғояҳо ва ҳолатҳои дар Конститутсия муқарраршуда, дар асоси усулҳои (принсипҳои) интиҳоии мазмуни онҳоро муайянкунанда, хусусиятҳои аз ҳама асосӣ, нишонаҳои онҳоро ҳамчун Қонуни олӣ ифодакунанда, қарор ёфтаанд.

Бо мазмуни худ усулҳои конститутсия инъикоси меъёрии моҳияти иҷтимоии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мебошад, ки қонуниятҳои умумии таъсисёбии давлати демократӣ ва ҳуқуқиро инъикос мекунад. Равшан намудани ин усулҳо, чуқур кушодани мазмун ва таъиноти онҳо, аз ҳама бештар барои дуруст дарк кардани мазмун ва моҳияти худи Конститутсияи ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Усулҳои Конститутсия як навъ ифодакунандаи сиёсати иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҳар як давлат, муайянкунандаи самтҳои асосии рушди он ва хусусиятҳои сохтори ҷамъиятӣ мебошад[1].

Усулҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта, интиҳои аввалии роҳбарикунанда дониста мешавад, ки нишонаҳои муҳимтарин ва хусусиятҳои сифатӣ, инчунин таъиноти иҷтимоии конститутсияро ҳамчун Қонуни олии давлат ва ҷомеа муайян мекунанд. Усулҳои конститутсия барои ҷомеа ва давлат аҳаммияти муҳим доранд ва охири охирон бо омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, байналмиллалии дар лаҳзаи қабули он ташаккулёфта, инчунин ғояҳои стратегии рушди мамлакат алоқаманд аст. Усулҳои конститутсия ифодаи ҳуқуқии ғояи либералӣ-демократии доктринаи сохтори демократӣ ва ҳуқуқии давлат ва ҷомеа мебошанд.

Усулҳои асосии ҳуқуқӣ, ҳамчун қоида, интиҳои нонавиштаест, ки ба низоми ҳуқуқӣ таъсири муайянкунанда доранд. Онҳо як навъ аксиомаи (мусалламаи) то ҳадде равшан ҳастанд, ки онҳоро аксар вақт ҳатто дар қонунҳо махсус пешбинӣ намекунанд, чаро ки ба онҳо ақли солим ва мантиқи низоми ҳуқуқии мазкур ишора мекунанд. Масалан, қувваи олии ҳуқуқии Конститутсия ё ки волоияти он дар низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ арзиши эътирофшуда ва бебаҳс мебошад. Дар меъёрҳои Конститутсия махсус ба онҳо ишора намудан ҳоҷат надорад, аммо таҳиякунандагони он мувофиқи афкору идроки худ метавонанд, онҳоро номбар намоянд. Ҳамзамон қайд кардан лозим аст, дар таҷрибаи қабули қонунҳои нави ҶТ ва тағйиру илова

[1] Конституционное право Республики Казахстан: учебник / Под ред. А.Т. Ащеулова. – Алмата: КазГЮА, 2001. – С. 72-80.

дохил кардан ба қонунҳои амалкунанда, ҳарчи бештар номбар кардани усулҳои ба ҳамин соҳа хос мавқеи устувор пайдо карда истодааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки мафҳуми «усулҳои конститутсия»-ро набояд бо мафҳуми «усулҳои, дар конститутсия муқарраршуда (акскардашуда)» омехта карда шавад. Мисол, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор усулҳои асосгузоранда муқаррар карда шудааст, ки дар моддаҳои 1, 5, 6, 7, 8 ва ғайра ҷой доранд[1].

Бешубҳа, ҳамаи усулҳои дар конститутсия муқарраршуда, барои комилҳуқуқонаю самаранок амал кардани ҷомеа ва давлат аҳамияти муайянкунанда доранд. Сухан пеш аз ҳама дар бораи усулҳои асосгузорандаи (бунёдии) фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад: ваҳдати ҷамъиятӣ ва муназамии сиёсӣ, рушди иқтисодӣ ба манфиати тамоми халқ, ватанпарастии тоҷикистонӣ, ҳалли масъалаҳои аз ҳама муҳими ҳаёти давлатӣ бо усулҳои демократӣ ва ғайра.

Чи тавре, ки дар боло ишора карда шуд усулҳои асосии конститутсия, ҳамчун қоида, дар нишондодҳои ҳуқуқии он равшан аниқ карда нашудаанд, аммо бо вуҷуди ин дар матни Дебоча ва фаслҳои он ифода ёфтаанд. Дар доктринаи муосири конститутсионии ғарб эътироф карда шудааст, ки «конститутсия на фақат аз меъёрҳои дар матни он ҷой дошта, балки аз чунин усулҳо ва ғояҳое иборат аст, ки дар ҳеҷ ҳолати конститутсионӣ бевосита ифода наёфтаанд, аммо аз маҷмуи онҳо, аз мазмуни умумӣ ва аҳамияти онҳо бармеоянд[2].

Маҳз тавассути усулҳои конститутсионӣ ба конститутсия сатҳи баланди умумияти меъёрӣ хосс аст. Бояд қайд кард, ки усулҳои конститутсия нисбатан устувортар дар қиёс бо нишондодҳои ба танзими муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ (мисол, меъёри Конститутсия дар хусуси танзими вазъи ҳуқуқии мақомоти олии давлатӣ) таъиншуда мебошанд. Меъёрҳои мазкур метавонанд тағйир ёбанд, аммо фақат тибқи усулҳои нисбатан устувори конститутсия. Мисол, усулҳои соҳибихтиёрии халқ, инсондӯстӣ (гуманитарӣ), қонунияти конститутсионӣ ва ғайра. Агар нишондодҳои мушаххаси конститутсия бо усулҳои он мувофиқ наоянд, зиддият пайдо мегардад, ки тавассути мувофиқ гардонидани ин меъёрҳо бо усулҳои конститутсионӣ бартараф кардан мумкин аст.

Усулҳои асосии конститутсия на фақат ҳуқуқи конститутсиониро дарбар мегиранд, балки дараҷоти муҳимтарини иҷтимоӣ-сиёсӣ низ дахл доранд, ки Қонуни олӣ ба онҳо аҳамияти калон медиҳад. Бо ҳамин муносибат маҳаки таснифи усулҳои асосии конститутсия на фақат мазмуни ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, балки мазмуни иҷтимоӣ-сиёсии дар меъёрҳо ифода ёфта, мебошад. Чунки усулҳои конститутсия маъмулан бо хислати муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ вобаста мебошанд ва қонуниятҳои умумии мавҷудият ва рушди Тоҷикистонро ҳамчун давлати конститутсионии ташаккул ёфтаистода инъикос мекунанд. Баробари ин усулҳои асосии он таъсири муайянкунанда ба рафти ҳамаи муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дошта, инчунин аҳаммияти аввалиндараҷа барои ифодаи усулҳои ҳуқуқи амалкунандаи ҷумҳурӣ дорад.

Чанде аз олимони конститутсияшинос нишонаҳои асосӣ ва хислатҳои конститутсияро нишон дода, аз рӯйи он моҳият ва мазмуни онро кушода медиҳанд. Нишонаю хислатҳои нишондодашуда бо усулҳои асосии конститутсия хеле наздиканд, аммо на ҳамаи онҳоро усулҳои конститутсия номидан мумкин аст. Масалан, С.А. Авакян ба сифати хислатҳои асосии конститутсия чунин арзишҳоро номбар кардааст: 1) хусусияти асосгузоранда; 2) Халқият (народность); 3) амри воқеъ (реальность); 4) Устуворӣ (стабильность) ва дар хусуси усулҳои конститутсия ишора накардааст[3].

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри с. 1999, 22 июни с. 2003 ва 22 майи с. 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
[2] Сравнительное конституционное право. – М., 1996. – С. 96.
[3] Авакъян С.А. Конституционное право России: учебный курс. 2-ое изд. В 2 т. Т.1. –М.: Юристъ, 2007. – С. 161-165.

Масъалаи усулҳои конститутсияҳои сотсиалистӣ дар давраи шӯравӣ дар рисолаи доктории давлатшинос Н.А.Михалева чуқур таҳлил шуда, таърифи зерини он пешниҳод гашта буд: «Усулҳои конститутсияи сотсиалистӣ – ин дар меъёрҳои қонуни асосӣ қонуниятҳои объективии ифодаёфтае, ки асосҳои ташкил ва амали таркиби сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳаёти маънавии ҷомеаро тавсиф менамояд». Ӯ қайд кардааст, ки ҳамаи усулҳои конститутсионӣ низоми ягонаро ташкил менамоянд, ки аз ду зернизом – усулҳои умумӣ ва махсуси конститутсионӣ иборатанд. Ва мазмуни усулҳои гуногуни конститутсиониро кушода дода, бо ҳам дар пайванди амал кардани онҳо ва бо моҳияту шакли давлат робита доштани онҳоро таҳлил карда буд, ки барои омӯзиши мавзӯъ имрӯз ҳам аҳамият доранд[1].

Дар заминаи асосҳои қайдёфта усулҳои асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 инҳо мебошанд: 1) усули соҳибихтиёрии халқ; 2) усули соҳибихтирии давлат, тақсимнашаванда ва дахлнопазирии ҳудуди ҶТ; 3) усули дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф ёфтани ҳаёти ҷамъиятӣ; 4) усули қонунияти конститутсионӣ ва устувории конститутсия; 5) усули инсондӯстӣ; 6) усули ягонагӣ ва таҷзияи ҳокимияти давлатӣ; 7) усули соҳибҳуқуқии байналмилалии ҶТ.

**Усули соҳибихтиёрии халқ** дараҷаи конститутсионӣ буда, аксари кулли конститутсияи давлатҳои муосир ба  халқ таалуқ доштани пурраҳокимиятӣ ва аз номи он амалӣ намудани ҳокимияти давлатиро рукни асосии сохтори конститутсионӣ муқаррар кардаанд. Моҳияти ин усул дар моддаи 6 Конститутсияи ҶТ ифода ёфтааст. Мувофиқи он «Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад». Ба ҳамин муносибат ба мафҳуми халқ равшанӣ андохта шудааст. «Халқи Тоҷикистонро сарфи назар аз миллаташон шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил менамоянд». Шаклҳои ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот дониста шудааст, ки тарзи амалӣ намудани онҳо тавассути якчанд қонунҳои конститутсионӣ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» танзим намудаанд. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот – Ҷамоат низ аз вакилон иборат аст, ки интихобӣ мебошанд[2].

**Усули соҳибихтиёрии давлат**, тақсимнашаванда ва дахлнопазирии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз усулҳои конститутсия буда, дар моддаи  1 ва 7 Конститутсияи ҶТ ифода ёфтааст. Моҳияти Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр будани он мебошад ва ҳамчун арзиши олӣ тағйирнопазир муқаррар карда шудааст. «Соҳибихтирӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Тарғиб ва амалиёти ҷудоиандозӣ, ки ягонагии давлатро халалдор мекунад, манъ аст».

Ҳудуди Тоҷикистон ва хатти сарҳади давлатии он дар давраи ҳокимияти шӯравӣ ба тарзи худсарона аз тарафи ҳокимияти олии  ҳизбӣ-давлатии ИҶШС муайян карда шуда, бисёр масъалаҳои баҳснок ба мерос мондааст. Тавассути  қоидаҳои меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муайян кардани хатти сарҳади давлатии ҷумҳуриҳои ҳамсоя роҳи маъмули ҳалли масъалаҳои баҳснок мебошад. Ва бо ин роҳ аллакай қисми зиёди хатти сарҳади Тоҷикистон муайян шудааст. Аммо оид ба баъзе нуктаҳои сарҳади Тоҷикистон баъзе ҳамсояҳо даъвоҳои беасос доранд ва мавқеи худро бо зӯрӣ тасдиқ кардани мешаванд. Аллакай чандин чунин кушишҳо пеш гирифта шуданд ва боиси хунрезӣ ва қурбонии тарафҳо шуданд.  Омили мазкур ва чанде дигар ҳолатҳо давлат ва халқи Тоҷикистонро водор месозад, ки дар ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии мамлакат омодаю ҳушёр бошанд.

---

[1] Михалева, Н.А. Социалистическая Конституция (проблемы теории). –М., 1981. – С.55-70.
[2] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 05 августи с. 2009, № 549 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №7-8, мод.503; с. 2012, № 4, мод.277; № 8, мод.833; с. 2015,№ 11, мод.964; с. 2017, № 5 қ 1, мод.288; с. 2019, № 4-5, мод.226.

**Усули гуногунандешии (плюрализми) сиёсӣ ва мафкуравӣ** низ яке аз хусусиятҳои сохтори конститутсионии ҶТ мебошад. Усули мазкур қисми таркибии моҳияти демократии ҶТ буда, «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд. Иттиҳодиҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст» (моддаи 8). Баъзе маҳдудиятҳое, ки нисбати таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муайян карда шудаанд, набояд боиси маҳдуд ва халалдор шудани истифодаи усули гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ гардад.

**Усули соҳибҳуқуқии байналмилалии** Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси конститутсионӣ дошта, Тоҷикистонро ҳамчун субъекти муносибатҳои байналмилалӣ муаррифи мекунад. Асоси ҳуқуқии усули мазкур меъёри Конститутсия ва қонунҳои Тоҷикистон мебошанд. «Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад. Точикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо бароояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд» (моддаи 11).

Тоҷикистон тавассути сиёсати сулҳҷӯёнаи худ дар арсаи байналмилалӣ обрую мартаба ва мавқеи хос пайдо кардааст. Аъзои комилҳуқуқи даҳҳо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ буда, ташаббусҳои Сарвари давлат Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ дар ҷаҳон ҳамовозию дастгирӣ пайдо кардааст. Яке аз охирин иқдомҳо аз тарафи Маҷмаи Умумии СММ 14 декабри соли 2022 қабули қарори якдилона дар бораи эълон кардани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва 21 март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, ба ҳисоб меравад.

**Усули қонунияти конститутсионӣ** хислати ба худ хос ва фарогир дорад ва онро ифода мекунад, ки таъмини риояи қатъӣ ва бечунучарои қонунияти конститутсионӣ аз тарафи ҳамаи субъектҳои ҳуқуқ ҳатмӣ мебошад. Ғояи қонуният тамоми мазмун ва таъиноти меъёр ва ҳолатҳои Конститутсияи ҶТ-ро фаро гирифтааст. Қонунияти конститутсионӣ маҷмӯаи ҳолатҳои сиёсӣ-ҳуқуқие мебошад, ки раванди такмили шакли ҳуқуқӣ-давлатии ташкили ҷомеа ва татбиқи ғояи адолати иҷтимоиро бо роҳи қатъӣ риоя ва иҷро кардани Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятнок мебошад. «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳое ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд» (моддаи 10).

**Усули ягонагӣ ва тақсими ҳокимияти давлатӣ** ба таъсис ва фаъолияти дастгоҳи давлатӣ робита дорад. Ҳокимияти давлатӣ мувофиқи таъиноти сиёсӣ- ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ягона мебошад ва ягонагии шакли давлатро ифода мекунад. Тамоми ҳокимияти давлатӣ бо мақсади амалӣ гардонидани вазифаҳои (функсияҳои) давлат дар марҳилаи муайян таъсис ёфта, амал мекунанд. Ягонагии ҳокимияти давлатӣ бо ягонагии худи давлат пайваста аст. Бо мақсади таъмини иҷрои вазифаҳои давлат ҳамаи мақомоти давлатӣ дар робита бо якдигар ва дар мувофиқа амал мекунанд.

Аммо дар таҷрибаи конститутсионии давраи нав, бо такъя ба таҷрибаи давлатҳои муттарақӣ, усули тақсими ҳокимияти давлатӣ пеш гирифта шудааст. Дар моддаи 9 Конститутсияи ҶТ муқаррар карда шудааст, ки «Ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсими он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад». Ҳадафи

асосии усули мазкур пешгирии дар як шохаи ҳокимияти давлатӣ ҷамъ омадани тамоми ҳокимияти давлатӣ ва дар ҳамин замина роҳ надодан ба ташаккули реҷаи сиёсии яккасардорӣ, шахспарастӣ, томгароӣ мебошад. Эълони ин усул худ аз худ пеши омилҳои номатлуби мазкурро гирифта наметавонад. Барои таъмини риояи қатъии усули таҷзияи ҳокимият азму иродаи реҷаи сиёсӣ лозим аст.

**Усули инсондӯстӣ (гуманизм)** онро ифода мекунад, ки дар сатҳи конститутсионӣ эътироф карда мешавад, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ин ҳолат дар моддаи 5 Конститутсияи ҶТ эълон гардидааст. Конститутсия ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро дахлнопазир эълон кардааст. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Инчунин ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. «Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд» (моддаи 14).

Усули мазкур ҳамчунин тавассути як қатор ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсон амалӣ карда мешавад.

Тарзи ифодаёбии усулҳои асосии Конститутсия дар ҳар як мамлакат хусусияти ба худ хос дорад. Аз тамоман худдорӣ кардани эълони усулҳо ва ё мухтасар ишора кардан, то танзими хеле муфассали онҳо. Дар Конститутсияи баъзе мамлакатҳо боб ё фасли аввал Усулҳои асосӣ номида шуда, дар чандин моддаҳо хеле муфассал онҳо номбар карда шудаанд. Мисол, дар чаҳордаҳ моддаҳои боби якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Исломии Эрон (соли 1979) усулҳои асосии низоми идоракунии ба эътиқоди исломӣ асосёфта, танзим ёфтаанд, ки моҳияти идоракунии мамлакатро ифода мекунанд. Баробари ин қайд кардан лозим аст, ки асл ва ё боби конститутсияро номидан ҳанӯз дар ҳолатҳои он ифодаёбии усулҳои конститутсиониро ифода намекунад. Мисол, фасли якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Молдова (соли 1994) низ Усулҳои асосӣ ном дорад, аммо ба монанди фасли Асосҳои сохтори конститутсионии конститутсияҳои як қатор давлатҳо баробари усулҳо ҳамчунин меъёрҳои сатҳи муқаррарии танзимнамоиро пешбинӣ кардааст.

Ба ҳамин тариқ, усулҳои конститутсионӣ ҳамон заминаҳои асосгузорандае мебошанд, ки онҳо шаклу моҳияти давлат, ҳадафҳои асосии давлат ва ҷамъият, тартиби таъсис ва фаъолияти дастгоҳи давлатӣ, асосҳои ба роҳ мондани ҳаёти ҷамъиятӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро муайян менамоянд. Бо вуҷуди аҳамияти муҳими усулҳои конститутсионӣ дар муайянсозӣ ва роҳандозии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ барои татбиқи воқеии онҳо муҳити мувофиқи сиёсӣ-ҳуқуқӣ, азму иродаи реҷаи сиёсии мамлакат зарур аст.

**ТДУ 343.43**

# АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ-ТАШКИЛИИ МУҚОВИМАТ БА САВДОИ ОДАМОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

# ПРАВОВЫЕ И ОРГАНИЗАЦИОННЫЕ ОСНОВЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ТОРГОВЛЯ ЛЮДЬМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Ҳайдарзода Зафар Пирмаҳмад**
*Шунавандаи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия*
e-mail: haydarzoda.zafar@yandex.com

**Ҳайдарзода Даврон Пирмаҳмад**
*Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*
e-mail: dhaydarzoda@mail.ru

Ислоҳоте, ки дар охири асри XX дар аксарияти ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳодияи Шуравӣ гузаронида шуданд, тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиро дар бар гирифтанд. Онҳо нафақат асоси ҳуқуқии механизми идоракунии давлатиро тағйир доданд, балки боиси табақабандии назарраси ҷомеа, «шаклдигаркунии» иҷтимоӣ гардиданд, ки ин ба ҷаҳонбинии шумораи зиёди шаҳрвандон таъсири манфӣ расонид.

Вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки баъди пош хурдани Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиолистӣ (минбаъд – ИҶШС) дар Тоҷикистон ҷорӣ шуд, ба ҷанги шаҳрвандӣ ва пас аз он ба тезу тундшавии вазъияти криминогенӣ дар кишвар оварда расонд, ки дар он падидаҳои манфии иҷтимоии зиёд ба назар мерасиданд. Дар ҷумҳурӣ, чун дигар давлатҳои Иттиҳодияи Шуравии собиқ, афзоиши ҷинояткории муташаккил ба арши аъло расида буд[1].

Як қатор олимону намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ меафзоянд, ки савдои одамон – ин падидаи барои давлатҳои дар ҳолати бесуботии иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ, динию маънавии ноором, ки давраи азсаргузаронии баъд аз ҷангӣ, шакливазкунии криминологӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилиро мегузаронанд, марбут мебошад. Зеро яке аз сабабҳои паҳн шудани савдои одамон ё зуроварии шаҳвонӣ ин ба вуҷуд омадани шароитҳои мусоид барои низоъҳои мусаллаҳона мебошад[2].

Тоҷикистон чун дигар кишварҳои собиқ ИҶШС, бо ин навъи ҷиноят дар се даҳсолаи охир рӯ ба рӯ гардид. Зеро раванди демократикунонӣ ва барқароршавии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳолатҳои бисёр вазнин гузашт. Дигаргунсозиҳои сиёсӣ дар

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290.

[1] Зоиров Д. М. Специальные войсковые группы и борьба с преступностью в Таджикистане // Правовое поле современной экономики. – 2013. – № 11. – С. 134-145; Маджидзода З.Д. Организационно-правовой механизм нейтрализации вызовов и угроз в условиях многополярного мира // Вестник ВИПК МВД России. – 2014. – № 4 (32). – С. 23-27.

[2] Маджидзода З. Д. Организационно-правовой механизм нейтрализации вызовов и угроз в условиях многополярного мира // Диалог – Политика – Экономика. Международный научно-аналитический журнал Межпарламентской Ассамблеи государств – участников СНГ. – 2017. – № 3 (6). – С. 5-12; Халиуллина Л. Г. Вооруженные конфликты как катализатор торговли людьми // Точка зрения. Серия: «Политология. Религиоведение». – 2013. – № 2 (11), Ч. 1. – С. 211-217; Доклад Генерального секретаря о сексуальном насилии в условиях конфликта (S/2017/249) [Электронный ресурс] // Официальный сайт Совета безопасности ООН. – URL: https:// undocs.org/ru/S/2017/249 (дата обращения: 10.06.2024).

Тоҷикистон ба зиддиятҳои ҳасоси иҷтимоӣ, мураккаб гардидани вазъи иҷтимоию сиёсӣ, криминогенӣ ва ниҳоят ба сар задани ҷанги бародаркуши солҳои 1992-1997 оварда расонд[1].

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ ва ваҳдади миллӣ дар соли 1997 қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 485 аз 1-уми августи соли 1997 «Дар бораи авфи иштирокчиёни муқовиматҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид ва якҷояшавии қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар қисмҳои ҳарбии ҷумҳурӣ гузаронида шуд. Аммо як қисми қувваҳои мухолифини тоҷик, силоҳро насупорида, иттиҳодияҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва гурӯҳҳои ҷиноятиро ташкил карда, дар ҳудуди кишвар даст ба ҷинояту ҷинояткорӣ заданд.

Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муътадил гардонидани ҳолат дар ин самт фаъолияти минбаъдаро пурзӯр намуда, муборизаро бар зидди ҷинояткорӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ нигаронида, мақомоти судӣ, прокуратура, корҳои дохилӣ, гумрук, андоз ва дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқро аз унсурҳои ҷиноятӣ ва ашхоси тасодуфӣ тоза намуданд.

Дар баробари ин Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи амалигардонии барномаҳои маҷмӯии ислоҳоти сохторӣ доир ба таъмини рушди иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ шурӯъ намуд, зеро сатҳи пасти рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, ҳамчун таҳдид ба бехатарии амнияти миллӣ эътироф гардида буд[2].

Новабаста ба чораҳои андешидашуда, шумораи ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки бо истифода аз яроқи оташфишон ё бо таҳдиди истифода бурдани он содир карда мешуданд, якчандкарата афзуданд ва ҳолатҳои одамрабоӣ бо мақсади гирифтани пул зиёд шуданд. Дар васоити ахбори омма хабарҳо дар бораи бедарак шудани одамон ва бурдани шаҳрвандон ба хориҷи кишвар бо мақсади фурӯш ва трансплататсияи ғайриқонунии узвҳои бадан ба нашр расиданд[3]. Унсурҳои ҷиноятӣ аз рӯи принсипи «ба ҳар чизе, ки аз ҷониби қонун манъ карда нашудаст, иҷозат ҳаст»[4] амал мекарданд.

Қонунгузории он давра номукаммал буд, зеро кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои ИҶШС шарикиро дар шакли «гурӯҳи муташаккил» ва ҷавобгарии ҷиноятиро барои «одамрабоӣ» пешбинӣ намекарданд[5]. Кирдорҳои содиршаванда расман танҳо ба диспозитсияи як моддаи Қонуни ҷиноятӣ – «бандитизм» мувофиқат мекарданд. Чуноне, ки С. А. Потапова қайд менамоянд «маҳз қонуни бад, пастсифат яке аз сабабҳои асосии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят мебошад»[6].

---

[1] Косимов С., Абдухаликов У. А., Розикзода А. Ш. Деятельность органов внутренних дел Республики Таджикистан в годы независимости (1991-1997 гг.). Т. 1: За конституционный строй, мир и национальное согласие: учебник / под общ. ред. Министра внутренних дел Республики Таджикистан, генерал полковника Х. Х. Шарипова. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 16.

[2] Шарипова К. С. Национальная безопасность Республики Таджикистан в контексте региональных и международных вызовов: дис. ... канд. полит. наук. – Душанбе, 2017. – С. 11.

[3] Рахимов М. С. Ответственность за торговлю людьми: история международного права и уголовного законодательства зарубежных государств: монография. – Душанбе: Полиграфический комбинат, 2013. – С. 38.

[4] Литвинов Н. Д. Работорговля и организованная преступность в России // Работорговля в России и организованная преступность: информационно – криминологический сборник / сост. Н. Д. Литвинов, И. В. Даньшин, Е. Колесникова. – Воронеж: ЭЦ Национальной безопасности, 2015. – С. 3.

[5] Ниг.: Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон аз соли 1961 (бо тағйиру иловаҳо аз 01.06.1988 с.). – Душанбе: Ирфон, 1988. – 216 с.

[6] Потапова С. А. Организация взаимодействия органов внутренних дел с другими правоохранительными органами по противодействию экономической преступности: по материалам Дальневосточного федерального округа: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2010. – С. 30.

Соли 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни ҷиноятӣ дар таҳрири нав қабул шуд, аммо муҳити ҷиноятӣ ҳам тағйир ёфт, шумораи силоҳнокшавӣ ва таҷҳизотонии техникии [1] он афзуд ва «муттаҳидшавии» гурӯҳҳои ҷиноятӣ бо мансабдорони коррупсиянершуда[2] ба вуҷуд омад. Яке аз оқибатҳои он ин савдои одамон – ҷиноятe, ки нафақат ба генофонди миллат, балки ба амнияти давлат суиқасд мекунад, рӯйи кор омад. Савдои одамон ва ҷиноятҳои бо он алоқаманд, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз кишвар содир мешаванд, одатан хусусияти гурӯҳи муташаккилро дошта, бо сабаби он, ки бо убури сарҳади давлатӣ алоқаманд мебошанд, хусусияти байналмиллалӣ доранд. Аз ин лиҳоз, мукаммалгардонии қонунгузорӣ дар самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба савдои одамон ногузир буд.

Бо мақсади муайян намудани заминаҳои ҳуқуқии ташкили муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зерин андешида шудаанд:

– тасдиқ (ратификация) кардани ҳуҷҷатҳои асосӣ дар самти мубориза бо ҷинояткории муташаккил, аз ҷумла бо савдои одамон ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ (майи соли 2002);

– талаботи санадҳои байналмилалӣ ба қонунгузории ҷиноятии кишвар ворид (имплементатсия) карда шуданд: моддаи 130(1) «Хариду фурӯши одамон»[3], дар таҳрири нав қабул намудани моддаи 167 «Хариду фурӯши ноболиғон»[4], ворид намудани қисмҳои 3 ба моддаҳои 339 «Тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, мӯҳр» ва 340 «Сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат, мукофоти давлатӣ, штамп, мӯҳр ва бланкаҳои қалбакӣ» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуни зерин: «Кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинигардида, ки бо мақсади савдои одамон содир шуда бошад»[5];

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон» таҳия ва қабул карда шуд[6], ки он дар таҳрири нав бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 1096 аз 26-уми июли соли 2014 «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон»[7], иваз карда шуд;

– бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 710 аз 7-уми марти соли 2012 «Дар хусуси тасдиқи Созишнома дар бораи ҳамкории вазоратҳои корҳои дохилии (политсияи) давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон, ки дар шаҳри

---

[1] Зоиров Д. М. Преступность современного Таджикистана: предварительные подходы к исследованию // Правовое поле современной экономики. – 2015. – № 12. – С. 176-183.

[2] Дар бораи пурзур намудани мубориза бо ҷинояткории муташаккил: Қарори Съезди дупутатони халқии ИҶШС аз 23-уми декабри соли 1989 [Захираи электронӣ]. – URL: https: //law-book.online/istoriya-prava/postanovlenie-sezda-narodnyih-deputatov-sssr-26536.html. (санаи муроҷиат: 11.12.2023).

[3] Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 2019, таҳти № 1554 // Дар таҳрири нав бо номи «Савдои одамон» қабул шуд [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[4] Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 2019, таҳти № 1554 // «Савдои кудакон» [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[5] Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2003, таҳти № 33 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2003. – № 8. – Мод. 456 [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[6] Дар бораи мубориза бар зидди харуду фурӯши одамон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми июли соли 2004, таҳти № 47 (аз 26-уми июли соли 2014 қувваи худро гум кард) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – № 7. – Мод. 454 [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[7] Ахбори Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон. – 2014. – № 7 (Қ. 1). – Мод. 393 [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

Санкт-Петербурги Федератсияи Россия, санаи 17-уми сентябри соли 2010 ба имзо расидааст» тасдиқ (ратификация) карда шуд;

– бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 682 аз 8-уми феврали соли 2012 «Дар хусуси тасдиқи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо Бюрои САҲА дар Тоҷикистон» тасдиқ (ратификация) карда шуд;

– дар давраи сипаригардида як қатор барномаҳои мақсадноки давлатӣ қабул гардиданд[1];

– «Қоидаҳои таъсиси марказҳои дастгирӣ ва кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» [2] ва «Низомномаи намунавии Марказҳои дастгирӣ ва кӯмак ба ҷабрдидагони хариду фурӯши одамон»[3] тасдиқ карда шуданд. Ҳуҷҷатҳои мазкур тартиб, талабот ва шартҳои ташкили чунин марказҳо, инчунин самтҳои асосии фаъолият ва салоҳияти онҳоро муайян мекунанд.

– бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 327 аз 27-уми июли соли 2016 «Дар бораи Тартиби амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳо дар доираи механизми бозравонии қурбониёни савдои одамон», қабул гардид;

– бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 342 аз 2-юми июли соли 2019 «Дар бораи номгӯи ҷиноятҳои бо савдои одамон алоқаманд», қабул гардид;

– Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 12 аз 23-юми декабри соли 2011 (бо тағйироту иловаҳо аз 23-юми ноябри соли 2012, таҳти № 32) «Дар бораи таҷрибаи татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба хариду фурӯши одамон ва хариду фурӯши ноболиғон» қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.

Ба сифати асосҳои қонунгузории пешгирии зӯроварӣ дар оила, ки қурбониёни он, аз ҷумла ноболиғон ва занон метавонанд қурбонии эҳтимолии савдои одамон гарданд, инчунин бо мақсади муайян намудани заминаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ва ҳамчун кафолатҳои давлатии амалигардонии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои зерин қабул шуданд:

---

[1] Дар доираи талаботҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як чанд ҳуҷҷатҳои асосҳои батанзимдарорӣ ва самтҳои афзалиятноки фаъолият дар муқовимат ба савдои одамон тасдиқ гардидаанд. Аз ҷумла: «Барномаи маҷмӯии мубориза ба муқобили савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» (аз 06.05.2006, № 213); «Барномаи маҷмӯии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» (аз 03.03.2011, № 113); «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023» (аз 03.05.2014, № 294); «Барномаи миллӣ оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» (аз 31.10.2014, № 690); «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018» (аз 27.07.2016, № 326); «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» (аз 01.03.2019, № 80); «Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024» (аз 25.06.2020, № 387); «Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024» (аз 30.07.2020, № 431); «Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (аз 31.12.2020, № 703); «Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» (аз 20.03.2021, № 145); «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (аз 30.04.2021, № 166); «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» (аз 30.04.2021, № 167); «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024» (аз 26.02.2022, № 55) ва ғайра [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[2] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2007, таҳти № 100 [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[3] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2007, таҳти № 504 [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

– Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми ноябри соли 1998, таҳти № 682[1];

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2-юми августи 2011, таҳти № 762[2];

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19-уми марти соли 2013, таҳти № 954[3];

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, таҳти № 1196[4];

– қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми марти соли 2014, таҳти № 169 «Дар бораи Рӯйхати корҳои шароиташон зараровар ва хавфнок, ки ба истифодаи меҳнати ашхоси аз 18-сола хурд иҷозат дода намешавад ва ҳадди меъёрҳо ҳангоми дастӣ бардоштан ва кашонидани борҳо»;

– қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми майи соли 2014, таҳти № 294 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023»;

– қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми январи соли 2017, таҳти № 29 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак»;

– қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми апрели соли 2017, таҳти № 158 «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022»;

– Барномаи таълимӣ вобаста ба «Нақши кормандони маориф дар рафъи меҳнати кӯдакон» ва барномаи берун аз синфӣ дар мавзуи «Меҳнати кӯдакон ва оқибатҳои он» (соли 2013)[5];

– фармоиши Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми апрели соли 2014, таҳти № 59 «Оиди ба татбирҳои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми марти соли 2014, таҳти № 169 «Дар бораи Рӯйхати корҳои шароиташон зараровар ва хавфнок, ки ба истифодаи меҳнати ашхоси аз 18-сола хурд иҷозат дода намешавад ва ҳадди меъёрҳо ҳангоми дастӣ бардоштан ва кашонидани борҳо»»;

– Дастурамал доир ба ташкили фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ оид ба пешгирӣ, бартарафкунӣ ва эътино намудан ба ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила, ки бо фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми апрели соли 2016, таҳти № 27 б/з тасдиқ шудаст;

– аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидани «Дастурамал барои кормандони муассисаҳои таълимӣ оид ба пешгирӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон»[6].

---

[1] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – № 22. – Мод. 303 [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – № 7-8. – Мод. 616 [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[3] Ахбори Маҷлиси Оолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2013. – № 3. – Мод. 197 [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[4] Ахбори Маҷлиси Оолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2015. – № 3. – Мод. 218 [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[5] Первоначальный доклад Республики Таджикистан о мерах, принятых в целях осуществления Факультативного протокола к Конвенции о правах ребенка, касающегося торговли детьми, детской проституции и детской порнографии от 12.01.2017 г. [Электронный ресурс] // Комитет по правам ребёнка Организации Объединённых Наций. – URL: http://www.notabene.tj/Doc/Kaz/compl/G170058909.pdf (дата обращения: 26.12.2023).

[6] Дастурамал барои кормандони муассисаҳои таълимӣ оид ба пешгирӣ ва вокуниш ба ҳодисаҳои зӯроварӣ нисбати кӯдакон. – Душанбе: ҶДММ «Меҳрона-2017», 2018. – 50 с. [Захираи электронӣ]. – URL: Cover PDV 3 (maorif.tj) (санаи муроҷиат: 13.12.2023).

**Бо мақсади рушди қонунгузории миллӣ, барои тадбиқи муқаррарот ва талаботҳои он дигаргунсозию азнавташкилкуниҳо амалӣ карда шуда, сохторҳои институтсионии нав ташкил карда шуданд:**

– бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаю ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми июли соли 2015, таҳти № 526 «Дар бораи таъсиси Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шудаст;

– бо мақсади такмили минбаъдаи сиёсати давлатӣ оид ба дастгирии оила ва кӯдак моҳи июни соли 1996 дар заминаи «Комиссия оид ба корҳои ноболиғони назди Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон»[1] – «Комиссияи кор бо ноболиғони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»[2] таъсис ёфта, соли 2008 дар заминаи он «Комиссия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак»[3] таъсис ва низомномааш тасдиқ шудааст.

– шуруъ аз соли 1999 ҳаммонанд ба маркази муқовимат ба савдои одамон[4] – шуъбаи мубориза бар зидди рэкет ва одамрабоӣ дар сохтори Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили (минбаъд – РМЗҶМ) ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд[5];

– бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ – субъектоне, ки муқовиматро бар зидди савдои одамон амалӣ менамоянд ва ташкили ҳамкории онҳо 4-уми январи соли 2005 «Комиссияи байнииидоравии мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» таъсис дода шуд[6];

– барои дастгирӣ ва расонидани кӯмаки тиббию равонӣ ва дигар кӯмаки иҷтимоӣ ба қурбониёни (ҷабрдидагони) савдои одамон дар ҷумҳурӣ якчанд марказҳо, аз ҷумла муассисаи давлатии «Маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон дар шаҳри Душанбе»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, амал карда истодааст[7];

---

[1] Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июни соли 1994, таҳти № 293 [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[2] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми июли соли 1996, таҳти № 234 [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[3] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2008, таҳти № 377 (таҳр. аз 08.02.2017, № 29) [Захираи электронӣ]. – Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[4] Дар шуъбаҳои минтақавии мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбачаҳо (гурӯҳҳои) мубориза ба савдои одамон фаъолият мекунанд.

[5] Баъдан бо мақсади дар амал тадбиқ намудани банди «б» моддаи 6 ва қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон» аз 27-уми апрели соли 2004, таҳти № 47 бо фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2004, таҳти № 232 дар заминаи шуъбаи мазкур шуъбаи мубориза бар зидди рэкет, одамрабоӣ ва хариду фурӯши одамон ташкил карда шуд. Сипас шуъбаи мазкур бо фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми апрели соли 2009, таҳти № 218 ба шуъбаи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон мубадал гардонида шуд. Соли 2017 бошад бо мақсади иҷро намудани моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» ва банди 18 «Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018» шуъбаи мазкур ба маркази муқовимат ба савдои одамон табдил дода шуд.

[6] Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми январи соли 2005, таҳти № 5 ва аз 2-юми апрели соли 2005 бо қарори № 123 Низомномаи он тасдиқ шуд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 340 аз 8-уми июли соли 2017 (таҳр. аз 02.03.2023, № 84) Комиссияи байнииидоравӣ оид ба муқовимат ба савдои одамон дар ҳайати нав ташкил шуд ва Низомномаи он тасдиқ гардид.

[7] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми январи соли 2020, таҳти № 280 «Дар бораи таъсиси муассисаи давлатии «Маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон дар шаҳри Душанбе»».

– соли 2008 дар заминаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Маркази миллии таълимӣ оид ба муқовимат бо савдои одамон»[1] таъсис дода шуда, ба барномаи таълимии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон курси махсуси «Муқовимат ба савдои одамон»[2] ворид карда шудааст, ки чунин курсҳо ба барномаҳо бозомӯзии кадрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ дохил карда шудаанд;

– соли 2009 бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон, инчунин барои амалигардонии корҳои профилактикӣ байни ҷавонон дар сохтори ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон – Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо байни ноболиғон ва ҷавонон ва сипас соли 2020 дар заминаи он Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонони таъсис дода шудааст, ки он бевосита ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ноболиғону ҷавононро ҳимоя мекунад;

– бо мақсади пешгирии зӯроварӣ дар оила, дар сохтори штатии шуъбаҳои ҳудудии Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятии ВКД ҷумҳурӣ воҳиди нозир оид ба муқовимат бо зӯроварӣ дар оила таъсис дода шудааст (Фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми марти соли 2010, таҳти № 271). Ҳамзамон, барои шунавандагон ва курсантони Академияи ВКД курси факултативии таълимӣ – «Пешгирии зӯроварӣ дар оила» ҷорӣ карда шуда, дар низоми тайёрии касбӣ ва хизматии воҳидҳои сохтории мақомоти корҳои дохилӣ омӯзиши мавзуи «Зӯроварӣ дар оила ва роҳҳои пешгирии он» пешбинӣ гардидааст[3];

– ҷиҳати самаранок ҳал намудани масъалаҳои шаҳрвандӣ, бахшиши ҷазо, мукофотонӣ, муҳофизати ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ва мониторинги дурустии иҷрои вазъи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон аз 15-уми июли соли 2015 Раёсати кафолати ҳуқуқи инсон ва дар таркиби он «Шуъба оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак» таъсис дода шудааст[4];

– бо мақсади таъмини эҳтиром, риоя ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои кӯдак 15-уми марти соли 2016 дар ҷумҳурӣ вазифаи муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шудааст[5].

---

[1] Дар соли 2017 бинои маъмурии нави маркази муқовимат ба савдои одамон ва маркази таълимии РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифода супорида шуд.

[2] Ғайр аз ин, Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018 ба барномаи таълимии курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон ворид намудани мавзуъҳои иловагии муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамонро пешбинӣ кардааст. Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 бошад аз нав дида баромадани барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии муаллимон, инчунин ташкил ва гузарондани курсҳои таълимиро бо иштироки муаллимони муассисаҳои таълимии умумӣ, мактабҳои олӣ ва марказҳои таълимии калонсолон пешбинӣ намуд. Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024 бошад таҷдиди назар кардани барномаҳои таълимии дахлдори курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, инчунин баргузор намудани курсҳои таълимӣ бо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, марказҳои бозомӯзии калонсолон дар самти муқовимат ба савдои одамонро пешбини менамоя.

[3] Барои нозирони минтақавӣ ва нозирон оид ба муқовимат ба зӯроварӣ дар оила маводи методӣ оид ба риоя ва иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми марти соли 2013, таҳти № 954 «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба нашр расонида шудааст (Фармоиши ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2013, таҳти № 31 б/з.).

[4] Ниг.: Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба баъзе фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми июли соли 2015, таҳти № 523 (таҳр. 15.08.2016, № 737) [Захираи электронӣ] // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/ru/ node/9550 (сана муроҷиат: 09.05.2018); Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми августи соли 2016, таҳти № 737 // Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[5] Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20-уми марти соли 2008, таҳти № 372

Маҷмӯи чораҳои андешидашудае, ки дар асоси принсипу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ, бо ҷалби коршиносони ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳои хориҷӣ вобаста ба пурзӯр намудани муқовимат ба савдои одамон дар асоси таҳлили вазъияти кунунӣ ва дурнамои рушди он, омӯзиши масъалаҳое, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ба ҳифзи озодӣ, шаъну шарафи шахсият хос мебошанд, равона карда шудаанд. Як қатор чорабиниҳои иттилоотӣ-маърифатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии чорабиниҳо оид ба огоҳонӣ, пешгирӣ, ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои категорияи мазкур, инчунин расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон, гузаронида шуданд.

Аммо ҳамаи чораҳои андешидашуда барои пурра фаъолгардонии муқовимат ба ин гуна намуди ҷинояткорӣ мусоидат карда натавонистанд. Чунин ба назар мерасид, ки бо тадбирҳои андешидашуда аллакай барои ташаккули заминаи ягонаи ҳуқуқӣ дар ин самт ва фароҳам овардани шароитҳои ташкилӣ барои татбиқи онҳо, аз ҷумла ташаккули механизми фаъолияти муштарак ва ҳамкории мақомоти давлатӣ, тактикаи муташаккилонаи муқовимат ба савдои одамон фароҳам оварда шудааст. Аммо, бояд қайд кард, ки то соли 2010 бинобар як қатор сабабу омилҳо аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моддаи 130(1) «Савдои одамон» КҶ ҶТ ягон ҷиноят бандубаст ва ба қайд гирифта нашудааст.

Дар баробари ин, барои чунин шумо于ридан, ки ин гуна кирдорҳои ҷиноятӣ дар ҷумҳурӣ содир нашудаанд, асос ҷой надорад. Сабаби асосии ин дар бандубасти нодурусти ин кирдорҳо мебошад. Кор сари он аст, ки онҳо одатан бо дигар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ бандубаст карда мешуданд. Масалан, бо моддаи 132 «Ҷалби одамон барои истисмор»[1] КҶ ҶТ, бинобар он ки диспозитсияи моддаи 130(1) КҶ ҶТ ва банди «а» моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба хариду фурӯши одамон» аз 15-уми июли соли 2004, таҳти № 47 (айни ҳол қувваи қонуни надорад) мафҳуми зерини савдои одамонро пешниҳод мекунанд: «Хариду фурӯши одамон – ин харид ва ё фурӯши одам бо розигӣ ё бе розигӣ ғуломӣ ё расму одатҳои ба ғуломӣ ҳамшабеҳ, асорати қарзӣ ё фарзандхондӣ бо мақсади тиҷорат». Ҷалб кардан, супоридан, интиқол кардан ҳамчун усулҳои содир кардани ҷиноят шарҳ дода мешуданд.

Чуноне, ки таҳлили амалияи тафтишотӣ-судии он солҳо нишон дод, «тартиби» хариду фурӯши одамон, одатан, берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ ба амал меомад. Ҳатто агар қурбониён ба гумонбаршудагони мушаххас ишора карда бошанд ҳам, ин ҳанӯз далели хариду фурӯши одамон набуд ва ин дар ҷараёни тафтишот мушкилиҳоро ба миён меовард. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он давра амал мекард ба кормандони оперативӣ ва тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади ҷамъоварии далелҳои зарурӣ ба хориҷи кишвар сафар карданро имконият намедод ва мавҷуд набудани намояндагиҳои дипломатӣ, созишномаҳои байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба кормандони мазкур имконият намедод, ки дархостҳои байналмилалиро ба давлате, ки дар қаламрави он нисбати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон савдои одамон содир шудааст, ирсол намоянд. Бинобар ин, шахсони гунаҳгор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани дигар намуди ҷиноятҳое, ки бо савдои одамон алоқаманд мебошанд (ҷалби одамон барои истисмор, ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатӣ, сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат ва ғайра) ва ҷавобгарии сахти ҷиноятиро пешбинӣ намекарданд, ҷалб карда мешуданд.

---

[Захираи электронӣ]: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми марти соли 2016, таҳти № 1281 // Дастрасӣ аз ММИҲ «ADLIA».

[1] Бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 2019, таҳти № 1554 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шуд.

Ингуна таҷриба дар дигар давлатҳо низ ҷой доранд. Масалан, А. Б. Бекмагамбетов далелеро пешниҳод менамояд, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон қисми зиёди парвандаҳои ҷиноятӣ, ки бо сабаби муайян намудани ҳолатҳои савдои одамон оғоз карда мешаванд, на бо моддаҳоии 128 «Савдои одамон» ва моддаи 133 «Савдои ноболиғон» КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, балки бо моддаи 271 «Ташкил ё нигоҳдории фоҳишахона, ҳамчунин даллагӣ бо ғарази шахсӣ ё занҷаллобӣ» КҶ Ҷумҳурии Қозоқистон бандубаст карда мешаванд[1].

Маҳз барои ҳамин рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқ ва инкишофи он бо зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ, мутобиқ кардани он бо ҳуқуқи байналмиллалӣ алоқаманд буд[2]. Бо дарназардошти таҳлили амалияи тафтишотӣ-судӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ моҳи августи соли 2008 диспозитсияи моддаи 130(1) «Хариду фурӯши одамон» КҶ ҶТ дар таҳрири нав пешниҳод шуд ва 26-уми июли соли 2014, таҳти № 1096 Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон»[3] қабул шуд. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда дар давраи аз соли 2010 то 2018 – 237 парвандаҳои ҷиноятӣ бо моддаи 130(1) «Хариду фурӯши одамон» ва моддаи 132 «Ҷалби одамон барои истисмор» КҶ ҶТ оғоз карда шудааст, ки 48,1 % онҳоро моддаи 132 ташкил медиҳад. Барои муқоиса: дар давраи аз соли 2004 то соли 2009 аз рӯи далелҳои содиршавии ин категорияи ҷиноятҳо 159 парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, ҳамаи онҳо бо моддаи 132 КҶ ҶТ ба қайд гирифта шудаанд.

Тадбирҳои минбаъда оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба савдои одамон дар моҳи январи соли 2019 қабул карда шуданд, ки мафҳуми «савдои одамон» дар диспозитсияи моддаи 130(1) КҶ ҶТ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» мувофиқ карда шуд. Рӯйхати субъектони муқовиматкунанда ба савдои одамон зиёд карда шуда, ба мафҳуми «савдои одамон» иловаҳо ворид карда шуданд: истилоҳоти «савдои одамон» ва «хариду фурӯши одамон» минбаъд ҳамчун нобаробар муайян карда шуданд. Тартиби нави ба шахс додани мақоми ҳуқуқии «қурбонии савдои одамон» муайян карда шуд.

Омили дигаре, ки ба самаранокии ошкоркунӣ ва кушоданӣ ин категорияи ҷиноятҳо таъсир мерасонад, ин сатҳи пасти тайёрии касбии кадрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ мебошад, ки онҳо ҳамчун субъектҳои муқовимат ба савдои одамон ба ҳисоб меравад ва ин дар шарҳу тафсир ва татбиқи нодурусти қонунгузорӣ зоҳир мегардад.

Ба иқтидори назарраси иқтисодӣ, технологӣ, тадқиқотӣ ва кадрии Федератсияи Русия нигоҳ накарда, ин ҳолат барои он низ хос мебошад[4]. Ҳамин тавр,

---

[1] Бекмагамбетов А. Б. Меры борьбы с преступностью по торговле людьми: проблемы криминологического измерения и оптимального законодательного инструментария противодействия (на примере Республики Казахстан) // Международное сотрудничество евразийских государств: политика, экономика, право. – 2015. – № 1 (2). – С. 47.

[2] Доклад Председателя Экономического Суда СНГ Ф. Абдуллоева на Международной научной конференции: 20 лет независимости Республики Таджикистан и 15 лет установлению дипломатических отношений между Республикой Таджикистан и Республикой Беларусь (г. Минск, 07.06.2011 г.) [Электронный ресурс]. URL: http://www.sudsng.org/download_files/news_files/2011/ doklad_20110608.pdf (дата обращение: 24.04.2024).

[3] Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014, таҳти № 1096 (таҳр. аз 02.01.2019) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – № 7 (қ. 1). – Мод. 393.

[4] См.: Винокуров С. И., Жердева Н. И., Коимшиди Г. Ф. и др. Борьба с торговлей людьми в России: практическое пособие. – М.: Академия Генеральной прокуратуры Российской Федерации. 2010. – С. 25; Алиуллов Р. Р., Саетгараев В. Ф. Факторы, обуславливающие взаимодействие подразделений органов внутренних дел применительно к оперативно-служебной деятельности: принципы, формы // Вестник Казанского юридического института МВД России. – 2014. – № 4 (18). – С. 69.

С. И. Винокуров чунин мешуморад, ки яке аз монеаҳои ҷиддӣ дар тафтишоти бомуваффақияти парвандаҳои ҷиноятӣ дар Русия, ин сатҳи пасти касбии шахсони мансабдоре мебошад, ки қонунгузории ҷиноятиро дар самти муқовимат ба савдои одамон амалӣ мекунанд ва ин боиси шарҳу тафсир ва татбиқи нодурусти қонунгузорӣ мегардад[1].

Масалан, аз 100 % иштирокчиёни майяншудаи «индустрияи шаҳвонӣ» ҳиссаи воқеан маҳкумшудагон аз 14 % то 50 % мебошад, аз шумораи умумиии «истисморкунандагони меҳнатӣ» ҳиссаи маҳкумшудагон ба ҳисоби миёна аз 27 % то 60 %-ро ташкил мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки ба ҳисоби миёна танҳо 20 % истисморкунандагон маҳкум карда мешаванд. Судҳо тақрибан 80 % корҳои мақомоти ҳифзи ҳуқукро бинобар дар кирдорҳои судшавандагон дарёфт накарданд аломатҳои таркиби савдои одамон «рад» кардаанд[2].

Ҳамзамон доштани дараҷаи баланди латентнокии савдои одамонро бояд фаромуш накард. Масалан, А. Б. Бекмагамбетов қайд менамоянд, ки яке аз сабабҳо ин паст будани самаранокии қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин душвориҳо дар амалияи ҳуқуқтадбиқнамоӣ, аз ҷумла касбияти кормандони мақомоти тафтиши пешакӣ ва сатҳи пасти боварии шаҳрвандон ба низоми ҳифзи ҳуқуқ мебошад[3]. Профессор Ҷ. З. Маҷидзода инро қайд менамоянд, ки шарти асосии бомуваффақият анҷом додани ҳар як чорабинӣ дар мубориза бо ҷинояткорӣ сараввал аз баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони милитсия вобастааст[4]. Мутахассис бояд сифатҳои зарурии касбӣ дошта бошад, ки ин ба онҳо имконият медиҳад, вазифаҳои дар наздашон гузоштташудаpo дар сатҳи баланд ҳал намоянд[5].

Омили латентнокии савдои одамон дар даромаднокии баланд ва хусусияти коррупсионӣ доштани он мебошад. Ҷинояткории категория мазкур дар заминаи ҷинояткории муташаккил, дар робита бо ҷинояткории трансмилӣ содир мешавад. Аммо дар баробари ин ҳамма заминаи ҳуқуқии амалкунанда, ки масъалаи муқовимат ба савдои одамонро ба танзим медарорад, талаботи зарурирo ба касбияти кормандони воҳидҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишотӣ, беҳтар намудани таҷҳизотонӣ ва ҳалли масъалаҳои ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқиро пешбинӣ намекунад.

Бояд қайд кард, ки нигоҳ накарда ба такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавҷуд будани шартномаҳои байниидоравӣ ва байналмилалӣ дар самти савдои одамон, ягон ҳуҷҷати идоравии меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои ҳуқуқии самти мазкурр ва ҳамкории субъектҳои муқовимат ба савдои одамонро дар сатҳи дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ пурра танзим намояд, мавҷуд нест.

Инчунин вазифа ва функсияҳои воҳидҳои сохтории ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудудии он дар самти муқовимат ба савдои одамон ва дигар ҷиноятҳою ҳуқуқвайронкуниҳои бо он алоқаманд муайян карда нашудаст.

---

1 Винокуров С. И. Противодействие торговле людьми: теоретические, правовые и организационные основы: моног. – М.: Юрлитинформ, 2016. – С. 233.

2 Коваленко В. И. Теоретические и прикладные проблемы противодействия криминальной эксплуатации человека (криминологическое исследование): дис. … докт. юрид. наук. – М., 2017. – С. 222.

3 Бекмагамбетов А. Б. Преступность, связанная с торговлей людьми: от уголовно-процессуальной, оперативно-розыскной и криминалистической характеристики до одноименных подсистем политики противодействия ей // Актуальные проблемы государства и права. – 2018.– № 5 (Т. 2). – С. 70.

4 Маджидзода З. Д. Силы, средства и виды специальных операций, используемых при борьбе с терроризмом, экстремизмом и организованными преступными формированиями // Правовое поле современной экономики. – 2016. – № 3. – С. 158.

5 Алиуллов Р. Р., Романюк В. С. Вопросы обеспечения личной и общественной безопасности полицией // Административно-правовое регулирование правоохранительной деятельности: теория и практика: материалы Всероссийской научно-практической конференции: в 2 т. / Краснодарский университет МВД России; Всероссийский научно-исследовательский институт МВД России. – Краснодар: Краснодарский университет МВД России, 2012. Т. I. – С. 9.

Ҳамин тариқ, камбудиҳо дар батанзимдарории ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, ки ба муқовимат ба савдои одамон равона шудааст, мавҷуд набудани механизми самараноки ҳамкории дохилӣ ва берунӣ дар ин самт, инчунин маҳакҳои баҳогузории саҳми кормандони воҳидҳои сохтории ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳудудии он ва дигар идораҳо дар ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ имконият намедиҳанд, ки муносибати маҷмӯӣ барои ташкили бахши тадқиқотшавандаи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва чораҳои зарурӣ ва пешгирикунанда таъмин карда шаванд.

Чунин ба назар мерасад, ки масъалаҳои ҳалнашудаи хусусияти ҳуқуқидошта, ки барои бунёди механизми ҳуқуқӣ-ташкилӣ муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеъ мешаванд, барои бартараф намудани сабаб ва шароитҳои содиршавии ҷиноятҳои мазкур ва баланд бардоштани самаранокии муқовимат бо ин падидаи зиддиҷамъиятӣ имконият намедиҳанд. Ғайр аз ин, мавҷуд набудани заминаи муносиби ҳуқуқии ҳамкории субъектҳои муқовимат ба савдои одамон дар сатҳи дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ сабаби он мешавад, ки механизми ташкилии муқовимат ба савдои одамон ташаккулёфта ҳисобида нашавад.

Хулоса, ба он нигоҳ накарда ки чораҳои сершумор ва гуногуншакли хусусияти ҳуқуқидошта дар намуди қабули меъёрҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, қарорҳои ҳукуматӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои рамии давлатӣ, яке аз сабабҳои мутобиқат накардани вазъият дар самти муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мавҷуд набудани заминаи ҳуқуқии мувофиқ ва механизми ташкилӣ дар ин самти фаъолият дониста мешавад.

Аз ин лиҳоз, зарур аст муқовиматро ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи стратегияи ягонаи давлатӣ амалӣ намоем, ки маҷмӯи чораҳои хусусияти ҳуқуқӣ ва ташкилдоштаро дар бар гиранд, аз ҷумла: а) такмили қонунгузории маданӣ, ҷиноятӣ, мурофиавӣ, маъмурӣ; б) такмили заминаи ҳуқуқии идоравӣ ва байниидоравӣ, ки аз ҷумла масъалаҳои ташкили ҳамкориҳои дохилию беруниро ба танзим медароранд; в) ташаккули низоми баҳогузории фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, ки ба муқовимат ба савдои одамон нигаронида шудааст; г) васеъ кардани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт, аз ҷумла расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ғайра.

**ТДУ 342.4:343.126**

# КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН САРЧАШМАИ АСОСИИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ*

## Конституция Республики Таджикистан как основной источник противодействия экстремизму

**Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад**
*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия*
e-mail: murod.23.09.1990@mail.ru

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Проблемаҳои амалия ва назарияи модернизатсияи фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021-2025)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1292.

Ба ҳамагон маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро ба даст оварда, бо ҳазорон орзую ормонҳо мехост тадриҷан ба марҳилаҳои нав ба нави инкишофи давлатдорӣ ноил гардад. Мутаассифона, аз сабаби ба таври бояду шояд воқиф набудани шаҳрвандони мамлакат аз донишҳои сиёсӣ ва идоракунӣ, пас аз чанд моҳи ба даст овардани истиқлолият дар мамлакат муносибатҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ тезу тунд гардида, он бо дастгирии аҷнабиён ба ҷанги шаҳрвандӣ мубаддал гашт.

Оғози ҷанги шаҳрвандӣ барои мардуми шарифи тоҷик фоҷиаи басо нангин буд, зеро дар он давра даҳҳо гурӯҳҳои хурду калони ҷинояткор бо дастгирии хоҷагони хориҷӣ ташкил шуданд, ки аксаран ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин даст мезананд. Хусусан, дар ин давра ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористӣ ба авҷи аъло расида, даҳҳо актҳои мудҳишу фоҷиабори террористӣ содир карда шудаанд, ки то ҳанӯз зиёнҳояшон ҷуброннопазиранд. Ҳамзамон, ин гурӯҳҳои ҷинояткор бори аввал кирдорҳои хусусияти экстремистидоштаро бо ангезаҳои сиёсӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) дар ҳамгироӣ содир намуданд, ки ҳанӯз ҳам хатарҳои басо ҷиддиро ба бор оварда истодаанд.

Ногуфта намонад, ки аз замони ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ то айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 400 қонунҳои сатҳи гуногун қабул карда шудаанд. Яке аз ин санадҳои меъёрии ҳуқуқи ин Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Конститутсияи ҶТ) мебошад, ки дар шароити басо мураккаб ба таври райпурсии умумихалқӣ дар ҳаҷми 10 бобу 100 модда 6 ноябри соли 1994 қабул карда шуд.

Хушбахтона, як қатор муқарраротҳои меъёрҳои ин санади олии ҳуқуқӣ ба муқобили терроризму экстремизм бахшида шудааст, ки айни замон мо дар доираи ин таҳқиқот онҳоро бо як пайдарҳамии мантиқӣ манзур намуда, шарҳу тавзеҳ медиҳем.

Хотирнишон месозем, ки Конститутсияи ҶТ - сарчашмаи асосии муқовимат ба экстремизм маҳсуб ёфта, дар он тарғиби нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумати иҷтимоӣ ва динӣ маҳкум карда мешавад. Дар моддаи 5 Конститутсияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эълон шуда, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии он дахлнопазир дониста шудааст[1].

Мутаассифона, ин талаботи Конститутсия ҶТ дар баъзе мавридҳо аз ҷониби экстремистон ё гурӯҳҳои экстремистию террористӣ вайрон гардида, онҳо барои расидан ба ҳадафҳои ғаразноки худ ғайр аз поймол кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва содир намудани табъиз, одамони бегуноҳро низ ба ҳалокат мерасонанд.

Вобаста ба ин дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) як қатор моддаҳое мавҷуданд, ки банд ва ё қисмҳои онҳо бо ангезаҳои экстремистӣ бахшида шудаанд. Ба ин гурӯҳи ҷиноятҳо б. «м» қ. 2 м. 104. Одамкушӣ, б. «м» қ. 2 м. 110. Қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, б. «е» қ. 2 м. 111. Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва б. «ж» қ. 2 м. 117. Азобу уқубат дохил мешаванд.

Дар сархати сеюм ва чоруми м. 6 Конститутсия ҶТ бошад, омадааст, ки халқи Тоҷикистонро сарфи назар аз миллаташон шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Ҳеҷ як иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳи одамон ва ё фарде ҳуқуқ надорад, ки ҳокимияти давлатиро ғасб намояд[2].

Аз муқаррароти ин меъёр бармеояд, ки халқи Тоҷикистонро ҳамаи инсонҳо сарфи назар аз мансубияти миллӣ ва нажодӣ, ки бо роҳи қонунӣ ҳуқуқи шаҳрвандии

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/viewsanadholist.Php? order=nomi_sanad&ordertype=ASC.

[2] Ҳамон ҷо.

Тоҷикистонро соҳиб гаштаанд, ташкил медиҳад. Албатта, дар Тоҷикистон шаҳрвандони мансуб ба халқиятҳои мухталиф чун тоҷикҳо, узбекҳо, русҳо, қазоқҳо, қирғизҳо, афғонҳо ва амсоли инҳо зиндагӣ мекунанд. Онҳо дар баробари забони тоҷикӣ забони худ, дар баробари расму оини мардуми тоҷик расму оини аҷдодии худро доранд, ки кафолату амнияти онро қонунҳои Тоҷикистон таъмин менамоянд[1].

Меъёри мазкур барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои халқу миллатҳои дигар шароити мусоид фароҳам оварда, барҳамзанандаи ангезаҳои миллатгароӣ дар кишвар мебошад. Ҷиҳати ҳифзи ин муқаррароти конститутсия дар м. 462(2) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҲМ ҶТ) барои барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) ҷавобгарии маъмурӣ[2] муқаррар шуда, дар сурати такроран содир намудани чунин кирдор дар давоми сол ва ё содир намудани ҳамин кирдор бо ҳолатҳои вазнинкунанда масалан, бо истифода аз мақоми хизматӣ, дар ҳайати гурӯҳи муташаккил, аз беэҳтиёти боиси марги одамон шудан, дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок содир кардани ҳамин кирдор бо м. 189 КҶ ҶТ, ки айнан ба мисли м. 462(2) КҲМ ҶТ, яъне барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) ном дорад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Инчунин, мутобиқи м. 143 КҶ ҶТ барои вайрон кардани баробарҳуқуқии шаҳрвандон низ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.

Сархати чоруми моддаи мазкур кӯшиши ҳама гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳи муайяни одамонро, ки барои ғасби ҳокимияти давлатӣ ва ё тасарруфи салоҳияти он равона шудааст, манъ менамояд. Аз ин ҷост, ки бо роҳи ғайриқонунӣ сарнагун намудани ҳокимияти давлатӣ, ғасб кардани он ва ё бо роҳҳои дигар дар тобеият нигоҳ доштани ҳокимияти давлатӣ манъ аст. Дар сурати вайрон гардидани ин талаботи меъёри конститутсионӣ ашхоси гунаҳгор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳиятҳои он, яке аз самтҳои манфиатпазири мубориза ба экстремизм мебошад.

Мутаассифона, аксарияти ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ, ки дар ҷумҳурӣ фаъолияташонро дар асоси ангезаҳои динӣ ба роҳ мондаанд, мақсади бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият, тағйир додани сохти коститутсионӣ ва ташкили «хилофат»-ро доранд, ки ин хилофи талаботи м. 6 Конститутсия ҶТ мебошад.

Бинобар ин, мутобиқи моддаҳои 306 ва 307 КҶ ҶТ барои бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё нигоҳ доштани он ва даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст[3].

Дар қ. 3 м. 7 Конститутсияи ҶТ омадааст, ки соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Тарғиб ва амалиёти ҷудоиандозӣ, ки ягонагии давлатро халалдор мекунад, манъ аст[4]. Аз мазмуни ин меъёр бар меояд, ки ҳеҷ кас ва ё гурӯҳе ҳуқуқ надорад дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудоиандозиро тарғиб намуда, ангезаи бадбиниро дар байни одамон бедор намояд.

---

[1] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.А. Маҳмудов. - Душанбе: «Шарқи озод», 2009. – С. 55.
[2] Ниг.: Моддаи 462(2) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2008, № 455 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, № 5, мод. 321, № 9-10, мод. 543; Қонуни ҶТ аз 24 декабри соли 2022, №1928.
[3] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1998, № 9, м. 68, м. 69, № 22, м. 306; (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021, № 1809).
[4] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/viewsanadholist.Php? order=nomi_sanad&ordertype=ASC.

Моддаи 8 Конститутсияи ҶТ муқаррар менамояд, ки дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст[1].

Дар воқеъ муқаррар намудани як мафкура ба сифати мафкураи давлатӣ ё умумиҳатмӣ, амали ғайри қобили қабули ҷомеаи мутамаддин мебошад. Ин муқаррарот маънои онро дорад, ки ягон мафкура наметавонад ба сифати мафкураи давлатӣ ё умумиҳатмӣ муқаррар карда шавад ва ин меъёри Конститутсия таҳкими баробарҳуқуқии мафкураҳоро дар ҷомеа кафолат медиҳад[2].

Мутаассифона, ташкилоту иттиҳодияҳои хусусияти экстремистӣ-террористидошта ба хотири расидан ба ҳадафҳои ғаразноки худ дар аксарияти мавридҳо идеологияи таҳрифшудаи динӣ ва хусусияти зӯроваридоштаро дар байни мардум паҳн намуда, бар ин васила мехоҳанд мафкураи мардуми оддиро чи бо роҳи ташвиқу тарғиби идеолгияи таҳрифшуда ва чи бо роҳи зӯроварӣ тағйир бидиҳанд, ки ин хилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсия мебошад.

Дар м. 1 Конститутсияи ҶТ қайд шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26 марти соли 2009 қайд карда шудааст, ки ҳамаи дину мазҳабҳо дар назди қонун баробаранд. Муқаррар намудани ягон хел афзалият ё маҳдуд кардани яке аз динҳо ё мазҳабҳо нисбат ба дину ҳизбҳои дигар норавост[3].

Давлат барои пойдорӣ ва эҳтироми байни шаҳрвандони диндору бедин, байни иттиҳодияҳои динии мазҳабҳои гуногун, инчунин пайравони онҳо мусоидат намуда, ба таассуб ва ифротгароӣ роҳ намедиҳад. Қонунгузории амалкунанда озодии виҷдон ва эътиқодро ба дин, ё мафкураи ғайридинӣ, аз ҷумла, мафкураи атеистиро кафолат медиҳад[4].

Ҳеҷ як дин наметавонад ба сифати дини давлатӣ ё ҳатмӣ муқаррар карда шавад. Ҳеҷ кас ба интихоби дин ва тағйир додани эътиқоди динӣ маҷбур карда намешавад. Гуногуншаклии динӣ раво мебошад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз муносибаташон ба дин ва мансубияти динӣ дар назди қонун баробаранд. Бартариятҳо ва маҳдудиятҳо дар муносибат ба дин раво намебошад.

Ҳамзамон, давлат наметавонад нисбат ба ҳадафу вазифаҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ беэътиноӣ зоҳир намояд, зеро баъзеи онҳо мумкин аст ҳадафҳои зиддиконститутсиониро тахрезӣ кунанд. Аз ин лиҳоз, таъсиси ҳизбу иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки ҳадафу фаъолияти онҳо ба татбиқи амалҳои зерин равона гардидааст, манъ мебошад: 1. Бо роҳи зӯрӣ тағйир додан ё сарнагун кардани асосҳои сохтори Конститутсионии давлат, 2. Халалдор намудани якпорчагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3. Хароб кардани амнияти давлатӣ, 4. Ташкили гурӯҳҳои

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/viewsanadholist.Php? order=nomi_sanad&ordertype=ASC.

[2] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.А. Маҳмудов. - Душанбе: «Шарқи озод», 2009. – С. 63.

3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26 марти соли 2009, таҳти № 615 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 3, мод. 82; с. 2011, № 6, мод. 450; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., № 1497).

[4] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.А. Маҳмудов. - Душанбе: «Шарқи озод», 2009. – С. 65.

мусаллаҳ ва ё даъват ба ташкил кардани онҳо, 5. Тарғиби нажодпарастӣ, миллатгароӣ хусумати иҷтимоӣ ва динӣ[1].

Боназардошти ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фъолияти ҳизбу ҳаракатҳои зерин манъ карда шудаанд: 1) «Ал-Қоида» , 2) «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», 3) «Ҳизби исломии Туркистон» (собиқ Ҳаракати исломии Ӯзбекистон), 4) «Ҳаракати Толибон», 5) «Ташкилоти Бародарони мусулмон», 6) Ташкилоти «Лашкари Тайиба», 7) Гурӯҳи исломии «Ҷамоати исломии Покистон», 8) «Ҷамъияти Таблиғот», 9) Ташкилоти динии миссионерии «Созмони Таблиғот», 10) «Тоҷикистони Озод», 11) «Ҳизб-ут-таҳрир»,12) «Ҷамоати (Ҷамъияти) Ансоруллоҳ», 13) Ҳаракати ҷамъиятии «Гурӯҳи 24», 14) Равияи динии «Салафия», 15) Ташкилоти «Давлати исломӣ» (давлати исломии Ироқу Шом), 16) Ташкилоти «Ҷабҳат-ан-Нусра», 17) «Ҳизби наҳзати ислом», 18) Ташкилоти Паймони миллии Тоҷикистон, 19) Ҷанги муқаддас (Ал-ҷиҳод, Ҷиҳоди исломии Мисрӣ), 20) Ҷамъияти ислоҳоти иҷтимоӣ (Ҷамъият-ал-Ислоҳ-ал-Иҷтимоӣ), 21) Ҷамъияти эҳёи мероси исломӣ, 22) Хонаи ду зиёратгоҳ (Ал-харамайн), 23) Ҷунд-аш Шом (Артиши Шом Бузург), 24) Ҷиҳоди исломӣ, Ҷамоати муҷоҳидин, 25) Иттиҳоди экстремистӣ “Шоҳидони Яҳво”.

Лозим ба ёдоварист, ки аксарияти ҳизбу ҳаракатҳои дар боло зикргардида аз номи дини мубини ислом баромад карда, худро ҳамчун ҷунбишҳои мардумӣ ва озодихоҳ муаррифӣ намуда, бо тарз ва усулҳои гуногун одамонро барои содир намудани амалҳои ифротгароӣ ва террористӣ даъват менамоянд.

Дар қ. 2. м. 11 Конститутсияи ҶТ омадааст, ки ташвиқоти ҷанг манъ аст[2]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки Тоҷикистон сиёсати сулҳҷуёнаро муқаррар намуда, манъи ҳар гуна душманӣ низоъ ва ҷангро эълон медорад. Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таблиғу ташвиқи фаъол бо мақсади даъват намудани шаҳрвандон барои фъолияти ҷангӣ бо давлатҳои дигар ё ҷунбишҳои милли озодихоҳонае, ки асосҳои сулҳ ва амниятро дар минтақа ва ҷаҳон халалдор мекунанд, манъ мебошад.

Ин муқарраротҳо ҳамчун эъломия арзи вуҷуд надошта, балки дар қонунгузории маъмурӣ ва ҷиноятӣ мушаххас карда шудааст. Масалан, барои маҷбур кардан ба диндорӣ ё бединӣ, худопарастӣ ё бехудоӣ ва иҷрои маросимҳои динӣ (м. 85 КҲМ ҶТ), монеъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии эътиқоди динӣ (м. 86 КҲМ ҶТ), тайёр кардан, нигоҳ доштан, воридот, ҳамлу нақл ва паҳн кардани маҳсулоти мамнуи воситаҳои ахбори омма, дигар маҳсулоти чопии манъшуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 374 КҲМ ҶТ), барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) (м. 462(1). КҲМ ҶТ), риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи иттиҳодияҳои динӣ (м. 474. КҲМ ҶТ), риоя накардани қонунгузорӣ оид ба истеҳсол, содирот, воридот, фурӯш ва паҳн намудани адабиёти динӣ, инчунин дигар ашё ва маводи дорои таъйиноти динӣ (м. 474(1). КҲМ ҶТ), ғайриқонунӣ ба роҳ мондан ва гирифтани таълими динӣ (м. 474(2). КҲМ ҶТ), фаъолияти таблиғотӣ ва маърифатии иттиҳодияҳои динӣ (м. 474(3). КҲМ ҶТ), робитаҳои байналмилалии иттиҳодияҳои динӣ (м. 474(4). КҲМ ҶТ), риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ (м. 475 КҲМ ҶТ), маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ (м. 476 КҲМ ҶТ), роҳбарӣ ва иштирок дар фаъолияти иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятию диние, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудаанд, инчунин маблағгузорӣ намудани онҳо (м. 477 КҲМ ҶТ), аз тарафи ташкилотҳои динии хориҷӣ, шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд риоя

---

[1] Асари зикршуда – С. 66-67.

[2] Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/viewsanadholist.Php? order=nomi_sanad&ordertype=ASC.

накардани қонунгузорӣ дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ (м. 478 КҲМ ҶТ) ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда шудааст[1].

Ҳамзамон, барои монеъ шудан ба фаъолияти иттиҳодияи динӣ (м. 157 КҶ ҶТ), Монеъ шудан ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (м. 158 КҶ ҶТ), Ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияи диние, ки ба шахсият ва ҳуқуқи шаҳрвандон таҷовуз мекунанд (м. 159 КҶ ҶТ), Ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) (м. 187 КҶ ҶТ), Барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) (м. 189 КҶ ҶТ), Даъвати оммавӣ дар ба амал овардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. 307[1] КҶ ҶТ), Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) (м. 307[2] КҶ ҶТ), Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) (м. 307[3] КҶ ҶТ), Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта (м. 307[4] КҶ ҶТ), Ҷанги таҷовузкорона (м. 395 КҶ ҶТ), Даъвати оммавӣ барои сар кардани ҷанги таҷовузкорона (м. 396 КҶ ҶТ), Ҷалб ва иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрванд дар воҳиди мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо (м. 401(1) КҶ ҶТ) ҷавобгарии ҷинояти пешбини карда шудааст[2].

Дар м. 17 Конститутсияи ҶТ омадааст, ки ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад[3].

Ин талаботи Конститутсияи ҶТ аз як ҷониб таъминкунандаи баробарҳуқуқии инсон дар назди қонун ва суд бошад, аз дигар ҷониб пешгирикунандаи кирдорҳои хусусияти экстремистидошта дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва махсусан дар суд мебошад. Чунки дар ин меъёри Конститутсия баробарҳуқуқии инсон сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк кафолат дода шудааст ва ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки ҳангоми амалигардонии қонун ба одамон аз нигоҳи ангезаҳои зикркарда, бартарият диҳад[4].

Дар Тоҷикистон барои вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон вобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҷазои ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Боби 19 КҶ ҶТ ҷиноятҳоро ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд (моддаҳои 143-164) муайян намудааст. Аз ҷумла, м. 143 КҶ ҶТ барои қасдан бевосита ё бавосита вайрон намудан ё маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо ё ин ки бевосита муқаррар намудани бартарии шаҳрвандон вобаста ба ҷинс, нажод, миллат, забон, баромади иҷтимоӣ, мавқеи шахсӣ, амволӣ ё мансабӣ маҳалли истиқомат, муносибат ба дин, ақида, марбут будан ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд зарар расонидааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст[5].

---

[1] Ниг.: Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2008, № 455 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, № 5, мод. 321, № 9-10, мод. 543; Қонуни ҶТ аз 24 декабри соли 2022, №1928.

[2] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1998, № 9, м. 68, м. 69, № 22, м. 306; (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021, № 1809).

[3] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/viewsanadholist.Php? order=nomi_sanad&ordertype=ASC.

[4] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.А. Маҳмудов. - Душанбе: «Шарқи озод», 2009. – С. 96-97.

[5] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1998, № 9, м. 68, м. 69, № 22, м. 306; (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021, № 1809).

Дар м. 18 Конститутсияи ҶТ омадааст, ки ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад. Ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин[1].

Меъёри мазкур муҳимтарин ҳуқуқ, яъне ҳуқуқ ба ҳаёт, ки ҳуқуқи фитрӣ ва ҷудонопазирии ҳар як шахс мебошад, ҳифз мекунад[2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо ҳукми суд нисбати шахсоне, ки ҷиноятҳои махсусан вазнинро содир намудаанд дар асоси моддаҳои 47-48 ва 59 КҶ ҶТ ҷазои қатл татбиқ карда мешавад. Тибқи талаботи КҶ ҶТ танҳо барои одамкушӣ (қ. 2 м. 104), таҷовуз ба номус (қ. 3 м. 138), терроризм (қ. 3 м. 179), генотсид (м. 398) ва биотсид (м. 399) ҳукми қатл раво мебошад[3]. Бо вуҷуди ин, дар айни замон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» аз 15 июли соли 2004 истифодаи ин намуди ҷазо ба муҳлати номуайян боздошта шудааст.

Ба он нигоҳ накарда, ки ҳатто қонун татбиқи ҳукми қатлро барои ҷиноятҳои дар боло матраҳшуда боз доштааст баъзе аз намояндагони гурӯҳҳои экстремистию террористӣ бо мақсади расидан ба ҳадафҳои ғаразноку разилонаашон аз таблиғи татбиқи он даст накашида, ошкоро тарафи муқобилро битат яъне кофир хонда ба қатл маҳкум мекунанд, ки ин кирдори онҳо мутобиқи моддаҳои дар боло матраҳнамудаамон ҷиноятӣ вазнин ва махсусан вазнин мебошад.

Дар м. 26 Конститутсияи ҶТ бошад, қайд карда шудааст, ки ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд[4].

Ҳамин тавр, ҳар кас қатъи назар аз тобеияти шаҳрвандӣ, мансубияти динӣ ва нажодӣ метавонад муносибати худро ба дин мустақилона муайян кунад. Мустақилона муайян намудани муносибат ба дин дар шакли пайравӣ намудан ба дин ва ё пайравӣ накардан ба ягон дин зоҳир меёбад[5]. Дар ин меъёр мавқеи озодии муносибати шахс ба дин то ҳадде аст, ки шахс метавонад нисбат ба дин муносибати инкорӣ ва атеистӣ дошта бошад.

Конститутсияи ҶТ шахсро дар муқобили ҷаҳонбинии динӣ озод қарор додааст. Ҳар шахс метавонад ҷаҳонбинии худро нисбат ба дин ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ озодона муайян намояд. Вай метавонад ин шакли шуури ҷамъиятиро қабул намояд, ё қабул нанамояд ва ё метавонад тамоми навъҳои онро инкор намояд. Зеро шуури шахс имконият дорад паҳноҳои дигари шуури ҷамъиятӣ ва ё ҷаҳонбиниро дар худ дошта бошад[6].

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки ба динхонӣ ва ё тарғиби гаравидан ба дин дар шаклҳои сабук ва дар доираи берун аз одамони эътиқодманд озод аст, вале он набояд ба омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ сатҳи пасти зиндагӣ гумроҳнамоӣ ва дигар усулҳои ғайриоқилона такя намояд. Ҳамзамон нишон додани ҷанбаҳои мусбати оини хеш ва дастовардҳо манъ нест, вале дар ин замина таҳқир намудани оини дигар, нодуруст нишон додани эътиқоди динӣ ва ҷараёнҳои гуногун манъ аст.

---

[1] Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/viewsanadholist. Php? order=nomi_sanad&ordertype=ASC.
[2] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.А. Маҳмудов. - Душанбе: «Шарқи озод», 2009. – С. 96-97.
[3] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1998, № 9, м. 68, м. 69, № 22, м. 306; (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021, № 1809).
[4] Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/viewsanadholist. Php? order=nomi_sanad&ordertype=ASC.
[5] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.А. Маҳмудов. - Душанбе: «Шарқи озод», 2009. – С. 147-148.
[6] Ҳамон ҷо. – С. 148.

Конститутсияи ҶТ муайян менамояд, ки ҳар кас ҳуқуқи дар танҳоӣ ва ё дастаҷамъӣ пайравӣ намудан аз ин ё он дин, маросим ва расму оинҳои диниро дорад. Ба андешаи як қатор муҳаққиқон, ҳуқуқ доштан ин имконият доштан аст, имконият бошад дар ихтиёри шахс аст, агар хоҳад онро амалӣ мекунад ва агар нахоҳад, метавонад аз амалӣ кардани имконияти дар ихтиёр доштааш сарфи назар намояд[1].

Ногуфта намонад, ки шаҳрвандон ҳуқуқ надоранд ба ин ё он иттиҳодияҳои динӣ ё ғайридиние, ки ба тарғибу ташвиқи идеологияи таҳрифшуда машғуланд, шомил гарданд. Давлат ба хотири таъмини манфиатҳои умум фаъолияти иттиҳодияҳое, ки мақсаду мароми онҳо поймол кардани манфиатҳои умум ва ҳуқуқу озодиҳои дигарон аст маън менамояд ва шахсоне, ки чунин иттиҳодияҳоро ташкил мекунанд ё ба он аъзо мегарданд, мутобиқи қонунҳои дахлдор ба ҷавобгарӣ мекашад.

Мутаассифона, имрӯзҳо қавми хурди пайрави ақидаи нав якҷоя бо қавми бузург намоз гузошта, ҷаҳонбинии динии худро дидаю дониста болотар аз ҷаҳонбинии динии қавми бузург мегузоранд, ки ин боиси вайрон шудани ҳуқуқу озодиҳои дигарон мегардад. Дар баробари ин, усули паҳн намудани чунин ҷараёнҳои нав бо роҳи дастгирии молию пулӣ ва суиистифода намудан аз сатҳи пасти камбизоатии аҳолӣ мутлақан зидди талаботи Конститутсияи ҶТ ва қонунҳои дигари амалкунанда мебошад. Аз ин сабаб, мутобиқи қ. 3 м. 14 Конститутсияи ҶТ зарурати маҳдуд намудани амали ҷараёнҳои навбаромади динӣ пайдо мегардад. Дар чунин ҳолат мақомоти назоратӣ ва ҳам шаҳрвандоне, ки шакли ифодаёбии эътиқоди динии онҳо поймол мешавад, ҳуқуқи муроҷиат кардан ба мақомоти дахлдорро пайдо мекунанд[2].

Ҷиҳати ҳифзи ин муқарраротҳои Конститутсия дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ ҷавобгарӣ муқаррар карда шудааст. Масалан, барои Маҷбур кардан ба диндорӣ ё бединӣ, худопарастӣ ё бехудоӣ ва иҷрои маросимҳои динӣ (м. 85 КҲМ ҶТ), Монеъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии эътиқоди динӣ (м. 86 КҲМ ҶТ), Барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) (м. 462(1). КҲМ ҶТ), Риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи иттиҳодияҳои динӣ (м. 474. КҲМ ҶТ), Риоя накардани қонунгузорӣ оид ба истеҳсол, содирот, воридот, фурӯш ва паҳн намудани адабиёти динӣ, инчунин дигар ашё ва маводи дорои таъйиноти динӣ (м. 474(1). КҲМ ҶТ), Ғайриқонунӣ ба роҳ мондан ва гирифтани таълими динӣ (м. 474(2). КҲМ ҶТ), Фаъолияти таблиғотӣ ва маърифатии иттиҳодияҳои динӣ (м. 474(3). КҲМ ҶТ), Робитаҳои байналмилалии иттиҳодияҳои динӣ (м. 474(4). КҲМ ҶТ), Роҳбарӣ ва иштирок дар фаъолияти иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятию диние, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудаанд, инчунин маблағгузорӣ намудани онҳо (м. 477 КҲМ ҶТ), Аз тарафи ташкилотҳои динии хориҷӣ, шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ (м. 478 КҲМ ҶТ) ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда шудааст.

Ҳамзамон, барои Монеъ шудан ба фаъолияти иттиҳодияи динӣ (м. 157 КҶ ҶТ), Ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияи диние, ки ба шахсият ва ҳуқуқи шаҳрвандон таҷовуз мекунанд (м. 159 КҶ ҶТ), Барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ (м. 189 КҶ ҶТ), Даъвати оммавӣ дар ба амал овардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (м. $307^1$ КҶ ҶТ), Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта (м. $307^4$ КҶ ҶТ) ҷавобгарии ҷинояти пешбинӣ карда шудааст.

Дар қ. 1 м. 28 Конститутсияи ҶТ омадааст, ки шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои

[1] Ҳамон ҷо. – С. 150.
[2] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.А. Маҳмудов. - Душанбе: «Шарқи озод», 2009. – С. 150-152.

касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад[1].

Аз муқаррароти ин меъёр бармеояд, ки шаҳрвандон ҳуқуқ доранд муттаҳид шуда, якҷоя иттифоқи касаба, ҳизби сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайраро таъсис диҳанд ё ихтиёран ба чунин иттиҳодияҳо дохил шаванд ва ё аз онҳо хориҷ шаванд. Шаҳрвандон танҳо пас аз ба синни 18-сола расидан ҳуқуқи аъзо шудан ба ин ё он ҳизбро доранд[2].

Ҷиҳати риояи ин муқаррароти Конститутсия дар КҲМ ҶТ ва КҶ ҶТ барои Риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ (м. 475 КҲМ ҶТ), Маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз тарафи шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ (м. 476 КҲМ ҶТ), Роҳбарӣ ва иштирок дар фаъолияти иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятию динӣе, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта нашудаанд, инчунин маблағгузорӣ намудани онҳо ҷавобгарии маъмурӣ ва ҳамзамон, барои Ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияи динӣе, ки ба шахсият ва ҳуқуқи шаҳрвандон таҷовуз мекунанд (м. 159 КҶ ҶТ) ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.

Мутобиқи м. 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ», таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ ё ба ташкилӣ гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд ё ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, саломатии одамон ва ба ахлоқи ҷамъият суиқасд мекунанд манъ мебошад [3]. Масалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти «Гурӯҳи 24», «Тоҷикистони Озод» ва ғайра, ки бо мақсадҳои дар боло зикргардида ташкил шуда буданд манъ гардидаанд. Дар сурати ташкил кардан ё аъзои чунин ташкилоту гурӯҳҳо шудан шахс дар асоси моддаҳои 189 Барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ, 307(1) Даъвати оммавӣ дар ба амал овардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм, 307(2) Ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ), 307(3) Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ), 307(4) Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар қ. 1 м. 29 Конститутсияи ҶТ қайд карда шудааст, ки шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳпаймоии осоишта, ки қонун муқаррар кардааст, ширкат варзад[4].

Аз муқаррароти ин модда бармеояд, ки шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар ташкил ва гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш ва роҳпаймоиҳои осоишта ширкат варзанд, ки ин яке аз кафолатҳои озодии сухан, изҳори фикру андеша, таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ, муҳофизатӣ ё дастгирии ягон ташаббуси аҳамияти иҷтимоидошта бо ҷалб намудани диққати шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ ва ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Дар сурати ғайриқонунӣ вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш ва роҳпаймоиҳои осоишта ва ё ғайриқонунӣ монеъ шудан ба гузаронидани маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш ва роҳпаймоиҳои осоишта ё иштирок дар онҳо дар асоси м. 106 КҲМ ҶТ, инчунин моддаҳои 160 ва 161 КҶ ҶТ ҷавобгарии маъмурӣ ва ё ҷиноятӣ фаро мерасад.

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/viewsanadholist.Php? order=nomi_sanad&ordertype=ASC.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» аз 13 ноябри соли 1998 таҳти № 680 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, мод. 300; (ҚҶТ аз 8.08. 2015 с., № 1209).

[3] Ҳамон ҷо.

[4] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/viewsanadholist.Php? order=nomi_sanad&ordertype=ASC.

Дар м. 30 Конститутсияи ҶТ омадааст, ки ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст[1].

Чи хеле ки мушоҳида намудем, тибқи муқаррароти ин меъёр давлат ба инсон озодии сухан, нашр ва истифодаи воситаҳои ахборро кафолат дода, дар як вақт муқаррар намудааст, ки истифодаи ин озодӣ, бо мақсади таблиғ ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст.

Хусумати иҷтимоӣ ин ба муқобилгузорӣ ва бадбинии якдигарии инсонҳо оварда мерасонад, ки дар натиҷа вазъияти ҷамъият номуътадил мегардад. Хусумати нажодӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани мавқеъ ва мартабаи як нажод ва паст задани нажодҳои дигар фаҳмида мешавад. Касе дар Тоҷикистон ҳақ надорад, ки нажодеро маҳкум карда, хислатҳои онро чун сифатҳои манфӣ муаррифӣ намояд. Ҳама нажодҳо аз инсонҳо иборатанд, инсонҳо амалҳои хуб ва манфӣ доранд ва ин ҳеҷ гоҳ ба маҳкумии нажод иртибот надорад.

Дар воқеъ намояндаи ҳар миллате ҳақ дорад, ки аз миллати хеш ифтихор намояд, онро дӯст дорад, фарҳангу маданияти онро тарғиб намояд, таърих ва хотираи ҳуқуқияшро эҳё созад, агар дар таърих нисбат ба халқияташ аз ҷониби миллатҳои дигар беадолатӣ расида бошад, баён намояд. Дар баробари ин, ҳама ҳурмату эҳтироми дигар миллатҳоро ба ҷо биёрад, маданият, фарҳанг ва урфу одатҳои онҳоро таҳқир накунад ва бо бадбинии онҳо андеша изҳор нанамояд.

Нисбат ба пайравон, урфу одат ва маросимҳои динии онҳо дар доираи қонунҳо ва талаботи м. 1 Конститутсияи ҶТ, ки Тоҷикистонро давлати дунявӣ эълон кардааст, бо мусолиҳа ва субот муносибат бояд намуд. Як динеро аз мазҳаб ва ё дини дигар бидуни таҳлили илмӣ, бо мақсади паст задани мақоми дини дигар ва ё мазҳаби ғайр боло гузоштан ва ба ин васила фишор овардан ба он манъ аст. Муносибат бо мазҳабу динҳо дар Тоҷикистон озод аст ва касе ҳақ надорад хусумати динӣ ва бадбинии диниро дар кишвар таблиғ намояд.

Дар м. 44 Конститутсияи ҶТ омадааст, ки ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст[2].

Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳам шаҳрвандони Тоҷикистон, ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ва ҳам шахсони бешаҳрванд, ки дар қаламрави Тоҷикистон ҳаёту фаъолият менамоянд, мебошад.

Новобаста ба он, ки ҳифзи табиат ёдгориҳои търихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст ва он бояд бечуну чаро риоя карда шавад бархе аз шаҳрвандон ин вазифаро аз мадди назар дур сохта, дар баробари оне, ки вазифаи шаҳрвандии худро иҷро намекунанд боз худашон ба табиат зиён оварда ҳатто дар баъзе мавридҳо ёдгориҳои таърихиву фарҳангиро нобуд месозанд.

Дар солҳои охир аъзоёни ташкилотҳои характери экстремистӣ-террористидошта бо мақсади расидан ба ҳадафи хеш обҳои нушокиро заҳролуд сохта, боду ҳаворо бо истифода аз яроқҳои кимёвӣ вайрон месозанд, ки дар натиҷа аҳолии осоишта махсусан кӯдакон ва занону модарон ба ҳалокат мерасанд. Ғайр аз ин, бо мақсади таҳқир ва нест кардани фарҳанги ин ё он давлат ба несту нобуд кардани ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ даст зада истодаанд.

Масалан, чунин амалҳоро мо дар фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ-террористие, ки дар давлатҳои Сурия, Афғонистон, Ироқ, Фаластин ва ғайра

---

[1] Ҳамон ҷо.
[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016 с.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/viewsanadholist.Php? order=nomi_sanad&ordertype=ASC.

фаъолият карда истодаанд, дида метавонем, ки ин бар хилофи м. 44 Конститутсияи ҶТ ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмилалӣ мебошад. Ёдовар мешавем, ки барои Риоя накардани қоидаҳои муҳофизат ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ (м. 245 КҲМ ҶТ), Касиф ва хароб кардани мероси таърихию фарҳангӣ (м. 246 КҲМ ҶТ), Беасос шикастан, ба ҷойи дигар кӯчонидан ё тағйир додани мероси таърихию фарҳангӣ (м. 247 КҲМ ҶТ), Ғайриқонунӣ тасарруф кардани ҳудуди объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ (м. 248 КҲМ ҶТ) ҷавобгарии маъмурӣ ва барои Несту нобуд ё вайрон кардани ёдгориҳои таърих ва фарҳанг мутобиқи м. 242 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки Конститутсияи ҶТ аввалин санади олии ҳуқуқие мебошад, ки бевосита тамоми кирдорҳои дорои хусусияти экстремистию террористиро батаври дақиқ муйян ва маҳкум карда, сарчашмаи асосӣ барои дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад ва ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар қаламрави кишвар қабулшуда ё қабулшаванда дар асоси ин санади олии ҳуқуқӣ қабул гардида, муқарраротҳои меъёрҳои онро ҳифз менамоянд.

ТДУ 342.1

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ҶАМШЕДЗОДА КОМРОН ҶАМШЕД**
*Мушовири калони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
E-mail: jkomron11@mail.ru

Мақоми қонунгузор дар асоси салоҳияти конститутсионии худ бештар ба халқ иртибот дошта, таввасути санадҳои ҳуқуқӣ иродаи халқро ифода карда, ба он шакли олии ҳуқуқӣ медиҳад. Тасдиқи ин гуфтаҳо дар он ифода меёбад, ки дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад[1].

Ҳарчанд қонунҳо аз номи давлат ба тасвиб мерасанд, вале дар онҳо, пеш аз ҳама, бояд манфиати халқ ифода ёбад. Бо ин мақсад, давлати демократӣ сиёсати худро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт бояд ба манфиату иродаи халқ мувофиқ гардонад. Тавре А.Д. Каримов қайд мекунад, «мақомоти қонунгузоре, ки бо тартиби интихоботи озодона ташкил ёфтааст, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро, пеш аз ҳама, аз рӯйи ба инобат гирифтани манфиати халқ муайян мекунад»[2].

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ арзиши олии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ эътироф гардидааст, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
[2] Каримов, А.Д. Парламентское право России: учебное пособие, – М.,1999. – 246 с.

аз ҷониби мақоми қонунгузор ин меъёр бо тамоми назокати ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешавад.

Ба андешаи У.К. Каримзода, анҷом додани тадбирҳои зикргардида арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро таъмин намуда, ба эҳтиром ва риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, тақвияти рағбати шаҳрвандон ба донишҳои соҳаи ҳуқуқ, васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ, иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва паст гардидани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат менамояд[1].

М.З. Раҳимзода ва А.Р. Нематов дар ин хусус қайд менамоянд, ки «дар Конститутсия масъалаҳои муҳими ҳаёти давлат ва ҷамъият инъикоси худро меёбанд»[2]. Бо такя ба андешаҳои баёншуда, ба назари мо, Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақоми намояндагӣ ва қонунгузорӣ бо истифода аз салоҳияти конститутсионии худ ба рушди низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар ва таҳкими қонуният саҳми беназир гузоштааст. Инчунин, Маҷлиси Оли дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мавқеи хос дошта, ин мавқеъ аз баёнгари иродаю манфиати халқ доштани он шаҳодат медиҳад.

Дар хусуси хосияти «олӣ» доштани мақоми қонунгузор дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар моддаи 48 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки мутобиқи он «Маҷлиси Олӣ–парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад»[3]. Чунин номгузорӣ шудани ин мақом моҳият ва хусусияти онро инъикос менамояд. «Маҷлис» аз як тараф, ҷамъи вакилони онро ифода карда, аз тарафи дигар, тарзи фаъолияти онро, ки дар шакли ҷаласаҳо мегузаранд, дар назар дорад. «Олӣ» будани маҷлис онро ифода менамояд, ки ин мақом дар давлат мақоми олии намояндагӣ мебошад. Инчунин «Маҷлиси Олӣ» ҳамчун «Парламенти» Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст. Чунин эътирофнамоӣ аз он дарак медиҳад, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, чун қоида, мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор дар умум бо номи парламент ёд мешаванд. Ин истилоҳ эътирофи умумӣ дошта, ба таърихӣ пайдоиши парламентаризм мансуб мебошад.

Дар асоси тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999, Маҷлиси Олӣ ҳамчун парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду маҷлис, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат мебошад. Дар парламенти кишвар аъзои Маҷлиси миллӣ аз ҷониби мақоми намояндагии маҳаллӣ ва як теъдоди онҳо (8 нафар) аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешаванд. Вакилони Маҷлиси намояндагон бошад, бо роҳи интихоботи умумӣ, интихоб мегарданд. Ҳамкории ин маҷлисҳо дар асоси Конститутсия, санадҳои конунгузорӣ ва санадҳои зерқонунии онҳо сурат мегирад.

Дар ин радиф, Маҷлиси Олӣ аз рӯйи чунин хусусиятҳо нисбат ба дигар зинаҳои мақомоти намояндагӣ дар зинаи баланд қарор дорад. Бо ин мақсад, иҷрои қарорҳое, ки Маҷлиси Олӣ дар доираи ваколати худ қабул менамояд, ба тамоми мақомоти давлатӣ ҳатмист.

Таркиби Маҷлиси Олӣ хосияти намояндагии онро инъикос мекунад. Яке аз маҷлисҳои Маҷлиси Олӣ - Маҷлиси намояндагон аз рӯйи намояндагии умумии тамоми халқи Тоҷикистон ташкил ёфтааст. Ба он ҳар шаҳрванди Тоҷикистон, ки синни ӯ ба 30 расидааст, ба истиснои шаҳрвандоне, ки тибқи тартиби муқаррагардида

---

[1] Каримзода, У.К. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2024. – № 1.(61). - С. 30-35.
[2] Раҳимзода, М.З., Нематов, А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2016. – 231 с.
[3] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

ҳуқуқи интихоб шуданро надоранд, метавонанд интихоб гарданд. Дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон мутобиқи моддаи 41 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «барои интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон 41 ҳавзаи ҳудудии якмандатӣ ва барои интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, ки рӯйхаташон аз тарафи ҳизбҳои сиёсӣ пешбарӣ шудааст, як ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ташкил карда мешаванд»[1]. Вакилон дар Маҷлиси намояндагон дар асоси принсипҳои демократӣ-интихоботи умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мешаванд[2]. Маврид ба зикр аст, ки вакилоне, ки ба ҳайати Маҷлиси намояндагон интихоб мегарданд, бояд табақаҳои гуногуни иҷтимоии аҳолиро ташкил намоянд.

Ислоҳоти конститутсионии соли 1999 вобаста ба тағйир ёфтани тарзи ташкил, таркиб ва шаклҳои фаъолияти Маҷлиси Олӣ салоҳияти онро низ тағйир дод. Салоҳияти ягонаи Маҷлиси Олӣ, ки аз усули таҷзияи ҳокимият бармеояд, акнун вобаста ба қисмҳои таркибии сохтори он ба салоҳияти якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва инчунин салоҳияти хоси ҳар яке аз ин маҷлисҳо ҷудо шудааст. Оид ба салоҳияти Маҷлиси Олӣ дар Конститутсия ва қонуни конститутсионӣ дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои мушаххас муқаррар гардидаанд.

Салоҳияти конститутсионии Маҷлиси Олиро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

а) салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя;

б) салоҳияти Маҷлиси миллӣ;

в) салоҳияти Маҷлиси намояндагон.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаҳои якҷояи худ аз рӯйи масъалаҳои ба салоҳияташон дохилшуда қарор қабул мекунанд. Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз маҷлисҳо дар алоҳидагӣ овоз медиҳанд, қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муқаррар накарда бошад. Инчунин, дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент савганд ёд мекунад ва бо паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд[3].

Дар баъзе сарчашмаҳо дар хусуси салоҳияти Маҷлиси Олӣ гуфта мешавад, ки фақат он масъалаҳое, ки аз тарафи ҳарду палата дар ҷаласаи якҷояи онҳо ҳаллу фасл мегарданд, салоҳияти Маҷлиси Олиро ташкил медиҳанд. Гӯё салоҳияти палатаҳо фақат хоси онҳо буда, ба он Маҷлиси Олӣ алоқаманд набошад. Дар асл ҳам салоҳияти якҷояи палатаҳо ва ҳам салоҳияти ҳар як палата дар алоҳидагӣ салоҳияти Маҷлиси Олиро ташкил медиҳанд.

Мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллӣ аз рӯйи масъалаҳои дар салоҳияташ буда қарор қабул мекунад. Қарори Маҷлиси миллӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои он қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муқаррар накарда бошад[4].

---

[1] Маҳмудзода, М., Шарофзода, Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 243 с.

[2] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 декабри соли 1999, №856 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №12, мод. 296; с. 2004, №7, мод.451; с. 2007, №5, мод.352; с. 2008, №10, мод.797; с. 2012, №8, мод.811; с. 2014, №3, мод.140; №7, қ.1, мод.382; с. 2017, №7-8, мод.562; с. 2018, №2, мод.61; соли 2019,№7 мод.460.

[3] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

[4] Ҳамон ҷо.

Ғайр аз салоҳиятҳои зикргардида, Маҷлиси миллӣ дорои салоҳиятҳои хеле муҳиммест, ки ба қабули қонунҳо марбутанд. Мутобиқи талаботи Конститутсия қонунҳое, ки Маҷлиси намояндагон қабул намудааст, ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод мешаванд ва то онҳо аз тарафи Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ нагарданд, барои имзо ва интишор ба Президент пешниҳод карда намешаванд, ба истиснои қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ ва авф.

Салоҳияти Маҷлиси миллӣ вобаста ба ҷонибдорӣ кардани қонунҳои Маҷлиси намояндагон қабулкарда ё аз тарафи он дар сурати дастгирӣ наёфтани қонунҳо ҳуқуқи баргардонидани онҳо ба Маҷлиси намояндагон, дар бораи нисбат ба Маҷлиси намояндагон мавқеи баланд доштани он шаҳодат медиҳад. Маҳз бо ҳамин сабаб дар баъзе аз сарчашмаҳо Маҷлиси миллиро палатаи болоии Маҷлиси Олӣ меҳисобанд. Ҳарчанд дар Конститутсия ва қонунҳо Маҷлиси миллӣ палатаи болоӣ эътироф нагардидааст, вале салоҳияти номбурдаи Маҷлиси миллӣ дар ин хусус равшан шаҳодат медиҳад. Маҷлиси миллӣ тамоми салоҳиятҳои худро тавассути қабули қарорҳо ҳаллу фасл менамояд. Худи он бевосита қонун қабул намекунад. Аз ин рӯ, Маҷлиси миллиро шартан сохтори қонунгузории Маҷлиси Олӣ донистан мумкин аст.

Маҷлиси миллиро палатаи намояндагии Маҷлиси Оли гуфтан ба мақсад мувофиқ мебошад, тавре ки Конститутсия ва қонунҳо муқаррар кардаанд, аз чор се ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ (25 нафар) дар асоси намояндагии маҳаллӣ, яъне Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ интихоб мешаванд. Аз ин рӯ, аъзои Маҷлиси миллӣ, ки аз тарафи Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ интихоб шудааст, чун қоида ҳам вакили Маҷлисҳои маҳалли марбута ва ҳам аъзои Маҷлиси миллӣ мебошанд.

Маҷлиси намояндагон мутобиқи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои дар салоҳияташ буда, қарор қабул мекунад. Қарори Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муайян накарда бошад. Инчунин, дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон роҳбарони давлатҳои хориҷӣ метавонанд суханронӣ кунанд[1].

Доираи салоҳияти Маҷлиси намояндагон нисбатан фарох буда, самтҳои гуногуни сохтори давлатию ҷамъиятӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро дар бар мегирад. Маҳз Маҷлиси намояндагон бо мазмуни том сохтори қонунгузорӣ мебошад, чунки ҳамаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аввал аз тарафи он ҳаллу фасл гардида, чун қонун қабул мегардад. Он салоҳияте, ки дар моддаи 57 Конститутсия омадааст, салоҳияти ғайр аз қонунгузорӣ буда, оид ба ҳаллу фасли онҳо Маҷлиси намояндагон танҳо қарор қабул мекунад. Ҳамаи салоҳияти асосию масъулиятноки Маҷлиси намояндагон оид ба вазифаи қонунгузорӣ берун аз доираи моддаи 57 Конститутсия дар асоси моддаҳои 59-62 Конститутсия амалӣ мегардад.

Хусусияти меъёрҳои ин моддаҳо аз он иборат аст, ки дар онҳо ҷараёни ҳаллу фасл, қабул ва ба имзо расидану интишори қонунҳо нишон дода шудаанд. Дар хусуси мавзӯи бо қонун танзимшуда, яъне оид ба кадом самтҳои ҳаёту фаъолияти давлат, ҷамъият, инсон ва шаҳрванд қабул кардани қонунҳои ҷумҳурӣ дар Конститутсия бевосита сухане гуфта нашудааст.

Ин ҳолат ба Маҷлиси намояндагон имкон медиҳад, ки оид ба ҳар як масъалае, ки барои сохтори давлатӣ, сохтори ҷамъиятӣ ва вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд аҳаммияти хоса доранд, қонун қабул намояд. Муайян кардани мавзӯи қабули қонунҳо ба аҳаммияти онҳо, ба таҷрибаи сохтори давлатӣ, ба одату анъанаи идораи давлат ва ба ташаббуси субъектҳои ҷараёни қонунгузорӣ вобаста аст. Яъне Конститутсия бо ин роҳ ба қонунгузор имкони ба таври эҷодӣ ба ҷараёни қонунбарорӣ му-

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

носибат карданро медиҳад.

Тавре М. Маҳмудзода ва Р. Шарофзода қайд менамоянд, «қонун санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки оид ба масъалаҳои муҳимми ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ қабул карда мешавад. Аз ҳали ин масъалаҳо сатҳи зиндагии аҳолӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва умуман рушди минбаъдаи ҷомеа вобастагӣ дорад»[1]. Қонунҳо, ҳамчунин бояд бо назардошти стратегияву барномаҳо ва ҳадафҳои ояндаи рушди давлати миллӣ, пайвандии ногусастании он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таҳкими заминаҳои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия карда шаванд[2]. Аз ин рӯ, Маҷлиси Олӣ танҳо дастгоҳи ба таври механикӣ ҳаллу фасл намудани қонунҳо набуда, балки чун маркази омӯзиш ва таҳқиқи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Худи он муайян мекунад, ки дар марҳилаи ҳозираи ҳаёти ҷумҳурӣ қабули кадом қонунҳоро дар мадди аввал мегузорад. Ногуфта намонад, ки субъектҳои ташаббуси қонунгузор аз таҷрибаи қонунгузории дигар давлатҳо оид ба муайян кардани мавзуи қонунгузорӣ низ истифода мекунанд.

Маҷлиси Олӣ вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ-конститутсиониаш дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад, қонунҳо (қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо) ва қарорҳои дар доираи салоҳияти худ қабулкардаи он (палатаҳои он) дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ доранд.

**ТДУ 342.9**

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ БАТАНЗИМДАРОРИИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚӢ*

## ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ

**ШАРИФЗОДА ПАРВИНИ РАҲМУЛЛО**
*Сардори шуъбачаи ташкилӣ-таҳлилии шуъбаи таълими Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, майори милитсия*
e-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru

**ШАРИФЗОДА БАРЗУ РАҲМУЛЛО**
*Омӯзгори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия*
e-mail: Barzu.sharifzoda@mail.ru

Тамоюлҳои асосии рушди ҳуқуқи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати тавзеҳ додани истилоҳи «батанзимдарории маъмурӣ-ҳуқуқиро» ба вуҷуд овард, махсусан, зеро бе ин тавзеҳот дар бораи имкони такмили батанзимдарории ҳуқуқӣ дар ин соҳа ҳарф задан душвор аст. Батанзимдарории маъмурӣ-ҳуқуқӣ ҷузъи таркибии

[1] Маҳмудзода, М., Шарофзод,а Р. Ташаббусҳои қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аҳамияти онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол. – Душанбе, «Эр-граф», 2021. – 243 с.

[2] Раҳимзода, М.З., Нематов, А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2016. – 231 с.

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила (2023-2028», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1291.

низоми ҳуқуқии муосир буда, доираи васеи муносибатҳоеро, ки бо фаъолияти мақомоти давлатӣ ва идораҳо алоқаманд мебошанд, дар бар мегирад.

Батанзимдарории маъмурӣ-ҳуқуқӣ – ин маҷмӯи меъёрҳо ва қоидаҳое мебошад, ки давлат барои батанзимдарории муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти маъмурӣ муқаррар кардааст. Фаъолияти маъмурӣ фаъолияти иҷроия ва амрдиҳанда буда дар амалисозии ҳокимияти иҷроия амалӣ карда мешавад. Он яке аз соҳаҳои асосии ҳуқуқ буда, хусусияту принсипҳои ба худ хосро доро мебошад.

Батанзимдарории маъмурӣ-ҳуқуқӣ бахри таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи манфиатҳои давлат ва ҷамъият, инчунин муқаррар ва нигоҳ доштани тартибот дар соҳаи маъмурӣ нигаронида шудааст. Ҳар як истилоҳе, ки дар илм истифода мешавад, инъикоси консепсияи мушаххас дошта, одатан муқарраршуда мебошад. Чунон ки олими рус Л.Л. Кутина дуруст қайд мекунад: "истилоҳ мазмуни мафҳумро фардӣ карда, арзиши ҳуқуқии онро ифода мекунад"[1].

Аз таҳлили адабиёти илмӣ ва ҳуқуқие, ки ба масъалаҳои актуалии ҳуқуқи маъмурӣ бахшида шудааст, ба хулосае омадан мумкин аст, ки бисёре аз олимон батанзимдарории маъмурӣ-ҳуқуқиро хислати давлатидошта ҳисобида, ҳамчун маҳсули танзими давлатӣ - ҷузъи муҳими идоракунии давлатӣ ва функсияи пешбарии он муайян мекунанд. Ба мафҳумҳои баррасишуда такя намуда, онҳо батанзимдарориро ҳамчун ҷараёни давлат, муқаррар намудани қоидаҳои (меъёрҳои) умумии рафтор маънидод мекунанд[2].

Хулосаи мазкур фаҳмо ба назар мерасад, зеро ҳуқуқи маъмурӣ бо назарияи идоракунии давлатӣ зич алоқаманд буда, муносибатҳоро дар соҳае танзим менамояд, ки дар он объекти асосӣ идоракунии давлатӣ мебошад. Ба ақидаи олимони рус Б.В. Россинский ва Ю.Н. Старилов, ҳуқуқи маъмурӣ ҷилди ҳуқуқии раванди идоракунӣ, фаъолияти идоракунӣ ва ташкили онҳо мебошад[3]. Аслан, бо қонунияти мавҷудияти чунин нуқтаи назар розӣ шуда, таъкид кардани фарқияти асосии байни батанзимдарорӣ ва идоракуниро бамаврид мешуморем, бахусус, азбаски дар адабиёти ҳуқуқӣ дарки ин масъала якхела нест.

Масалан профессор Ю.М. Козлов идоракуниро ба батанзимдарорӣ ва идоракунии шартӣ ҷудо мекунад. Зеро ҳангоми идоракунӣ давлат бе батанзимдарорӣ ва батанзимдарорӣ бе идоракунӣ наметавонад[4]. Ю.М. Козлов инчунин Л.Л. Попов ва Н.Ю. Хаманева истилоҳи батанзимдарории давлатиро ба маънои васеъ ва маҳдуд шарҳ медиҳанд.

Ба маънои васеъ:

- Батанзимдарории давлатӣ ин бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ муқаррар намудани тарзи муайяни фаъолиятҳои гуногун дар соҳаи идоракунии давлатӣ буда, тартибе мебошад, ки ба манфиатҳои рушди ҷамъият мувофиқат намуда, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои танзимшаванда, инчунин дар оянда нигоҳ доштани ин низомро бо воситаҳои гуногуни маъмурию ҳуқуқӣ ифода мекунад[5].

- Батанзимдарории давлатӣ ҳангоми аз ҷониби давлат муқаррар намудани қоидаҳои умумии рафтор барои иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тағйироти имконпазири онҳо вобаста ба тағйирёбии шароити берунаро дар бар мегирад.

---

[1] Кутина, Л.Л. Формирование языка русской культуры. М.; Л., 1964. – 220 с.
[2] Алехин, А.П., Кармолицкий, А.А., Козлов, Ю.М. Административное право Российской Федерации. - М., 2003. – 608 с.
[3] Россинский, Б.В., Старилов, Ю.Н. Административное право. - М.: НОРМА, 2010. – 465 с.
[4] Козлов, Ю.М. Административное право. - М.: Юрист, 2007. – 554 с.
[5] Козлов, Ю.М., Попов, Л.Л. Административное право. - М.: Юрист, 2000. – 335 с.

Субъектони батанзимдарорӣ мақомоти қонунгузор, ҳокимияти иҷроия ва мақомоти судӣ мебошанд[1].

Ба маънои маҳдуд, батанзимдарории давлатӣ яке аз функсияҳои идоракунии давлатӣ буда, дар баробари ҳамоҳангсозӣ, контрол, пешгӯйкунӣ ва як қатор функсияҳои дигар баррасӣ мешавад.

Ҳангоми асоснок кардани мавҷудияти фарқиятҳои ҷиддии байни батанзимдарорӣ ва идоракунӣ, мо аз таҷрибаи соҳаҳои табиатшиносии дониши инсонӣ, аз ҷумла, назарияи идоракунии автоматӣ истифода мебарем, ки дар онҳо мафҳумҳои «батанзимдарорӣ» ва «идоракунӣ» таҷассуми аниқи худро ёфтааст.

Дар назарияи идоракунии автоматӣ, чун қоида, намудҳои зерини идоракунӣ ҷудо карда мешаванд[2]:

1. Идоракунӣ, ки дар рафти он амалҳои идоракунӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаи муайян дар шакли рафти дилхоҳ ё натиҷаи раванд анҷом дода мешаванд. Ин навъи идоракуниро, ки онро «дурушт» низ меноманд, бар он асос ёфтааст, ки як сабаб ба як оқибат оварда мерасонад. Аҳаммият дода мешавад, ки ин усули идоракунӣ омилҳои иловагиро ба назар намегирад, ки равандро тағйир дода метавонад ва таъсири онҳоро пешакӣ пешбинӣ кардан ғайриимкон аст.

2. Батанзимдарорӣ, бо он тавсиф карда мешавад, ки амали идоракунӣ дар объекти идорашаванда пешакӣ маълум нест. Миқдор ва самтҳои онҳо аз вазъияти ҳозира вобаста аст. Дар ин ҳолат, дар раванди идоракунӣ, миқдори идорашаванда муайян карда мешавад, ки арзиши он бояд доимӣ нигоҳ дошта шавад ё ба таври мувофиқ тағйир дода шавад, то ба ягон арзиши маълум мувофиқат кунад, ки онро амали истинод ё вазифа меноманд.

3. Дар раванди батанзимдарорӣ мунтазам муқоисаи доимии танзимшаванда ва вазифаҳо мавҷуд аст. Агар маълум шавад, ки он аз ҳадаф зиёд аст, пас таъсири танзимкунанда онро кам мекунад, агар арзиши танзимкунанда аз ҳадаф камтар бошад, онро афзоиш медиҳад.

Мо қайд мекунем, ки вазифаи нигоҳдории субот ё устувории система дар зери таъсири халалдоркунандаи беруна, яъне пайваста таъмин намудани баробарӣ муҳимтарин вазифаест, ки дар раванди батанзимдарорӣ ҳал мешавад.

Ҳамин тариқ, субъекти идоракунӣ тавассути танзими як раванди муайян дар муқоиса бо идоракунии мустақим ба танзими дақиқи он машғул аст. Дар робита ба системаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, ба чунин низомҳои калон, монанди соҳаи иқтисодиёт, ин чунин маъно дорад, ки батанзимдарориро дар шароити каму беш муътадил афзалият додан ба мақсад мувофиқ аст. Дар ҳолатҳои бӯҳронӣ, ки бо сабабҳои гуногун, масалан, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ё сиёсӣ (ҳам дохилӣ ва ҳам берунӣ) ба вуҷуд меоянд, нақши идоракунӣ ба таври назаррас нав карда мешавад. Илова бар ин, ба фикри мо, идоракунӣ барои тағйироти сохтории мухталифе, ки ба ҳарду таъсир мерасонад, афзалтар мебошад.

Давлат барои ноил шудан ба мақсадҳои худ тавассути батанзимдарории муносибатҳои иҷтимоӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ, ки дар ҷараёни татбиқи ваколатҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия инкишоф меёбад, номгӯйи тамоми воситаҳои муассирро истифода мебарад.

Ҳамин тариқ, батанзимдарории давлатӣ нисбат ба батанзимдарории ҳуқуқӣ мафҳуми васеътар дорад.

Мо батанзимдарории ҳуқуқиро ҳамчун фаъолияти иҷроия ва амрдиҳии ташкилотҳои давлати дорои ваколатҳои давлатӣ муайян мекунем, ки ба муътадил гар-

---

[1] Хаманева, Н.Ю. Проблемы административно-правового регулирования экономических отношений на современном этапе // Административное право и процесс. – 2009. - № 5. – С. 13-16.

[2] Фельдбаум, А.А., Бутковский, А.Г. Методы теории автоматического управления. - М.: Наука, 1971. – 744 с.

дондани муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъмини иҷрои онҳо нигаронида шудааст. Ба ибораи дигар, мақсади батанзимдарории ҳуқуқӣ таъмини натиҷаи мушаххаси ҳуқуқии пешбининамудаи меъёри ҳуқуқӣ мебошад. Натиҷаи ҳуқуқӣ арзиши танзимшаванда мебошад, ки бо усулҳои гуногун ба волоияти қонуни "додашуда" мувофиқат карда мешавад.

## ТАҲҚИҚОТҲОИ ИЛМИИ АДЪЮНКТОН, АСПИРАНТОН ВА УНВОНҶӮЁН

## НАУЧНЫЕ ИССЛЕДОВАНИЯ АДЪЮНКТОВ, АСПИРАНТОВ И СОИСКАТЕЛЕЙ



ТДУ 342.9

# НАЗАРЕ ОИД БА БАЪЗЕ АЗ НАВГОНИҲОИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАК»*

## ВЗГЛЯД НА НЕКОТОРЫЕ НОВШЕСТВА ЗАКОНА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН «ОБ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА ОБУЧЕНИЕ И ВОСПИТАНИЕ РЕБЕНКА»

**АБДУЛАҲАДЗОДА АБДУЛВОҲИД АБДУЛАҲАД**
*Сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқи гражданӣ факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия*
E-mail: vjhid.0303@mail.ru

**ҲАЙДАРЗОДА МУРОД ПИРМАҲМАД**
*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия*
e-mail: murod.23.09.1990@mail.ru

**ВАЛИЗОДА НАВРӮЗ ДУСТМУРОД**
*Сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия*
e-mail: nav-0188@mail.ru

**НУРИДДИНЗОДА СУФӢ НУРИДДИН**
*Дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия*
e-mail: sufi-1986@mail.ru

Омӯзиши асарҳои барҷастаи адибону мутафаккирони форсу тоҷик шаҳодат медиҳанд, ки масъалаи таълиму тарбияи кӯдакон дар ҳар давру замон дар назди ҷомеа ва давлат яке аз масъалаҳои калидӣ буд.

Ақидаҳои ахлоқӣ дар бобати таълиму тарбияи насли наврас дар китобҳои «Авесто», «Пирӯзнома»-и Бузургмеҳр, «Пандномa»-и Анушервон «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Китоб-улахлоқ»-и Абӯалӣ ибни Сино, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ, «Ахлоқи Ҷалолӣ»-и Ҷалолиддини Давонӣ, «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғазолӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва «Маснавии Маънавии» шайх Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ хеле хуб баён гардидаанд.

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Проблемаҳои амалия ва назарияи модернизатсияи фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2021-2025)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1292.

Ҳамзамон, донишмандону адибон аз қабили Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Закариёи Розӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Камолиддини Биноӣ, Носири Хусрав, Аҳмади Дониш ва бисёре аз дигарон дар мавзуи одобу ахлоқ ва тарбияи фарзанд асарҳои пурарзише эҷод кардаанд, ки ҳадафи асосиашон тарбияи инсони комил маҳсуб меёфт ва гузаштагони мо ба мавзуи одобу ахлоқ ва тарбияи кӯдак дар ҳама давру замон диққату таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамуданд. Зеро ояндаи кӯдакон аз таълиму тарбияи онҳо вобастагии калон дорад.

Бо дарки амиқи масъалаи мазкур давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввалини бадастоварии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи таълиму тарбияи насли наврас таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Далели ин гуфтаҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудан ба соҳаи маориф мебошад.

Чи тавре ки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маъорифи кишвар санаи 30 майи соли 2024 қайд намуданд, дар давоми 30 соли соҳибистиқлолӣ дар кишвар зиёда аз 3900 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла, муассисаҳои типи нав, яъне гимназия ва литсею коллеҷ, инчунин донишгоҳу донишкада бунёд шудаанд. Агар давраи давлатдории гузаштаро то замони истиқлолият назар карда онро ба замони ҳозира муқоиса намоем, мебинем, ки дар давлатдории замони гузашта ҳамагӣ 13 муассисаи таҳсилоти олӣ бо 65 хазор донишҷӯ фаъолият дошт. Ҳоло ин рақам ба 47 ва шумораи донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 220 ҳазор нафар расидааст. Яъне, ҳам шумораи мактабҳои олӣ ва ҳам шумораи донишҷӯёни онҳо қариб чор баробар афзудааст[1].

Ҳамзамон, ҷиҳати танзиму таҳкими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ, хусусан дар самти таълиму тарбияи кӯдак дар замони истиқлолияти давлатӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде ба тасвиб расид. Масалан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 ба таври раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд, ки мутобиқи моддаи 34 он "Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд. Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд. Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд"[2].

Бо мақсади ҳифзи ин муқаррароти Конститутсия давлат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро, ки қаблан амал мекард, қабул кард. Ин қонун бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти андеша ва афкори халқ санаи 2 августи соли 2011, таҳти № 762 ба тасвиб расида буд.

Хотирнишон месозем, ки пас аз ҳазор соли беадолатиҳои таърихӣ ва саргардониҳои бедавлатӣ, ки то андозае ба фарҳанги миллӣ таъсиргузор буд, аз ҷониби аҷнабиён таблиғи фарҳанги бегона ва маҷбуран бор кардани он ба души ҷавонону наврасони таҷриба ва камоли зиндагӣ надошта, таҳмили ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари азизамон, ки то андозае ба фалаҷ гардидани системаи маориф оварда расонид, таблиғи афкори манфури ғайриинсонӣ дар шабакаҳои Интернетӣ ва инчунин, аз ҷониби падару модар бор кардани масъулияти худ ба зиммаи муасиссаҳои таълимӣ ва иҷро накардани уҳдадориҳои хеш боис гардид, ки қонуни мазкур қабул карда шавад.

---

[1] Суханронӣ дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар, 30 майи соли 2024 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://www.president.tj/node/33541 (санаи муроҷиат: 05.07.2024).

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content/ (санаи муроҷиат: 01.07.2024).

Дар воқеъ, то қабул гардидани ин қонун баъзе падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанди худ беаҳаммиятӣ мекарданд, онҳо фикр мекарданд, ки таълиму тарбияи кӯдак (фарзанд) вазифаи муассисаи таълимӣ ва омӯзгор аст, ҳатто бархе аз волидон барои гирифтани таҳсилоти миёнаи ҳатмии фарзандашон монеа эҷод карда, бо ҳар роҳу восита масъулияти худро дар таълиму тарбияи кӯдак (фарзанд) иҷро намекарданд, ки дар натиҷа кӯдакон аз таълиму тарбия дур монда, қисме аз онҳо ба оворагардӣ машғул шуда, ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят даст зада, ба ҳар гуна гурӯҳҳои террористию экстремистӣ шомил мешуданд.

Бешубҳа, то қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки қаблан амал мекард се ниҳоди муҳимми иҷтимоӣ: оила, мактаб ва ҷомеаю мақомоти дахлдор дар алоҳидагӣ фаъолият мекарданд, ки натиҷаи кори онҳо чандон таъсирбахш набуд. Пас аз қабули қонуни зикршуда фаъолияти ин се ниҳод ҳамоҳанг карда шуда, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо муайян карда шуд.

Қонуни мазкур маҳз бо мақсади пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд қабул шуда буд[1].

Бо вуҷуди ин, таҷриба нишон медиҳад, ки то ҳол бархе аз волидон ва дигар субъектоне, ки дар таълиму тарбияи кӯдак масъул мебошанд, вазифаҳои худро ба таври зарурӣ иҷро накарда истодаанд, ки дар натиҷа кӯдакон аз таълиму тарбия дур монда, ба содир намудани кирдорҳои ноdensматлуб даст мезананд. Вобаста ба ин, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин санаи 9-уми марти соли 2024 ёдовар шуданд, ки аз соли 2016 то имрӯз барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур 19 ҳазору 480 нафар, аз ҷумла, 1170 нафар омӯзгорон ва 18 ҳазору 310 нафар падару модарон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд[2].

Бодарназардошти андешаҳои иброзшуда, мо ба боварии комил гуфта метавонем, ки қонуни қаблан амалкунанда дар тули 13 соли амалкардаи хеш ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ноболиғону ҷавонон, тарбияи ҳуқуқии падару модарон ва ноболиғону ҷавонон, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва дар умум ба пешрафти ҳаёти ҷомеа ва зиндагонии осоиштаи аҳолӣ мусоидат намудааст.

Бар замми муваффақиятҳои самарабахш дар соҳаи таълиму тарбияи ноболиғон ва ҳамчун шахси комил дар ҷомеаю давлат ба воя расонидани онҳо, ҳамчунин ба баъзе мушкилотҳо дар ин ҷода вохурдан мумкин аст, ки албатта нигаронии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Пешвои муаззами миллатро ба вуҷуд меорад.

Дар иртибот ба гуфтаҳои боло Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни мулоқоти худ бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дин масъулини соҳаро вазифадор намуданд, ки бо муҳокимаи васеи субъектони салоҳиятдори самти таълиму тарбияи кӯдак Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро дар таҳрири нав қабул намоянд. Пешниҳоди мазкур таваҷҷуҳи бевоситаи сарвари давлатро нисбати таълиму тарбияи ноболиғону ҷавонон ҳамчун насли ояндаи давлату миллат нишон медиҳад. Тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дарк намоянд, ки чунин

[1] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи с. 2011, таҳти № 762 (Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 № 1294, аз 17.05.2018 № 1532, аз 04.04.2019 № 1594, аз 08.06.2022 № 1885, аз 24.12.2022 № 1938) (аз эътибор соқит дониста шуд)..

[2] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар. 9 марти соли 2024 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://www.president.tj/node/32921 (санаи муроҷиат: 05.07.2024).

ташаббус давоми мантиқии сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълиму тарбияи ноболиғон мебошад.

Қабули қонун дар таҳрири нав дар замоне фаро расидааст, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидааст. Яъне, ташаббуси мазкур тамоми шаҳрвандон, аз ҷумла падару модар ва шахсони ивазкунандаи онҳоро водор менамояд, ки аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хеш дар самти таълиму тарбияи кӯдак бархурдор бошанд.

Ҳамин тавр, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар таҳрири нав санаи 20 июни соли 2024 қабул кардашуд, ки аз қонуни қаблӣ ба куллӣ фарқ мекунад[1].

Ёдовар мешавем, ки дар қонуни нави амалкунанда навгониҳои зиёди манфиатпазир ворид карда шудаанд, ки онҳо метавонанд ба баҳсу монозираҳои зиёди доманадоре, ки дар қонуни қаблӣ ба мушоҳида мерасиданд, нуқта гузорад.

Аз ҷумла, бо қабули қонун дар таҳрири нав номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» иваз карда шуд. Аз номи нави қонун маълум мегардад, ки калимаҳои «падару модар» хориҷ карда шуда, калимаи «фарзанд» ба калимаи «кӯдак» иваз карда шудааст. Аз ин ҷо савол ба миён меояд, ки чаро калимаи «фарзанд» ба калимаи «кӯдак» иваз карда шуда, калимаҳои падару модар аз номи қонун хориҷ карда шудаанд?

Вобаста ба иваз шудани калимаи «фарзанд» ба калимаи «кӯдак» чунин посух додан мумкин аст, ки мутобиқи фаҳмиши қонунгузорӣ фарзанд ин писар ё духтареро меноманд, ки аз лаҳзаи пайдошавӣ то охири ҳаётро фаро мегирад. Аз сабаби он, ки дар номи қонуни қаблӣ калимаи «фарзанд» оварда шуда буд, қонунгузор низ дар моддаи 4 мафҳуми фарзанд ва кӯдакро ҳаммаъно эътироф мекард ва иброз медошт, ки фарзанд (кӯдак) шахси ба синни ҳаждаҳсола нарасида аст. Яъне дар фаҳмиши қонуни қаблӣ дар зери истилоҳи "фарзанд" ҳамон мафҳуми "кӯдакро" дар назар дошт, ки ин аз нуқтаи назари техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ чандон мувофиқи мақсад набуд.

Бо назардошти он, ки истилоҳҳои «фарзанд» ва «кӯдак» аз ҳам тафовут доранд ва ҳамзамон бисёре аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон модару кӯдакро таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор додааст[2]. Инчунин, Дар Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак омадааст, ки ҳама гуна мавҷудоти инсонии то синни 18-сола кӯдак ҳисобида мешавад, агар тибқи қонуне, ки нисбати ин кӯдак истифода мегардад, он пештар ба синни балоқат нарасида бошад[3]. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ кӯдак гуфта, шахси ба синни 18-сола нарасидаро дар назар дорад[4].

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20 июни с. 2024, № 2049 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content (санаи муроҷиат: 05.07.2024).

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content/ (санаи муроҷиат: 01.07.2024)

[3] Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак: бо қатъномаи 44/25 Ассамблеяи Генералии СММ аз ноябри с. 1989 қабул гард. Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми октябри с. 1993 ба тасвиб расида, аз 25-уми ноябри с. 1993 барои ҶТ эътибор пайдо кардааст // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон / мураттибон А. Ализода, Б. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, С. Қодирӣ, А. Солиев. – Душанбе: Контраст, 2018. – С. 64-95.

[4] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри с. 1998, № 683 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, мод. 303; с. 2006, № 4, мод. 196; с. 2008, №3, мод. 201; с. 2010, №7, мод. 546; с. 2011, №3, мод. 177; № 12, мод. 855; с. 2013, №3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960. с. 2016, №3, мод.143;№11, мод.881; с. 2017,№1-2, мод.18

Қонунгузор низ бо мақсади мутобиқсозии қонунҳои соҳавӣ дар банди 2 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» қайд кардааст, ки кӯдак шахсе мебошад, ки ба синни 18 нарасидааст[1].

Бо назардошти андешаҳои иброзшуда мо ба хулосае омадем, ки падару модар танҳо барои фарзандони ноболиғи то синни 18 сола масулият доранд ва иваз шудани калимаи "фарзанд" ба калимаи "кӯдак" дар қонуни нави амалкунанда мувофиқи мақсад аст.

Оид ба хориҷ гардидани калимаҳои "падару модар" аз номи қонун ҳаминро бояд қайд намоем, ки дар таълиму тарбияи кӯдак натанҳо падару модар, балки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҷомеа, муассисаи таълимӣ низ дар таълиму тарбияи кӯдак масъулият доранд. Яъне, субъектони номбаршуда низ бояд дарк намоянд, ки таълиму тарбияи кӯдак танҳо вазифаи падару модар набуда, бояд ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои онҳо ҳамаи субъектони номбаршуда дар якҷоягӣ фаъолият карда, кӯдаконро дар руҳияи ватандӯстиву худшиносӣ ва эҳтиром ба миллату давлат ва қонун тарбия намоянд.

Дар иртибот ба ин масъала қайд кардан ба маврид аст, ки агар дар қонуни аз эътибор соқитшуда вобаста ба уҳдадориҳои омӯзгор, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, ҳамагӣ як боб ва се модда пешбинӣ шуда бошад, аммо дар қонуни нав вобаста ба ин масъала чор боби алоҳида (ёздаҳ модда) муқаррар шудааст, ки доираи салоҳият, ваколатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектони зикршударо ба таври мушаххас муайян кардааст.

Аз тарафи дигар бо номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» номгузорӣ кардани қонуни мазкур як навъи сабукӣ овардан ба волидон дар таълиму тарбияи кӯдак, инчунин дар паҳлуи волидон қарор додани мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҷомеа ва муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи кӯдак мебошад. Агар дар қонуни аз эътибор соқитшуда оид ба вазифаҳои субъектони зикршуда ба таври умумӣ ва хеле кутоҳ баён шуда бошад, дар қонуни нав бошад ҳуқуқу вазифаҳои онҳо ба таври мушаххас баён гардида, ҳатто оид ба салоҳият ва вазифаҳои онҳо бобҳои алоҳида низ ворид карда шудааст.

Моҳияти умумӣ ва номушаххасии меъёрҳои қонуни қаблӣ баъзе вақтҳо нисбати субъектони ҳуқуқтатбиққунанда дар татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ мушкилӣ эъҷод менамуд, ҳамчунин муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон дар баъзе ҳолатҳо бетарафиро ихтиёр менамуданд. Дар қонуни навқабул бошад, ҳуқуқу уҳдадориҳои муассисаи таълимӣ ва омӯзгор ба таври мушаххас нишон дода шудаанд, ки масъулияти онҳоро дар таълиму тарбияи ноболиғон баланд бардошта, бетарафиро аз байн мебарад.

Ҳамзамон, дар мафҳумҳои асосӣ, мафҳуми «масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ворид карда шудааст, ки мазмуни онро «уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар раванди таълиму тарбияи кӯдак»[2] дар бар мегирад. Яъне, қонунгузор ба таври мушаххас муқаррар намудааст, ки масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ҳам уҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳам шахси ҳуқуқӣ дар раванди таълиму тарбияи кӯдак маҳсуб меёбад.

Бо назардошти муҳиммияти масъалаи таълиму тарбияи кӯдак дар қонуни нав таълиму тарбияи кӯдак ҳамчун самти асосии сиёсати давлатӣ муқаррар гардид. Бояд

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20 июни с. 2024, № 2049 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content (санаи муроҷиат: 05.07.2024).

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20 июни с. 2024, № 2049 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content (санаи муроҷиат: 05.07.2024).

хотиррасон намуд, ки дар заминаи қонун муайян гарддидани самти сиёсати давлатӣ масъалаи таълиму тарбияи кӯдак масъулияти давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мақомоти салоҳиятдори давлатиро дучанд мегардонад. Қайд кардан зарур аст, ки сиёсати давлатӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, роҳ надодан ба поймолкунии онҳо, таҳкими кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, инчунин барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшудаи ӯ, ташаккули асосҳои ҳуқуқии кафолатҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, мусоидат ба рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак, тарбияи ӯ дар руҳияи ватандӯстӣ, ҳисси баланди шаҳрвандӣ ва сулҳдӯстӣ, таъмини фаъолияти мақсаднок оид ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маърифатнокии кӯдак, роҳ надодан ба табъизи кӯдак ва дастгирии давлатии ташкилотҳое, ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакро ҳифз менамоянд, дар бар мегирад. Дар ин замина масъулияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва субъектони дахлдор бедор гардида, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани самти сиёсати давлатӣ, чораҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ меандешанд.

Яке аз навгониҳои дигаре, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дида мешавад, ин таъсиси комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак мебошад.

Комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак мақоми ҳамоҳангсози ҷамъиятӣ буда, дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва муассисаҳои таълимӣ таъсис дода мешаванд.

Ба ҳайати комиссияҳои ҷамъиятӣ дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бояд кормандони милитсия, ходимони иттиҳодияҳои динӣ ва аъзои шурои занон дохил карда шаванд. Таҷриба нишон медиҳад, ки вақтҳои охир дар танзими рафтори одамон танҳо истифода ва татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ нокифоягӣ мекунад. Мисоли зиндаи онро мо дар ба таври нодуруст ва фаҳмиши хатои меъёрҳои динӣ аз ҷониби шаҳрвандон оварда метавонем, ки оқибат ба ҳамроҳшавии шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои хусусияти ифротӣ мегардад. Аз ин рӯ, бисёр саривақтӣ ва иқдоми некбинона мебошад, ки дар Комиссияҳои ҷамъиятӣ дар самти масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак дар қатори намояндагони ҳокимияти давлатӣ ходимони динӣ ҳамчун аъзо ҷалб карда мешаванд. Субъектҳои мазкур дар тарғиби пурра ва дурусти меъёрҳои динӣ ва дар алоқамандии онҳо ба меъёрҳои хусусияти дунявӣ оид ба шарт ва зарурияти амиқи тарбияи кӯдакон аз ҷониби падару модар ва дигар субъектон саҳми масъулиятнокро бояд ба дӯш гиранд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» принсипҳои масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак муқаррар гардиданд, ки тамоми субъектони татбиққунандаи қонуни мазкур ва шахсоне, ки кӯдак дар таълиму тарбияи онҳо қарор дорад вазифадоранд, ки талаботи онҳоро бечунучаро риоя намоянд. Принсипҳои масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак ғояҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки меҳвари асосии фаъолияти субъектони самти таълиму тарбияро дар бар мегирад ва аз инҳо иборатанд: эҳтироми кӯдак, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдак, пешгирии зӯроварӣ нисбат ба кӯдак, иштироки аҳли ҷомеа дар таълиму тарбияи кӯдак ва ғайра.

Навгонии дигари дар қонуни навқабулшуда ин пешбинӣ кардани боби алоҳида (боби 6) оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар самти таълиму тарбияи кӯдак ба шумор меравад. Боби мазкур мақомотеро, ки масъалаҳои вобаста ба масъулият барои таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, уҳдадор месозад, ки маҷмӯи чораҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, таълимӣ, тарбиявӣ ва тавонбахширо бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз ҷониби падару модар, васию парастор, дигар намояндагони қонунии онҳо амалӣ намоянд.

Ҳамин тавр, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар таҳрири нав бисёр муҳим ва саривақтӣ буда,

меъёрҳои он бодарназардошти муқаррароти Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии таҳия шуда, моддаҳо ва бобҳои он боз ҳам мукаммалтар карда шудаанд, ки ин метавонад барои ҳамоҳангсозии оила, ҷомеа ва давлат ҷиҳати таълиму тарбияи кӯдак таъсири мусбат расонад. Ҳамзамон, дар матни қонуни нави амалкунанда даҳҳо ихтилофу норасогиҳое, ки дар фаъолияти амалӣ мушкилотҳои назаррасро ба миён меоварданд, бартараф ва мукаммал карда шудаанд.

**ТДУ 351.7**

# ФАЪОЛИЯТИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ МАВОДИ НАШЪАОВАРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ҶОМЕА

## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ АГЕНТСТВА ПО КОНТРОЛЮ ЗА НАРКОТИКАМИ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОБЛАСТИ ПОВЫШЕНИЯ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ ОБЩЕСТВА

**АБДУЛЛОЗОДА ФАЙЗУЛЛО УБАЙДУЛЛО**
*сардори шуъбаи байниноҳиявии Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Лахш, подполковники хизмати назорати маводи нашъаовар*
E-mail: fayz-1983@mail.ru

Дар шароити имрӯза мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ба яке аз вазифаҳои муҳими мақомоти ҳифзи ҳуқуқ табдил ёфтааст, зеро Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ ба хатарҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар таваҷҷуҳ намуда, даромад аз муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддирро яке аз манбаъҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ баҳо дода, мубориза бар зидди ин зуҳуротро ҷузъи муқовимат ба терроризм ва экстремизм арзёбӣ намуданд.

Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти мақомоти давлатиро вобаста ба муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии онҳо, пешгирии нашъамандӣ, инчунин барқароркунии иҷтимоии беморони нашъамандӣ, ҳамоҳанг ва назорат мекунад.

Фаъолияти Агентиро он санадҳои меъёрии ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки онҳо асосҳои ташкилӣ, шакл ва принсипҳои фаъолият, доираи салоҳият, ваколат ва дигар масъалаҳои функсионалии Агентиро муқаррар менамоянд.

Агентӣ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Низомномаи худро дастури амал қарор медиҳад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Гарчанде, ки дар Конститутсия меъёри мушаххас оид ба ташкил ва фаъолияти Агентӣ ҷой надошта бошад ҳам, вале меъёрҳоеро дар худ таҷассум намудааст, ки метавонад танзимгари фаъолияти он бошад. ӯ

Дар моддаи якуми Конститутсияи амалкунанда хусусиятҳои соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст. Арзишҳои номбурда собит месозанд, ки давлат дар пояи қонун ва ҳуқуқ бунёд ёфта,

рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад.

Бояд тазаккур намуд, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз вазифаҳои муҳимтарин ва нахустдараҷаи кишварҳое маҳсуб меёбад, ки роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеш гирифтаанд.

Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намудани соли 2024 аз 30 декабри соли 2023 дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси олӣ ва тавзеҳот ба ин фармон имкон дод, ки тамоми мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он дар партави суханҳои Пешвои миллат вобаста ба баланд бардоштари маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон чораҳои зарурӣ андешанд.

Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз доираи ин мақомотҳо берун нест.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давоми 25 соли фаъолият аз ҷониби Агентӣ 3598 ҷиноят вобаста ба маводи нашъаовар ошкор ва ба қайд гирифта шуда, ба ин васила фаъолияти 976 гурӯҳи нашъаҷаллоб ва 50 гурӯҳи муташаккили ҷиноятпеша дар ҳайати 1639 нафар қатъ карда шудааст.

Дар натиҷа аз муомилоти ғайриқонунӣ 19 тоннаю 967 кг маводи нашъаовар, аз ҷумла 4 т 887 кг героин, 5 тоннаю 985 кг афюн, 8 тоннаю 973 кг гурӯҳи бангдона ва зиёда аз 119 кг дигар намудҳои маводи нашъадор мусодира карда шудааст.

Ғайр аз ин, дар давоми фаъолияти худ Агентӣ бо як қатор мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои хориҷӣ ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монда, дар натиҷа 359 амалиёти муштараки байналмилалӣ гузаронида, аз муомилоти ғайриқонунӣ 27 т 650 кг маводи нашъаовар мусодира намудааст.

Қобили тазаккур аст, ки дар баробари мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар, дигар самти муҳими фаъолияти Агентӣ ин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва ба ин васила коҳиш додани сатҳи ҷиноятҷорӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Дар ин робита, танҳо дар давоми 10 соли охир аз ҷониби кормандони Агентӣ дар байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ 4580 чорабиниҳои пешгирикунанда, аз қабили вохӯрию семинарҳои омӯзишӣ, мизҳои мудаввар ва дигар корҳои фаҳмондадиҳии зиддинашъамандӣ баргузор карда шудаанд.

Натиҷаи ҳамин корҳо буд, ки имрӯз шумораи нашъамандони дар қайди расмӣ буда, аз 7279 нафар дар соли 2014 то ба 4073 нафар дар соли 2024 расида, ба андозаи 44 фоиз коҳиш ёфтани бемории нашъамандӣ дар ҷумҳурӣ ба мушоҳида мерасад.

Нақши Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеаи Тоҷикистон аслан дар инҳо зоҳир меёбад:

- **Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон оид ба мубориза ва пешгирии муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир.** Яъне Агентӣ ба тамоми аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаҳмонидани номгуи ҷиноятҳо вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, моил нашуданашон дар муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, оқибати ба ҷавобгарӣ кашида шудани онҳо ҳангоми содир кардани ин кирдорҳо, фаҳмонидани онҳо аз оқибати содиркунии ин ҷиноятҳо ва дигар ҳолатҳо чораҳои пешгирикунандаро пайваста гузаронад.
- **Тарғиби арзишҳои ҳуқуқии инсониро амалӣ намояд.** Яъне Агентӣ бояд худи шахсияти инсон, ҳуқуқҳу озодиҳои ӯ ва мақоми баланди инсонӣ доштани уро ба ӯ фаҳмонад. Тавре Конститутсияи ҶТ дар моддаи 5 эълон менамояд, Инсон ва ҳуқуқҳои он арзиши олӣ ба ҳисоб меравaнд. Ҳаёт қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Давлат онҳоро эътироф риоя ва ҳифз менамояд. Албатта дар баробари ҷиноят буданаш ин кирдорҳои ҷиноятӣ арзишҳои олии инсониро аз инсон ҷудо мекунад (ба монанди саломатиашро аз даст медиҳад, ба насли минбаъдаи худ таъсири сахт мерасонад, маводи мухаддирро ки муомилот кард, озодиашро аз даст дода, ба ҷазои махрум сохтан аз озодӣ гирифтор мешавад,

дороиҳои молумулкии худро аз даст медиҳад ва ғайраҳо). Дар асоси ин гуфтаҳо мо бояд шаҳрвандонро аз ин ҳолатҳо хабардор намоем.

- **Мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон ва муносибати эҳтиромона ба он.** Дар асоси Конститутсия ҳар як шаҳрванд уҳдадор аст, ҳуқуқҳои дигаронро риоя ва эҳтиром намояд. Ба мо маълум аст, ки шахс, ки ба муомилоти воситаҳои нашъадор даст, ки зад ҳаёту саломатӣ, молу мулк, аъзои оила ва дигар арзишҳову ҳуқуқҳои дигаронро фикр намекунад. Зеро танҳо ғарази шахсии худро хоҳон аст. Мехоҳад фоидаи муфти калон ба даст оварад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафи нопоки худ кушиш мекунад, ки дигар шахсонро бо роҳҳои фиреб, таҳдид, зурӣ ба истеъмол ҷалб намояд. Бинобар ин Агентӣ бояд аҳолиро барои эҳтироми тарафайн ва арҷ гузоштан ба ҳуқуқҳои дигаронро тарбия намояд.
- **Баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волояти қонун.** Яъне Агентӣ дар ин самт бояд дар шуури одамон ҷиноят будани муомилоти ғайриқонунии моводи нашъаоварро фаҳмонад, ҳангоми содир карданаш ҷазоҳои маҳрум сохтан аз озодиро ҳушдор диҳад, ҳангоми ҳамкорӣ кардан бо Агентӣ тамоми чораҳои ҳавасмандгардониро пешниҳод намояд. Дар умум дар мафкураи тамоми аҳолӣ моҳияти қонунгузориро дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии моводи мухаддир ҷой намояд. То аҳолӣ дар руҳияи риояи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тарбия ёбанд. Ҳангоми вохурдан бо ингуна ҷиноятҳо шахсан ба мақомот ҳамкорӣ карда, дар пешгирии ин ҷиноятҳо саҳми худро гузорад.
- **Бедор кардани нафрати халқ нисбат ба ин кирдорҳои ношоям, ин бемориҳои номатлуб ва оштинопазир сохтани онҳо нисбат ба ҳама гуна муомилот бо моводи мухаддир.** Яъне ҷанбаи хавфнокии муомилот бо воситаҳои нашъадорро дар мафкураи аҳолӣ бояд тавре ҷой намояд, тамоми табақаи аҳолӣ бо иродаи худ аз ин амал даст кашад. Шахсони ҷиноятсодиркардаро ба мақомот супоранд, ба шахсоне, ки ҷабрдидаи ин ҷиноят гаштаанд ёрии худро расонанд. Дар тамоми корҳои профилактикии мақомоти ваколатдор, хусусан Агентӣ фаъолона иштирок намоянд ва Агентиро дар амалигардонии вазифаҳои худ ёрӣ расонанд.

Васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба ҳар гуна иттилоот аз Агентӣ. Принсипҳои асосии таъмини ҳуқуқи дастрас намудани иттилоот инҳоянд:

а) дастрас ва ошкоро будани иттилоот;
б) ҳаққоният ва мукаммалии иттилоот;
в) сари вақт пешниҳод намудани иттилоот;
г) ҳифзи ҳуқуқи дастрас намудани иттилоот, аз ҷумла аз тариқи суд;
д) ҷавобгарӣ барои риоя накардани ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот;
е) риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони сеюм ҳангоми вогузоштани иттилоот;
ж) маҳдудияти ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро муқаррар намудани қонун танҳо ба ҳадде, ки он барои ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини мудофиаи мамлакат ва амнияти давлат, обрӯву эътибор ва беғаразии адолати судӣ, ахлоқ, сиҳатӣ, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарур мебошад.

Агентӣ тамоми муроҷиатҳои шаҳрвандонро санҷад, ба онҳо аз оқибати он сари вақт хабар диҳад, то ки ҳамкориро бо иродаи худи аҳолӣ бо ин мақомот дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ба роҳ монад.

Тайёр намудани мутахассисони баландихтисос аз қабили ҳуқуқшинос, эксперт-нарколог, кормандони оперативӣ. Маълум аст, ки ин ҷиноятҳо ҳамеша ба таври пинҳонӣ содир мешаванд, аз ҷониби гуруҳи шахсон дар асоси нақшаи ҷинояткорона содир мешаванд, бо истифода аз ба таҳлукаандозӣ ё гумроҳсозии шахсони бегуноҳ содир мешаванд. Гузашта аз ин, барои ошкор кардани ин ҷиноятҳо дониши махсуси наркологӣ зарур аст. Бинобар ин Агентиро зарур аст, ки пайваста сатҳи ин гуна мутахассисони баландихтисосро афзоиш диҳад.

**ТДУ 351.745.7**

# МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ РУШДИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР САМТИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

## ОСНОВЫНЕ ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В ОБЛАСТИ ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ПЕРИОД НАЗАВИСИМОСТИ

**АЛИМЗОДА ДОСТОН АЛИМ**
*Омӯзгори калони кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия*

Истиқлолият ҳамчун воқеаи фараҳбахши таърихӣ ва ҳодисаи муҳимму сарнавиштсоз ба тоҷикон озодиву соҳибихтиёриро ҳадя намуда, боис гардид, ки дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати нав бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми унсурҳои давлатдории миллӣ арзи ҳастӣ намояд ва ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ расман шинохта шавад.

Бо қаноатмандӣ изҳор медорем, ки дар дарозои 33 соли сипаришуда Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд роҳи пуршебу фароз ва басо пурифтихореро тай намуда, сокинони сарбаланду меҳнатқарин, ватандӯсту ободкори кишвар бо дастгирӣ ва пуштибонии амиқ аз сиёсати ҳадафмандонаву бобарор ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 26 декабри соли 2018 таъкид намуд, ки «Таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат, сулҳу субот дар ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ муҳимтарин вазифаҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад»[1].

Маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қабул карда шуданд. Чуноне Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., дотсент, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро дар китоби таъкид намудаанд, ки «Ҷиҳати батанзимдарории қонунии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол танҳо аз соли 1993 сухан гуфтан мумкин аст». Зеро аввалин маротиба Қонун «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳз 28 декабри соли 1993 таҳти № 923 қабул шуда буд[2].

Аз ҳамин давра сар карда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳидҳои оперативии ваколатдори мақомоти давлатӣ ошкоро амалӣ намудани ин намуди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро мутобиқи Қонуни мазкур оғоз намуданд. То ин вақт, чи тавре, ки қайд карда будем, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт танҳо бо фармону дастурамалҳои махфӣ ба танзим дароварда мешуданд.

Баъдан, бо назардошти талаботи замон бо ташаббуси Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистион, махсусан муаллифии Вазири корҳои дохилӣ, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри с. 2018 // [Маҳзани электронӣ]: Реҷаи воридшавӣ: https://prezident.tj/event/missives/17365 (санаи муроҷиат: 12.04.2024).

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” аз 28.12.1993 с., № 923 (аз эътибор соқит дониста шуд).

«Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» 23 майи соли 1998 № 651[1] ва маротибаи сеюм санаи 25 марти соли 2011 № 687[2] дар таҳрири нав қабуд карда шуд. Қонуни нав аз 7 боб ва 25 модда иборат мебошад ва муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки бо амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ алоқаманд мебошанд, ба танзим даровaрда, системаи кафолатҳои қонуният, таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳангоми амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ муқаррар менамояд, раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ тамоми паҳлуҳои зиндагии ҷомеаро фаро гирифт ва роҳҳову самтҳои инкишоф муайян карда шудаанд. Аз ин ҷост, ки яке аз самтҳои асосии соҳаи ҳуқуқи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ин фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба шумор меравад.

Таҷрибаи бисёрсолаи амалии мутахассисон шоҳиди он аст, ки таъсирнокии муқовимат бар зидди ҳар гуна намудҳои ҷинояткорӣ бевосита аз дониш дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вобастагӣ дорад, ки имкон медиҳад дар ҳар гуна вазъият мавқеи худро муаяйн ва қарори дуруст дар лаҳзаҳои ногувор ва ногаҳонӣ қабул карда шавад. Дониши илмӣ дар бораи моҳият, аҳамияти иҷтимоӣ, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҳамбастагӣ бо муқаррароти илми ҳуқуқ яке аз сифатҳои зарурии касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошанд, ки вазифаҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ менамоянд.

Солҳои охир бар асари рушди равандҳои глобализатсия, баҳамоӣ, якҷояшавӣ ва муҷаҳҳазшавии техникии гуруҳҳои муташаккили ҷиноятӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ ба назар расида, мубориза бо ҷинояткорӣ бидуни ворид шудан ба умқи ин муносибатҳо, пайгирии ҳаррузаи  ҳаракат ва робитаҳои онҳо ғайриимкон мебошад.

Дар чунин шароит накши фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо афзуда, он ҳамчун яке аз воситаҳои афзалиятнок ва зарурии мубориза бо ҷинояткорӣ, алалхусус терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, силоҳ, коррупсия ва дигар шаклҳои ҷинояткории муташаккил, таъмини амнияти шахсият, ҷамъият ва давлат боқӣ мемонад. Ба ақидаи Р.Ҳ. Раҳимзода, “хусусияти муҳими корманди оперативӣ аз он иборат аст, ки робитаҳои одамонро дар ҷомеа фаҳмида тавонад ва ба муҳити ҷинояткорон ба зуди алоқа барқарор намояд” [3].

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳама давру замон, хусусан дар раванди бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд дар таъмини адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷомеа ва таҳкими рушди устувори давлату давлатдории ҳар миллат накши муҳим доранд.

Ташаккул ва рушди қонунгузории фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷузъи таърихи давлатдории тоҷикон мебошад. Таъсис ва таҳаввули мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар ҳар марҳилаи рушди таърихии давлати тоҷикон инъикос ёфтааст. Ҳар як даврaи таърихи давлатдории тоҷикон бо фаъолияти системаи ҳифзи ҳуқуқ алоқаманд аст, ки сохтор ва ташкили он дар ҳар як марҳилаи таърихӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва давлатию ҳуқуқии халқи тоҷик мувофиқат мекард.

Бояд тазаккур дод, ки таърихи ташаккул ва рушди дилхоҳ мақоми давлатӣ, аз ҷумла мақомотҳои амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имкон фароҳам меорад: аввал, ҳадафи таърихии он, мақом ва накши он дар системаи мақомоти давлатӣ муайян карда шавад; **дуввум,** танҳо бо омӯзиши таърихи он, мо дар шароити

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” аз 23.05. 1998 с., № 651 (аз эътибор соқит дониста шуд).

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ” аз 25.05. 2011 с., № 687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 3, мод. 155; с. 2014, № 7, қ. 1, мод. 387; Қонуни ҶТ аз 18.07.2017 с., № 1447.

[3] Раҳимзода, Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ. Нашри 5-ум. / Р.Ҳ. Раҳимзода. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С.17.

муосир метавонем чораҳои ташкилӣ ва қонунгузориро амалӣ намоем, ки самаранокии онро боло мебарад.

Назарияи муосири ватании фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба андешаи Р.Ҳ. Раҳимзода, дар аввали солҳои 60-уми асри XX баъди қабул шудани кодексҳои мурофиавии ҷиноятии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ташаккул ёфтааст. Дар онҳо аввалин маротиба истилоҳи «чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шуд, ки амалигардонии он ба мақомоти таҳқиқ вогузошта шуда буд пеш аз ҳама ба Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи бехатарии давлатӣ.

Алҳол дар ҷумҳурӣ соҳаеро ёфтан мушкил аст, ки оид ба вазъи ҳуқуқии он санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул нашуда бошад. Ин гуфтаҳо, аз ҷумла, ба самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ низ дахл дорад. Аз ин ҷост, ки яке аз самтҳои асосии соҳаи ҳуқуқи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ин фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба шумор меравад.

Мутахассиси оияндаи самти ҳуқуқ (таҳқиқбарандагон, муфаттишон, прокуророн, судяҳо, адвокатҳо) бояд на танҳо дорои дониш доир ба танзими ҳуқуқии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бошад, балки дар бораи асосҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, сохти ташкилию тактикии чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таъиноти онҳо, тарзҳо ва роҳҳои асосии гузаронидани онҳо, тартиби ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои бадастовардашуда, пешниҳод намудани онҳо ба муфаттиш, прокурор, судя, истифода бурдани онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ғайра дониш дошта бошанд.

Ҷиҳати масъалаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бисёр санадҳои зерқонунӣ, ба мисли Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ ва байниидоравии субъектони фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қабул карда шудаанд. Қисми зиёди ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хусусияти кушода (ғайримахфӣ) доранд.

Ҳамзамон муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро ба танзим медароранд, аҳамияти калон дорад. Дар чунин санадҳо, аз ҷумла, ҳуҷҷатҳои СММ, ИДМ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ (Интерпол, Европол, Иттиҳоди Аврупо), меъёрҳое ҷой доранд, ки дар онҳо татбиқи амалиётҳои махфии байналмилалӣ, аз қабили таҳвили назоратшаванда, ҳамчунин, назорати электронӣ, мубодилаи иттилооти оперативӣ ва ғайра пешбинӣ шудаанд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ як механизми мукаммали мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқро мутаҳид сохтааст аз кормандони мақомоти амалкунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, олимону профессорон ва омӯзгорони мактабҳои олии ҳуқуқшиносӣ санъати баланд ва сифати олии омӯзишро талаб менамояд ки ин яке аз хизматҳои вазифавӣ ва ба ҷо овардани эҳтиром нисбат ба вазифаву мансабҳои ишғолнамудаамон мебошад.

**ТДУ 342.4**

# ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ҶАНБАҲОИ СИЁСӢ ВА ГУМАНИСТИИ ОН*

## ОСОБЕННОСТИ ПРИНЯТИЯ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ЕЁ ПОЛИТИЧЕСКИЙ И ГУМАНИСТИЧЕСКИЙ АСПЕКТЫ

**АСЛАМОВ БОЗОРАЛӢ САФАРАЛИЕВИЧ**
*Ходими калони илмии шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия*
e-mail. aslamov.bozorali.64@mail.ru

Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (9-сентябри соли 1991) яке аз масоили мубрами ҳайёти сиёсии ҷомеаи навини Тоҷикистон ин амалигардонии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Мутаасифона дар Тоҷикистони соҳибистиқлол то қабули Конститутсия меъёрҳои кӯҳнашудаи Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон, (1978) ки дар асоси Конститутсияи ИҶШС (1977) қабул гардида буд амал менамуд, ки натанҳо ба фазои сиёсӣ ва ҳуқуқии Тоҷикистони мустақил ва соҳибихтиёр халал ворид менамуд, балки монеъи рушти институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократия дар кишвари мо гардида буд.

Омӯзиш, таҳлили ҳаводиси сиёсии солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон исбот намуданд, ки набудани механизми конститутсионии идоракунии давлатӣ аз лиҳози принсипҳои демократӣ боиси зиддият, мавҷудияти проблемаҳои зиёди сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва маънавӣ гардида буд. Сарвари давлати Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар айёми Тоҷикистони Шӯравӣ ҳамчун намояндаи фаъоли Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар бораи қонуният, принсипҳои демократӣ, таъмини ҳуқуқҳои конститутсионӣ афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии хешро баён менамуд.

Мутаасифона, авзои мураккаб ва печидаи сиёсии он давра имкон намедод, ки ҳамон ғояҳои пешқадам саривақтӣ амали гарданд. Танҳо эълони истиқлолияти давлатӣ ба ин рукни муҳимми давлатдорӣ такони бузург бахшид. Акнун фурсати муносиб барои таҳияи Конститутсия Тоҷикистони соҳибихтиёр фаро расида буд, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ оғоз гардид.

Дар ин марҳилаи муҳимми давлатдорӣ Иҷлосияи XVI таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид ба пойдории сохти конститутсионӣ асос гузошт. Дар ин Иҷлосияи таърихӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумхурии Тоҷикистон интихоб гардид. Ба Конститутсияи амалкунанда як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шуд.

Дар ҷаласаҳои Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо мухтарам Эмомалӣ Раҳмон баромад карда иброз намуд, ки таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, амният ва бехатарии давлат - масъалаҳои муҳиммӣ давлатӣ ба ҳисоб рафта, нисбати ояндаи давлат ва миллати тоҷик ягон нафари мо бояд бетараф набошем. Дар ин Иҷлосия шакли идораи президентӣ қатъ карда шуда, ваколатҳои он ба Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирон вогузор карда шуд. Ба ақидаи яке аз ҳуқуқшиноси маъруфи тоҷик А. Имомов, «ноябри соли 1992 шакли идораи президентӣ то қабули

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290.

Конститутсияи соли 1994 бекор карда шуда, ба ҷои он шакли идораи парлаumentӣ» ҷорӣ карда шуд»[1]. Дар ҳамин Иҷлосияи таърихӣ 24-уми ноябри соли 1992 рамзҳои давлатӣ, Нишон ва Парчам қабул гардида ба Конститутсия тағйироту иловаҳо ворид карда шуд[2].

Тағйирот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси қонун аз 27-уми ноябри соли 1992 гузаронида шуд, ваколатҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро васеъ намуда, шакли идораи президентиро то як марҳилаи муайян бекор намуд. Доир ба гузаштан ба шакли идораи парлаmentӣ фикру ақидаҳои гуногун соли 1992 пайдо гаштанд, аммо ба онҳо Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотима гузошта, чунин пешниҳод намуд, ки «дар марҳилаи мураккабшавии вазъи сиёсӣ, баргардонидани гурезаҳо, таъмини сулҳ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ муҳимтар мебошанд. Аз ҳама муҳим он аст, ки мо пеши роҳи хунрезиро гирем.

Шахсан ман тарафдори давлатӣ демократӣ ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад. Ман ҳамчун сиёсатмадор аз рӯйи тақдир ва шароити таърихии худ ба сарварии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар лаҳзаи душвори муқовимат омадам, ки ҳар рӯзи ҷангро аз байн бурдан, ба Ватан ҳар чи зудтар сулҳ ва созиш овардан, ин мақсади олии ман буд, ки барои ба даст овардани он ҳеҷ чизро дареғ намедонистам»[3].

Аз рӯйи нуқтаи назари А.З. Куканов, «шакли идораи президентӣ соли 1992 бо сабаби сар задании ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқӯъ пайваст, ки ба мураккабшавии вазъи сиёсӣ, гузаронидани интихоботи президентӣ то муътадил шудани вазъи сиёсӣ аз имкон берун буд»[4].

Бо талошҳои бевоситаи сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон марҳила ба марҳила ба сулҳ наздик мешуд. Баъд аз ду соли Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994 вазъият нисбатан мӯътадил дар кишвар ба амал омад. Заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии қабули Конститутсияи нав ба вуҷуд омаданд. Мақомати ҳокимияти давлатӣ дар тамоми маҳалҳо барқарор гардида, шаҳрвандон тадриҷан ба ҳаёти осоишта мегузаштанд.

«Таҳия, муҳокима ва қабули Конститутсияи нав маҳз аз баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав оғоз гардид» (гарчанде ин марҳила 10-уми феврали соли 1992 оғоз гардида буд, аммо вазъи сиёсии он давра ба ин имкон намедод). Иҷлосияи мазкур дар барқарор гаштани сохти конститутсионии кишвар нақши бузург дорад. Зеро танҳо дар шароити вазъи солими ҷомеа фаъолияти мӯътадили сохторҳои ҳокимияти давлатӣ таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ қабули Конститутсия имконпазир буд. Аз ин ҷиҳат, Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи амалӣ гаштани Қарорҳои таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон башумор меравад»[5].

Аз рӯйи ақидаи ҳуқуқшиноси маъруфи тоҷик Ф.Т. Тоҳиров, «Моҳиятан, самтҳои асосии фаъолияти роҳбарии мамлакат дар барқарору таҳкими сохти конститутсионӣ ва умуман фаъолияти давлат оид ба таъмини истиқлолияти давлатӣ ҷавони Тоҷикистон ва бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ки дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд амалишуда, ки бо номи мухтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастагии зич дошт, чунки вай дар муддати кӯтоҳ сазо-

[1] Имомов, А.И. Роль Конституции в создание национальной государственности таджиков: монография / А.И. Имомов. – Душанбе, 2015. - С. 147-151.
[2] Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1992, № 2. С. 8.
[3] Эмомалӣ Рахмон. Таджикистан уникальный опыт мира и согласия // Народная газета. 2002. № 26.
[4] Куканов, А.З. Становление и развитие Президентской республики в Таджикистан // Труды Академии. – 1992. - №1. - С. 41.
[5] Тафсири илмиву оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2009. - С. 5.

вори боварии халқ гашта тавонист тамоми кӯшишҳои нерӯҳои гуногуни сиёсӣ ва ҷамъиятиро барои расидан ба сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар кишвар равона созад»[1].

26-уми июли соли 1993 Раиси Комиссияи конститутсионӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид. 4-уми сентябри соли 1993 ҷаласаи якуми ин комиссия баргузор гардид, ки дар он масъалаи аз нав тартиб додани лоиҳаи Конститутсия қайд гардид. Комиссияи мазкур моҳи апрели соли 1994 ду варианти лоиҳаи конститутсияро пешниҳод намуд: якум лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии президентӣ, дигари лоиҳаи Конститутсия ҷумҳурии парламентӣ. Комиссияи конститутсионӣ баъди омӯзишу муҳокима варианти Конститутсияи ҷумҳурии президентиро тавсия намуд. Лоиҳаи Конститутсияи мазкур 21, 22-уми апрели соли 1994 дар рӯзномаҳои ҷумҳурӣ чоп шуда, ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардид. Баъд аз муҳокима ва интишор дар Иҷлосияи XIX Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба райпурсӣ тавсия гардид. 6-уми ноябри соли 1994 райкурсии умумихалқӣ оиди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки 87,59% шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарафдории он раъйи худро доданд. Ҳамин тариқ, Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

«Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳиятан ба раванди гузариши кишвари мо аз сотсиализм ба либерализм, тамаддуни нави либералӣ, ки инсоният ба сӯи он ҳаракат менамояд, асос гузошт. Вай аз рӯйи моҳият давраи навро дар таърих (амиқтар ба таври юридикӣ таъсис дод) дар давлати мо кушода, ба таври амиқ, шаклу вазифаҳои давлат, принсип ва тартиби амалигардонии он, мавқеи инсон ва шаҳрвандро муайян намуда, нишонаҳои ояндаи тағйиротҳои минбаъдаро муайян сохт» менависад профессор Р.Ш. Сотиволинев[2].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи пешқадами конститусияҳои кишварҳои муосирри ҷаҳонро таҷриба намуда, яке намунаҳои беҳтарини Конститутсияҳои ҷаҳонӣ ба шумор меравад, ки мавқеъ ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсонро арзиши олӣ эълон намудааст.

Дар ин муносибат К.Ҳ. Солиев менависад, ки «Қобили таваҷҷуҳ ва дарк муносибати дигар ба проблемаи ҷазои қатл мебошад. Чи тавре, ки маълум аст, дилхоҳ давлат, ки ҳокимияти қонунӣ дорад, барои худ уҳдадори ҳимояи натанҳо ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванду инсон, балки иҷрои талаботи ӯро низ ба зима мегирад. Ин муқаррарот дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун арзиши олӣ эълон гардидааст»[3].

Ба сифати ин талабот маҳрум накардани инсон аз ҳаёт ба шумор меравад, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон-мавқеи марказиро ишғол намудааст ва бо ин роҳ адолати иҷтимоӣ барқарор карда мешавад, ки дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шудааст, ки «Инсон, ҳуқук ва озодиҳои он арзишӣ олӣ мебошад.

Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фикрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд»[4].

Масъалаи таҳкими ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар маркази таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон меистад, ки доир ба масоили мазкур менависад: «Дигар масъалае, ки ҳалли ниҳоиро тақозо мекунад, муайян намудани муносибат ва ҳукми қатл дар Тоҷикистон боздошт шудааст. Воқеан, ҳаёти инсон асосӣ ҳасти ва неъматӣ бебаҳо буда, маҳрум

[1] Тоҳиров, Ф.Т. Аҳамияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барқароркунӣ ва таҳкими сохти конститутсионӣ дар Тоҷикистон / Ф.Т. Тоҳиров // Осори Академия. – 2012. - № 5.- С. 27.
[2] Сотиволдиев, Р.Ш. Конституция Республики Таджикистан и развитие правопонимания в постсоветскую эпоху / Р.Ш. Сотиволдиев // Труды Академии, - 2003. - № 6. – С. 9-16.
[3] Солиев, К.Х. Новый подход к проблеме смертной казни / К.Х. Солиев // Труды Академии. – 2003. - № 6. - С. 34.
[4] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2016. - С.5.

кардан аз он маънии қатл гардидани мавҷудияти фард, шахсият ва узви ҷомеаро дорад. Дар тамаддуни инсонӣ аз ҷониби давлат татбиқ накардани ҷазои қатл, пеш аз ҳама, чун нишонаи башардӯстӣ, шафқат ва пешравии ҷамъият эътироф карда мешавад. Аз ин лиҳоз, вақти он расидааст, ки масъалаи мазкур бо назардошти афкори ҷомеа мавриди баррасии мақомоти дахлдор қарор дода шуда, аз натиҷаи он ҷиҳати муайян намудани мавқеи давлат нисбат ба ҳукми қатл таклиф пешниҳод карда шавад»[1].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсонро арзиши олӣ эълон намуда, дар боби 2 ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандонро кафолат медиҳад, ки аз моддаи 14 то моддаи 47-ро дар бар мегирад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҳуқуқу озидиҳои инсон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро бахри ҳифзи Ватан, манфиатҳои миллӣ ва таҳкими истиқлолият вазифадор менамояд: «Моддаи 43. Ҳифзи Ватан ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст»[2].

Ҳамин тариқ, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастоварди бузурги миллӣ ба шумор рафта, дар марҳилаи мураккаби ҳаводиси сиёсии Тоҷикистон бо раъйи аксарияти мардуми Тоҷикистон қабул гардида, замина ва марҳила хусусиятҳои хоси худро доро мебошад, ки аз нигоҳи илми ҳуқуқшиносӣ ва ҷомеашиносӣ тадқиқоти алоҳидаи илмиро тақозо менамояд.

**УДК 342.7:343.5**

# К ВОПРОСУ О ЗНАЧИМОСТИ ЗАЩИТЫ КОНСТИТУЦИОННЫХ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА, ПРОЦЕССУАЛЬНЫХ ПРАВ ЛИЦА В СВЯЗИ С ОРГАНИЗАЦИЕЙ НЕЗАКОННОЙ МИГРАЦИИ

**АХМАДЗОДА РУСТАМ САИДАХМАД**
*Адъюнкт Московского университета МВД России им. В.Я. Кикотя, полковник милиции*
E-mail: rsp0721@gmail.com

Соблюдение прав и свобод человека, их гарантирование и защита является одним из приоритетов таджикского государства, что прямо закреплено в ст. 5 Конституции Республики Таджикистан[3]. Права и свободы человека и гражданина, поименованные высшей ценностью, подлежат признанию, соблюдению и защите на национальном уровне. Это соответствует общепризнанным мировым стандартам и позволяет оценивать Республику Таджикистан в качестве правового демократического социального государства, о чем прямо указывается в ст. 1 Конституции. Незыблемость свобод и прав человека, провозглашенная в Преамбуле Конституции Республики Таджикистан, обеспечивается, в том числе и запретом дискриминации (ст. 17).

На отраслевом уровне защита прав и свобод человека и гражданина закрепляется в кодифицированных актах, законах, а также воплощается в подзаконных норма-

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2013. Душанбе, 2013. С.47-48.
[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Гнач, 2016. - С.22.
[3] Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года (с изменениями и дополнениями по состоянию на 22.05.2016 г.) // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://www.mfa.tj/ru/main/tadzhikistan/konstitutsiya (дата обращения: 20.05.2024).

тивных правовых актах, что подчеркивает прямое действие Основного закона. Указанное способствует реализации принципов законности, равенства, гуманизма и справедливости. На соблюдение этих основоположных начал направлено и указание в ст.ст. 2-10 Уголовного кодекса Республики Таджикистан[1] (далее – УК РТ) задач и принципов уголовного закона и уголовной ответственности. В контексте данной статьи наибольшую значимость имеет применение минимально возможного наказания к лицу, совершившему преступление, – достаточного для исправления и ресоциализации виновного[2], а также обеспечение недискриминационности подходов к участникам уголовного судопроизводства, включая тех, кто своими действиями способствовал совершению в отношении них или других лиц преступных деяний, либо непосредственных субъектов преступления. Тем самым, все субъекты уголовного судопроизводства и даже подвергнутые уголовному преследованию лица, имеют право на уважение собственного человеческого достоинства, соблюдение своих прав (включая процессуальные), предоставление предусмотренных законом гарантий[3]. Особенно значимой является обеспечиваемая государством защита в случаях, когда субъект одновременно выступает как потерпевшим вследствие преступной деятельности, так и лицом, преступившим законом, а потому в обязательном порядке подвергаются уголовному преследованию.

Актуально указанное и для такого вида противоправной деятельности, как организация незаконной миграции. В связи с ее осуществлением те лица, которые сознательно нарушают правила пересечения государственных границ вплоть до совершения уголовного наказуемых деяний, подлежат привлечению к юридической ответственности, включая уголовную. Речь идёт о возможном совершении преступлений, посягающих на порядок управления, а в отдельных случаях – на общественную, национальную и государственную безопасность.

Соответственно, лицо, незаконно пересекающее государственную границу, в зависимости от наличия дополнительного преступного умысла может преследовать целью наёмничество, совершение терактов или экстремистских посягательств и прочее[4].

В то же время, в контексте организации незаконной миграции, криминализированной ст. 335.2 УК РТ, а также организации незаконного въезда в Республику Таджикистан иностранных граждан или лиц без гражданства или незаконного транзитного проезда через территорию Республики Таджикистан, криминализированной ст. 335.1 УК РТ, незаконно пересекающее государственную границу лицо не является субъектом обозначенных преступлений.

Более того, к лицу, чей преступный умысел охватывает незаконный въезд в Республику Таджикистан, незаконный выезд или транзит, со стороны организатора незаконного перемещения могут применяться действия насильственного характера, в связи с чем нарушитель порядка пересечения государственной границы становится потерпевшим. К примеру, к нему могут применяться угрозы и/или физическое, психическое, материальное и иные виды воздействия в целях дальнейшей трудовой либо

[1] Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года № 574 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 20.06.2024 г.) // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30397325 (дата обращения: 20.08.2024).

[2] Агашков, Е.И. Исправление осужденного как цель уголовного наказания в виде принудительных работ // Безопасность бизнеса. – 2018. – № 2. – С. 35.

[3] Махов, В.Н., Бахромов, И.А. Обеспечение обвиняемому право на защиту в уголовном процессе Российской Федерации и Республики Таджикистан // Вестник Пермского университета. Юридические науки. – 2012. – № 2. – С. 230; Малахова, Л.И. Конституционный принцип уважения чести и достоинства личности и его отражение в УПК РФ: постановка проблемы // Судебная власть и уголовный процесс. – 2013. – № 2. – С. 14.

[4] Идаятов, Р.И. Незаконное пересечение государственной границы Российской Федерации: уголовно-правовые и криминологические проблемы: региональный аспект: дисс. ... канд. юр. наук: 12.00.08 / Р.И. Идаятов. – Махачкала, 2008. – С. 16.

сексуальной эксплуатации, принуждения к рабскому труду, незаконного лишения свободы и прочее[1]. В связи с обозначенным, процессуальный статус незаконного мигранта подлежит трансформации: он может одновременно являться участником уголовного судопроизводства со стороны обвинения (подозреваемым, обвиняемым, подсудимым по ст. 335 УК РТ) в связи с незаконным пересечением государственной границы Республики Таджикистан, а также потерпевшим в результате действий организатора такого незаконного пересечения (ст.ст. 335.1. 335.2 УК РТ), если его умысел направлен на незаконное лишение свободы, незаконную эксплуатацию и прочее. При этом, согласно положениям законодательства Республики Таджикистан относительно противодействия торговле людьми, не имеет значения, имелось ли изначальное согласие незаконного мигранта на его перевозку и совершение иных последующих принудительных действий[2].

В заданных условиях в отношении незаконного мигранта обеспечивается следующее:

– защита его неотъемлемых прав и свобод, присущих каждому человеку и гражданину;

– гарантирование его процессуальных прав, предусмотренных для участника уголовного судопроизводства на стороне обвинения (подозреваемого, обвиняемого, подсудимого), в том числе в целях его дальнейшей ресоциализации и реального включения в гражданское общество;

– гарантирование его процессуальных прав в качестве потерпевшего в результате преступных действий организатора незаконного перемещения, связанных в том числе с эксплуатацией, лишением свободы, иными мерами принуждения, в том числе с предоставлением потерпевшему мер юридической и социальной поддержки.

Незыблемость, неотчуждаемость, гарантированность и безусловное предоставление упомянутых и смежных прав, свобод и гарантий является значимым достижением уголовного права и уголовного судопроизводства, а также свидетельством демократизации устоев жизни таджикского общества, закреплённых нормами прямого действия Конституции Республики Таджикистан.

Подводя итоги, целесообразным представляется отметить торжество принципов таджикского Основного закона в вопросах защиты прав и свобод человека и гражданина независимо от его процессуального статуса в контексте уголовно-правовых и уголовно-процессуальных отношений.

---

[1] Доклад о торговле людьми за 2023 год: Республика Таджикистан // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://tj.usembassy.gov/wp-content/uploads/sites/143/Доклад-о-торговле-людьми.pdf (дата обращения: 20.08.2024)

[2] Закон Республики Таджикистан «О противодействии торговле людьми и оказании помощи жертвам торговли людьми» от 26 июля 2014 года № 1096 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 02.01.2019 г.) // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://ncz.tj/system/files/Legislation/1096_ru.pdf (дата обращения: 20.08.2024).

ТДУ 342.1

# КОНСТИТУТСИЯ КАФИЛИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ВА РУШДИ БОСУБОТИ КИШВАР

## КОНСТИТУЦИЯ ГАРАНТ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА И СТАБИЛЬНОГО РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВА

**БОБОХОНЗОДА С.С.**
*Сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ дар баробари дигар ҷумҳуриҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон низ 9 сентябри соли 1991 истиқлолият ба даст овард. Ин сана дар таърихи навини тоҷикон ҳамчун Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оғози дигаргунсозиҳои нав дар роҳи бунёди давлати мустақили миллӣ ва демократӣ эътироф шудааст. Давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нави таърихи инкишофи худ ворид шуд ва дар кишвар даврони дигаргуниҳои куллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа оғоз гардид. Ибтидо аз ин сана зарурати гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ, қабули Конститутсия ва барпо намудани ҷомеаи озоду пешрафта ба миён омад, ки 6 ноябри соли 1994 ин санади муҳим қабул гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 апрели соли 2014 қайд намуданд, ки «Конститутсия барои аз байн бурдани хатаре, ки ба истиқлолияти давлатӣ таҳдид мекард, шароити зарурии ҳуқуқӣ муҳаё карда, барои аз нобудӣ наҷот додани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва аз парокандагӣ раҳоӣ бахшидани миллати тоҷик асос гузошт, ҷиҳати расидан ба ваҳдати миллӣ таҳкурсии устувор гардид ва дар он марҳалаи ҳассоси таърихӣ барои гузоштани аркони давлатдории тоҷикон нақши тақдирсозу ҳалкунанда бозид». Айни ҳол Конститутсия Тоҷикистонро ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ ба аҳли ҷаҳон муаррифӣ намуд.

Конститутсия ба сифати қонуни асосӣ заминаҳои ҳуқуқии давлат, дахлнопазирӣ ва якпорчагии он, манфиатҳои миллӣ, ҳадафҳои сиёсати дохиливу хориҷӣ ва асосҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистонро муайян сохт ва муҳиммтар аз ҳама, инсон, ҳуқуқу ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф намуда, барои инкишофи минбаъдаи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ роҳи васеъ кушод.

Дар ҷомеаи имрӯза яке аз масъалаҳои асосӣ кафолати таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Хусусан кафолати таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар шароити давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд хеле муҳим аст. Ҳар як давлат мувофиқи вазъ ва шароити ҷомеаи худ таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад.

Кафолати таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳар як давлат дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ муқаррар мекунад.

Бо мақсади ҳифзи ҳамаҷонибаи меъёрҳои Конститутсия дар давлатҳои демократӣ мақомоти назорати конститутсионӣ (Судҳои конститутсионӣ, шуроҳои конститутсионӣ) таъсис дода мешаванд, ки таъиноти асосии онҳо таъмини волоият ва амали бевоситаи меъёрҳои Конститутсия мебошанд. Суди конститутсионӣ бо тарз воситаҳое, ки Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ кардааст, Конститутсияро ҳифз менамояд.

Баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми роҳу воситаҳо истифода мебарад. Алалхусус яке аз воситаҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи тамоми қонунгузорӣ буда, барои амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳо шароит муҳайё месозад. Кафолатҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Конститутсия дар шаклҳои гуногун ифода ёфтааст.

Мувофиқи муқаррароти қисми якуми моддаи 5-и Конститутсия инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Дар тафсири илмии Конститутсия моддаи мазкур аз ҷониби олимон ва мутахассисони соҳа чунин тафсир карда шудааст «инсон ҳамчун бузургтарин арзиш ва дорои манфиатҳои қимматҳо шинохта шуд». Имрӯз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити Истиқлолияти давлатӣ барои шинохти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муқаддасоти давлатдорӣ, аз диди тоза назар андохта, беҳтарин арзишҳо, ормонҳо ва ченакҳоеро муайян кардааст, ки метавонад манфиатҳои имрӯзу фардои миллату давлатро дилпурона дифоъ намояд. Бо ин мақсад, ҷӣ таҷрибаи таърихии ҳуқуқи ниёгон ва ҷӣ дастовардҳои ҷаҳони муосир мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Боз дар қисми сеюми моддаи 5 омадааст, ки «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд».

Ҳамзамон дар тафсири илмии Конститутсия чунин омадааст, ки ҳуқуқу озодиҳоро давлат эътироф мекунад. Яъне онҳоро ҳамчун заминаи мавҷудияти инсон дар сарчашмаҳои расмии ҳуқуқ эътироф мекунад, риоя ва иҷрои онҳоро бо кафолатҳо таъмин менамояд. Давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро риоя мекунад ва аз дигар субъектҳо риояи онҳоро талаб мекунад.

Ин моддаи Конститутсия мазмун ва мундариҷаи боби 2-ро, ки ба ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст муайян менамояд. Принсипҳо ва меъёрҳои дар он мавҷуда, доираи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро бо назардошти таҷрибаи конститутсионии давлатҳои тараққикарда ва меъёрҳои ба ҳуқуқи инсон бахшидашудаи ҳуқуқи байналмилалӣ дарбар мегирад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ сазовори баҳои баланд гардида, аксари коршиносону мутахассисон ва сиёсатмадорон онро чун таҷассумгари ҷараёни демократӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ намудаанд. Дар бахши ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷумлаи даҳгонаи беҳтарин конститутсияҳои давлатҳои ҷаҳон дониста шудааст.

Арзишҳои Конститутсия ба замми хислати мустақим доштан боз давом ва рушди мантиқии худро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ низ пайдо мекунад. Масалан дар партави боз ҳам мустаҳкам намудани муқаррароти конститутсионӣ оид ба ҳуқуқи ҳар кас ба зиндагӣ ва баҳри татбиқ намудани меъёрҳои Конститутсия ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд як зумра қонунҳо қабул гардиданд.

Ҳамчунин қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз ташаббусҳои ҷадиде, ки дар амалисозии арзишҳои конститутсионӣ оид ба таҳким бахшидан ба фаъолияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон маънидод мешавад, ин таъсис додани мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бешубҳа таъсиси ин ниҳод сариваҳтӣ буда, фаъолияти он баҳри ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон равона карда шудааст.

Чи тавре, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, «Салоҳияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тибқи Қонуни мазкур бо мақсади тақвияти кафолатҳои конститутсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат ба риоя ва эҳтироми онҳо аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдори онҳо, роҳбарон ва шахсони мансабдори

корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, таъсис дода шудааст».

Чи тавре ки аз мазмун ва мундариҷаи он бармеояд, таъсиси чунин ниҳоди миллиро метавон ба сифати як механизми комилан наве арзёбӣ кард, ки дар мавриди фаъолияти самаранок бурданаш дар ин ҷода, метавонад ба яке аз фишангҳои муҳимми таъсиррасонии мусбӣ дар самти татбиқ, риоя ва ҳимояи ҳуқуқи инсон дар кишвар гардад.

Мавҷуд будани чунин сохтор, ин худ шаҳодати он аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тақвияти кафолатҳои конститутсионии ҳимояи давлатии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд воқеан механизми реалие, ки ба талаботҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ аст, арзи вуҷуд кард ва он метавонад дар ин ҷода саҳми мусбие дошта бошад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади асосии ҳуқуқбарпокунӣ ва низомноккунии низоми ҳуқуқӣ буда, таҳкурсиест, ки дар асоси он тамоми низоми ҳуқуқии ҷамъият ва давлат созмон дода мешавад.

Қайд кардан лозим аст, ки қабули Конститутсия маънои онро надорад, ки давлат якбора ба давлати демократӣ табдил меёбад ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсонро кафолат медиҳад. Бешубҳа аз декларатсияи мавқеи сиёсӣ то дар амал татбиқ гардонидани меъёрҳо вақти муайянро талаб менамояд, ки дар мудати 30 соли сипаришуда дар Тоҷикистон вобаста ба ин самт пешравиҳо ба назар мерасад.

Чи тавре ки қайд карда мешавад, «Меъёрҳои Конститутсия худ аз худ як падидаи мусбӣ ҳастанд, лекин мақсади ниҳоии онҳо дар он инъикос меёбад, ки ҳар як шаҳрванд амалишавии онро дар зиндагии худ ҳис кунад. Дар давлати ҳуқуқбунёд ҳама кору фаъолият барои шаҳрвандон амалӣ мешавад ва танҳо дар ҳамин маврид метавон фарқияти давлати демократиро аз давлати ғайридемократӣ ҳис намуд».

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бомуваффақият амалишавии меъёрҳои Конститутсия пеш аз ҳама аз реша давонидани шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва принсипҳои демократӣ дар тафаккури шаҳрвандон аст.

Ҳар як ҷамъияте, ки мехоҳад озод зиндагӣ кунад ва дар он волоияти Конститутсия таъмин гардад, бояд ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон таваҷҷӯҳ зоҳир намояд ва онҳоро аз худ намояд.

Вобаста ба ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28-уми декабри соли 2023 соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд ва дар асоси ин аз 30 декабри соли 2023, таҳти № 668 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки ин иқдом саривақти буда, мақсад аз қабули фармони мазкур баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2023 таҳти № 357 Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 қабул гардид, ки яке аз субектони асосӣ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ин мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва дар иҷрои Нақшаи амали соли 2023-2025 аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мунтазам чорабиниҳо гузаронида мешавад.

Дар самти қонунгузории байналмилалӣ, мавриди зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ноилшудан ба Истиқлолияти давлатӣ узви комилҳуқуқи Созмони

Милали Муттаҳид гардид ва санадҳои асосии байналмилалии дар самти ҳуқуқи инсон аз қабили паймонҳо, конвенсияҳо ва протоколҳои факултативиро ба тасвиб расонид.

Вобаста ба амалишавии онҳо дар қ. 3 м. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст, ки «санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд» ин санадҳо ҷиҳати мукаммалсозии ҳифзи ҳуқуқи инсон мусоидаткунанда мебошанд.

Гуфтаҳои боло ифодагари он мебошанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи меъёрҳои умумиэтирофшудаи ҷаҳони муосир давлатдории навини худро бунёд намудааст, ки он барои пешрафти соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию сиёсии кишвар хизмат карда истодааст. Дар навбати худ дар ин раванд худи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон низ такмил ёфтааст ва барои инкишофи ояндаи мамлакат мусоидат менамояд.

Имрӯз метавон бо боварии комил иброз намуд, ки ҷараёни бадастории соҳибихтиёрӣ бо қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар мустаҳакамгардӣ ва инкишофи Тоҷикистон нақши калон дорад. Аз ин рӯ, дар сарнавишти давлати навини тоҷикон 6 ноябри соли 1994 ҳамчун санаи тиллоӣ сабт шудааст. Имрӯз, ки мо дар остонаи 30-солагии ин бахтномаи миллат қарор дорем таҷлили бошукӯҳи он, инчунин эҳтирому риояи он қарзи шаҳрвандии ҳар як фарди меҳандӯсту меҳанпарвари Тоҷикистон мебошад.

**УДК 343.1**

# АНАЛИЗ РЕАЛИЗАЦИИ КОНСТИТУЦИОННЫХ ПРИНЦИПОВ ПРАВА НА ЗАЩИТУ В КОНТЕКСТЕ ДОКАЗЫВАНИЯ ПО УГОЛОВНЫМ ДЕЛАМ

**Джалилов Фаридун Музафарович**
*Адъюнкт Нижегородской Академии МВД России, капитан милиции*
e-mail: jalilov.f.m@bk.ru

На основе конституционных реформ, которые поэтапно проводились по единодушной воле всего народа путём всенародного голосования, развился национальный парламентаризм, человек и его права и свободы были объявлены высшими ценностями, усовершенствовались основы политической, экономической, социальной и культурный жизни, как ключевые направления развития государства, ещё более укрепились законность и правопорядок[1].

Право на защиту гарантировано Конституцией, но на практике возникают сложности с реализацией полномочий адвоката в рамках уголовного процесса, где действует принцип состязательности и равноправия сторон.

Согласно ч. 1 ст. 5 Конституционного закона Республики Таджикистан «О судах Республики Таджикистан», в республике правосудие осуществляется только судами[2].

---

[1] Поздравительное послание Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистана, уважаемого Эмомали Рахмона 06.11.2023 г. // [Электронный ресурс] – Режим доступа: khovar.tj (дата обращения: 05.07.2024 г.)

[2] Конституционный закон Республики Таджикистан «о судах Республики Таджикистан» от 26 июля 2014 г., № 1084 // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://u9zb0l5yg96n8bgqtwk51qcoz5p0actn.pdf (sud.tj) (дата обращения: 03.07.2024 г.).

В правовой системе право на судебную защиту - это фундаментальная гарантия, доступная каждому, чьи права или свободы были нарушены. В то время как потерпевшие от преступлений и обвиняемые нуждаются в особой защите в рамках уголовного процесса, право на судебную защиту предоставляется всем, чьи интересы затронуты расследованием.

Помимо защиты прав, нарушенных преступлением, правосудие предоставляет защиту от возможных нарушений в ходе самого уголовного процесса.

Такие нарушения могут быть связаны с действиями и решениями органов предварительного расследования, прокуратуры и судов.

Обращение к более высоким инстанциям (апелляционному, кассационному или надзорному порядку) для оспаривания решений суда также является формой судебной защиты, которая не была получена на предыдущих этапах процесса.

Обеспечение подозреваемому, обвиняемому, подсудимому и осужденному права на защиту считается основным принципом уголовного процесса, согласно которому лица, находящиеся под стражей, подозреваемые, обвиняемые, подсудимые и осужденные, имеют право на использование предоставленных им прав в соответствии с процедурой, установленной Уголовно-процессуальным кодексом Республики Таджикистан (далее - УПК РТ) для их защиты от обвинения лично, а также посредством участия защитника или своего законного представителя (ч. 2 ст. 22 УПК РТ).[1]

Защитник не только защищает интересы своего подзащитного, но и играет важную роль в правосудии, гарантируя справедливость и защищая от судебных ошибок. Он является одним из ключевых элементов конституционного права на защиту, что подчеркивает его общественную значимость и публичный характер. Закрепление в ст. 88 Конституции РТ принципиального положения, в соответствии с которым судопроизводство осуществляется на основе принципа состязательности и равноправия сторон, необходимо исследовать вопрос о том, насколько эффективно защита в уголовном процессе может противостоять незаконным и необоснованным обвинениям, имея в распоряжении предоставленные ей процессуальные возможности.

Регламентированный ст. 20 УПК РТ принцип состязательность и равноправие сторон уголовного судопроизводства предполагает, что наличие стороны обвинения требует безусловного, обязательного присутствия стороны защиты в уголовном процессе.

Именно поэтому осуществление адвокатом функции защиты прав и свобод личности в уголовном судопроизводстве как реализация гарантированного ст. 19 Конституции РТ, лицо вправе с момента задержания пользоваться услугами адвоката[2]. Данный подход обеспечивает соблюдение принципа состязательности и равноправия сторон в уголовном процессе, что является ключевым фактором для вынесения справедливого, обоснованного и законного приговора. Состязательность и равноправие сторон в уголовном процессе играют решающую роль в объективном рассмотрении дела, сборе и проверке доказательств, установлении истинных обстоятельств и, в конечном итоге, в достижении справедливости.

Профессиональная деятельность адвоката в уголовном процессе определяется законодательными нормами, как уголовно-процессуальными, так и касающимися адвокатуры. Эти нормы определяют его статус, сферу деятельности, а также обеспечи-

---

[1] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан от 3 декабря 2009 года № 564 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 03.01.2024 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=39588865#pos=0;0 (дата обращения: 16.06.2024).

[4] Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 г. (с изменениями и дополнениями, принятыми путем всенародного референдума 26 сентября 1999 г., 22 июня 2003 г. и 22 мая 2016 г.). – Душанбе: Ганч, 2016. – 134 с.

вают эффективную реализацию права подзащитного на квалифицированную юридическую помощь, гарантирующую доступ к правосудию и защиту его прав[1].

М. А. Чельцов отмечал, что защитник играет двойную роль: он не только защищает интересы своего подзащитного, но и содействует суду в установлении истины, помогая правосудию быть объективным и справедливым[2].

В юридической литературе часто возникают дискуссии о роли адвоката в сборе доказательств, как на стадии предварительного расследования, так и в ходе судебного процесса. Спорным является вопрос, является ли адвокат самостоятельным участником в процессе сбора доказательств или же его роль сводится к «ходатайству» о предоставлении доказательств со стороны защиты? Частью 3 ст. 86 УПК РТ установлено, что защитник, допущенный в установленном УПК РТ порядке к участию в деле, вправе представлять доказательства; собирать сведения, необходимые для оказания юридической помощи; запрашивать справки, характеристики и иные документы из различных учреждений, организаций, предприятий, которые обязаны в установленном порядке выдавать эти документы или их копии; запрашивать с согласия подзащитного мнение специалистов для разъяснения возникших в связи с оказанием юридической помощи вопросов, требующих специальных познаний. С их помощью адвокат, действующий как участник уголовного разбирательства и в рамках уголовно-процессуального доказательства, выполняет свои обязанности по собиранию и представлению доказательств.

М. Х. Битокова утверждает, что в соответствии с принципом равноправия сторон, предоставление защитником собранных доказательств стороне обвинения может быть не совсем приемлемым. Все материалы, собранные адвокатом, должны быть представлены суду и тщательно рассмотрены в процессе судебного разбирательства. Единственным исключением являются доказательства, смягчающие ответственность лица, привлекаемого к уголовной ответственности, исключающие преступность деяния либо делают невозможным применение уголовной ответственности[3].

Есть довольно много противоречивых мнений насчет этого вопроса. По мнению многих юристов, судебный процесс более характерен для стадии судебного разбирательства. Однако момент представления доказательств в уголовном процессе определяется адвокатом и подзащитным в соответствии с разработанной тактикой и стратегией дела.

В настоящее время процесс собирания доказательств защитником остается лишь формальностью, и принцип состязательности и равноправия сторон в уголовном процессе на этапах до судебного разбирательства теряет свою силу. Это происходит из-за отсутствия четкого механизма для защиты прав защитника на предварительных этапах процесса. Хотя законодатель закрепил права защитника в ч. 3 ст. 86 УПК РТ, он не устранил, а только усугубил вопросы. Как проводить опросы лиц с их согласия защитником? Как фиксировать полученные сведения и как оценивать их значимость? Законодатель говорит о доказательствах, а не о сведениях, утверждая, что «защитник вправе собирать доказательства...». В результате возникает ситуация, когда адвокату разрешается собирать доказательства, не соблюдая требования УПК РТ. Мы считаем, что это свидетельствует о недостатках в отечественном уголовно-процессуальном законодательстве.

---

[1] Почечуева, О.С. Некоторые вопросы, возникающие при реализации профессиональных функций адвоката-защитника и представителя в уголовном процессе // Пробелы в рос. законодательстве. - 2008. - № 2. - С. 340-343.

[2] Чельцов, М.А. Задачи советской защиты и процессуальное положение адвоката // Адвокат в советском уголовном процессе. - М., 1954. - С. 53.

[3] Битокова, М.Х. Право собирания доказательств защитником и его осуществление в уголовном судопроизводстве: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / М.Х. Биткова. - М., 2008. - С. 12.

Для справедливого рассмотрения уголовного дела необходимо не только разделение обязанностей между обвинением и защитой, но и обеспечение возможности стороне защиты эффективно противостоять обвинениям. Это достигается через соблюдение процессуального равенства сторон, которое подразумевает равные правовые возможности для защиты своей позиции, участия в диспуте и опротестования позиции противоположной стороны. Однако, можно ли говорить о равенстве сторон, если процессуальные полномочия защитника (адвоката) регламентированы в УПК РТ недостаточно полно.

Известный юрист И.Л. Петрухин отмечал, что защитник в уголовном процессе, собирая доказательства, действует вне установленных процедур собирании доказательств, поэтому информацию, собранную защитником, нельзя сразу назвать доказательствами. Они приобретут статус доказательств только после их приобщения к материалам дела дознавателем, следователем, прокурором или судом[1].

Можно заметить положительный момент, в рамках УПК РСФСР, любая активность адвоката в поиске новых доказательств и их фиксации рассматривалась органами следствия как неправомерное препятствие расследованию. Это могло иметь негативные последствия для защитника. Однако, теперь ситуация изменилась: адвокат имеет право активно искать информацию, которая может помочь его подзащитному, и даже самостоятельно закреплять ее[2]. Несмотря на то, что законодательство предоставляет право защитника на собирание доказательств в рамках уголовного процесса, в реальности это право не находит своего отражения. Разграничив участников дела на стороны и предоставив им возможность самостоятельного выбора доказательств, законодатель не разработал эффективного механизма для гарантирования фактического равенства прав сторон и, таким образом, не смог перевести участников в статус полноценных сторон в состязательном уголовном процессе.

Кроме того, как уже отмечалось ранее, принцип состязательности и равноправия сторон в УПК предполагает равенство прав во время процесса установления фактов. Обсуждение равноправия различных участников в уголовном судопроизводстве, включая следователя, адвоката и обвиняемого, необходимо рассматривать критически. Невозможно говорить о равенстве, когда одна сторона представлена представителем государственной власти, представляющим доказательства вины обвиняемого, а другая сторона — обычным гражданином, чья судьба зависит от результата судебного процесса. Следовательно, можно утверждать, что адвокат не участвует в процессе собирании доказательств.

[1] Петрухин, И.Л. Теоретические основы реформы уголовного процесса в России. Ч. 1. - М., 2004. - С. 114.
[2] Засорина, Е.А. Наука и образование: хозяйство и экономика; предпринимательство; право и управление / / Защитник как субъект доказывания в российском уголовном процессе. 2012. № 6. - С. 5.

**ТДУ 342.61**

# НАҚШИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР РАВАНДИ ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ВА ТАҲКИМИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ

## РОЛЬ ОСНОВАТЕЛЯ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА – ЛИДЕРА НАЦИИ, ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН, УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ПРОЦЕССЕ КОНСТИТУЦИОННОГО РЕФОРМИРОВАНИЯ И УПРОЧНЕНИЯ СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ

**ДОДОЗОДА АБДУМАНОН**
*Сардори Раёсати ташкили кори судҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии дараҷаи 2-юм*

Сарнавишти ҳар миллати соҳибтамаддун ба азму иродаи матин, қалби бузургу пурмеҳр, ҳиммату ҷавонмардӣ, ҳисси ватандӯстиву ваҳдатгароӣ, мардумсолорию фарҳангпарварӣ, роҳандозии барномаҳои созанда ва нигоҳи неки фарзонафарзандонаш ба фардои дурахшон пайвастагии ногусастанӣ дорад.

Маҳз таҷаллии ҳамин хусусиятҳои ҷавонмардонаи фарзанди фарзонаи миллат, абармарди давру замон, родмарди арсаи сиёсат, меросбари фарҳанги пурифтихору деринбунёди давлатдории ориёӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон аз вартаи нестшавӣ эмин монд ва мардуми қавииродаааш аз нав дар ҷабҳаҳои созандагӣ ба кору пайкор пардохтанд.

Бидуни шакку шубҳа, гуфтан ба маврид аст, ки тамоми пешрафт ва дастовардҳои кишварамон маҳз ба Истиқлолияти давлатӣ ва баргузории Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ, бахусус интихоб гардидани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари давлат алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои худро доир ба сохти давлатдории Тоҷикистон аввалин бор дар Иҷлосияи ХУ1-уми Шӯрои Олӣ баён дошта, изҳор карда буданд, ки «ман ҷонибдори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ҳастам. Ин мақсаду мароми аксарияти аҳолии ҷумҳурӣ мебошад. Ин роҳи ягонаи мост ва мо ҳеҷ вақт аз ин роҳ барнамегардем». Таърих исбот намуд, ки Пешво ва роҳнамои миллат ба ин принсипҳои бунёдӣ ҳамеша содиқ монданд.

Шароити соҳибистиқлолӣ талаб менамуд, ки дар кишвар ҳарчи зудтар ислоҳоти конститутсионӣ гузаронида, Конститутсияи давлати соҳибихтиёр қабул гардад ва дар он мақсаду мароми ҷомеа, давлат ва сохти давлатдорӣ, инчунин масъалаҳои дигари калидии ҷомеа – соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва ягонагии давлат, унсурҳои дигари асосии сохтори конститутсионӣ, аз ҷумла соҳибихтиёрии халқ, арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ муайян карда шаванд.

Боиси ифтихор ва сарбаландист, ки дар 6 ноябри соли 1994 дар ҳаёти сиёсии кишвар рӯйдоди бузурги таърихӣ ба вуқӯъ пайваста, тариқи раъйпурсии умумихалқӣ, якдилона бо умеди ояндаи неку дурахшон бори нахуст Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол қабул гардида, ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз ба раванди ислоҳоти судию ҳуқуқӣ такони тоза бахшид.

Дар раванди қабули Конститутсия, ки сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон раиси Комиссияи конститутсионӣ интихоб шуда буданд, тамоми васоити илмӣ, мулоҳизаи мантиқӣ ва афкори сиёсӣ истифода шуда, аз ду лоиҳаи аз

ҷониби гурӯҳҳои корӣ пешниҳодшуда, ки яке аз онҳо шакли идораи Тоҷикистонро парламентӣ ва дигаре президентӣ муайян мекард, пас аз муҳокимаҳои тӯлонӣ бо пешниҳоди раиси комиссияи конститутсионӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, лоиҳаи Конститутсия, ки шакли идораи президентиро муқаррар мекард, ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардид.

Лоиҳаи Конститутсия пеш аз қабул гардидан тавассути воситаҳои ахбори омма муҳокима гардида, ҳама паҳлӯҳои масъалаи давлатдорӣ бо назардошти талаботи замон, афкори ҷомеа ва принсипҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар асоси талаботи Конститутсия соли 1995 ҷиҳати рушду такомули мақомоти судӣ қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», “Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», “Дар бораи судҳои ҳарбӣ”, “Дар бораи сохтори судӣ”, кодексҳои гражданӣ, оила, меҳнат, ҷиноятӣ, мурофиавии гражданӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ғайра қабул гардиданд.

Боиси зикри хосс аст, ки дар роҳи таҳкими ҳокимияти судӣ ва татбиқи амалии адолати иҷтимоӣ нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон басо муҳим арзёбӣ мегардад. Маҳз Сарвари давлат рушди фаъолияти ҳокимияти судиро яке аз самтҳои асосии сиёсати давлат қарор дода, дар заминаи он то ба имрӯз барои ташаккули низоми судии кишвар ва баланд бардоштани мақоми ҳокимияти судӣ дар ҷомеа, корҳои назаррас ва муҳим ба анҷом расонида шуданд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1997, № 692 «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба рушди низоми судии кишвар навгонии зиёде ворид намуда, тибқи ин фармон ҳаллу фасли як қатор масъалаҳо, аз қабили таъсиси вазифаҳои приставҳои судӣ, ёрдамчиёни раисони судҳо, шумораи зарурии котибони маҷлиси судӣ, ҷудо кардани маблағҳо бобати таъминоти моддии судҳо, вазъи иҷтимоии судяҳо ва аъзои оилаи онҳо, таъмиру тармим ва таҷҳизонидани биноҳои судҳо, таъмин кардани онҳо бо воситаи нақлиёт ва техникаи ёрирасон пешбинӣ гардида, онҳо марҳила ба марҳила ҳалли худро дарёфтанд.

Идомаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ тақозо менамуд, ки қонунҳои конститутсионии алоҳидаи дар соли 1995 қабулгардида, бо назардошти дигаргуниҳои ҷиддии сиёсию ҳуқуқӣ дар доираи як қонуни конститутсионӣ гирд оварда шаванд. Бо ҳамин мақсад 6 августи соли 2001 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, дар он тарзи ташкил ва фаъолияти судҳои кишвар, вазифа, салоҳият, талабот ба судяҳо, тартиби интихобу таъин шудан, вазъи иҷтимоӣ ва моддии судяҳо, масъулияту ҷавобгарӣ, ҳатмӣ будани иҷрои санадҳои судӣ ва дигар масъалаҳои марбута пешбинӣ шуданд.

Дар натиҷаи таҳкими ваҳдату субот ва ризоияти миллӣ, тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи кишвар се маротиба тағйиру иловаҳо ворид гардида, тавассути он низоми судию ҳуқуқӣ такмил дода шуданд.

Дар заминаи ислоҳоти конститутсионии солҳои 1999 ва 2003 фаъолияти ҳокимияти судӣ такмил ёфта, муҳлати ваколати судяҳо аз панҷ со ба даҳ сол муқаррар гардид.

Дар ҳамин радиф ҳокимияти судӣ ҳамчун рукни муҳим ва зарурии сохтори ҳокимияти давлатӣ муаррифӣ гардида, аз ҷиҳати тарзи ташкилию сифатӣ ва миқдорӣ ниҳодҳои баамалбарории адолати судӣ инкишоф ёфт ва бори аввал дар низоми судии мамлакат - Суди конститутсионӣ, судҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ арзи вуҷуд намуда, инчунин синни ниҳоии ба вазифаи судягӣ интихоб ё таъин гардидан аз 60 ба 65 сола тағйир дода шуд.

Бо мақсади аз салоҳияти ҳокимияти иҷроия, яъне аз тобеъияти Вазорати адлия баровардани масъалаҳои ташкилии ҳокимияти судӣ, дар асоси ислоҳоти конститутсионии соли 1999, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14

декабри соли 1999 тахти №48 Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ҳалли масоили мазкур ба ухдаи ин сохтори навтаъсиси коллегиалӣ вогузор гардид.

Ҳамзамон барои мунтазам такмил додани ихтисос ва баланд бардоштани малакаи касбии судяҳо, коромӯз-судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо соли 2003 дар назди Шӯрои адлия Маркази таълимии судяҳо ташкил карда шуд.

Боиси зикр аст, ки бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти ҳокимияти судӣ, ислоҳоти конститутсионии 22 майи соли 2016 баргузоршуда, дар қатори дигар тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шуда, ҳаллу фасли масъалаҳои хеле муҳим дар самти таъмини ташкили фаъолияти судҳо, таъмини моддию техникии онҳо, тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судягӣ, такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳҳои судҳо, инчунин пешбарии номзадҳо ба вазифаи судягӣ ба зиммаи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ вогузор карда шуд.

Аз ҷониби давлату Ҳукумати кишвар бобати таҳким бахшидан ба фаъолияти ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақши он дар иҷрои вазифаҳои конститутсионии худ, такмили сохтори судӣ, беҳдошти вазъи моддию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳо, инчунин мукаммал намудани қонунҳо тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ гардида, дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 20 апрели соли 2006 ва бо ташаббусу дастгириҳои бевоситаи Пешвои миллат, аввалин Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2007-2010 таҳия ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, №271 тасдиқ гардид.

Ҷиҳати иҷрои Нақшаи тадбирҳо оид ба татбиқи Барномаи мазкур як қатор қонунҳо, аз ҷумла кодексҳои мурофиавии гражданӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, қонунҳо «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра қабул карда шуданд.

Аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсиси воҳидҳои кории иловагӣ дар судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе ва Суди Олӣ ташкил гардидани коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат, таҳкими сохтор ва пешрафти фаъолияти ҳокимияти судӣ гувоҳӣ дода, ба сифатнок баррасӣ намудани парвандаҳо ва қабули қарорҳои қонуниву асоснок мусоидат карда истодаанд.

Ҳамчунин бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2011, № 976 Барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 тасдиқ гардид.

Дар иртибот ба барномаи мазкур қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Кодекси одоби судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

Бо мақсади рушди низоми судии кишвар, баланд бардоштани сатҳи дониши касбии судяҳо, нақш ва мавқеи суд дар таъмини воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунии давлат ва ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2015, № 327 Барномаи сеюми ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2015-2017 тасдиқ гардид.

Ҷиҳати иҷрои Барномаи мазкур ба қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ зиёда аз 100 тағйиру иловаҳо ворид карда, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» бо меъёрҳои мутобиқ ба санадҳои байналмилалӣ қабул карда шуданд.

Мавриди зикр аст, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, № 1242 Барномаи чоруми ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 тасдиқ гардид, ки ин иқдом аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2018 сарчашма мегирад. Барномаи номбурда идомаи барномаҳои болозикр буда, ҷиҳати таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, рушду такомули қонунгузории амалкунанда, беҳдошти таъминоти моддию техникии судҳо ва кормандони дастгоҳҳои судҳо равона шудаст.

Дар доираи ин Барнома соли 2021 бори аввал Қонуни нав «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» қабул гардид. Мақсади қабули ин қонун - таъмини принсипи ошкоро будани муҳокимаи судӣ, дастрасии ҷомеа ба фаъолияти судҳо буда, кафолати муҳими муҳокимаи одилонаи судӣ ва воситаи таҳкими боварии ҷомеа нисбат ба ҳокимияти судӣ мебошад.

Айни замон, судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ ҷиҳати сазовор пешвоз гирифтани ҷашнҳои фархундаи дар пешистода 30-солагии қабули Конститутсия ва 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, баҳри рушду суботи кишвар, сулҳу ваҳдати миллӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат ва ободию шукуфоии Ватани азизамон самаранок меҳнат намуда, дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки аз Паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ ва суханрониашон дар мулоқот бо судяҳои ҷумҳурӣ аз 21 ноябри соли 2019 бармеоянд, бо сарбаландӣ ва масъулияти баланд иҷро менамоянд.

**УДК 342.4**

# НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ СРАВНИТЕЛЬНОГО АНАЛИЗА КОНСТИТУЦИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ

**Исакова Ирина Викторовна**
*Старший преподаватель кафедры конституционного права Уральского юридического института МВД России, подполковник полиции*
e-mail: Isakova-1@yandex.ru

Процесс становления государств, которые были образованы на просторах бывшего СССР, нельзя назвать быстрым, и уж тем более простым, каждая из республик Союза прошла свой сложный путь к стабилизации внутригосударственных отношений и межгосударственной независимости. Россия, будучи государством-правопреемником СССР, на протяжении долгих лет сохраняла (и продолжает сохранять) дружественные отношения со многими бывшими союзными республиками, поддерживая и укрепляя межгосударственные отношения. В тоже время и бывшие союзные республики – ныне суверенные государства – не раз становились опорой для России, сохраняя добрую память общего прошлого и закладывая фундамент крепкого партнерского будущего. Примером таких дружественных межгосударственных отношений бывших союзных республик являются отношения России и Республики Таджикистан.

Первое десятилетие после распада СССР для обоих государств было ознаменовано нестабильностью и внутригосударственными конфликтами: это и гражданская война в Таджикистане и финансовый кризис России, однако даже в такое непростое время российско-таджикские отношения развивались и укреплялись. И здесь важно

отметить не только межгосударственное единство наших государств, но схожесть внутренней законодательной базы, отражающей государственные ценности, принципы и стратегии. В первую очередь это касается Конституций.

Конституция Российской Федерации[1] и Конституция Республики Таджикистан[2] принимались народными референдумами примерно в одно время (1993 и 1994 года соответственно), над проектами обеих Конституций работали лучшие ученые, стремящиеся заложить в Основные законы демократические институты и нравственные идеалы. Более того, Российская и Таджикская Конституции имеют очень схожее внутреннее строение, а закрепленные в них нормы свидетельствуют о единстве ценностей наших государств.

Проведем сравнительный анализ положений обеих Конституций. Так, первые главы наших Конституций носят одинаковое название «Основы конституционного строя», закрепляющие основные государствообразующие принципы, среди которых первостепенное значение имеет положение о том, что «Человек, его права и свободы являются высшей ценностью» (ст. 2 К РФ и ст. 5 К РТ). Данная норма не только *признает* права человека государственной ценностью, но закрепляет за государством обязанность *соблюдать, защищать,* и *восстанавливать* нарушенные права человека. Из этого можно сделать вывод, что деятельность абсолютно всех органов наших государств, должностных лиц, объединений и т.д. должна быть направлена в первую очередь на реализацию данного принципа. Он является своего рода фундаментом для всех последующих государствообразующих принципов.

Конституция РФ устанавливает следующие основные принципы конституционного строя:

1) верховенство права. Конституция и законы имеют высшую юридическую силу;
2) демократизм. Власть принадлежит народу и осуществляется им непосредственно или через своих представителей;
3) республиканизм. Государственная власть осуществляется выборными органами;
4) федерализм. Россия является федеративным государством, состоящим из равноправных субъектов;
5) разделение властей. Законодательная, исполнительная и судебная власти независимы друг от друга.

Среди важнейших институтов конституционного строя РФ можно выделить Президента (Главу государства, избираемого всеобщим голосованием); Федеральное Собрание (Парламент, состоящий из двух палат – Совета Федерации и Государственной Думы); Правительство (Исполнительный орган государственной власти); Конституционный Суд (Высший орган конституционного контроля).

Конституционный строй оказывает существенное влияние на политическую систему Российской Федерации посредством следующих институтов:

1) многопартийность: Конституция гарантирует свободу политических объединений, что привело к формированию многопартийной системы;
2) выборы: Конституция устанавливает принципы проведения свободных и справедливых выборов, которые обеспечивают легитимность органов власти;
3) разделение властей: Конституция разделяет государственную власть на три ветви, что способствует сбалансированности политической системы;

---

[1] Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12 декабря 1993 г.) // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.consultant.ru (дата обращения: 29.06.2024 г.).

[2] Конституция Республики Таджикистан (принята путем референдума 6 ноября 1994 года) // Официальный интернет портал Министерства иностранных дел Республики Таджикистан. – URL: https://www.mfa.tj/ru/main/tadzhikistan/konstitutsiya (дата обращения 29.06.2024 г.).

4) федерализм: Федеративное устройство России позволяет субъектам федерации осуществлять собственные полномочия, что обеспечивает децентрализацию власти;

5) конституционный контроль: Конституционный Суд осуществляет контроль за конституционностью законов и иных нормативных актов, что гарантирует соблюдение прав и свобод граждан.

Таким образом, конституционный строй Российской Федерации является основой ее политической системы, обеспечивая демократические принципы, разделение властей и защиту прав и свобод граждан.

В свою очередь, конституционное развитие Таджикистана прошло через три исторических этапа: советский период (1924-1991 гг., принятие Таджикской ССР своей первой Конституции в 1929 году, которая отражала принципы советской государственности); переходный период (1991-1994 гг.) и постсоветский период (с 1994 года, когда была принята первая постоянная Конституция независимого Таджикистана, которая действует до сих пор.)

Конституция Таджикистана устанавливает следующие основные принципы конституционного строя:

1) республиканская форма правления. Таджикистан является унитарным государством с республиканской формой правления (ст. 1);

2) президентская форма правления. Президент является главой государства и исполнительной власти (ст. 1);

3) многопартийная политическая система. Конституция гарантирует свободу ассоциаций и политических партий (ст. 28);

4) разделение властей. Власть разделена между законодательной, исполнительной и судебной ветвями власти (ст. 9).

Ключевыми институтами конституционного строя Таджикистана являются:

1) Президент, который избирается всенародным голосованием на семилетний срок и обладает широкими полномочиями, включая назначение и увольнение правительства, роспуск парламента и объявление чрезвычайного положения;

2) Парламент (Маджлиси Оли), состоящий из двух палат: Маджлиси намояндагон (нижняя палата) и Маджлиси милли (верхняя палата). Парламент принимает законы, утверждает бюджет и контролирует деятельность правительства;

3) Правительство, возглавляемое премьер-министром, который назначается президентом с согласия парламента. Правительство отвечает за реализацию внутренней и внешней политики государства;

4) Судебная система, состоящая из Конституционного суда, Верховного суда, Высшего экономического суда и других судов. Суды осуществляют правосудие и обеспечивают соблюдение Конституции и законов.

Обратим внимание на положения ст. 3 Конституции Российской Федерации и ст. 6 Конституции Республики Таджикистан, которые содержат общие положения о принадлежности власти, согласно которым власть в наших государствах принадлежит народу, который вправе осуществлять ее как непосредственно, так и через своих представителей. Единственное отличие здесь в том, что Конституция Российской Федерации поясняет, что под представительной демократией понимаются органы государственной власти и органы местного самоуправления.

Нормы этих же статей закрепляют, что источником власти является многонациональный народ - в Российской Федерации РФ и граждане независимо от национальности - в Республике Таджикистан. Это очень важный демократический принцип, провозглашающий государственный паритет между всеми нациями и народностями, проживающими на территориях наших государств.

Сравнительный анализ положений обеих Конституций в сфере правого статуса человека и гражданина привел нас к выводу о том, что права и свободы, закреплен-

ные в Конституциях обоих государств, равно как и обязанности идентичны, что еще раз подтверждает единство российско-таджикских демократических ценностей.

В завершении отметим, что нами проведен частичный анализ конституционных положений Российской Федерации и Республики Таджикистан. Обе Конституции представляют собой законодательную, практическую и научную значимость не только внутри своих государств, но в межгосударственном правом поле, являясь образцом мировых демократических ценностей.

**ТДУ 340.114.5**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ - ОМИЛИ ТАШАККУЛЁБИИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ*

## ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ И ПРАВОВОЕ ВОСПИТАНИЕ – ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ПРАВОВОГО СОЗНАНИЯ СОТРУДНИКОВ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ

**Қодирзода Ғолиб Нуруллo**
*Омӯзгори калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*
E-mail: golibjon2020@mail. ru

Яке аз шартҳои муҳимми рушди босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир ин таҳкими пояҳои ҷомеаи озоду муташаккили шаҳрвандӣ, давлати ҳуқуқбунёд, волоияти қонун, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, масъулияти ҳамдигарии шаҳрванд ва давлат мебошад. Ин раванд аз сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон бахусус хизматчиёни давлатӣ вобаста мебошад. Сатҳи нокифояи маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ ба татбиқи принсипҳои волоияти қонун, адолат инсондӯстӣ ва ғайра монеа мегардад. Вобаста ба ин, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон хизматчиёни давлатӣ бахусус кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти сиёсати ҳуқуқии давлат ба ҳисоб меравад.

Бо ин мақсад дар баробари қабул ва амалӣ намудани консепсияву барномаҳои давлатӣ, ҳамзамон аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид. Ин иқдом хусусияти умумӣ дошта ҳам ба аҳолии кишвар ва ҳам ба субъектоне, ки дар амали гардонидани ин ҳадаф масъулиятнок мебошанд дахл дорад. Мақомоти корҳои дохилӣ яке аз субъектони амаликунандаи чунин ҳадафи олии сиёсии давлат ва Ҳукумат мебошад. Зеро, тибқи моддаи 3 - юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, таҳти № 41 яке аз самтҳои фаъолияти ин сохтор гузаронидани таблиғоти ҳуқуқӣ дар байни

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблема ва сиёсати рушд (солҳои 2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1289.

шаҳрвандон, шахсони мансабдор, дар корхонаҳо, муассисаю ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият яке аз самтҳои афзалиятнок мебошад[1].

Вобаста будани чунин самти масъулиятнок бар дӯши мақомоти корҳои дохилӣ аз онҳо сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, дар баробари баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҳамзамон ба таври мунтазам ва пайваста ташаккул додани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ муҳим мебошад. Кормандони мақомоти корҳои дохилие, ки дорои сатҳи баланди шуури ҳуқуқи мебошанд дар гузаронидани таблиғоти ҳуқуқӣ фаъолона иштирок менамоянд.

Бо дарназардошти ин баланд бардоштани шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ муҳим мебошад. Ба ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ омилҳои гуногун таъсиргузор мебошад. Аз ин рӯ, яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ин маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ мебошад. Маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ бо шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ алоқамандии зич дорад. Яке аз асосҳои бавуҷудоӣ ва заминаи ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ин маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Бештари олимону донишмандон маърифати ҳуқуқиро ҳамчун донишҳои ибтидоӣ ва заминавии ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ арзёбӣ менамоянд. Аз ҷумла, профессор О.О. Миронов маърифати ҳуқуқиро «марҳилаи ибтидоии дарки категорияҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ» мефаҳмад ва ҳамчун қадамҳои минбаъдаи «омӯзиш, тарбия, фарҳанги ҳуқуқи инсон, таълим дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ» арзёбӣ менамояд[2].

Профессор О.Ю. Рыбаков бошад, маърифати ҳуқуқиро яке аз шаклҳои муҳимми татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ муайян намуда, ҳамзамон иброз менамояд, ки бо ёрии маърифати ҳуқуқӣ ба шуур таъсир расонидан, тарзи муайяни тафаккур, фарҳанги ҳуқуқиро ташаккул додан мумкин аст[3]. Дар ин баробар ҳуқуқшиноси ватанӣ Э.С. Насриддинзода низ иброз менамояд, ки самаранокии маърифати ҳуқуқӣ кафили ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҷомеа мебошад[4]. Бо дар назардошти он, ки маърифати ҳуқуқӣ омили ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардад, мо низ муътақид ҳастем, ки раванди низомнок ва давра ба давраи маърифати ҳуқуқӣ ба ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ низ таъсиргузор хоҳад буд. Маърифати ҳуқуқӣ барои ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ донишҳои ҳуқуқии заруриро дар самти соҳаву падидаҳои ҳуқуқӣ ва дарки мазмуни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ замина мегузорад.

Аз ин бар меояд, ки маърифати ҳуқуқӣ заминаи ибтидоии ташаккули шуури ҳуқуқӣ мебошад. Маърифати ҳуқуқӣ бо тарбияи ҳуқуқӣ алоқамандии зич дошта, ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат менамояд. Бесабаб нест, ки В.В. Стреляева мушкилоти тарбияи ҳуқуқиро

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, № 41 // [Манбаи электронӣ]: Реҷаи дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj (санаи муроҷиат 20.05.2024).

[2] Миронов, О.О. Правовое просвещение - функция омбудсманов // Право и образование. – 2009. – № 5. – С. 15.

[3] Рыбаков, О. Ю. Формы реализации правовой политики // Правовая политика и правовая жизнь. – 2003. – № 2. – С. 14.

[4] Насурдинов, Э.С. Формирование правовой культуры в Республике Таджикистан в условиях углубления культурно-цивилизационных различий: проблемы теории и практики: дисс… док... юрид… наук: 12.00.01 / Э.С. Насурдинов. – Душанбе, 2014. – С. 325.

дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд баррасӣ намуда, яке аз ҷанбаҳои тарбияи ҳуқуқиро маърифати ҳуқуқӣ арзёбӣ менамоянд[1].

Мақсаднокӣ ва раванди мунтазами кори тарбияи ҳуқуқиро дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ олимони хориҷӣ аз қабили П.П. Баранов, Н.Ф. Рябко ва дигарон[2] ва ҳуқуқшиносони ватанӣ ба монанди Н.Б. Муҳаммадиев, Э.С. Насриддинзода, Р.Ш. Шарофзода, Р.М. Раҷабзода, А.М. Мансурзода, Ш.Қ. Ҳасанов, ва дигарон[3] мувофиқан иброз менамоянд. Аз ҷумла, Э.С. Насриддинзода тарбияи ҳуқуқиро ҳамчун фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа барои ташаккул додани шуури ҳуқуқиву фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон ва ашхоси соҳибмансаб арзёбӣ менамояд[4]. Дар ин баробар Р.М. Раҷабзода иброз менамояд, ки мақсади тарбияи ҳуқуқӣ ин баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии фардӣ ва гурӯҳии ҷомеа....мебошад[5].

Бо ин мақсад роҳандозии корҳои тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба таври мунтазам дар муассисаҳои таълимӣ, сохторҳои мақомоти корҳои дохилӣ, бо баргузории такмили ихтисос, бозомӯзӣ, баргузории чорабиниҳои илмӣ, ҳисоботӣ ва ғайра мувофиқи мақсад мебошад.

Тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба маҳорату малакаи баланди касбӣ, аз худ намудани арзишҳои бо қонун ҳифзшаванда ва дар ниҳоди онҳо омили баланд бардоштани масъулият дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ мегардад. Тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, дар баробари ташаккул додани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии касбии онҳо, ҳамзамон малакаи қатъии рафтори қонуниро ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ инкишоф дода, онҳоро мунтазам ба риояи бошуурона ва софдилонаи конунҳо равона месозад. А.М. Мансурзода иброз менамояд, ки тарбия ва таълими мақсаднок, пайдарпай ва систематикии ҳуқуқӣ, дар якҷоягӣ бо чораҳои пешгирии ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, метавонад ба вазъи қонуният ва тартибот таъсири назаррас расонад[6]. Илова бар ин, тавре Е.К. Матевосова қайд менамояд, тарбияи ҳуқуқӣ воситаи муҳимми мубориза бо нигилизми ҳуқуқӣ мебошад[7]. Пас, бо дарназардошти ақидаи болозикр метавон муътақид гардид, ки тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба пешгирии амалу кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии онҳо мусоидат намуда, рафтори масъулиятноки онҳоро ташаккул медиҳад.

---

[1] Стреляева, В.В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дис. ... канд. юр. наук: 12.00.01 / В.В. Стреляева. – М., 2006. – С. 11, 71

[2] Рябко, Н.Ф. Основы правовой педагогики. – Ростов, 1973. – С. 11; Сотиволдиев, Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. Ҷилди 2. - Душанбе, – С. 610.

[3] Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Империал - Сино, 2018. – 784 с.; Тошев, А.М. Правосознание и законность в профессиональной деятельности сотрудников органов внутренних дел Республики Таджикистан // Соблюдение законности и обеспечение правопорядка в деятельности органов внутренних дел: сборник трудов межвузовского научного семинара. – М.: Акад. управ. МВД России, 2013. - С. 159-165;. Ҳасанов, Ш.К. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳими пешрафти ҷомаи ҳуқуқбунёди Тоҷикистон: (рукнҳои азнавсозӣ ва барқароргардии шуури ҳуқуқии маҳкумшудагон) – Душанбе: «Шуҷоиён», 2011. – С. 45; Насридинзода, Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: Меҳрона – 2017, 2019. – С. 98.

[4] Насридинзода, Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: воситаи таълимӣ / Э.С. Насридинзода. – Душанбе: Меҳрона – 2017, 2019. – С. 98.

[5] Раҷабзода, Р.М. Аҳамияти фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд / Р.М. Раҷабзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – № 2 (46). – С. 64-68.

[6] Тошев, А.М. Правосознание и законность в профессиональной деятельности сотрудников органов внутренних дел Республики Таджикистан // Соблюдение законности и обеспечение правопорядка в деятельности органов внутренних дел: сборник трудов межвузовского научного семинара. – М.: Акад. управ. МВД России, 2013. – С. 159-165.

[7] Матевосова, Е.К. Правовое воспитание как средство борьбы с правовым нигилизмом: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Е.К. Матевосова. – М., 2012. – С. 9.

Муҳиммтар аз ҳама мақсади асосии тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз он иборат аст, ки кормандон Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, фармонҳои Президент, оинномаҳо, дастурҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пурра дарк намоянд ва дар ин замина пайваста кӯшиш намоянд, ки онҳоро риоя кунанд, ба кор баранд ва қобилияти мустаҳками рафтори қонуниро ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ инкишоф диҳанд.

Бо назардошти чунин муҳиммият маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии давлат буда, дар баробари қонунгузории кишвар ҳамзамон чандин барномаву консепсияи давлатӣ[1] дар ин самт роҳандозӣ гардидааст. Дар байни ин санадҳо яке аз ҳадафҳои асосии «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» ин пеш аз ҳама баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад ва ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, шаҳрвандон оид ба муайян намудани мақсадҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, воситаҳо, шаклҳои тарбияи ҳуқуқӣ баромад намуда, тавассути таъмини сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ, тарғиби ҳуқуқӣ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносони касбӣ амалӣ мешавад, мебошад[2].

Дар баробари барномаву консепсияҳои давлатӣ ҳамзамон дар мақомоти корҳои дохилӣ санадҳои дохили идоравие амал мекунанд, ки ҳадафу мақсади онҳо низ тарбияи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошад. Аз ҷумла, Фармонҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2006, № 1 «Дар бораи хушмуомилагӣ ва муносибати бодиққати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматичиёни ҳарбии қушунҳои дохилӣ бо шаҳрвандон», аз 1-уми январи соли 2008, №1 «Дар бораи ба роҳ мондани системаи ягонаи корҳои тарбиявӣ бо ҳайати шахсии сохторҳои мақомоти корҳои дохилӣ ва мукаммал намудани он», аз 16 марти соли 2009, № 178 «Дар бораи чораҳои бетаъхири таҳкими қонуният ва интизоми меҳнатӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои дохилии идоравӣ, ки баҳри риояи қонуният, интизоми хизматӣ ва ҷорӣ намудани адолат дар фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба шумор меравад. Дар асоси гуфтаҳои болозикр метавон иброз намуд, ки ҳадафи асоии тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз унсурҳои зерин иборат мебошанд:

– ташаккул додани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ;

– ташаккул додани хусусиятҳои касбӣ, шахсии ботинӣ ва зоҳирии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ;

– дар заминаи қонуният ва адолат фаъолият намудани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ;

– дар руҳияи баланди касбӣ ташаккул ёфтани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар ҷодаи таъмин ва ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

---

[1] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.04.1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2009, № 253 “Дар бораи Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2012, № 678 «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020»; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали с. 2018, № 1005 дар бораи «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри с. 2019, № 599 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» ва ғ.

[2] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали с. 2018, № 1005 тасдиқ шудааст // [Манбаи электронӣ]: Реҷаи дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj (санаи муроҷиат 20.05.2024).

– баҳри таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, амният, сулҳ ва истиқлолият фаъолият намудани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ;

– ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароит ва имконоти муосир;

– паст намудани шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ.

Хулоса, маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун падидаҳои иҷтимоӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва ба ин васила ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии онҳо нақши меҳвариро иҷро мекунад.

**ТДУ 340.114.5**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ТАҲКИМБАХШИ МЕЪЁРҲОИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

## ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ УКРЕПЛЯЮЩИЕ НОРМЫ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ҚОДИРЗОДА ҒОЛИБ НУРУЛЛО**
*Омӯзгори калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2*
*Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*
e-mail: golibjon2020@mail.ru

**ИБРОҲИМЗОДА ДИЛОВАР ҚУРБОНБЕК**
*Омӯзгори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2*
*Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия*
e-mail: golibjon2020@mail.ru

Баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ 9 сентябри соли 1991 саҳифаи нави давлатдории миллати тоҷик оғоз гардид. Яке аз масъалаҳои муҳим ва асосие, ки дар оғози соҳибистиқлолии кишвар ба миён омад ин интихоби роҳи дурусти давлатдорӣ, тарҳрезии шакли идоракунӣ, сохтори давлатӣ, низоми сиёсиву ҳуқуқӣ, ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ, арзиши олӣ эълон намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд буд. Ин хусусиятҳои муҳимми давлатдорӣ бо қабули Конститутсия ҳамчун қонуни асосии давлат ва дастоварди бузурги даврони соҳибистиқлолии кишвар ба таври воқеӣ ба роҳ монда шуд. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол, яке аз муҳимтарин рӯйдоди таърихӣ, ҳуҷҷати сарнавиштсоз ва дастоварди бузурги миллати тоҷик мебошад, ки 6 ноябри соли 1994 бо роҳи райпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Аҳамияти таърихии Конститутсияи мазкур, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки он барои устуворгардонии истиқлолияти комил ва таъмини сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон замина гузошт. Бояд иброз намуд, ки барои ҳар як давлат ва ҷомеа мавҷудияти чунинин як ҳуҷҷати сарнавиштсоз баҳри рушди низоми сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву ҳуқуқӣ заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад.

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблема ва сиёсати рушд (солҳои 2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1289.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун рукни асосии давлатдорӣ ба ҳисоб рафта, бахри рушду тараққиёти кишвари соҳибистиқлол, демокративу ҳуқуқбунёд заминаҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ гузошт. Дар воқеъ Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни асосии давлат меъёрҳои сатҳи баланди ҳуқуқиро доро мебошад, ки ҳадафи асосии он бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ буда, ҳамзамон бахри ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намудани шароити зиндагии арзанда ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гардидааст.

Метавон иброз намуд, ки мавҷудияти Конститутсия ҳамчун қонуни асосии давлат ҷузъиёти зарурӣ ва аҳамияти махсусан муҳимдошта ба ҳисоб меравад. Зеро дар заминаи он масъалаҳои муҳимми давлатсозиву давлатдорӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ инъикоси худро ётааст. Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҷумлаи дастовардҳои бисёр арзишманди даврони соҳибистиқлолии мамлакат иброз намуда, аҳмияти онро бахри рушди кишвар муҳим арзёбӣ намуданд[1]. Ҳамзамон чихеле, ки иброз мегардад Конститутсия арзишҳои асосии давлату ҷамъият ва тартиби ҳифзи давлатии онҳоро муайян мекунад[2]. Чунин нуқтаи назар бесабаб набуда, маҳз дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 10 боб ва 100 модда иборат мебошад масъалаҳои ҳаётан муҳимми давлативу ҷамъиятӣ танзим ва муқаррар гардидаанд. Бахусус боби 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосҳои сохтори конститутсионӣ номгузорӣ гардидааст, аз 13 модда иборат буда, хусусиятҳои давлатдорӣ ва муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ инъикос ёфтааст. Мутобиқи моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои муҳимми давлатдорӣ ба монанди соҳибихтиёрии давлат, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона будани он муқаррар гардидааст. Инчунин дар моддаи болозикр шакли идораи давлатӣ, ки ҷумҳурии президентӣ мебошад муайян гардида, иҷтимоӣ будани давлат ҳамчун мақсади асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд.

Ҳамзамон қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки ба забон, таърих, фарҳанг ва рамзҳои давлатӣ аҳамияти махсус диҳем. Махсусан дар моддаи 2 Конститутсия забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ эълон гардид, ки ин бахри ҳифзи забон, таърих ва фарҳанги ниёгони худ заминаи меъёриву ҳуқуқӣ гузошт. Чунки забони давлатии мо ифодакунандаи таърих ва саргузашти миллати тоҷик дар тӯли асрҳо ба шумор меравад. Дар ин баробар мувофиқи моддаи 3 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид, ки Парчам, Нишон ва Суруди Силлӣ рамзҳои давлатии Тоҷикистон мебошад. Бахусус Парчам ҳамчун яке аз рамзҳои асосии давлати соҳибихтиёр ба ҳисоб рафта, тинҷиву оромӣ, сулҳу осоиштагиро ифода менамояд ва миллатро сарҷамъ мегардонад. Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ, заминаҳои меъёрии Конститутсия ва саҳми беандозаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун рамзи давлатдорӣ дар байни зиёда аз 200 давлати ҷаҳон, афрохта шудааст.

Ҳамзамон бо пешрафти ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ ба масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, дар тағйиру иловаҳои соли 2003 ба конститутсияи амалкунанда, бахусус дар моддаи 5 он муқаррар гардид, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт қадр номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро

[1] Конститутсия – бахтномаи миллат. Маҷмӯи суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2020.

[2] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. Шарқи озод, 2009. – С. 16.

давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд[1]. Мазмуни моддаи мазгур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон мавқеъ ва манзалати аз ҳама болоро дорад ва ҳуқуқҳояш арзиши олӣ ва дахлнопазир эълон гардидааст. Аз ҳама муҳим он аст, ки бори аввал дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби алоҳида бо номи «Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд» муқаррар гардид. Дар боби мазкур доираи васеи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба монанди ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ муайян гардида, ҳамзамон механизм ва роҳҳои таъмину ҳифзи он муқаррар карда шудааст.

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон гардида, онро бевосита ва ё бавоситаи вакилони худ амалӣ мегардонад.

Лозим ба зикр аст, ки дар Конститутсия заминаҳои меъёри ҷиҳати ташкил ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ муқаррар гардидааст, ки фазои ҷомеаи шаҳрвандиро дар ҷомеа бозҳам устувор мегардонад. Зеро чихеле, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз менамоянд, дар даврони истиқлол дар кишвари мо шумораи иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон босуръат афзуда, ҷомеаи шаҳрванди ташаккул ёфт. Инчунин қайд менамоянд, ки ҳоло дар Тоҷикистон ҳафт ҳизби сиёсӣ ва зиёда аз ду ҳазору панҷсад иттиҳодияи ҷамъиятӣ фаъолият дорад, ки онҳо бо иштироки шаҳрвандон дар идораи давлат, ифода ва манфиатҳои гуногуни аҳолӣ мусоидат менамояд[2].

Бояд иброз намуд, ки маҳз дар заминаи моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ба таври устувор ба роҳ монда шуд. Хусусияти моддаи мазкур дар он зоҳир меёбад, ки ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он тавассути ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ гардида, ҳадди салоҳияти онҳо муқаррар карда шудааст. Ҳар як мақомоти давлатӣ ба яке аз ин се шоха тааллуқ дошта, функсияҳои муҳимми давлатиро амалӣ менамояд.

Дар заминаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қонуни асосии кишвар қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, кодексҳо ва санадҳои зерқонунӣ қабул гардида, пояҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд мустаҳкам гардид. Бахусус дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва баъд аз қабули Конститутсия дар кишвар беш аз 424 қонуни мукаммал, 17 қонунҳои конститутсионӣ, 23 кодекс ва зиёда аз 22 000 санади зерқонқонунӣ, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаро ба танзим медароранд, қабул гардидаанд[3].

Аз ин бар меояд, ки сулҳу осоиштагӣ, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда аз риояву иҷро гардидани меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста буда, ба пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомъиятиву давлатӣ ва пойдории давлат замина хоҳад гузошт.

Бо дарназардошти ҳассосити замони муосир ва таҳдиду хатарҳои зиди сохтори конститутсионӣ баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқии конститутсионии шаҳрвандон муҳим ва аҳамиятнок гардидааст. Ҳамзамон устуворгардонии падидаву арзишҳои болозикр, ки дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва танзим кара шудаанд, аз сатҳи маърифати

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06. 2003 ва 22.05.2016 с.). [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj /view (санаи муроҷиат: 20.05.2024).

[2] Конститутсия – бахтномаи миллат. Маҷмӯи суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2020. – С. 218.

[3] Ҳаёт ва қонун. Маҷалаи назариявӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ. Нашрияи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 29.

ҳуқуқии шаҳрвандон ва шуури ҳуқуқии конститутсионии онҳо вобаста мебошад. Аз ин рӯ донистани меъёрҳои конститутсионӣ ва риояву иҷрои он барои ҳар як шаҳрванд имкон фароҳам меорад, ки аз ҳуқуқу озоди ва вазифаҳои конститутсионии худ огоҳи пайдо намояд. Дар ин баробар фаҳмиш ва риояиву иҷрои меъёрҳои конститутсионӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои муҳимми давлатдорӣ, ба монанди демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ боз ҳам устувор гардад ва ба пешрафти ҷомеа ва давлат замина гузорад. Волояти Конститутсия ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиботи ҳуқуқӣ, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсияонии шаҳрвандон таъмин гардад.

Пас аз худ намудан ва тарғибу ташвиқи меъёрҳои конститутсионӣ муҳим буда, дар амалӣ гардидани он ҳаммаи шаҳрвандон масъул мебошанд. Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз намудаанд: «Бо дарназардошти аҳамияти бузурги ин санади олии ҳуқуқӣ дар пешрафти ҳаёти ҷомеа ва давлат дар назди ҳар як фарди солимфикру огоҳи кишвар имрӯз вазифаҳои басо муҳим ва масъулиятнок қарор доранд, ки яке аз муҳимтарин вазифаҳо ин омӯзиш, тарғибу ташвиқи мазмун ва моҳияти Конститутсия ва қонунҳои дигари дар мамлакат қабулгардида мебошад».

Инчунин иброз намудаанд, ки танҳо бо ҳамин роҳ мо метавонем шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги қонунфаҳмиву қонуншиносии қишрҳои гуногуни ҷомеа, бахусус ҷавонони мамлакатро вусъат бахшида, масъулияти онҳоро дар ободиву шукуфоии Ватани азизамон - Тоҷикистон баланд бардорем[1]. Дар воқеъ таҳкими арзишҳои ҷамъиятиву давлатӣ аз сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон вобаста мебошад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки бо роҳандозии маърифатикунонии ҳуқуқии аҳолӣ сатҳи шуури ҳуқуқии конститутсионии шаҳрвандон баланд бардошта шавад. Зеро дарки балани мазмуни Конститутсия ва риояву иҷро гардидани меъёрҳои он масъалаи маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ буда, дар эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳамияти баланд дошта, дар устуворгардонии пояҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи устувори ҳуқуқӣ мегузорад.

**УДК 342.412**

# ИСТОРИЯ РАЗВИТИЯ И ЮРИДИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ КОНСТИТУЦИИ ТАДЖИКИСТАНА

**Махинаи Нурали**
*Научный сотрудник Организационно-научного и редакционно-издательского отдела Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции*
E-mail: mahinanurali@mail.ru

Наравне с другими законами, конституция имеет свою историю становления и развития, изучение которой дает более четкое представление о данном основном законе государства.

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Баромад ба муносибати рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 06. 11. 2013 // Захираи электронӣ: www. president.tj (санаи муроҷиат: 20.05.2024 с.).

История исследования конституции имеет значение для развития отрасли конституционного права, а также для ее эффективного применения в других правовых нормах. Конституция является историческим документом политического, правового и социального характера.

Политическая система Таджикистана на разных этапах своего развития претерпевала значительные изменения, что неизменно приводило к необходимости принятия новых конституций. Принятие каждой конституции отражает важнейшие изменения в социально-экономической структуре общества и соответствующее реформирование государственного законодательства. Поэтому, историю развития конституции Таджикистана можно разделить на несколько периодов, а именно - Конституция Таджикской автономной республики в составе Узбекской ССР (далее - ТАССР), Таджикской Советской Социалистической Республики (далее – Тадж. ССР) и Республики Таджикистан. За всю историю развития Таджикистана было принято пять конституций:

1. Конституция Таджикской Автономной Советской Социалистической Республики от 28 апреля 1929 года;
2. Конституция Таджикской Советской Социалистической Республики от 25 февраля 1931 года;
3. Конституция Таджикской Советской Социалистической Республики от 1 марта 1937 года;
4. Конституция Таджикской Советской Социалистической Республики от 14 апреля 1978 года;
5. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года[1].

Каждое принятие новой конституции влекло за собой существенные изменения в жизни общества, подводило итог предыдущим событиям, определяло качественно новый этап в истории развития Таджикистана, отражало признание новых учений. Общим для первых четырех конституций Таджикистана было то, что они создавались и развивались на основе определенного идеологического плана. Например, конституция 1929 г. была связана с созданием СССР, конституция 1931 г. - с включением Таджикистана в состав СССР, конституции Таджикистана 1937 и 1978 годов во многом определяли структуру территории и государства и уже сложившуюся социальную структуру. Недостатки всех этих конституций заключались в том, что они в принципе не отражали положений важнейших международных документов о правах и свободах человека и гражданина, что многие их нормы носили декларативный характер и не имели практического, прямого и непосредственного действия, а также в том, что порой конституционные уставы, подчиненные Конституции, имели существенные преимущества. Например, все советские конституции в Таджикистане устанавливали права и свободы, ограниченные конституционной категорией гражданина, ограничивая права и свободы человека[2].

Особого внимания заслуживает история подготовки и принятия Конституции Республики Таджикистан 1994 года. Текст конституции в целом отражает процесс перехода к новому периоду социально-экономического и политического развития общества[3].

Первым важным шагом на пути разработки новой Конституции Республики Таджикистан стало принятие 24 августа 1990 г. Декларации «О суверенитете Республики Таджикистан».

---

[1] Имомов, А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: «Офсет Империя», 2017. - С. 102-106.

[2] Юсуфзода, А.Х., Файзуллоев, А.И. Конституционное право Республики Таджикистан: учебное пособие. – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – С. 39.

[3] Имомов, А. Указ. раб. - С. 114.

Постановлением Верховного Совета Республики Таджикистан от 23 августа 1990 г. под председательством К.М. Махкамова была образована Комиссия по разработке проекта новой Конституции (Основного закона) Республики Таджикистан в составе 53 человек, среди которых были видные ученые и специалисты в различных областях, в основном правоведы. Работа над проектом новой Конституции Республики Таджикистан была приостановлена в связи с провозглашением независимости Таджикистана 9 сентября 1991 года, несоответствием проекта Конституции требованиям нового времени, событиями августа 1991 года и последующим распадом Союза Советских Социалистических Республик.

Второй этап разработки новой Конституции Республики Таджикистан начался уже после обретения республикой независимости: в соответствии с Указом Президента Республики Таджикистан Р. Набиева от 10 февраля 1992 года, была образована новая рабочая группа по разработке Основного закона Республики Таджикистан. В течение двух месяцев проект Основного закона был в первые подготовлен на таджикском языке, а в конце апреля 1992 года проект был опубликован в периодической печати для всенародного обсуждения. Однако процесс разработки конституции был вновь прерван началом гражданской войны.

Третий этап подготовки проекта новой Конституции Республики Таджикистан начался после исторической 16-й сессии Верховного Совета Республики Таджикистан. Верховный Совет17-го созыва принял решение о внесении изменений и дополнений в Постановление Верховного Совета от 23 августа 1990 года «Об образовании Комиссии по разработке проекта новой Конституции (Основного Закона) Республики Таджикистан», согласно которому Комиссия по разработке проекта новой Конституции республики под председательством Э.Ш. Рахмонова, Президента Верховного Совета Республики Таджикистан утвердила новый состав Комиссии. В апреле 1994 года эта Комиссия представила два проекта Конституции, один из которых отражал основные черты президентской республики, а другой - парламентской.

После обсуждения в Конституционной комиссии было принято решение рекомендовать к всенародному обсуждению проект конституции, основанный на модели президентской республики. Причиной тому послужило отсутствие основных факторов парламентского государства, присущих цивилизованным странам, таких, как отсутствие зрелых политических партий и политических организаций, их малочисленность и низкий уровень политической культуры, что не позволяло до сих пор принять классическую парламентскую форму правления. Президентская республика и реальная власть президента должны были стать надежным фактором выхода из политического, экономического и социального кризиса.

Конституционная комиссия одобрила проект новой Конституции Республики Таджикистан и представила его Председателю Верховного Совета Республики Таджикистан. Основные положения проекта были одобрены постановлением Верховного Совета Республики Таджикистан 13 апреля 1994 года. Конституционной комиссии было так же поручено обеспечить всесторонний учет и обобщение предложений и заключений по проекту со стороны трудовых организаций, общественных органов и граждан, доработать проект Конституции с их учетом и представить его Председателю Верховного Совета Республики Таджикистан до 1 июля 1994 года.

Проект новой Конституции Республики Таджикистан был опубликован в республиканских и областных газетах, и рабочая группа занималась рассмотрением поступивших предложений и их обобщением. Всего поступило более 8000 предложений по улучшению и совершенствованию содержания проекта. В начале июля 1994 года Конституционная комиссия внесла ряд изменений и дополнений в соответствующие главы и статьи проекта и рекомендовала Президиуму Верховного Совета внести в Верховный Совет переработанный и дополненный вариант проекта Конституции На 19 сессии Верховного Совета12-го созыва проект был обсужден, и Верховный Совет

пришел к выводу о необходимости проведения конституционных реформ в республике и принятии Конституции Республики Таджикистан на референдуме в ближайшее время.

В связи с этим, 20 июля 1994 года Верховный Совет, на ряду с другими законами, принял также Закон Республики Таджикистан «О конституционной реформе Республики Таджикистан, порядке принятия и введения в действие Конституции Республики Таджикистан», согласно которому проект Конституции Республики Таджикистан, представленный Комитетом по разработке проекта новой Конституции республики был одобрен и вынесен на референдум (плебисцит) с учетом результатов его общественного обсуждения.

Таким образом, 6 ноября 1994 года в торжественной обстановке состоялось историческое решение - принятие новой Конституции, принятия которой почти четыре года добивались депутаты, ученые и широкая общественность. Наконец, 6 ноября 1994 года, после длительных обсуждений и согласований проект Конституции Республики Таджикистан был вынесен на референдум. В референдуме приняли участие 2 685 727 граждан, включенных в списки для голосования по всем 64 округам республики, что составляло 94,4% граждан, имеющих право на голосование. За принятие Конституции Республики Таджикистан проголосовали 2 352 554 человека (87,59%), против высказались 105 300 человек (3,92%). Именно этот день - 6 ноября стал государственным праздником.

Отныне и впервые в конституционном опыте Республики Таджикистан новая конституция вводит политический плюрализм и объявляет государство свободным от влияния партийной идеологии.

Правовая природа конституции является существенной чертой, которая в основном отличает ее от других нормативных правовых актов. В отличие от других нормативных правовых актов, новая Конституция Республики Таджикистан, отличается прежде всего своими юридическими свойствами. Дело в том то, что Конституция республики представляет собой нормативный правовой акт, т.е., содержащиеся в ней нормы права носят общеобязательный характер. Ее нормы действуют независимо от их исполнения, и их действие обеспечивается принудительной силой государства. Мы попытаемся рассмотреть эти свойства.

Во-первых, именно конституция имеет высшую юридическую силу, а ее нормы обладают характером прямого действия. Законы и другие правовые акты, противоречащие Конституции, не имеют юридической силы. Государство и все его органы, должностные лица, граждане и их объединения обязаны соблюдать и исполнять Конституцию[1].

Во-вторых, Конституция Республики Таджикистан является основным законом государства. В ней сформулированы основные устои государства и общества, правовой статус человека и гражданина, порядок и принципы формирования высших органов власти, их взаимоотношения, полномочия, основы организации государственного управления, судебной системы и других важнейших государственно-правовых институтов.

В-третьих, Конституция Республики Таджикистан имеет особый порядок подготовки и приема путем всенародного референдума, а также изменения и дополнения тоже вносится путем референдума[2].

[1]Конституция Республики Таджикистан. 6 ноября 1994 года. С изменением и дополнением 26 сентября 1999 г., 22 июнь 2003 г. и 22 мая 2016 г. (ст. 10).

[2]Конституция Республики Таджикистан. 6 ноября 1994 года. С изменением и дополнением 26 сентября 1999 г., 22 июнь 2003 г. и 22 мая 2016 г. (ст. 98).

В-четвертых, выступает основным источником всего законодательства. Нормативные правовые акты Республики Таджикистан принимаются только на основе Конституции республики.

**ТДУ 351.744.5**

# ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ХАДАМОТИ ДАВЛАТИИ МУҲОФИЗАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ИТТИҲОДИ ШУРАВӢ

## ОБРАЗОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ОХРАННОЙ СЛУЖБЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПЕРИОД СОВЕТСКОГО СОЮЗА

**МАЪРУФЗОДА МАЪСУМАХОН МАЪРУФ**
*Омӯзгори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия*
E.mail: marufzoda79@mail.ru

Аз нахуст рӯзҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ масъалаи ҳифзи дастовардҳои халқ дар радифи фаъолияти фаврӣ-кофтуковӣ ва дигар тадбирҳои пешгирикунандаи ҷиноят дар мақомоти корҳои дохилӣ, дар мадди аввал меистод. Дар ҳаллу фасли ин вазифаи муҳим дар қатори дигар мақомоти давлатӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ мақомоти милитсия ҳифзу ҳимояи иншооти муҳимми давлатиро низ бар дӯши худ гирифта, ҳамвора ба муқобили ҳама гуна хуқуқвайронкунӣ дар ҷомеа муборизаи беамон бурда, ба таври арзанда рисолати бар дӯш доштаи худро анҷом медоданд.

Зарурати ҳифзи моликияти сотсиалистӣ ҳанӯз аз аввалин рӯзҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ ба миён омада буд. Таъмини ҳифзи моликияти сотсиалистӣ ва дахлнопазирии он ҳамчун асоси иқтисодии давлат дар аввалин санадҳои ҳуқуқӣ зикр гардидааст. Дар *бораи* муҳимияти ҳифзи моликияти давлатӣ, ки милликунонида шуда буд ва дар заминаи он тамоми низоми сотсиалистии ҳоҷагии халқ густариш меёфт, дар санади «Декрет «Дар бораи замин» таъкид гаштааст: «Расонидани зарар ба амволи мусодирашуда, ки аз ин баъд ба тамоми халқ мутааллиқ аст, чи гунае ки набошад, ҷинояти вазнин маҳсуб гардида, аз тарафи суди инқилобӣ ҷазо дода мешавад...».

Дар Низомномаи Комиссариати халқии корҳои дохилӣ, «Дар бораи ташкили Милитсияи шӯравии коргару деҳқон», ки дар таърихи **12** октябри соли 1918 қабул гардида буд, аз ҷумлаи муҳиммтарин вазифаҳои он, ин бурдани назорати қатъӣ аз болои иҷрои талаботи декретҳо, қонунҳо, тақсимот ва риояи нархҳои қатъии маҳсулоти саноатӣ ва хоҷагии халқ (монополияи нон, тақсимоти матоъ ва ғайра…) аз тарафи тамоми шаҳрвандон буд. Аз рӯзҳои нахустини пирӯзии Инқилоби Октябр, Ҳукумати Шӯравӣ дар мурoҷиати худ ба халқ чунин даъват намуд: «Замин, нон, фабрикаҳо, масолеҳи кишоварзӣ ва нақлиётро чун гавҳараки чашм эмин нигоҳ дореду ҳифз намоед, зеро аз ин баъд ин ҳама ба сифати дастоварди умумихалқӣ аз они шумост»[1].

Дар солҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ ва интервенсияи ҳарбӣ *дар* назди Ҳокимияти Иттиҳоди Шуравӣ зарурат пеш омад, ки бо мақсади ҳифзи мусаллаҳонаи иншооти аҳамияти муҳимдошта қисмҳои махсуси милитсия таъсис дода шавад. Бо

[1] Бахшида ба Рӯзи таъсисёбии Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и Вазорати корҳои дохилӣ // Маҷаллаи расмии Хадамоти давлатии “Муҳофиза”. – Душанбе: Мушфиқӣ, 2017. – С. 18.

мақсади амалисозии ин вазифа аз ҳисоби буҷаи давлат қисмҳои махсус ташкил карда шуд. Аз ҷумла, бо Қарори Кумитаи Марказии Иҷроияи Умумироссиягӣ аз феврали соли 1919 «Муқаррарот оид ба ташкили милитсияи роҳи оҳан ва ҳифзи роҳи оҳан», ки вазифаи асосиаш аз нигоҳдории тартиботи инқилобӣ ва ягонагии идоракунӣ дар тамоми роҳҳои оҳан иборат хоҳад буд, ба тасвиб расид. Ба тадриҷ, ҳифзи иншоот ва дигар соҳаҳо дар декабри соли 1918 ва 23 апрели соли 1919 ба ташкили милитсияи баҳрию дарёӣ замина муҳайё намуд. Баъдан Шӯрои Комиссарони халқ Декрет «Дар бораи ҳифзи роҳҳои ғизорасонӣ»-ро ба тасвиб расонид, ки мутобиқи он ҳифзи борҳои ғизоӣ ва дигар борҳои қимматноқ, ки тавассути роҳҳои оҳан ва обӣ расонида мешуданд, ба милитсия вогузор карда шуд.

Ҳамзамон бо ин, мутобиқи дигар Низомнома дар бораи КХКД аз 24 майи соли 1922 риояи тартибот ва оромӣ дар кишвар, таъмини амалисозии декретҳо, қонунҳо, қарорҳои давлат ва ҳамчунин ҳифзи муассисаҳо, фабрикаҳо, заводҳо, обанборҳо ва ғайра ба ӯҳдаи милитсия вогузор шуд.

Санаи 9 декабри соли 1921 Кумитаи марказии ироияи умумруссиягӣ ва Шӯрои меҳнат ва мудофиа «Дар бораи ҳифзи анборҳо, пакгаузҳо (анборҳои мол дар истгоҳҳои роҳи оҳан, бандаргоҳ, боҷхонаҳо ва ғ), анҷомхонаҳо ва дигар иншооти ба онҳо баробар дар роҳҳои наклиёти оҳан ва обӣ» декрет қабул намуданд. Мутобиқи ин санад ҳифзи ин иншоот ба ихтиёри Комиссариати халқии роҳҳои наклиётӣ вогузор карда шуда, милитсияи роҳи оҳан ва обӣ барҳам дода шуд.

Дар соли 1921 аз тарафи Раёсати Давлатии Муттаҳидаи Сиёсӣ (РДМС) лоиҳаи «Низомнома оид ба ташкили ҳифзи идории ташкилоту муассисаҳо ва моликияти давлатӣ» омода карда шуд, ки мутобиқи он таъсис ва роҳбарии хадамоти Муҳофиза бояд аз тарафи РДМС амалӣ карда мешуд. Аммо баъдан ин лоиҳа таҳкими қонунӣ пайдо накард. Ҳарчанд қисмҳои милитсия вазифаҳои худро сарбаландона иҷро мекарданд, аммо чун аз соли 1923 онҳо ба буҷаи маҳаллӣ гузаронида шуданд, базаи заифи моддӣ ва норасоии кадрӣ барои ҳифзи босамари ташкилоту муассисаҳои давлатӣ монеа эҷод мекард. Ҳамин буд, ки дар охири соли 1923 бо мақсади ташкили милитсияи идоравӣ ҷаласаи муштараки байниидоравии намояндагони Шӯрои ҳарбӣ-инқилобӣ, РДМС, Шӯрои умумишӯравии хоҷагии халқ, Комиссариати халқии роҳҳои наклиётӣ баргузор гардид, ки якдилона милитсияи идоравиро таъсис доданд. Санаи 6 феврали соли 1924 Шӯрои комиссарони халқи ҶШФСР аз диди қонун ин амалро баррасӣ намуда, қобили қабул донист ва «Оид ба таъсис милитсияи идоравӣ» қарори дахлдор қабул намуд. Дар асоси он КХКД Низомнома ва Муқаррароти дахлдор ба тасвиб расонид.

Ҳамзамон бо ин доираи фаъолияти милитсияи тоҷик дар ҳифзи дастовардҳои халқу давлат ба таври назаррас густурдатар гардид. Дар ин давра фаъолияти милитсияи идоравӣ идома ёфт ва рӯз то рӯз он тавсиа меёфт. Ҳифзу ҳимояи иншооти ҳаётан муҳим чун заводҳо, фабрикаҳо, бонкҳо, анборҳо, мағозаҳои фурӯши ҷавоҳирот, обанборҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ, китобхонаҳо, осорхонаҳо, бойгониҳо, муассиаҳои саноатӣ ва ғайра пурра ба зиммаи он гузошта шуда буд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки вазифаи он танҳо аз ҳифзу нигоҳдории иншоот иборат набуд, балки таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ низ аз вазифаҳои умдаи он шуморида мешуд[1].

Яке аз муҳимтарин вазифаи мақомоти корҳои дохилӣ маҳз ҳифзу нигоҳдории моликияти давлатию ҷамъиятӣ буду ҳаст. Бо назардошти шароити душвори он солҳо Шӯрои вазирони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ бо Қарори худ аз 29 декабри соли 1952 Хадамоти ғайриидоравии Муҳофизаро таъсис дод. Дар ин Қарор

[1] Хадамоти давлатии «Муҳофиза» - ҳифзи моликият мароми мост // Бахшида ба 55-солагии Хадамоти давлатии «Муҳофиза» ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 12.

муқаррар карда шуда буд, ки дар назди мақомоти милитсияи ҷумҳурӣ, вилоятҳо ва шаҳрҳои калони кишвар Хадамоти муҳофазаи берунӣ таъсис дода шавад, ки вазифаи он аз ҳифзу ҳимояи иншооти хурди савдо, хоҷагӣ, дӯкону мағозаҳо, анборҳо, дӯконҳои хизмати маишӣ ва ғайра сарфи назар аз тобеи кадом идора будани онҳо иборат хоҳад буд.

Дар асоси Қарори Ҳукумат ва фармони Вазорати бехатарии давлатии ИҶШС №002965, аз 11 ноябри соли 1952 Хадамоти ғайриидоравии муҳофиза, дар ибтидо аз 1 январи соли 1953 барои таҷриба дар шаҳрҳои калонтарини Иттиҳоди Шуравӣ таъсис ёфта, баъди тасдиқ ёфтани дурустии ин тадбири андешидашуда дар тамоми кишвар ба роҳ монда шуд. Ҳарчанд Қарори дахлдори Шӯрои вазирони Тоҷикистон аз соли 1952 «Дар бораи таъсиси Хадамоти ғайриидоравии дидбонӣ» дар ҶШС Тоҷикистон дастрас нест, вале тибқи Фармони ВКД ҶШС Тоҷикистон № 53 аз 31 марти соли 1953 Шӯъбаи Хадамоти ғайриидоравии дидбонию муҳофиза ба Раёсати ғайриидоравии дидбонию муҳофиза дар назди ВКД ҶШС Тоҷикистон табдил дода шуда, воҳидҳои кории он муайян карда шуданд.

Мутобиқи қарор ва дигар санадҳои меъёрӣ барои қисми муҳофизавӣ нақлиёти хизматӣ ҷудо карда шуда, тадриҷан таъмини ҳайати шахсӣ бо либоси махсус беҳтар гардида, азхудкунии усулҳои нави техникии марбут ба таъмини амният ба роҳ монда шуда буд. Аввал дар Комиссариати Халқии Корҳои Дохилии ИҶШС танҳо қарору дастурамалҳои мушаххас пешбини карда шуда буданд, ки мавзуъи ҳифзи амволи ҷамъиятиву шахсиро дар бар мегирифт вале ягон бахши алоҳидае, ки маҳз дар ин самт фаъолият намояд ташкил карда нашуда буд. Бо назардошти вазъи ба амал омада аз ҷониби ВКД ИҶШС пешниҳод карда шуд, ки дар ҳайати вазорат хизмати махсуси муҳофизаи ғайриидоравӣ, ташкил карда шавад, ки он бо Қарори шурои вазирони ИҶШС эълон карда шуд. Баъди қабул кардани қарори мазкур дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар сохтори ВКД-и ҷумҳуриҳо, шуъбаҳои муҳофизавии ғайриидоравӣ таъсис дода шудаанд.

Дар он рӯзҳои вазнин чандин омилҳое буданд, ки барои пешрафти кору таҳкими идорави нави қудратӣ мамониат мекарданд. Инҳо набудани алоқа, зиёд будани дастаҳои яроқноки зиддишуравӣ, набудани кормандони соҳибмаълумот аз мардуми маҳаллӣ, тарғибу ташвиқи зиддишуравии мухолифони сохти нав дар миёни аҳолӣ буд. Талаботу тақозои он замона кормандони хадамоти мазкурро вазифадор менамуд, ки шабона низ адои вазифа намуда, бахри ҳифзи молу амнияти мардум ҳамеша омода бошанд.

Аввалин маротиба бо дастгоҳи огоҳкунанда мағозаи молҳои саноатии рақами 39-и Раёсати савдои шаҳрии шаҳри Душанбе муҷаҳҳаз гардонида шуда, баъдан дар тамоми қаламрави кишвар паҳн гардид. Истифодаи дастгоҳҳои огоҳкунанда ба он мусоидат намуд, ки ба таври назаррас шумораи ҷиноятҳои дуздӣ кам гардида, Хадамоти ғаириидоравии муҳофиза зарурати мавҷудияти хешро бори дигар собит намуд.

Дар таъмини нигоҳдории моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ Қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 24 январи соли 1959 ва Қарори мансуби Шӯрои вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 14 майи соли 1959 ҷойгоҳи махсус дорад. Тибқи ин санадҳо вазифаҳои ин мақомот бори дигар мушаххас гардида, номи сохтории Хадамот ба Хадамоти дидбонию муҳофизаи назди мақомоти милитсия табдил дода шуд. Бо назардошти он, ки фаъолияти кормандони Хадамоти мазкур аз ҳисоби маблағҳои дар асоси шартнома миёни Хадамот ва муассисаву ташкилотҳо нигоҳдорӣ мешуд, ҳайати шахсии он бояд танҳо барои ҳифзи иншооти хоҷагии халқ сафарбар карда мешуд. Истифодаи он барои нигоҳдории маҳкамаи муваққатии тафтишот, роҳбаладии маҳбусон, тафтиши меъёрҳои муқарраршудаи шиносномавӣ ва дигар самтҳо, ки ба ҳифзу ҳимояи иншооти хоҷагии халқ алоқаманд нестанд, манъ буд. Фаъолияти қисми милитсияи ғайриидоравии муҳофиза мутобиқи аввалин Низомнома «Оид ба

муҳофизаи ғайриидоравӣ» аз 16 январи соли 1960 ва Низомнома «Оид ба муҳофизаи ғайриидоравӣ мақомоти милитсияи ҶШС Тоҷикистон» аз 4 майи соли 1966 ба тартиб дароварда мешуд[1].

Вазифа, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандони Хадамот сол аз сол тақвият меёфт. Кормандони Хадамот на танҳо муассисаву ташкилот ва дигар иншоотро муҳофиза мекарданд, балки барои назорат ва тафтиши ҳолати биноҳои маҳим ва таъмину муҷаҳҳазгардонии онҳо дастгоҳҳои навини огоҳкунанда низ вазифадор карда шуда буданд. Ҳамзамон, дар ин солҳо назди Раёсати муҳофизаи ғайриидоравӣ қисмҳои муттаҳида, взводҳои нақлиётӣ ва хадамоти шабонаи милитсия таъсис ёфтанд. Ҷаҳду кӯшиши якҷояи шуъбаҳои муҳофиза, хадамоти берунӣ, амалиёти муштараки онҳо ва ҳамчунин боло рафтани масъулият дар робита ба вазъи хадамоти дидбонию пайраҳадорӣ ва милитсияи шабона ба он мусоидат намуд, ки дар солҳои 70-80-уми қарни гузашта, натиҷаи дилхоҳ ба даст ояд. Махсусан, дар солҳои 80-уми асри XX Хадамоти муҳофизатии ғайриидории ВКД Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон шакли системакунонишударо ба худ касб карда, чи дар ҳифзи иншооти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ва чи дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба таври куллӣ фаъолона ширкат варзид. Дар ташкил ва барқарорсозии хадамоти ғайриидоравии муҳофиза чандин насл саҳми назаррас гузоштаанд, ки дар ин маврид бояд аз онҳо ёд намоем.

Аввалин сарварии хадамотро аз солхои 1954 то 1957 - полковники милитсия Приходко Семен Иванович ба ухда дошт, ки барои дар қаламрави кишвар ба роҳ мондани ин хадамот хизмати арзанда кардааст. Полковники милитсия Миронов Василий Алексеевич солҳои 1961-1964 вазифаи сардори шуъбаи муҳофизаи Раёсати милитсияи шаҳри Душанберо ба ухда буд. Баъдан, аз солҳои 02.06.1964 то 02.04.1968, подполковники милитсия Федотов Виктор Иванович дар вазифаи сардори Раёсати милитсия Вазорати муҳофизаи тартиботи ҷамъиятии ҶШС Тоҷикистон, аз солҳои 22.07.1968 то 28.02.1973 Середин Леонид Павлович, аз солҳои 13.06.1968 то 15.05.1980 - полковники милитсия Ҷураев Мардон Ҷураевич, аз солҳои 20.06.1980 то соли 1987 полковники милитсия Мухаммадиев Рафиқ Аминович фаъолияти хизматии ин мақомоти бонуфузро доштаанд.

Ин сохтори муҳимми давлатӣ ҳамеша ҳамқадами давру замони хеш буда, ҳеҷ вақт нагузоштааст, ки дасти дузду ғоратгар ба молу мулки мардум бирасад. Кормандони он ҳеҷ гоҳ нагузоштаанд, ки моликияти давлатӣ ба тороҷ бирасад, зеро хуб медонистанд, ки ба даст овардани пешравию тараққиёт дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангӣ ва умуман дар ҳама ҷанбаҳои ҳаёт агарчӣ душвор аст, вале ҳифзу нигоҳ доштани он аз ҳама мушкилтар аст. Дар баробари шукуфоии давлату пешрафти илму техника, бунёд гаштани заводу фабрика, нерӯгоҳҳои обиву баркӣ ва корхонаву муассисаҳои бузурги истеҳсолӣ масъулияти кормандони ин хадамот низ афзун гашта, самтҳои фаъолияташон васеъ гардид. Акнун кормандони ин хадамотро лозим меомад, ки боз ҳам ҳушёртару ҷиддӣ ва бо масъулияти тамом адои вазифа намоянд.

Дар давоми фаъолияти тӯлонии худ Хадамоти давлатии «Муҳофиза» чандин маротиба табдили ном намудааст:

− Солҳои 1952-1953 - Шӯъбаи ғайриидоравии посбонию муҳофизаи назди Раёсати милитсияи Вазорати бехатарии давлатии ҶШС Тоҷикистон;

− Солҳои 1953-1965 - Раёсати ғайриидоравии посбонию муҳофизаи назди ВКД ҶШС Тоҷикистон;

− Солхои 1965-1990 - Раёсати ғайриидоравии муҳофизаи назди ВКД ҶШС Тоҷикистон[1].

[1] Хадамоти давлатии «Муҳофиза» - ҳифзи моликият мароми мост // Бахшида ба 55- солагии Хадамоти Давлатии «Муҳофиза» ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С. 29.

Албатта, муддати таъсиси ин хадамот агар аз нигоҳи масири таърих хеле кӯтоҳ ва андаке ҳаст, вале ин сохтор баробари тараққиёти ҷомеа дар ин беш аз ним аср, аз як бахши хурди фаъолияти милитсия ба хадамоти бонуфузу тавоное табдил гардид. зеро ҷомеаи мо низ инкишофу пешрафт намуда, ҳазорон иншооту биноҳои майишӣ ва давлативу ҷамъиятие, ки дорои аҳамияти махсусан муҳим мебошад сохта шудаву мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки таъмини бехатарии онҳо аз фаъолияти хуби кормандони милитсияи муҳофизавӣ вобастагии хеле калон дорад. Яъне ба маънии дигар ҳифзи дастовардҳои миллӣ, таъмини бехатарӣ дар иншоотҳои стратегиву дорои аҳамияти махсусан муҳим аз вазифаҳои муқаддасест, ки ба дӯши кормандони ин хадамот вогузор шудааст.

**ТДУ 342.7**

# КОНСТИТУТСИЯ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ АСОСИИ ИСТИФОДАБАРИИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ БАРОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

## КОНСТИТУЦИЯ КАК ГЛАВНАЯ ОСНОВА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТЕХНИЧЕСКИХ СРЕДСТВ ДЛЯ ОХРАНЫ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА

**МАЪРУФИЁН БАҲРУЛЛО МАЪРУФ**
*Сардори кафедраи такмили ихтисоси факултети № 3 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия*
e-mail: sh.bahrullo@mail.ru

**АБДУЛВАҲОБЗОДА МЕҲРАФРӮЗ АБДУЛВАҲОБ**
*Омӯзгори кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия*
e-mail: mekhrafruz.kurbonova@bk.ru

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки санаи 28 декабри соли 2023 доир гардид, қайд намуданд, ки Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем[2].

Яке аз самтҳои баланд бардоштани фаъолияти натиҷабахши касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба пешгирӣ ва ҷилавгирӣ аз амалҳои номатлуб таъмин, ташкил ва ҷорӣ намудани истифодаи маҷмӯи дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва риояи талаботи он мебошад.

---

[1] Назаров, Н.Дж., Рахмонов, Л. 50 лет на страже: монография. – Душанбе: «Ҳумо», 2003. – С. 44-56.
[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 28.12.2023. – Душанбе, 2024. - С. 28-29.

Истифодаи техникаи махсуси муосир, асосан ба беҳтарсозии идоракунии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намуда, пеш аз ҳама баҳри ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳо, ҳамчунин ошкор ва муайян намудани шахсони ҷиноятҳоро тайёркунанда, содиркунанда ё содиркарда бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ равона карда мешавад.

Воситаҳои техникӣ на танҳо бо роҳи оперативӣ барои ба даст овардани маълумотҳои дахлдор имконият медиҳанд, балки барои таъмини интиқоли минбаъдаи он аз каналҳои техникии алоқа ва барои кори таҳлилии минбаъда бо назардошти талаботи қонун низ тақвият мебахшад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити муосир асосҳои ҳуқуқии истифодабарии воситаҳои техникӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ (минбаъд - МКД) ба иртибот бо дастовардҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд. Истифодаи воситаҳои техникӣ ва техникаи махсусро қонун муайян мекунад.

Аз рӯйи таърифи яке аз муҳаққиқони маъруфи тоҷик Р.Ҳ. Раҳимзода, техникаи махсус - ин системаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ва дигар воситаҳои техникие мебошад, ки он ҳангоми амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ асосан ба таври ғайриошкоро бо риоя намудани қоидаҳое, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ ба танзим дароварда шудаанд, истифода мешавад[1].

Шартҳои умумии истифодаи воситаҳои техникӣ дар МКД инҳоянд:

– асоси қонунии истифодаи он;
– ба ҳаёт ва саломатии инсон, инчунин ба муҳити атроф безарар будани он;
– илман асоснок будани натиҷаи истифодаи воситаҳои техникӣ.

Истифодаи воситаҳои техникиро дар фаъолияти хизматии мақомоти корҳои дохилӣ тибқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мебароем.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Тибқи он ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олӣ буда, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Зиёда аз ин, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва хифз менамояд (м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар қ. 1 м. 14 Конститутсия омадааст, ки «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд».

Тартиби иҷрои ҳуқуқи инсон ба меҳнат, таҳсил, ҳифзи саломатӣ ва ғайра дар Кодекси меҳнат, қонунҳои соҳаи маорифу тандурустӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд. Дар сурати иҷро нашудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби ҷавобгарӣ ва татбиқи ҷазоро муайян мекунанд, ки ин кафолати ҳифз гардидани онҳо мебошад.

Масалан, моддаи 164 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосиро ҷиноят эътироф намудааст ва барои ин кирдор ҷазои ҷиноятиро пешбинӣ намудааст.

Ҳифз ва амалӣ шуданиҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, агар дар Конститутсия, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ ва ифода наёфта бошанд, онҳо самти татбиқи худро гум мекунанд. Гузашта аз ин, ҳолатҳое, ки дар Конститутсия оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд инъикос ёфтаанд ва кафолат дода шудаанд, инкишофи худро дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки

[1] Раҳимов, Р.Ҳ. Техникаи махсуси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: дастури таълимӣ-методӣ. - Душанбе: «Ирфон», 2011. - С. 11.

мақомоти давлатӣ қабул мекунанд, пайдо намуда, тартиби иҷрои онҳо муайян карда мешавад[1].

Тавре аз мазмуни м. 14 Конститутсия бармеояд, ҳуқуқу озодиҳои инсон на танҳо бо қонунҳои миллӣ, инчунин ба воситаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ҳифз карда мешавад.

Чи тавре, ки зикр гардид, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд.

Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад (қ. 3 м. 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Таъмини риоя ва бевосита амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифз намудани онҳо маънои онро надорад, ки дар ҳеҷ як маврид онҳо маҳдуд карда намешаванд. Конститутсия ва қонунҳо ҳолатҳои истисноиро пешбинӣ ва муайян кардаанд, ки дар сурати мавҷудияти онҳо давлат метавонад ҳуқуқу озодиҳои шахси алоҳида ё гурӯҳи алоҳидаи шаҳрвандонро маҳдуд намояд. Масалан, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои зерини истисноиро муайян кардааст, ки дар сурати мавҷудияти онҳо маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон иҷозат дода мешавад:

- бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигар шахсон;
- бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;
- бо мақсади ҳимояи сохти конститутсонӣ;
- бо мақсади ҳимояи тамомияти арзии ҷумҳурӣ.

Албатта, дар сурати мавҷуд будани ин ҳолатҳо низ набояд ба сӯиистеъмол ва худсарӣ роҳ дода шавад. Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо бояд танҳо бо тартиби дар қонунҳо муайян гардида амалӣ карда шавад. Дар ин маврид низ бояд ба мавҷуд будани асоси маҳдудкунӣ, ба муҳлат, ҳадду ҳудуд ва тарзу усули амалӣ намудани он диққат дода шавад.

Дар хулосаи худ доир ба масъалаи баррасишаванда Ш.О. Салимзода чунин қайд мекунад, ки «Дар Конститутсия омадааст, ки маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳо танҳо дар ҳолати мавҷуд будани чаҳор ҳолати дар боло зикршуда, раво дониста мешавад. Ин маънои онро дорад, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти давлатӣ наметавонанд ягон асоси иловагии дигареро барои маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон пешбинӣ намоянд» [2].

Мувофиқи м. 22 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манзили шахс дахлнопазир аст. Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истисноии мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст.

Профессор Ш.Т. Тағойназаров дар шарҳи моддаи мазкури Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ақидаронӣ мекунад: «Манзили шахс дахлнопазир аст. Умри инсон асосан дар манзили истиқоматиаш мегузарад. Ҳаёти шахсӣ мафҳуми хеле васеъ мебошад ва он ҷанбаҳои гуногун дорад. Аз ин сабаб манзили шахс ва ҳаёти шахсии ӯ дахлнопазир аст. Мувофиқи муқаррароти Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дахлнопазирии манзил дар қатори дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ гузошта шудааст. Ин яке аз кафолатҳои муҳимми моддаи номбурдаи Конститутсия мебошад. Ҳам дар қонун ва ҳам дар Кодекси манзили

---

[1] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири д.и.ҳ., профессор М.А. Маҳкамов. - Душанбе: "Шарқи озод", 2009. - С.83-84.
[2] Ҳамон ҷо. - С. 85.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «манзил» дода нашудааст, вале мафҳумҳои ба ин наздик мавҷуданд, масалан, манзили истиқоматӣ, фонди манзилӣ ва ғайра»[1].

Дар ҳамон ҷо, ба қавли профессор Ш.Т. Тағойназаров, байни ин мафҳумҳо фарқият мавҷуд аст. Мафҳуми манзил маънои васеъ дорад. Мутахассисон мафҳуми манзилро ба ду маъно шарҳ додаанд, ба маънои васеъ ва маҳдуд. Ба маънои васеъаш манзил ин хонаест, ки шахс ё гурӯҳи шахсон доимӣ ё муваққатан дар он зиндагӣ мекунанд - хонаи алоҳида, ҳуҷра (квартира), меҳмонхона, хобгоҳ, манзили истироҳатӣ (бӯстон сарой), хонаи боғӣ, палаткаи сайёҳӣ, хаймаи лӯлиён, қароргоҳ ва ғайра. Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ба хонаҳои номбурда бе иҷозат даромаданро ҳамчун вайрон кардани ҳуқуқ ба дахлнопазирии инсон арзёбӣ намудааст. Ба маънои маҳдуд ба сифати манзил манзили истиқоматие эътироф мешавад, ки ба талаботи меъёрҳои техникӣ ва санитарӣ ҷавобгӯ буда, эҳтиёҷоти шаҳрвандро барои дар он зиндагӣ намудан қонеъ мегардонад. Маънои маҳдуди ин мафҳум дар мавриди додани манзили истиқоматӣ ё аз манзил кӯчонидан истифода мешавад, ки ба мақсад мувофиқ аст. Ақидаи дуруст доир ба дахлнопазирии манзил, ақидае дониста мешавад, ки агар манзил ба маънои васеъ фаҳмида шавад. Агар сухан доир ба дахлнопазирии манзил равад, фарқ надорад, ки шахс дар чӣ гуна манзил зиндагӣ дорад. Ба ҳар ҳол, дар кадом манзиле, ки шахс зиндагӣ накунад, он бояд дахлнопазир бошад.

Ҳар рафтори ғайриқонуние, ки нисбат ба манзили шахс раво дониста мешавад, қонун манъ кардааст. Агар амали шахсони дигар барои таъмин намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дар манзил зиндагикунандагон равона шуда бошад, чунин рафтор маънои вайрон кардани дахлнопазирии манзилро надорад, масалан, барои хомӯш кардани сӯхтор, пешгирӣ кардани дуздӣ ва ғайра. Зӯран ба манзили шахс даромадан ё аз манзил набаромадан рафтори зиддиқонунӣ буда, ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро халалдор мегардонад.

Бо воситаҳои техникӣ манзили шахсиро назорат бурдан ва воситаҳои шунавоиро истифода намудан манъ аст. Дар мавридҳои вайрон кардани дахлнопазирии манзил, шахси гунаҳкор мумкин аст ба ҷавобгарии маъмурӣ, ҷиноӣ ва маданӣ кашида шавад. Аммо дар қонун ҳолатҳое пешбинӣ шудааст, ки дар асоси қонун, қарори суд, мақомоти тафтишот ба манзил даромадани кормандони мақомоти дахлдорро роҳ додааст. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як қатор ҳолатҳо ба манзил даромадани кормандони тафтишотро бо мақсади иҷро намудани фаъолияти тафтишотӣ ё дигар ҳаракатҳои мурофиавӣ пешбинӣ намудааст, масалан, бо мақсади ҳабси молу мулк, аз назар гузаронидани ҷои ҷиноят ва ғайра. Чунин амалҳо бояд мувофиқи тартиби дар қонун пешбинишуда ба амал бароварда шаванд. Доираи ҳаёти шахсии инсон ва муносибатҳое, ки байни ҳар як шахс ва шахсони дигар ба миён меоянд, пурра дар қонун танзим карда намешавад. Дар бисёр мавридҳо рафтори одамон доир ба муносибати шахсии онҳо ба хусусиятҳои психологии худи одамон ва аз меъёрҳои ахлоқии дар ҷамъият ҷойдошта вобастагӣ дорад. Ин на аз он душворие вобастагӣ дорад, ки доираи ҳамаи рафтори одамонро дар меъёрҳои қонун танзим намудан ғайриимкон аст, балки рафтор ва муносибатҳои шахсие, ки байни одамон ҷой доранд, ба ҳиссиёти дӯстӣ, муҳаббат, эҳтироми якдигар, қаноат карда тавонистан ё натавонистан, бадбинӣ, бардошт карда тавонистан ё натавонистан ва ғайра алоқаманд аст.

Инсон ғайр аз он, ки фаъолияти назарраси ҷамъиятӣ дорад (дар ҳаёти сиёсии ҷамъият иштирок мекунад, фаъолияти хизматӣ дорад ва ғайра), ҳамчун инсон ба ҳаёти шахсӣ низ эҳтиёҷ дорад. Ин ҳаёти шахс аз хоҳиш, эътиқод ва назари танҳо шахсии худи ӯ вобаста аст. Аксари ин муносибатҳо дар манзили шаҳрвандон ба вуқӯъ мепайванданд. Аз ҳамин сабаб ҳаёти шахсии инсон ва манзили шахсӣ дахлнопазир аст. Намунаи кафолати давлатии ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва дахлнопазирии шахс дар

---
[1] Ҳамон ҷо. - С.137-139.

Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои асосӣ ва озодии инсон пешбинӣ гардидааст. Зӯран ба манзили шахс даромадан, соҳиби манзил ва аъзои оилаи ӯро аз манзил маҳрум кардан мумкин нест. Ҳолатҳои аз манзил кӯчонидан ё маҳрум кардан (бо роҳи маъмурӣ ё судӣ) дар Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудаанд.

Инчунин, м. 23 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ, озодӣ инсон ва шаҳрвандро пешбинӣ кардааст, алалхусус:

– маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истиснои мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст;

– дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст.

Ш.О. Салимзода дар радифи муқаррароти мазкур ақида иброз мекунад, ки маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс яке аз ҳуқуқҳои асосии конститутсионии инсон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таъмин кардани он аз тарафи Конститутсия кафолат дода мешавад ва он дар навбати худ ӯҳдадории шахсони мансабдор ва ҳамаи кормандони мақомоти давлатӣ мебошанд[1].

Мафҳумҳои мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобирот дар қонунҳои соҳавӣ дар бораи алоқа, дар бораи алоқаи барқӣ, дар бораи алоқаи почта ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оварда шудаанд. Талаботи моддаи тафсиршаванда ахборотеро, ки одамон байни худ мубодила менамоянд, аз фош шудан эмин нигоҳ медорад. Дар зери мафҳуми ахборот ҳама гуна мукотибот, гуфтугӯҳои телефонӣ, муросилоти почтавӣ ё телеграфӣ ва дигар маълумот (маълумоте, ки тавассути факс, алоқаи радиоӣ ва кайҳонӣ дода мешаванд) фаҳмида мешаванд. Дар қ. 1 м. 23 Конститутсия гарчанде мафҳуми муросилот дар шакли умумӣ омада бошад ҳам, он танҳо муросилотро дар шакли ахборот тавассути почта дар бар мегирад.

Муросилоти контейнер, посилкаи (амонатӣ) арзишнок ва бастаҳои почтавие, ки танҳо характери арзиши моддӣ доранд, характери маҳрамият (махфӣ) надоранд ва азназаргузаронии онҳо ҷиҳати таъмини амният ва бехатарӣ раво дониста мешавад.

Муҳофизати маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобирот дар қонунҳои соҳавӣ инъикоси худро ёфтаанд ва тартиби таъмин кардани он вазифаи бевоситаи кормандони корхонаю муассисаҳои алоқа, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, мебошад. Шахсони алоҳида низ, ки новобаста аз корхонаю муассисаҳои алоқа ба ин намуди фаъолият машғуланд, дар таъмин намудани ин ҳуқуқ масъул мебошанд.

Қонунгузор тартиби махсуси ҳабс гузоштан (арест) ба мукотиба ва аз корхонаю муассисаҳои почта ёфта гирифтани онро муайян кардааст, ки ин амал танҳо бо иҷозати прокурор ва бо таъйинот ё қарори суд мумкин аст. Тартиби манъ гузоштан, азназаргузаронӣ ва ёфта гирифтани мукотиба, муросилот ва мухобирот, инчунин гӯш кардани гуфтугӯи телефонӣдар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», «Дар бораи алоқа» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим шудаанд. Мувофиқи талаботи Конститутсия ва қонунҳои номбурда вайрон кардани махфияти мукотиба, гуфтугӯи телефонӣ ва дигарҳо танҳо дар ҳолатҳои зерини истисноӣ иҷозат дода мешавад: амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҷамъиятӣ, пешгирии содиршави ҷиноятҳо, муайян ва ошкор намудани ҷиноят ва ҷинояткор, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс.

Инчунин дар ҳолати пайдо шудани таҳдид ба ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳо ва моликияти шахси алоҳида бо аризаи ӯ ё бо ризоияти хаттии ӯ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иҷозат дода мешавад, ки гуфтугӯи телефонӣ аз телефони худи ӯ дар асоси

---

[1] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири д.и.ҳ., профессор М.А. Маҳкамов. - Душанбе: "Шарқи озод", 2009. - С.140-142.

қарори роҳбари мақомоте, ки фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ мебарад, гӯш карда шавад.

Бо мақсади таъмини иҷрои ҳуқуқи шахс ба маҳрамияти мукотиба, гуфтугӯи телефонӣ, муросилот ва мухобироти телефонӣ ва кафолат додан ба риояи он Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вайрон кардани ин ҳуқуқи шахсро ҷиноят эътироф намуда, ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар кардааст.

Фикру мулоҳизаи худро идома дода, Ш.О. Салимзода қайд менамояд, ки моддаи тафсиршаванда инчунин кафолат медиҳад, ки маълумот дар бораи ҳаёти шахсии инсон сирри шахсӣ мебошад ва бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани онҳо манъ аст. Ин ҳуқуқи инсон тавассути меъёри дигари Конститутсия низ кафолат дода мешавад. Мувофиқи он мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд, ки ба ҳар кас имконияти пайдо кардан ва шинос шуданро бо ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ дахл доранд, таъмин намоянд[1].

Дар ин маврид мавҷуд будан ё набудани ризоияти шахс унсури асосӣ мебошад. Вақте, ки хабарнигор бо шахси мансабдори давлатӣ ё ягон олим ё мутахассис мусоҳиба доир мекунад ва маълумоти дар ин мусоҳиба гирифтаро дар матбуот чоп мекунад, дар ин ҷо ягон қонуншиканӣ дида намешавад. Аммо вақте, ки хабарнигор бе огоҳ намудани шахси муайян дар бораи ӯ маълумот ва гузашта аз ин маълумоти беобрӯкунанда ҷамъ меорад ва онро дар матбуот чоп мекунад, дар ин ҳолат талаботи Конститутсия вайронмешавад. Албатта, ҳуқуқи шахс низ бе ҳадду ҳудуд нест. Қонунгузор ҳолатҳоеро низ муқаррар кардааст, ки бе ризоияти шахс дар бораи ҳаёти шахсии ӯ ҷамъ овардан ва истифода намудани маълумот мумкин аст. Масалан, дар мавриди гузаронидани тафтишоти пешакӣ ва фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ барои ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода бурдан ва паҳн намудани маълумот дар бораи ҳаёти шахсии инсон гирифтани ризоияти ӯ талаб карда намешавад.

Барои таъмин кардани ҳифзи ин ҳуқуқи конститутсионии шахс қонунҳои соҳавӣ махфӣ будани сирри бонкӣ, тиҷоратӣ ва хизматиро муайян кардаанд. Масалан, бонкҳо вазифадоранд, ки сирри амонати мизоҷонро пинҳон нигоҳ доранд.

Шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳои онҳо бо роҳи ҷамъ кардан, нигоҳ доштан, истифода намудан ё паҳн кардани маълумот дар бораи ҳаёти шахсии онҳо вайрон карда шудаанд, метавонанд барои ҳимоя ба суд муроҷиат намоянд.

Ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода намудан ва паҳн кардани ҳуҷҷатҳо ва маълумот дар бораи ҳуқуқу манфиатҳои шахс бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, харидорӣ ё дуздии ҳуҷҷатҳо вайронкунии дағали қонун ба ҳисоб рафта, ҷавобгарии маъмурӣ, моддӣ, интизомӣ ва ҷиноятиро ба вуҷуд меоварад.

Ҳамин тариқ, меъёрҳои дар боло зикргардидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои қонунгузорие, ки асосҳои умумии истифодаи техникаҳои махсусро муайян мекунанд ва бевосита истифодаи воситаҳои техникиро дар таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ба расмият медароранд, барои ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд нигаронида шудаанд.

[1] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон / зери таҳрири д.и.ҳ., профессор М.А. Маҳкамов. - Душанбе: “Шарқи озод”, 2009. - С. 140-142.

**УДК 342.41**

# КОНСТИТУЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: 30 ЛЕТ ГАРАНТИИ СВОБОДЫ, РАВЕНСТВА И ПРОГРЕССА

**Муродзода Умед Уктам**
*Директор Технологического парка Таджикского национального университета, ассистент кафедры конституционного и административного права юридического факультета*
E-mail: murodzoda.umed@mail.ru

Начнем свое небольшое исследование со слов Руты Бадера Гинзбурга, который сказал, что «Конституция – это скала, на которой держится наша нация. Мы должны сохранять ее принципы и защищать ее ценности»[1]. Действительно, Конституция – основной закон государства, обладающий высшей юридической силой, выражающий волю народа в целом и закрепляющий в их интересах важнейшие начала общественного строя и государственной организации соответствующей страны. Как отмечает А.М. Диноршоев, Конституция – это действительно уникальный документ, который раскрывается через рассмотрение его в качестве политического, правового и идеологического документа[2].

**Политическая** сущность конституции заключается в том, что в ней выражаются основные принципы и правила поведения участников политических процессов, происходящих в государстве.

**Правовая** сущность конституции заключается в том, что она выступает в качестве основного закона государства обладающая высшей юридической силой и имеющее прямое действие.

**Идеологическая** сущность конституции заключается в том, что в ней формируется определенное мировоззрение, существующее в государстве, т.е. закрепляются определенные идеологические установки и приоритеты[3].

6 ноября 2023 года в своём поздравительном послании по случаю Дня Конституции, Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон отметил, что Конституция независимого Таджикистана стала гарантией неизменности формы правления страной, территориальной ценности, демократической, правовой, светской и социальной сути государства. В соответствии со своей Конституцией Таджикистан объявил мировому сообществу, что будет проводить миролюбивую политику, уважать независимость и суверенитет других государств, определять внешнюю политику на основе норм международного права, будет гарантировать развитие свободного гражданского общества, политический и идейный плюрализм и активное участие граждан в управлении государством, этот фундаментальный документ заложил основу для сближения нашей страны с мировым сообществом[4].

Действительно, за короткий срок наше государство было принято в членство авторитетных международных организаций, сегодня инициативы Таджикистана по

---

[1] Электронный ресурс: https://lux.fm/ru/kak-racionalno-potreblyat-elektroenergiyu-i-pomoch-energosisteme-strany_n151221 (дата обращения): 11.06.24

[2] Диноршоев, А.М. Конституционное право Республики Таджикистан: учебное пособие / А.М. Диноршоев, С.М. Салохидинова. – Душанбе : Эр-граф, 2017. – 247 с..

[3] Там же.

[4] Электронный ресурс: https://mfa.tj/ru/moscow/view/13688/pozdravitelnoe-poslanie-po-sluchayu-dnya-konstitutsii (дата обращения: 11.06.2024).

вопросам воды, окружающей среды и другим глобальным проблемам на мировой арене находят поддержку и взаимопонимание.

Конституция - основной правовой источник государства, направленный на защиту прав и свобод человека, опирающийся на традиции и реалии собственной страны и призванный дать человеку возможность жить по меркам цивилизованного мира. Конечно, на Конституции основываются: формы государственного устройства и правления, права, свободы и обязанности человека и гражданина, порядок формирования и функционирования органов государственной и местной власти. Основной Закон выступает правовым образцом гражданского общества, условием осуществления правопорядка, законности и закономерного развития институтов публичной власти. Конституция выступает одним из основных признаков правового государства, основанным на приоритете правовой культуры и правового сознания людей[1].

Одним из основных отличительных признаков правового государства является признание им высших преимуществ прав и свобод человека и гражданина, основывающихся на прочном закреплении в Конституции и других нормативно-правовых актах их нерушимости, а также на обязанности соблюдать и охранять эти права и свободы.

Права и свободы человека, их реализация и защита утверждаются как фундаментальный и определяющий критерий юридического характера правового регулирования и его применения на практике. Принцип приоритета прав и свобод человека, закреплённый в отдельных статьях Конституции Таджикистана, направлен на все ветви государственной власти, что напрямую обеспечивает эти права. Правовая взаимосвязанность государства и личности закреплена в ст. 5 Конституции РТ: «Права и свободы человека и гражданина признаются, соблюдаются и защищаются государством»[2].

Конституция была принята в сложное для государства время, когда еще не был полностью потушен огонь гражданской войны. Его принятие положило решительное начало для укрепления основ государственной независимости, которые были расшатаны. Как воздух необходимая для дальнейшего перехода к демократическому обществу и правовому государству - Конституция упростила решение многих социально-экономических и политико-правовых трудностей страны, которые уяснились с ее основными положениями и нормами[3].

Ровно 30 лет назад, 6 ноября 1994 года, была принята Конституция Республики Таджикистан, руководствуясь стремлением к установлению демократии, правового государства и защите прав и свобод граждан. Вот уже три десятилетия эта Конституция служит основополагающим документом, определяющим политическую, экономическую и социальную жизнь страны.

Конституция Республики Таджикистан, состоящая из 10 глав и 100 статей, обеспечивает разделение властей, гарантирует права и свободы граждан, а также устанавливает основы функционирования государственных институтов. Она закрепляет принципы равенства перед законом, свободу слова, информации, собраний и объединений, а также право на судебную защиту и другие фундаментальные права человека.

---

[1] Воситов, Х.А. Конституция Республики Таджикистан - основной источник по защите прав и свобод человека // Вестник ТГУПБП. 2018. №1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/konstitutsiya-respubliki-tadzhikistan-osnovnoy-istochnik-po-zaschite-prav-i-svobod-cheloveka (дата обращения: 11.06.2024).

[2] Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года (с изменениями и дополнениями по состоянию на 22.05.2016 г.) // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://www.mfa.tj/ru/main/tadzhikistan/konstitutsiya (дата обращения: 20.06.2024).

[3] Шарифзода, М.Т. Конституция суверенного Таджикистана и ее роль в укреплении государственного строя // Историк (Муаррих). - 2019. - №3 (19) // [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/konstitutsiya-suverennogo-tadzhikistana-i-ee-rol-v-ukreplenii-gosudarstvennogo-stroya (дата обращения: 11.06.2024).

За все эти годы Конституция Республики Таджикистан прошла несколько изменений и дополнений, которые направлены на укрепление демократических принципов и улучшение функционирования государственных институтов. Эти изменения отражают стремление страны к прогрессу и соответствию современным вызовам. Важным аспектом Конституции Республики Таджикистан является её роль в формировании гражданского общества и правовой культуры. Она служит основой для образования граждан о своих правах и обязанностях, а также способствует развитию гражданского сознания и гармоничного развития общества.

Конституция Республики Таджикистан, которая на постсоветском пространстве была принята второй после Конституции Российской Федерации, согласно оценкам ОБСЕ с точки зрения защиты прав человека стоит в одном ряду с пятью лучшими конституциями государств-членов ОБСЕ[1].

Как отметил Лидер нации многоуважаемый Эмомали Рахмон «...самое важное, первая Конституция суверенного Таджикистана дала возможность войти в ряд демократических государств современного мира и быть признанным в качестве полноправного субъекта международных отношений. Конституция Республики Таджикистан вобрала в себя лучшие аспекты конституций развитых стран и является воплощением государства и государственности древнего таджикского народа и международно- признанных норм».

Действительно, Конституция Республики Таджикистан заслуживает признания и включения в число лучших конституций мира по нескольким причинам:

**Во-первых**, она гарантирует основные права и свободы граждан. Конституция Республики Таджикистан закрепляет принципы равенства перед законом, справедливого судопроизводства, свободы слова, информации, собраний и объединений. Это основополагающие права, которые позволяют гражданам свободно выражать свои мнения, участвовать в политической жизни страны и защищать свои интересы.

**Во-вторых**, Конституция Республики Таджикистан обеспечивает разделение властей. Она определяет структуру государственных органов и устанавливает систему сдержек и противовесов между исполнительной, законодательной и судебной властью. Такое разделение властей является фундаментальным принципом демократического правления и обеспечивает предотвращение злоупотреблений и коррупции.

**В-третьих**, Конституция Республики Таджикистан определяет принципы социального и экономического развития. Она устанавливает основные принципы социальной защиты, обеспечения здравоохранения, образования и равных возможностей для всех граждан. Кроме того, Конституция поддерживает прогрессивные экономические политики, направленные на обеспечение устойчивого развития, благополучия и справедливого распределения богатства.

Наконец, Конституция Республики Таджикистан является инструментом для демократического участия граждан. Она предоставляет гражданам право участвовать в выборах, выражать свое мнение и вносить предложения по вопросам, касающимся общественной жизни. Конституция также предусматривает механизмы обращения граждан в суд для защиты их прав и интересов.

Все эти факторы делают Конституцию Республики Таджикистан одной из лучших в мире. Она создает основу для развития демократии, правового государства и защиты прав и свобод граждан. Однако, чтобы обеспечить полное соблюдение Конституции, необходимо постоянное совершенствование правовой системы, укрепление гражданского общества и повышение правовой культуры в обществе.

В свете 30-летия Конституции Республики Таджикистан важно отметить достижения страны в области правового развития и защиты прав граждан. Однако, необходимо

[1] Достиев, А.С. Конституция Республики Таджикистан 1994 года: История разработки, принятия, внесение изменений и основные положения: монография. - Душанбе: «Матбуот», 2001. - С. 15.

продолжать усилия в направлении совершенствования правовой системы, обучения населения основам Конституции и правам человека, а также развития правового сознания и культуры в обществе. Таким образом, можно с уверенностью отметить, что ныне действующая Конституция Республики Таджикистан является гарантом свободы, равенства, прогресса и полностью соответствует требованию времени и выражает главные интересы таджикского народа.

**ТДУ 347.172**

# ҶАБҲАҲОИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚИИ БЕДАРАК ҒОИБШУДА ЭЪТИРОФ НАМУДАНИ ШАХСИ ВОҚЕӢ

## ИСТОРИКО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ ПРИЗНАНИЯ ФИЗИЧЕСКОГО ЛИЦА БЕЗВЕСТНО ОТСУТСТВУЮЩИМ

**РАҲИМЗОДА АБДУҲАЛИМ РАҲИМ**
*Унвонҷӯйи кафедраи фанҳои ҳуқуқи граждании факултети таҳти № 2*
*Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия*
E-mail: rahimzoda-1991@mail.ru

Меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ дар «Қонунномаи Сосониён», ки тақрибан соли 620 аз ҷониби Фаррухмард, писари Баҳром, ҳамсари Хусрави II Парвиз таҳия гардидааст, «безаниву бешавҳарӣ на танҳо бадбахтӣ, балки гуноҳ дониста мешуд»[1]. Яке аз асосҳои безаниву бешавҳарӣ бедарак ғоибшудани ҳамсар мебошад. Тавассути бекор намудани никоҳ аз рӯйи ҳолати зикршуда мушкилоти ба вуҷуд омада ҳалли худро пайдо мекард.

Баъди забткориҳои Хилофати араб дар Осиёи Марказӣ давраи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ислом дар таърихи халқи тоҷик оғоз мегардад. Мафқуд дар истилоҳи фиқҳӣ инсонеро меноманд, ки аз шаҳри худ ғоиб гашта, зинда ва ё мурдани вай номаълум мебошад. Дар муддати бедарак будани ӯ, ки молу мулкаш бесоҳиб мондааст, бо қарори суд (додгоҳ) ба аъзоёни оилааш нафақа муқаррар карда мешавад. Дар сурати мафкуду – л – асар ва бедарак гаштани мард, ки дигар аз ӯ ҳеҷ гуна маълумот ва нишонае нест, яъне мурда ва ё зинда будани вай маълумоте пайдо карда нашуд, додгоҳ пас аз 4 сол қарори вафоти ӯро мебарорад. Зан пас аз гузаштани иддаи вафоти шавҳараш, ки 4 моҳу 10 рӯз аст, метавонад азнав ба шавҳар барояд.

Дар ҳуқуқи исломӣ падидаи бедарак ғоибшуда эътироф гардидани шахсро бо истилоҳи ал-мафкуд ишора менамоянд, ки вобаста ба он дар байни фақеҳони исломӣ гуногунандешӣ ҳукмфармост. Истилоҳи ал-мафкуд, маҳз ба ҳамон шахсе ишорат мекунад, ки бедарак гум гаштааст ва дар бораи маҳал ва ё ҷои истиқомати вай ягон маълумот вуҷуд надорад (аз нигоҳи мазҳаби Ҳанафия). Оқибатҳое, ки ҳангоми бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахс аз ҷониби қозиёт ба миён меояд, тавонистааст байни одамон саволҳои пурбаҳсро ба миён оварад. Аз ин лиҳоз, муҷтаҳидони исломӣ ҳангоми ҳалли масъалаи мазкур ва баровардани фатво хело эҳтиёткорона амал менамоянд.

[1] Ҳоҷиев, М.С. Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ: автореф. дис... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.03 / М.С. Ҳоҷиев. – Душанбе, 2021. – С. 10.

Ал-мафкудро фақеҳони исломӣ гуногун шарҳ додаанд. Масалан дар мактаби ҳуқуқии Моликия зери истилоҳи ал-мафкуд шахсе дар назар дошта мешавад, ки ногаҳон нопадид гардида, ҳамагуна робитаҳояш бо атрофиён қатъ мегардад, ҳамзамон доир ба маҳалли ҷойгиршавии вай маълумоте ҷой надорад.

Ҳанбалиён бошанд, ал-мафкудро ҳамчун шахсе медонанд, ки доир ба ҳолати зиндагии вай аз сабаби набудани иттилоъи мушаххас доир ба зинда ё фавтидани он, маълумоте ҷой надорад.

Шофеиён ал-мафкудро ҳамчун шахсе медонанд, ки доир ба зинда ва ё фавтиданаш ягон иттилоъ ҷой надорад.

Ал-мафкуд бо падидаи бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахси воқеӣ, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2023 мавриди амал гардид, пешбинӣ гардидааст, ҳаммаъност, ки фарқияти онҳоро дида мебароем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил дар арсаи байналмилалӣ пазируфта шуда, онро ба ҳайси давлати ҷавони демократӣ ва ҳуқуқбунёд мешиносанд. Қисми зиёди шаҳрвандони онро аҳолие ташкил медиҳанд, ки пайрави дини ислом ба ҳисоб меравнд. Аз ин ҷост, ки тамоми меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ё ахлоқиро мардум бо ба инобат гирифтани шариати исломӣ риоя менамоянд. Падидае, ки диққати муаллифро ба худ ҷалб намудааст, ин бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахси воқеӣ дар ҳуқуқи исломӣ ба ҳисоб меравад. Сараввал мехостам аз таҳлили қонунгузории кишварамон оғоз намоям.

Тибқи қ. 1 м. 43 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ), агар дар давоми як сол дар маҳалли истиқомати шахси воқеӣ дар хусуси маҳалли қарор доштани ӯ маълумоте набошад, суд бо аризаи шахси манфиатдор метавонад ӯро бедарак ғоибшуда эътироф намояд. Вале дар фиқҳи исломӣ ал-мафкуд, танҳо шахсест, ки бедарак гумшудааст ва оиди маҳалли истиқоматаш маълумот ҷой надорад.

Тибқи қ. 2 м. 43 КМ ҶТ дар сурати муқаррар карда натавонистани рӯзи расидани маълумоти охир дар хусуси шахси ғоибшуда, оғози ҳисоби муҳлат барои эътирофи бедарак ғоибшуда санаи аввали моҳе, ки пас аз моҳи расидани маълумоти охир дар хусуси шахси ғоибшуда фаро мерасад ва дар сурати муқаррар карда натавонистани ин моҳ, якуми январи соли минбаъда ҳисоб мешавад[1].

Меъёри дар боло дарҷ гардида, асосҳо ва тартиби бедарак ғоиб эътироф намудани шахсро муқаррар намудааст. Яъне метавон гуфт, ки асосҳои барои бедарак ғоиб эътироф намудани шахс дар тӯли як сол ғайриҳозир будани шаҳрванд дар маҳалли зист, маълумот дар бораи ӯ ва бошишгоҳи ӯ ба ҳисоб меравад. Ҳолатҳои мазкурро метавон, бо роҳи пурсиши аъзои оила, дӯстон, ҳамсояҳо, ҳамкорони шахси ғайриҳозир, гузаронидани ҷустуҷӯ, огоҳонӣ тавассути воситаҳои ахбори умум ва ғайра ошкор намуд. Парванда дар хусуси бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд аз ҷониби суд тибқи тартиби истеҳсолоти махсус, мутобиқи қоидаҳои боби 30-юми Кодекси мурофиавии мадании баррасӣ хоҳад гашт. Ташаббускори бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд ин шахси манфиатдор мебошад, ки ба ҳайси он ҳамсар, шахсоне, ки тахти сарпарастии вай қарор доранд, кредиторони шахси ғайриҳозир дохил мешаванд. Дар аризаи субъектони болозикр бояд мақсади ҳуқуқии бедарак ғоиб эътироф намудани ин ё он шахс масалан, барои бекор кардани ақди никоҳ, ҳифзи молу мулки шахси ғоиб, идоракунии молу мулки ғайриманқул ё қоғазҳои қимматнок ва ғайра зикр гардида, инчунин ҳолатҳое, ки бедарак ғоиб буданро тасдиқ мекунад, сабт гардад. Рафти баррасии парванда бошад бо иштироки прокурор амалӣ мегардад.

[1] Ниг.: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри с. 2022, № 1918 (аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шуд).

Амалия нишон медиҳад, ки барои бекор кардани акди никоҳ қисми зиёде аз ҳамсарон бо мақсади бедарак ғоиб эътироф намудан ба мақомоти судӣ муроҷиат мекунанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ" ба ҳамсарон ҳуқуқ додааст, ки дар асоси ариза онҳо метавонанд ба мақомоти САҲШ оиди бекор кардани акди никоҳашон муроҷиат намоянд[1].

Молу мулки шахси воқеии бедарак ғоибшуда эътирофгардида ҳангоми зарурати ҳифзи он дар асоси санади судӣ ба идораи ба боварӣ асосёфтаи шахсе супорида мешавад, ки аз ҷониби мақомоти васояту парасторӣ муайян гардида, дар асоси шартномаи бо ин мақомот басташуда дар бораи идораи ба боварӣ асосёфта амал мекунад. Дар ин ҷо оқибати бедарак ғоиб эътироф намудани шахси воқеӣ нисбат ба молумулке, ки идоракунии доимиро тақозо менамояд, пешбинӣ шудааст.

Дар ин ҷо таҳти мафҳуми молу мулке, ки идоракунии молу мулкро тақозо менамояд, молу мулки ғайриманкул ва молу мулки арзишноки манкул дар назар дошта шудааст (бо истифода аз шабоҳати қонун)

Дар асоси қарори суд мақомоти васоят ва парасторӣ идоракунандаи молу мулкро муайян намуда, бо ӯ шартномаи идоракунии ваколатии молу мулкро ба имзо мерасонад. Мақоми васоят ва парасторӣ метавонад то гузаштани як сол аз рӯзи гирифтани маълумот дар бораи маҳалли будубоши шаҳрванди ғоиб низ идоракунандаи молу мулки ӯро таъин намояд.

Молу мулки шахси бедарак ғоиб барои таъмини шаҳрвандоне, ки шахси бедарак ғоиб онҳоро бояд таъмин менамуд, барои пӯшонидани қарз вобаста ба ӯҳдадории шахси бедарак ғоиб истифода бурда мешавад. Идоракунанда вазифадор аст бар ивази шахси бедарак ғоиб андоз ва дигар пардохтҳоро супорад. Дар парвандае, ки шаҳрванди бедарак ғоиб эътирофгардида бояд иштирок намояд, идоракунанда ба сифати намояндаи ӯ баромад мекунад.

Дигар оқибатҳои бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд тибқи қонун муайян карда мешавад, масалан: Ҳамсари шахси бедарак ғоиб метавонад дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ акди никоҳро бекор намояд; Дар сурати аз ҷониби суд бедарак ғоиб эътироф намудани корманд шартномаи меҳнатӣ қатъ мегардад; Шартномаи супориш дар натиҷаи бедарак ғоиб эътироф намудани вакилкунанда ё вакил, шартномаи комиссия дар сурати бедарак ғоиб эътироф намудани комиссионер ва баъзе дигар шартномаҳо қатъ мегардад.

Идоракунандаи молу мулки шахси воқеии бедарак ғоибшуда эътирофгардида иҷрои уҳдадориҳои маданиро ба зимма гирифта, аз ҳисоби молу мулки шахси ғоибшуда қарзи ӯро пардохт менамояд ва ин молу мулкро ба манфиати чунин шахс идора мекунад. Ба шахсони воқеие, ки шахси бедарак ғоибшуда эътирофгардида бояд онҳоро таъмин мекард, бо аризаи шахсони манфиатдор таъминот дода мешавад.

Мақомоти васояту парасторӣ то гузаштани як соли пас аз расидани маълумот дар хусуси маҳалли қарор доштани шахси воқеии бедарак ғоибшуда эътирофгардида низ метавонанд барои ҳифзи молу мулки ӯ идоракунандаро таъин намоянд.

Суд ҳангоми ҳозир шудани шахси воқеии бедарак ғоибшуда эътирофгардида ё муайян гардидани маҳалли қарор доштанаш санади судиро дар бораи бедарак ғоибшуда эътироф намудани ӯ бекор мекунад. Идораи молу мулки шахси воқеии мазкур дар асоси санади судӣ бекор карда мешавад.

Мақомоти васояту парасторӣ уҳдадоранд бо ариза оид ба вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ ба суд муроҷиат кунанд, агар баъди се соли таъин кардани

[1] Ниг.: моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ" аз 26 апрели с. 2006, № 188 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2006, № 4, мод. 201; 2008, № 12, қ-2, мод.1017; с. 2009, № 3 мод. 89; с. 2011, № 3, мод. 178; № 6, мод. 444; с. 2015, № 3, мод.220, № 11, мод. 961, мод.962; с. 2016, № 3, мод.144, мод.145; с. 2017, №7-9, мод.574; с. 2019, №7, мод. 470; с. 2020.№7-9. мод.612; с. 2021. №1-2, мод.13.

идоракунанда санади судӣ оид ба бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахс бекор нагардида ё дар хусуси вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ ба суд муроҷиат нашуда бошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар фиқҳи исломӣ бедарак гум гаштани шахс (минбаъд ал-мафкуд), боиси аз байн рафтан ва ё қатъ гардидани ҳуқуқҳояш нахоҳад гашт. Яъне шахсе, ки ал-муфкуд househoodониста мешавад, тамоми ҳуқуқуқҳояшро нигоҳ медорад. Чи дар муносибатҳои молумулкӣ ва чи дар муносибатҳои оилавӣ, ҳар чор мазҳаби ҳуқуқи исломӣ бар он ақидаанд, ки то муқаррар гардидани марги ал-мафкуд ҳуқуқҳояш қатъ нахоҳанд гашт, ҳатто муҳлати муайянро пешбинӣ накардаанд.

Ал-мафкуд дар ҳуқуқи исломӣ вобаста ба қатъи муносибатҳои оилавӣ алалхусус ақди никоҳ аз ҷониби фақеҳони исломӣ гуногун шарҳи худро ёфтааст. Дар чор мазҳаби ҳуқуқии Ҳанафия, Шофеия, Ҳанбалия ва Моликия фақеҳон далелу ҳуҷҷатҳои худро вобаста ба ин масъала пешниҳод намудаанд. Шахси ал-мафкуд эътирофшударо дар ҳуқуқи исломӣ дар ягон ҳолат муносибатҳои оилавиашро бахусус ақди никоҳашро қатъ нахоҳанд кард. Қатъ гардидани дилхоҳ муносибати шахси бедарак гумгашта, дар ҳуқуқи исломӣ танҳо дар ҳолате сар мезанад, ки марги шахси бедарак гумшуда (ал-мафкуд)-ро муҷтаҳидон муқаррар созанд.

Муқаррар кардани марги шахси бедарак гумгашта, дар фиқҳи исломӣ барои муҷтаҳидон хело мушкил ва баҳснок арзёбӣ мегардад. Зеро дар ҳолати муқаррар сохтани марги ал-мафкуд, меросгирони вай ҳуқуқи тақсими амволи ӯро пайдо хоҳанд кард, дигар масъалаи баҳсталаб ба никоҳи дигар шахс даромадани ҳамсари вай ва қатъи муносибатҳои никоҳӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки дар макотиби ҳуқуқи исломӣ ақидаҳои гуногун вобаста ба муқаррарсозии марги ал-мафкуд ҷой доранд.

Дар мазҳаби Ҳанафия, барои муқаррар сохтани марги шахси ал-мафкуд эътирофшуда, муҳлати мушаххаси аз ҷониби имомони мазҳаб аниқ муайянгардида вуҷуд надорад, онҳо лозим мешуморанд, ҳамон муҳлатеро, ки одамон дар замони муайян умр ба сар мебаранд. Яъне агар одамон дар дилхоҳ давру замон умри миёнаашон 70 ё 80 –ро ташкил диҳад, пас бояд ҳамин миқдор интизор шуд, то шахси бедарак гумгаштаро, вафотёфта эътироф кард. Ҳатто дар ин ҳолат низ ба ақидаи имомони мазҳаб, зан ҳуқуқи талаби талокро надорад. Онҳо бар он ақидаанд, ки ал-мафкуд эътироф гаштани шахс, сабаби талоқ гирифтани занро намедиҳад. Онҳо такя мекунанд, ба ҳадисе, аз Ал-Ҳаким ва Ҳаммод ибни Алӣ, ки аз забони паёмбар чунин баён доштаанд: «Зани марди бедарак гумгашта, то замони муқаррар гардидани марги вай ва ё баргаштани мард ва талаби талоқ намудан аз зани худ, зани он мард дониста мешавад». Доир ба ҳадиси саҳеҳ ё заиф будани ҳадиси дар боло овардашуда ақидаҳои гуногун ҷой доранд.

Дар сурати муқаррар нагардидани марги ал-мафкуд, тамоми ҳуқуқҳои вай нигоҳ дошта мешавад. Дар китобҳои фиқҳи исломӣ аз қабилӣ китоби ал-Умми Муҳаммади Шофеӣ, Шарҳи мухтасари мазҳаби ҳанафиён, доир ба ин масъала андешаронӣ шудааст. Танҳо дар мазҳаби Моликия каме андеша доир ба ин масъала дигар хел шарҳи худро ёфтааст, ба андешаи онҳо муқаррар кардани марги шахси ал-мафкуд эътирофгашта ба зиммаи қозӣ буда вай бояд муҳлати зиёдтаринро ба эътибор гирад ва дар сурати иттилоъ наёфтан нисбати шахс дар ин муҳлат зани вай ҳуқуқ пайдо мекунад барои талаби талоқ аз ҳамсари худ. Дар ин ҳолат зан чор сол интизор шуда, баъдан муҳлати иддаро бояд гузаронад.

Фиқҳи ҳанафӣ низ замони қадим ва муосирро дар бар мегирад. Дар замони муосир муҷтаҳидони исломӣ бо дарки масоили шаръӣ дар муқоиса бо Қуръон, ҳадис ва ривоёт, тавонистаанд, ки дар муқаррарсозии марги шахси бедарак гумгашта, каме ҳам бошад осониро ба роҳ монанд. Зеро дар масоили оилавӣ занон, ки шавҳаронашон бедарак гум гаштаанд, ба мушкилии ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Имконоти таъмин намудани аъзои оилаи шахси бедарак гумгашта яке аз масоили ташвишовар маҳсуб меёбад. Зеро то муқаррар гардидани марги вай моликияти вайро

ба касе нахоҳанд дод, аз ин ҷост ки масъалаи таъминоти зану фарзандони вайро ба уҳдаи касе вогузор намудан аз ақл берун аст.

Дар Муснади имом Молик, аз забони Умар ибни Хаттоб чунин омадааст: «Ҳар он зане, ки шавҳари вай бедарак гум гаштааст ва он зан дар хусуси маҳалли ҷойгиршавии вай маълумоте надорад, бояд шавҳарашро чор сол интизор шавад ва агар аз ӯ хабаре наомад, чор моҳу даҳ рӯзи дигар дар он зам кунад, баъд аз он ин зан аз муносибатҳои оилавӣ комилан озод аст».

Фиқҳи исломи муосир бо ба инобат гирифтани чор сол марги шахси бедарак гумшударо, яъне ал-мафкудро, муқаррар сохта, барои зан муҳлати иддаро пешбинӣ менамояд.

Гуфтаҳои боло аз он далолат менамоянд, ки Қуръон танҳо дар ҳолати марги шавҳар ва ё талоқ додан ба занон муҳлати иддаро, ки он муҳлати санҷишӣ аст ва дар раванди он зан бо дигар кас ҳаққи ба шавҳар баромадан ва ё алоқа намуданро надорад, пешбинӣ кардааст. Идда бо мақсади муайян намудани ҳамли зан ва имконияти оштӣ додани тарафҳо пешбинӣ гардидааст. Муҳлати иддаро бошад, макотиби ҳуқуқӣ аз 4 то 20 ҳафта муайян намудаанд. Қуръон дар ояи 228-уми сураи Бақара чунин равшанӣ меандозад: «Ва занони талоқгашта дар ҳаққи худ муддати се қуръ (ҳайз ва ё тухр) идда мепоянд».

Дар ин оят муддати иддаи занони талоқшуда, ҳаққи бозгашти шавҳаронашон ба сӯи онҳо дар муддати идда ва бахше аз ҳуқуқҳои шаръии занон баён гардидааст. Занон пас аз талоқ шуданашон муддати се қуръ, ки баъзе донишмандон онро ҳайз ва дигарон покӣ донистаанд, идда мепоянд. Аз назари шариати Ислом занон пас аз ҷудо шудан аз шавҳаронашон ҳатман бояд як муддате барои муайян шудани вазъи бордор будан ва ё набуданашон аз шавҳар кардан бозистанд[1].

Дар ин ҷо иддаи занон то се бор пок шудани онҳо аз ҳайз, ки он тахминан 3 моҳи тақвимиро дар бар мегирад, таъкид мешавад. Сураи талоқ ояти 4 муҳлати иддаи занони ҳамиларо то вақти тавлиди фарзанд ва заноне, ки бемории занона надоранд, се моҳ муқаррар кардааст.

Дар сурати вафот кардани шавҳари зан, зан бояд иддаи вофоти шавҳарашро бипояд. Қуръон дар ин хусус чунин таъкид мекунад: «Ва онҳое, ки аз миёни шумо вафот менамоянд ва пас аз худ заноне бар ҷой мегузоранд, чаҳор моҳу даҳ рӯз бо худ интизорӣ мекашанд»[2].

Ҳамин тариқ, раванди таҳлили мақолаи мазкур нишон дод, ки ҳар он масъалае, ки дар Қуръон, мавриди танзим қарор нагирифтааст, барои Уммати Ислом мушкилоти ҷиддиро ба бор меоварад. Зеро Қуръон ягона сарчашмаи бебаҳс маҳсуб меёбад. Танзими институти бедарак гумгашта эътироф намудани шахс (ал-макуд) дар ҳуқуқи исломӣ, баҳсу мунозираҳоро байни олимон ба вуҷуд овардааст. Зеро ояти мушаххасе, ки ба ин институт ишора намояд нозил нагаштааст. Ҳар яке аз муҷтаҳидони макотиби ҳуқуқи исломӣ дар асоси ҳадисоту ривоёт масъалаи макурро шарҳ додаанд. Вале нодуруст маънидод намудани институти мазкур, метавонад зарари ҷиддӣ ба муносибатҳои оилавӣ расонад, алалхусус ба муносибатҳои никоҳӣ расонад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дониши таърихӣ-ҳуқуқӣ барои устувории маърифати ҳуқуқӣ ва таҳкими қонуният замина мегузорад.

[1] Абдушарифи Боқизода. Тафсири навини Қуръони карим. Ҷ. 1. – Душанбе: «ЭР-Граф», 2012. – С. 376.
[2] Сураи Бақара, ояти 234.

**ТДУ 340.114.5**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ - ОМИЛИ РУШД ВА ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ҲУҚУҚӢ

## ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ – ФАКТОР РАЗВИТИЯ И ФОРМИРОВАНИЯ ПРАОВОВГО МЫШЛЕНИЯ

**РАҲМАТШОЗОДА САНГИНМУРОД РАҲМАТШО**
*Омӯзгори калони кафедраи бехатарӣ аз сӯхтори факултети № 5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*

Маърифат раванди фаъолонаю мақсадноки инъикоси воқеият дар тафаккури инсон буда, маърифати ҳуқуқӣ бошад, ифодагари донишҳои ҳуқуқӣ, дарки қонун, донистан ва риоя кардани он буда, пеш аз ҳама маҷмӯи андешаҳои одамон дар бораи қонун, татбиқи он ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад, ки дар шакли дониш, эътиқод, меъёрҳо ва муносибатҳои аз ҷониби ҷомеа қабулшуда ташаккул ёфтааст. Оид ба мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ нуқтаҳои назари мухталиф ҷой доранд. Яке аз мафҳумҳои маъмул, ки аз ҷониби И.А. Иванников пешниҳод гардидааст чунин мебошад: «Маърифати ҳуқуқӣ ин раванди паҳн кардани донишҳои ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ мебошад, ки ба афзоиши фарҳанги ҳуқуқии онҳо, эҳтироми қонун, адолат ва қонуният мусоидат мекунад»[1].

В. Барыкина бошад изброз менамояд, ки «Маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа паҳн намудани дониш дар бораи ҳуқуқ ва тавзеҳи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, инчунин амалияи татбиқи онҳо бо мақсади ба вуҷуд овардани боварӣ ба зарурати риояи меъёрҳои қонунҳо ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад»[2].

Мусаллам аст, ки зимни ирои Паёми солонаи худ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024 - ро “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон намуданд. Аз ин рӯ, яке аз мақсадҳои асосӣ аз эълон доштани “Соли маърифати ҳуқуқӣ” пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии шаҳрвандон дар самти ҳуқуқ ва риояи қонунҳо, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ мебошад.

Асосан мувофиқи Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари соҳибихтиёрию демократӣ ва дунявӣ будан, давлати ҳуқуқбунёд низ мебошад. Ибтидои асосии ҳар як давлати ҳуқуқбунёд ин алоқамандии он бо қонун ва ҳуқуқ аст. Ҳуқуқ бо давлат дар робитаи ногусастанӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, эълони соли 2024 ба муносибати 30-умин солгарди қабули Конститутсия ҳамчун Соли маърифати ҳуқуқӣ ба тааҳҳудоти Ҳукумат ва давлати Тоҷикистон ба парвариши ҷомеае, ки ҳомии ҳокимияти қонун ва тарғибгари арзишҳои демократӣ бошад таъкид мекунад. Эъломияи мазкур на танҳо як марҳалаи муҳими таърихи конститутсионии Тоҷикистонро таҷлил мекунад, балки содиқ будани ҳукуматро барои баланд бардоштани дониш ва огоҳии ҳуқуқии шаҳрвандон бори дигар тасдиқ мекунад.

---

[1] Иванников, И.А. Теория государства и права: учебник. - М.: РИОР; Инфра-М: Академцентр, 2012. – С. 280

[2] Барыкина, М.В. Взаимодействие органов прокуратуры с Уполномоченным по правам человека в рамках правового просвещения и правовой пропаганды // Экономика и право. XXI век. – 2013. – № 1. – С. 58.

Пас, анҷом додани ин тадбирҳо арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро таъмин намуда, ба эҳтиром ва риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, тақвияти рағбати шаҳрвандон ба донишҳои соҳаи ҳуқуқ, васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ, иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва паст гардидани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат менамояд.

Ба таври дигар метавон иброз дошт, ки мақсад ва ҳадафи эълон намудани соли маърифати ҳуқуқӣ ба татбиқи амалҳои зерин вобастагии зич дорад:

– тарғиби арзишҳои ҳуқуқӣ ва демократӣ ва дар ин замина мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона ба он;

– баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, дарки масъулияти ҳуқуқӣ;

– васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ ва ба ин васила тақвияти зеҳнияти ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар.

Дар ин замина, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон иҷрои тадбирҳои зеринро саривақтӣ ва муҳим донистанд:

1) Дар барномаи муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи ва олии касбӣ дохил намудани фанҳои ҳуқуқшиносӣ;

2) Ташкили низоми огоҳонии шаҳрвандон аз ҳуқуқҳояш ва амалҳои зарурии ҳимояи ин ҳуқуқҳо ва дар ин замина тақвият додани корҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ дар асоси ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;

3) Таъмини мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо нашрияи расмии иттилоотӣ-ҳуқуқӣ.

Боиси таъкид аст, ки муҳимтарин арзишҳои демократӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон озодӣ, ҳуқуқи инсон ва сулҳу суботи давлат маҳсуб мёебанд. Аз ин рӯ, эҳтироми ҳуқуқи инсон заминаи асосии фаъолияти субъектони ҷомеаи демократӣ буда, чунин ҷомеа бидуни эҳтиром ва риояи ҳуқуқ вуҷуд дошта наметавонад. Зеро, дар ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва демократӣ риоя, амалӣ ва истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ниҳоят муҳим аст.

Аз ҷониби дигар, аз  назари олимону ҳуқуқшиносон, бе иштироки шаҳрвандони фаъол, ки аз ҳуқуқҳои худ бохабар ҳастанд, бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ғайриимкон аст. Ҷавҳари ҷомеаи шаҳрвандӣ бо асли риояи ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун устувор мебошад. Шаҳрванде, ки аз ҳуқуқҳои худ огоҳ аст, метавонад ҳамчун шахси соҳибмаърифат дар рушд ва пешрафти рӯзгори худу хонавода ва  ҷомеа саҳм гузорад.

Таҷрибаи кишварҳои мутамаддин нишонаи он аст, ки рушди низоми демократӣ ва амалӣ гардидани иродаи халқ дар сатҳи ҳокимият аз сатҳи маърифати ҳуқуқии тамоми қишрҳои ҷомеа вобастагӣ дорад.

Воқеан, вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва сатҳи тафаккури ҷомеа тақозо менамояд, ки дар раванди фаъолияти қонунэҷодкунӣ талаботи ҷомеа ва манфиатҳои миллӣ ба инобат гирифта шавад.

Албатта, рушди ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа аз сатҳу сифати санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ вобастагии зиёд дорад. Имрӯз, ки мо дар раванди амалӣ гардидани ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ қарор дорем, зарур аст, ки санадҳои меъёрии соҳавие қабул шаванд, ки дар ҳама самтҳо масъулият ва ҷавобгарии тарафайнро мушаххас намоянд. Фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ дар раванди ташаккул ва рушди маърифати ҳуқуқӣ таъсири амиқ мегузорад. Аз ин рӯ, мо бояд насли наврасро дар руҳияе тарбия намоем, ки рафтори мукаммали ҳуқуқӣ дошта бошад.

Яъне рафтори мо бояд ҳуқуқӣ бошад. Зеро рафтори ҳуқуқӣ натиҷаи маърифати ҳуқуқии ташаккулёфта мебошад. Ба маънои дигар, рафтори ҳуқуқӣ рафтори шаҳрванди қонунриоякунанда аст.

Масалан, дар муассисаҳои таълимӣ рафтори ҳуқуқии донишҷӯёнро танҳо дар сурате ташаккул додан мумкин аст, ки агар барои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои таълимӣ маърифати умумии ҳуқуқӣ фароҳам оварда шавад.

Табиист, ки дар ҷаҳони зудтағирёбанда ва мураккаби муосир хатари тафаккури ифротгароӣ ба раванди давлатдории кишварҳо таъсири манфӣ мегузорад. Ба мушоҳида мерасад, ки дар бархе кишварҳои олам ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро ба зиндагии озодона ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон таҳдид намуда, боиси шиканҷаи мардум, ихтилофи ҷомеа ва ниҳоят хунрезӣ, ҷабру зулм ва куштори одамони бегуноҳ мегарданд.

Аз ин рӯ, илму маърифат дар пешгирии хатарҳои номатлуб, аз ҷумла тафаккури хурофотӣ ва ифротгароӣ нақши калидӣ доранд. Пас, фарогир будан бо донишҳои устувор ва тафаккуру ҷаҳонбинии илмӣ барои дарки худогоҳию хештаншиносӣ ва устувории ҳаёти маънавию иҷтимоии башарият мусоидат карда, зиндагии шоиставу босуботро таъмин месозад.

Албатта, дар ҳар давру замон, ноустувории илму маърифат ва истифодаи нодурусти фарҳанги ғайр боиси падид омадани таассубу ҷаҳолат, тундравӣ, ҷангу бадбахтиҳо ва нобудшавии табиату инсоният шуда метавонад. Аз ин рӯ, яке аз василаҳои асосии муқовимат бо ин падидаҳои хатарнок ва нобудсоз фарогирии ҷомеа бо илму маърифти баланд маънидод мегардад.

Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомали Раҳмон доимо таъкид менамоянд, ки: “Ҷавонон бояд дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб кунанд, рафтору кирдорашонро ба манфиати худ, оила, давлат ва ҷомеа ба роҳ монда, бо истифода аз фазои сулҳу оромии кишвар ва имкониятҳои фароҳамовардаи давлат ба касбомӯзӣ ва аз худ намудани илму дониш машғул шаванд”[1].

Имрӯз, дар ҳоле, ки ҷаҳон мувоҷеҳи хатарҳои зудпаҳншавандаву зудфарогир ва низоъу равандҳои мураккабу печида аст, мо тавонистем таҳти роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суботу оромӣ ва сулҳу ваҳдати кишварро муназзам нигоҳ дорем ва ин омили муҳим сарчашмаи саодату хушбахтӣ ва рафоқату осудагӣ маҳсуб меёбад. Пас, дар оянда низ ҳифзи ин неъматҳои бузарг рисолати мо шаҳрвандони кишвар дониста мешавад. Маҳз, дар ин васила Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд намуданд, ки “Ояндаи Тоҷикистон низ маҳз аз сатҳи маърифати мардум ва пешрафти илму техника вобаста буда, ҷалби ҷавонону наврасон ба илму дониш ва касбу ҳунар бояд дар маркази таваҷҷуҳи ҳамаи аҳли ҷомеа қарор дошта бошад” .

Бо назардошти ин таъкидҳо, набояд фаромӯш созем, ки дар пешрафту тараққиёти ҳама кишварҳои дунё, аз ҷумла кишвари мо низ олимон ва ходимони илм нақши муассир доранд. Воқеан, ҳар қадом намояндаи ҷодаи илму маърифат, ки ба рушди илм дар кишвар мувазэаф аст, бояд дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли наврас саҳмгузор бошанд.

Дар марҳилаи кунунии Истиқлоли давлатӣ ҳама шароит ҷиҳати омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунар барои мо муҳайёст. Танҳо дарки худогоҳиву хештаншиносӣ ва иҷрои рисолату масъулиятшиносӣ зарур аст, ки моро ба зиндагии шоиста, дарки баланди маърифати ҳуқуқӣ ва орому субот расонида тавонад.

Ҳамин тариқ, дар замони Истиқлоли давлатӣ моро зарур аст, ки дар пешрафту тариққиёт ва муаррифии кишвари азизамон саҳмгузор бошем. Пеш аз ҳама дониш омӯзем, ҷаҳонбинӣ ва зеҳнияту тафаккури илмиамонро тақвият бахшем, ба

[1] Сомонаи расмӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ]: - Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 08.07.2024).

муқаддасоти миллӣ арҷ гузорем, аз таъриху фарҳангу забони пурғановатамон бархурдор бошем ва ҳамеша барои ҳифзи манфиатҳои давлатӣ, марзу буми кишвар, Истиқлолу Ваҳдати миллиамон омода бошем.

**УДК 351.74/.76**

# К ВОПРОСУ О ЗАКОНОДАТЕЛЬНОМ РЕГУЛИРОВАНИИ ПРОХОЖДЕНИЯ СЛУЖБЫ В ОРГАНАХ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ В ГОСУДАРСТВАХ-УЧАСТНИКАХ СНГ

**Розикзода Бахтиер**
*Адъюнкт кафедры управления деятельностью подразделений обеспечения охраны общественного порядка центра командно-штабных учений Академии управления МВД России*
e-mail: bakhtiyor.mvd@mail.ru

Совершенствование административного и административно-процессуального законодательства в Российской Федерации, Республики Таджикистан и иных государствах-участников Содружества Независимых Государств (далее- СНГ) связано с развитием правовых представлений о службе в органах внутренних дел[1]. В этих условиях необходимо учитывать положительный зарубежный опыт для того, чтобы сделать нормативно-правовую базу прохождения службы в органах внутренних дел Таджикистана стройной и непротиворечивой, обеспечить тем самым эффективность исполнения ими своих служебных обязанностей[2].

Вопросы управления персоналом органов внутренних дел стран СНГ, в том числе и правового регулирования прохождения службы сотрудниками органов внутренних дел, рассматривали в своих работах Н.В. Сердюк, Ф.Р. Шарифзода, А.А. Урбанович, Н.В. Ходякова, И.С. Скляренко, Т.В. Мальцева, Т.В. Михайлова, С.Н. Абдуллозада, С.С. Анисина, Н.Б. Бааль, Е.М. Бимолданов, О.М. Боева, Е.А. Сумина, О.С. Возженикова, М.М. Байдаев, Ю.Н. Кофтина, М.А. Благовещенская, А.А. Зайырбекова, О.А. Терегулова, Е.С. Федотова, М.В. Храмова, А.В. Метелев, О.И. Кравцов, Р.Р. Ковеев, однако целы ряд вопросов данной проблемы остаются недостаточно исследованными[3]. В условиях изменения качественных характеристик преступности тенденция дальнейшего развития правоохранительной работы обусловлена необходимостью использовать нераскрытые до конца возможности совершенствования системы отбора, подготовки и непрерывного повышения квалификации сотрудников, реализующих правоохранительную функцию. говорит в своей работе Ф.Р. Шарифзода[4].

---

[1] Редкоус, В.М. Административно-правовые режимы, устанавливаемые в целях обеспечения государственной безопасности / В. М. Редкоус // Труды Академии управления МВД России. – 2023. – № 1(65). – С. 48-55.

[2] Организация охраны общественного порядка и обеспечения общественной безопасности: учебник: в 2 частях. Ч. 1. / В. А. Милехин, Ю. Н. Носатов, А. В. Шевцов [и др.]. – М.: Академия управления МВД России, 2023. – 360 с..

[3] Управление персоналом органов внутренних дел стран Содружества Независимых Государств: учебник / Н. В. Сердюк, Ф. Р. Шарифзода, А. А. Урбанович [и др.]. – М.: ООО «Русайнс», 2024. – 298 с.

[4] Шарифзода, Ф.Р. Совершенствование системы подготовки кадров органов внутренних дел Республики Таджикистан для решения задач противодействия внутренним угрозам национальной

Прохождение службы в органах внутренних дел связано с распространением на граждан специального административно правового статуса, установлением для них специальных обязанностей и прав, а также наложение ряда ограничений и запретов[1].

В качестве положительной тенденции развития законодательства о прохождении службы в органах внутренних дел в государствах – участниках СНГ следует назвать наличие нескольких законодательных актов, в том числе специализированного закона, в которых бы регламентировались вопросы прохождения службы сотрудниками ОВД[2].

К этим странам можно отнести, например, Российскую Федерацию, Азербайджанскую Республику, где действуют, Федеральный закон от 7 февраля 2011 г. № 3-ФЗ «О полиции»[3] и Федеральный закон от 30 ноября 2011 г. № 342-ФЗ «О службе в органах внутренних дел Российской Федерации и внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации»[4], а также Закон Азербайджанской Республики от 29 июня 2001 г. № 168-IIQ «Об утверждении Положения о прохождении службы в органах внутренних дел Азербайджанской Республики»[5] и Закон Азербайджанской Республики от 28 октября 1999 г. № 727-IQ «О полиции»[6].

В Законе Азербайджанской Республики от 28 октября 1999 г. № 727-IQ «О полиции» глава IV называется «Основы прохождения службы в полиции» и включает следующие статьи: Статья 28. Принятие сотрудника полиции на службу; Статья 29. Присяга сотрудника полиции; Статья 30. Специальные звания сотрудников полиции; Статья 31. Поощрение сотрудника полиции; Статья 32. Деятельность, не совместимая со службой в полиции; Статья 33. Ответственность сотрудника полиции; Статья 34. Отстранение сотрудника полиции от службы.

В Республике Беларусь основными нормативными правовыми актами являются Закон Республики Беларусь от 17 июля 2007 г. № 263-З «Об органах внутренних дел Республики Беларусь»[7] и Указ Президента Республики Беларусь от 15 марта 2012 г. № 133 «О вопросах прохождения службы в органах внутренних дел Республики Беларусь»[8].

---

безопасности / Ф.Р. Шарифзода // Вестник Академии МВД Республики Беларусь. – 2023. – № 2(46). – С. 216.

[1] Кирюхин, В.В. Участие граждан в охране общественного порядка: в поисках разумного баланса / В. В. Кирюхин // Закон и правопорядок в Третьем тысячелетии: IX Балтийский юридический форум. Материалы международной научно-практической конференции, Калининград, 12 декабря 2020 года. – Калининград: Калининградский филиал Санкт-Петербургского университета МВД России, 2021. – С. 93-94. – EDN YZBPYD.

[2] Организация охраны общественного порядка и обеспечения общественной безопасности : Учебник: в 2 частях. Ч. 2 / В. А. Милехин, Ю. Н. Носатов, А. В. Шевцов [и др.]. – М.: Академия управления МВД России, 2023. – 312 с.

[3] Федеральный закон от 7 февраля 2011 г. № 3-ФЗ «О полиции» // Собрание законодательства Российской Федерации. – 2011. – № 7. – Ст. 900.

[4] Федеральный закон от 30 ноября 2011 г. № 342-ФЗ «О службе в органах внутренних дел Российской Федерации и внесении изменений в отдельные законодательные акты Российской Федерации» // Собрание законодательства Российской Федерации. – 2011. – № 49 (часть I). – Ст. 7020.

[5] Закон Азербайджанской Республики «Об утверждении Положения о прохождении службы в органах внутренних дел Азербайджанской Республики» от 29 июня 2001 г. № 168-IIQ // Сборник законодательных актов Азербайджанской Республики. – 2001. – № 7. – Ст. 453.

[6] Закон Азербайджанской Республики «О полиции» от 28 октября 1999 г. № 727-IQ // Сборник законодательных актов Азербайджанской Республики. – 1999. - № 11. – Ст. 611.

[7] Закон Республики Беларусь «Об органах внутренних дел Республики Беларусь» от 17 июля 2007 г. № 263-З // Национальный реестр правовых актов Республики Беларусь от 24 июля 2007 года, №173, 2/1360.

[8] Указ Президента Республики Беларусь «О вопросах прохождения службы в органах внутренних дел Республики Беларусь» от 15 марта 2012 г. № 133 // Национальный реестр правовых актов Республики Беларусь от 21 марта 2012 года, № 34, 1/13388.

В Республике Узбекистан действует Закон Республики Узбекистан от 16 сентября 2016 г. № ЗРУ-407 «Об органах внутренних дел»[1]. Глава 6 Закона Республики Узбекистан называется «Порядок и условия прохождения службы в органах внутренних дел» и включает такие статьи, как: Статья 25. Обеспечение равенства прав граждан при прохождении службы в органах внутренних дел; Статья 26. Прием на службу в органы внутренних дел; Статья 27. Присяга сотрудника органа внутренних дел; Статья 28. Сотрудники органов внутренних дел; Статья 29. Специальные звания сотрудников органов внутренних дел; Статья 30. Служба в органах внутренних дел; Статья 31. Подготовка и переподготовка сотрудников органов внутренних дел; Статья 32. Увольнение со службы сотрудника органа внутренних дел; Статья 33. Гарантии при избрании (назначении, откомандировании) сотрудника органа внутренних дел в другие органы и организации.

В Туркменистане действует Закон Туркменистана от 21 мая 2011 г. № 195-IV «Об органах внутренних дел Туркменистана»[2], который содержит главу V «Прохождение службы в органах внутренних дел». В неё входят следующие статьи: Статья 23. Кадры органов внутренних дел и прохождение ими службы; Статья 24. Ограничения, связанные со службой в органах внутренних дел; Статья 25. Обязанности сотрудников органов внутренних дел; Статья 26. Права сотрудников органов внутренних дел; Статья 27. Специальные звания сотрудников органов внутренних дел; Статья 28. Приём на службу в органы внутренних дел и увольнение со службы; Статья 29. Предельный возраст пребывания на службе в органах внутренних дел; Статья 30. Рабочее время и право на отдых служащих органов внутренних дел; Статья 31. Денежное содержание сотрудников органов внутренних дел; Статья 32. Дополнительные выплаты сотрудникам органов внутренних дел.

Раздел VII Закона Украины от 2 июля 2015 года №580-VIII «О Национальной полиции»[3] называется «Общие положения прохождения службы в полиции» и содержит статьи, посвященные службе в полиции; правовом регулировании службы в полиции; ограничениям, связанным со службой в полиции; гарантиям профессиональной деятельности полицейского; контракту о прохождении службы в полиции; присяге работника полиции; перемещению полицейских; служебному совместительству полицейских; пребыванию полицейских в распоряжении; и т.д.

Достаточно интересен опыт правового регулирования прохождения службы в органах внутренних дел  Республики Казахстан, где действует Закон Республики Казахстан от 6 января 2011 г. № 380-IV ЗРК «О правоохранительной службе» (далее – Закон РК)[4]. Данный Закон регулирует общественные отношения, связанные с поступлением на правоохранительную службу Республики Казахстан, ее прохождением и прекращением, а также определяет правовое положение (статус), материальное обеспечение и социальную защиту сотрудников правоохранительных органов Республики Казахстан. Правоохранительная служба - особый вид государственной службы на должностях правоохранительных органов, а также прохождение службы в случаях, предусмотренных статьей 44 данного Закона РК.

Закон РК содержит ряд глав, посвященных прохождению правоохранительной службы: Глава 4. Специальные звания или классные чины; Глава 5. Назначение на должность, перемещение и выдвижение по службе в правоохранительных органах;

[1] Закон Республики Узбекистан «Об органах внутренних дел» от 16 сентября 2016 г. № ЗРУ-407 // Собрание законодательства Республики Узбекистан. – 2016. – № 38 (746). – Ст. 438.

[2] Закон Туркменистана «Об органах внутренних дел Туркменистана» от 21 мая 2011 г. № 195-IV // Ведомости Меджлиса Туркменистана. – 2011. – № 2 (1004).

[3] Закон Украины «О Национальной полиции» от 2 июля 2015 г. № 580-VIII // Ведомости Верховной Рады Украины. – 2015. – № 40-41, стр. 1970. – Ст. 379.

[4] Закон Республики Казахстан «О правоохранительной службе» от 6 января 2011 г. № 380-IV ЗРК // Казахстанская правда. – 2011. – 19 января. – № 17-18 (26438-26439).

Глава 6. Аттестация; Глава 10. Отпуска; Глава 11. Прекращение службы в правоохранительных органах.

В Республике Таджикистан действует Закон Республики Таджикистан от 17 мая 2004 г. № 41 «О милиции»[1], в котором вопросам правового регулирования прохождения службы уделен целый ряд статей в рамках главы 5 «Служба в милиции». Также с прохождением службы в милиции связана и глава 6 Закона Республики Таджикистан от 17 мая 2004 г. № 41 «О милиции», которая называется «Правовая и социальная защита сотрудника милиции и включает 10 статей.

Достаточно полно вопросы прохождения службы в органах внутренних дел Таджикистана регламентированы Положением о прохождении службы рядовым и начальствующим составом органов внутренних дел Республики Таджикистан, утв. Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 5 апреля 2005 г. № 137[2]. Бланкетность норм Закона РТ «О милиции» компенсирована более тщательной правовой регламентацией основных  институтов прохождения службы в Положении о прохождении службы рядовым и начальствующим составом органов внутренних дел Республики Таджикистан.

В этом Положении, кроме общих положения (глава 1), урегулированы следующие вопросы: прием на службу и перемещение по службе сотрудников органов внутренних дел (глава 2); порядок присвоения специальных званий рядового и начальствующего состава органов внутренних дел (глава 3); служебная дисциплина (глава 4); условия прохождения службы (глава 5); прекращение службы в органах внутренних дел (глава 6); пенсионное обеспечение сотрудников органов внутренних дел (глава 7). Кадровый потенциал органов внутренних дел, при условии эффективного управления им, становится стратегическим ресурсом активного противодействия внутренним угрозам национальной безопасности в рамках проводимого реформирования и современных требований к правоохранительной деятельности, делают справедливый вывод Ф.Р. Шарифзода, А.Д. Ульянов, М.С. Шарифзода[3].

По нашему мнению, залог эффективности правового регулирования прохождения службы в ОВД Республики Таджикистан заключается в единстве материальных и процессуальных административно-правовых основ прохождения службы в ОВД, их взаимосвязи с общими началами правового регулирования прохождения государственной службы в Республике Таджикистан, учете в механизме правового регулирования правового регулирования прохождения службы в ОВД Республики Таджикистан особенностей предназначения ОВД Республики Таджикистан и характера оперативно-служебной деятельности их сотрудников. И в этом нам могут помочь результаты сравнительно-правового исследования законодательств государств – участников СНГ в области охраны общественного порядка и обеспечения общественной безопасности, а также национальной безопасности в целом[4].

---

[1] Закон Республики Таджикистан «О милиции» от 17 мая 2004 г. № 41 // URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=8251 (дата обращения: 10.01.2024).

[2] Постановление Правительства Республики Таджикистан «Об утверждении Положения о прохождении службы рядовым и начальствующим составом органов внутренних дел Республики Таджикистан» от 5 апреля 2005 года № 137 // URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=8296 (дата обращения: 10.01.2024).

[3] Шарифзода, Ф. Р. Кадровый потенциал органов внутренних дел как стратегический ресурс противодействия внутренним угрозам национальной безопасности Республики Таджикистан / Ф. Р. Шарифзода, А. Д. Ульянов, М. С. Шарифзода // Труды Академии управления МВД России. – 2019. – № 2(50). – С. 111.

[4] Редкоус, В.М. К вопросу об актуальных направлениях совершенствования правового регулирования общественных отношений в сфере обеспечения национальной безопасности Российской Федерации / В.М. Редкоус // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Юридические науки. – 2006. – № 1. – С. 15-28.

**ТДУ 37.014.3**

# МАСЪАЛАИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАКОН ДАР ПАРТАВИ СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БАХШИДА БА РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ

## ПРОБЛЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ ДЕТЕЙ В СВЕТЕ ВЫСТУПЛЕНИЙ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА, ПОСВЯЩЕННЫХ ДНЮ ЗНАНИЙ И УРОКУ МИРА

**САИДЗОДА САИДШОХ САИД**
*Сардори шуъбаи таълими Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия*
E-mail: z_said_76@mail.ru

**АБДУЛАҲАДЗОДА АБДУЛВОҲИД АБДУЛАҲАД**
*Сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқи граждании факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия*
E-mail: vjhid.0303@mail.ru

Чун анъана дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳамасола дар оғози соли нави таҳсил бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва тамоми субъектони соҳаи маорифи ҷумҳурӣ Рӯзи дониш ва Дарси Сулҳ таҷлил мегардад.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 1 сентябри соли 2024 бахшида ба Рӯзи Дониш ва Дарси Сулҳ дар назди кормандон ва таълимгирандагони ҳама зинаҳои таҳсилоти низоми кишвар суханронӣ намуда, бо олимону омӯзгорон ва донишҷӯёну хонандагон мулоқот баргузор намуданд. Пешвои миллат ҳамагонро ба муносибати Рӯзи Дониш самимона табрик намуда, ҳамзамон дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои муҳими соҳаи маорифи кишварро мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар ин радиф ба масъалаҳои таҳкими муносибатҳои соҳаи маориф, баланд бардоштани мавқеъ ва мақому манзалати омӯзгор, инчунин бартараф намудани камбудиҳои соҳа ба мақомоти дахлдори давлатӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Бахши муҳиме, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он изҳори нигаронӣ намуданд, ин вазъи таълиму тарбияи ноболиғону ҷавонон ва ҳуқуқвайронкуниҳо миёни онҳо мебошад, ки айни замон яке аз масъалаҳои ташвишовар дар ҷумҳурӣ масҳуб меёбад. Қайд гардид, ки бо вуҷуди чораандешиҳои зиёд бахри таълиму тарбияи ноболиғон, инчунин пешгирии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо ҳоло ҳам масъалаи мазкур нигаронкунанда боқӣ мондааст.

Пешвои миллат таъкид намуданд, ки аҳли маорифро зарур аст, ки низоми таълиму тарбия ва мактабу маорифро дар заминаи сарватҳои бебаҳои маънавию ахлоқӣ, таърихиву фарҳангӣ, анъанаҳои деринаи тарбиявии халқамон ва бо дарназардошти тақозои замони муосир, ниёзҳои давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва арзишҳои умумибашарӣ пеш баранд.

Чунки аҷдодони мо аз замонҳои қадим ба масъалаи таълиму тарбия, аз ҷиҳати моддӣ таъмин кардан ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакону ноболиғон диққати махсус зоҳир мекарданд. Дар ин бора аз бузургони гузаштаи мо осори гаронбаҳое боқӣ мондааст[1].

[1] Аз қабили: «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ ва ғайраҳо.

Ҳамзамон ба устодону омӯзгорон ва падару модарон такроран таъкид намуданд, ки ба масъалаи таълиму тарбияи наслҳои наврас, яъне фарзандон эътибори ҷиддӣ диҳанд, барои онҳо шароити беҳтарин муҳайё кунанд, то ки онҳо бесавод намонанд, хонанд, соҳиби илму дониш ва касбу ҳунар шаванд, дар оянда муҳтоҷи дигарон нагарданд ва Тоҷикистони азизамонро соҳибӣ карда, онро ободу пешрафта гардонида тавонанд.

Аз таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълум мегардад, ки ӯ эътимоду боварии зиёд ба ду ниҳоди муҳими таълиму тарбия, яъне устодону омӯзгорон ва падару модарон (оила) доранд. Воқеан агар устодону омӯзгорон ва волидон таълиму тарбияи кӯдакро дуруст ба роҳ монанд пеши роҳи ҳама гуна ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ гирифта шуда, ноболиғон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ тарбия гирифта ба воя мерасанд.

Боиси таъкид аст, ки таълиму тарбияи дуруст нагирифтан ва ба ҳуқуқвайронкунӣ даст задани ноболиғону ҷавонон дар ҳар давру замон яке аз мушкилоти муҳими ҷомеа ба ҳисоб меравад. Давлат, ҷомеа ва падару модарон намехоҳанд, ки кӯдак (фарзанд) каҷрафтор шавад ба ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ даст занад. Аммо мутаассифона дар баъзан мавридҳо бо сабаби иҷро накардани уҳдадориҳои худ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ, фароҳам наовардани шароити зарурӣ барои рушду такомули онҳо, беназорат мондани кӯдакон ва дигар сабабҳо, онҳо ба ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ даст мезананд.

Боиси таъкид аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи таълиму тарбия ва ҳимояи манфиатҳои кӯдакон (ноболиғон) таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад. Тахти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат қарор доштани кӯдак, дар сатҳи конститутсионӣ кафолат дода шуда, масъул будани падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон, муқаррар шудааст[1].

Ҷиҳати татбиқи кафолатҳои конститутсионии мазкур ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳимояи манфиатҳои кӯдакону ноболиғон таълиму тарбияи дурусти онҳо як қатор санадҳои байналмилалӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва қонуну қарор ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар субъектони дахлдор ба тасвиб расидаанд[2].

Чихеле, ки Пешвои миллат дар рӯзи Дониш қайд намуданд дар давраи соҳибистиқлолӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар кишвар сохтмону азнавсозии 3 ҳазору 648 бинои муассисаи таълимӣ барои як миллиону 600 ҳазор хонанда анҷом дода шуд.

Дар натиҷа қисми зиёди мактабҳои аз замони гузашта боқимонда ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ гардонида, ба мактабҳои замонавӣ табдил дода шуданд, мактабҳои навбунёд бо беҳтарин шароиту имкониятҳо таъмин гардиданд ва ин кор ҳоло бомаром пеш рафта истодааст.

Соли 2024 сохтмону азнавсозии 370 бинои муассисаи таълимӣ барои беш аз 150 ҳазор хонанда пешбинӣ гардида, корҳо дар ин самт идома дорад.

Танҳо дар шаш моҳи соли 2024 дар мамлакат 37 бинои муассисаи таълимӣ барои 15 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуда, сохтмони 200 бинои муассисаи

[1] Ниг.: Моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.2021, тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз 26 сентябри соли 1999, аз 22 июни соли 2003, аз 22 майи соли 2016.

[2] Ниг.: Конвенсияи байналмилалӣ «Оид ба ҳуқуқи кӯдак», ки бо қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № 803 аз 26 июни соли 1993 ратификатсия карда шудааст; Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998; Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», аз 1 марти соли 2005; "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд 2 августи соли 2011; «Дар бораи ҳимояи ғизодиҳии табиии кӯдакон» ва ғ.

таълимӣ барои беш аз 60 ҳазор хонанда бомаром ҷараён дорад, ки то охири соли равон мавриди истифода қарор дода мешавад[1].

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи таълиму тарбияи фарзанд нигоҳи хоса доранд. Дар ҳар як баромаду суханрониҳояшон вобаста ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Ҳангоми ироаи паёми худ ба Маҷлиси Олӣ ба падару модарон муроҷиат карда, аз онҳо хоҳиш намуданд, ки ба таълиму тарбияи фарзандон аҳаммияти аввалиндараҷа диҳанд[2].

Бо вуҷуди чунин таваҷҷуҳ ва чораандешӣ ҷиҳатии таълиму тарбияи кӯдакону ноболиғон ва ғамхориҳои давлату Ҳукумат дар ин самт то ҳол мушкилот ҷой дорад. Яке аз чунин мушкилот ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят даст зададни баъзе аз ноболиғон мебошад.

Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ю.А. Раҳмон дар нишасти матбуотӣ моҳи августи соли 2024 иброз намуд, ки барои вайрон кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» 3089 нафар ба ҷавобгарӣ кашида шуда, 138 ҳолати монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии асосӣ ва 230 таълимоти ғайриқонунии динӣ бо ҷалби 329 нафар (177 нафар ноболиғон) ошкор ва чораандешӣ карда шуд[3].

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар аз санаи 21.05.2021 ёдовар шуда буданд, ки тибқи маълумот танҳо дар соли 2020 аз ҷониби ҷавонон ё бо иштироки онҳо беш аз 4900 ҷиноят содир шудааст, ки қисми зиёди онро ҷавонони бекор содир намудаанд.

Вақтҳои охир нисбат ба 1660 нафар шаҳрвандони то 30 сола, ки 41 нафари онҳо ноболиғ мебошанд, барои иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар ҳудуди кишварҳои хориҷӣ парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шудаанд.

Дар панҷ соли охир аз ҷониби ноболиғон ё бо иштироки онҳо 4437 ҷиноят содир гардидааст.

Ҳарчанд ки шумораи ҷиноятҳои дар соли 2020 содиршуда нисбат ба соли 2019 қариб 16 фоиз кам шудааст, вале 754 ҳолати ҷинояти аз ҷониби ноболиғон содиршуда ҳанӯз ҳам ташвишовар мебошад[4], ки масъалаи содиркунии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят аз ҷониби ноболиғон ҳоло ҳам ташвишовар мебошад.

Бояд қайд намуд, ки ғайр аз шумораи ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон содиршуда онҳо инчунин ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ низ даст мезананд. Омори ҷиноятkoрии ноболиғон ва ҳуқуқвайронкуниҳо, ки дар боло оварда шуд, аз он шаҳодат медиҳад, ки воқеан вазъияти кунунӣ дар байни ноболиғону ҷавонон ташвишовар мебошад ва таваҷҷуҳи хоссаро аз ҷониби волидон, мақомоти давлатӣ ва дигар субъектҳои дахлдор талаб менамояд.

Содир кардани кирдорҳои зидиҳуқуқии ноболиғону ҷавонон бо дарназардошти хусусиятҳои хосси физиологию психологӣ ба намудӣ алоҳидаи ҳуқуқвайронкуниҳо дохил мегардад. Ҳуқуқвайронкунии ноболиғон чунин навъи ҳуқуқвайронкуние мебошад, ки субъекти ин гурӯҳи ҳуқуқвайронкуниҳо дар бештари мавридҳо оқибати ба ҷамъият хавфноки кирдори зидиҳуқуқии худро пешбинӣ намекунанд. Яъне ноболиғон

---

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш аз санаи 01.09.2024.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018.

[3] [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://prokuratura.tj/news-tj/2504-khabari-matbuot-nishasti-matbuot-oid-ba-nati-ai-fa-oliyati-prokurori-generalii-um-urii-to-ikiston-dar-nimsolai-yakumi-soli-2024.html (санаи муроҷиат 06.09.2024).

[4] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар аз санаи 21.05.2021 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://khovar.tj/2021/05/suhanronii-prezidenti-um-urii-to-ikiston-peshvoi-millat-mu-taram-emomal-ra-mon-dar-mulo-ot-bo-avononi-kishvar/ (санаи муроҷиат 25.05.2021).

лиғон аз ҷиҳати рӯҳию равонӣ инкишоф наёфтаанд, таҷрибаи зиндагӣ надоранд, аз муқаррароти қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бархӯрдор нестанд, дурандешона муносибат намекунанд, дар хулосабароии шояд ба иштибоҳ роҳ диҳанд ва оқибати кирдори зидиҳуқуқии содиркардаашонро пешбинӣ карда наметавонанд. Маҳз бо дарназардошти чунин хусусиятҳо содир кардани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии ноболиғон аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо фарқкунанда буда, ба ҷамъият хавфнокияш зиёдтар мебошад.

Сабабу омилҳои ҳуқуқвайронкунии ноболиғон гуногун буда метавонанд, аммо муҳимтарини он мактаб, устоду омузгорӣ ноухдабаро ва падару модари бемасъулият ва муҳити носолим мебошад, ки дар поён мо оид ба ин масъала маълумот медиҳем, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, низ дар мулоқоташон ба ин ниҳодҳо махсус қайд намуда, таъкид карданд, ки бояд дар таълиму тарбияи ноболиғону ҷавонон бемасъулиятӣ зоҳир накунанд.

Қайд кардан зарур аст, ки яке аз сабабҳои асосии каҷрафторӣ, ба ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ даст задани ноболиғону ҷавонон дар муҳити оилаи ноустувор ба воя расидани онҳо мебошад. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши оила, мактаб ва ҷомеаро дар тарбияи кӯдак муҳим меҳисобанд. Воқеан ҳам оила дар таълиму тарбия ва ба воя расонидани кӯдакон нақши муҳим ва асосиро мебозад. Ба андешаи мо дар муқоиса бо дигар сабабҳои ҳуқуқвайронкунии ноболиғон, кӯдакон аз ҳама бештар аз ҳисоби оилаи ноустувор ба ҳуқуқвайронкунӣ даст мезананд.

Мафҳуми расмии оилаи ноустувор дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян нашудааст онро мутахассисони ҳуқуқшинос ва равоншинос дар шаклҳои гуногуни мазмунан якхела маънидод мекунанд. Оилаи ноустувор (фалокатнок) чунин оилае мебошад, ки дар он кӯдак беҳаловат дар вазъияти стресс, бераҳмӣ, зӯроварӣ, беэътиноӣ аз ҷониби падару модар, гуруснагӣ, яъне нороҳатӣ зиндагӣ мекунад[1].

Дар фаҳмиши васеъ оилаи ноустувор оилаест, ки аз ухдаи иҷрои функсияҳои (вазифаҳои) худ оид ба тарбияи кӯдак баромада наметавонад. Кӯдакон душвориро дар инкишофи худ эҳсос мекунанд, бо пастшавии қобилияти зеҳнӣ ва физиологӣ дучор мешаванд. Оилае, ки дар сатҳи пасти иҷтимоӣ қарор дорад[2].

Мафҳумҳои дар боло овардашудаи оилаи ноустувор аломатҳо ва таснифи чунин оилаҳоро ифода карда метавонанд. Яъне оилаи ноустувор оилае мебошад, ки бо ин ё он сабаб аз ухдаи иҷрои функсияҳое, ки дар назди он гузошта шудааст баромада наметавонад, дар сатҳи пасти иҷтимоӣ қарор дошта, раванди тарбияи кӯдакон дар чунин оила бо душворӣ, дар сатҳи паст ва бо натиҷаи на он қадар хуб анҷом дода мешавад. Мушкилоте, ки дар оилаҳои ноустувор ба назар мерасад бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Масалан яке аз мушкилоти оилаҳои ноустувор сатҳи пасти иҷтимоӣ мебошад. Аз ҷиҳати моддӣ таъмин набудани оила дар навбати худ боиси ба вуҷуд омадани ҷанҷол, зӯроварӣ, аз таълим дур мондани кӯдакон, ба оворагардӣ ё савдои кӯчагӣ даст задани онҳо, ҳамзамон эҳтимол боиси майзадагӣ, нашъамандӣ ва дигар мушкилиҳо гардад.

Нишонаҳои оилаҳои ноустувор инҳо шуда метавонанд, сатҳи пасти таъминоти моддӣ, базан мавридҳо даромади аз ҳад зиёд, даромади номунтазам, шароити вазнини манзилӣ, зӯроварии ҷисмонӣ нисбат ба ҳамсар ва кӯдакони худ (баъзан ҳам нисбати ҳамсар ва ҳам фарзандон), эҳсоси доимии ҳолати душворӣ байни аъзоёни оила, баъзан ба вуҷуд омадани баҳс бе ягон сабаб, муносибати сарди тӯлонии байни волидон, масалан, якчанд рӯз, ҳафта ва ҳатто моҳ гап назадан, мубориза волидон барои

---

[1] [Манбаи электронӣ] – Речаи воридшавӣ: https://infourok.ru/statya-neblagopoluchnye-semi-ponyatie-i-ih-harakteristika-4032206. html (санаи муроҷиат 27.05.2021).
[2] [Манбаи электронӣ] – Речаи воридшавӣ https://womanadvice.ru/neblagopoluchnaya-semya-chto-eto-takoe-osnovnye-tipy-osobennosti-priznaki-prichiny-i-problemy (санаи муроҷиат 27.05.2021).

ба даст овардани муҳаббати фарзанд, маъюбӣ, шароити бади кории волидон, беэътиноӣ ба меъёрҳои санитарию гигиенӣ, баъзан мавридҳо оилаи серфарзанд, сатҳи пасти маърифати оиладорӣ, сатҳи пасти дониши умумии волидон, майзадагӣ, нашъамандӣ, тарзи ҳаёти бадахлоқона, мавҷудияти аъзои доғисудидошта дар оила ва дигарҳо.

Вобаста бо сабабҳои пайдоиш оилаҳои ноустуворро ба чунин намудҳо ҷудо кардан мумкин аст:

– оилаҳои бадахлоқ. Яъне оилаҳое, ки дар онҳо муносибатҳои оиладорӣ ва меъёрҳои одобу ахлоқ риоя намешаванд. Оилаҳои бадахлоқ чунин хусусиятҳоро доро мебошанд: беҳтиромӣ нисбати якдигарии аъзои оила, майзадагӣ, нашъамандӣ, лату кӯб, носазогӯӣ, дашном ва хиёнати ҳамсарон нисбати якдигар. Агар ҳатто яке аз волидон маводҳои бавуҷудоварандаи вобастагиро истеъмол кунад, ин ба кӯдак таъсири манфӣ мерасонад. Чунин оилаҳои ноустувор наметавонад ҳама талаботи кӯдакро қонеъ гардонанд. Зери таъсири воситаҳои спиртӣ, яъне дар ҳолати мастӣ ҷанҷол, лату кӯб ва муноқиша ба вуҷуд меояд, ки аз ин сабаб ноболиғ дар муҳити нодурусти инкишофи равонӣ ба воя мерасад;

– оилаи ҷанҷолӣ (конфликтӣ). Дар чунин оила дастгирии маънавӣ вуҷуд надорад, меҳру муҳаббат ва эҳтироми байни зану шавҳар ва дигар аъзои оила дида намешавад. Оид ба масъалаҳои оилавӣ зану шавҳар ба мувофиқа омада наметавонанд, набудани якдигарфаҳмӣ, омили ба вуҷуд омадани низоъ мегардад. Дар чунин оила кӯдак зарбаи маънавӣ (руҳӣ) мегирад, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба осонӣ озурдашаванда ба воя мерасад. Ҷанҷолҳои доимӣ ба тарс аз муносибат ва ноуҳдабароии барқарор кардани робита бо дигар шахсон оварда мерасонад. Дар ин гуна оилаҳо волидон аз ҳуқуқҳои худ суиистифода мекунанд. Бо кӯдакон дағалона муносибат карда, зӯроварии ҷисмонӣ ва ҷазои ҷисмониро истифода мебаранд;

– оилаи аз ҷиҳати модди ноустувор. Чунин оилае мебошад, ки бо сабаби аз ҷиҳати моддӣ таъмин набудан кӯдакон аз дастрасӣ ба ғизои босифат, гирифтани ёрии тиббӣ, таҳсил дар сатҳи зарурӣ ва дигар воситаҳои рӯзгоргузаронӣ душворӣ мекашанд. Ба оилаҳои аз ҷиҳати моддӣ ноустувор оилаҳое мансубанд, ки даромади онҳо аз хароҷоти ҳадди ақали рӯзгоргузаронӣ камтар буда, талаботи кӯдаконро қонеъ карда наметавонад;

– оилаҳои аз ҷиҳати педагогӣ ноустувор. Оилаҳое, мебошанд, ки донишҳои умумӣ ва маданияти психологӣ-педагогии зану шавҳар дар сатҳи паст қарор дорад. Оилае, ки дар он ҳангоми тарбияи кӯдак нуқсон ба назар мерасад, ба чунин оила мансуб аст. Чунин оилҳо дидаю диниста ва ё нафаҳмида кӯдакро барои инкори меъёрҳо ва талаботи ҷамъиятӣ равона месозанд. Ба кӯдак барои иҷрои корҳои хонагӣ, ки аз мактаб гирифтааст кӯмак карда наметавонанд ва ин равандро таҳти назорат намегиранд. Дар хона аз таълими кӯдак дида, ба иҷрои корҳои рӯзгор машғул шудани ӯро афзал медонанд. Фикр мекунанд, ки онҳо дар таълими кӯдак ягон масъулият надоранд ва ин вазифаи омӯзгору муассисаи таълимӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо ҷавонони кишвар аз санаи 21.05.2021 ёдовар шуданд, ки тибқи маълумот дар се солу чор моҳи охир дар кишвар 252 ҳазор ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст. Вале дар ҳамин давра қариб 38500 оилаҳои ҷавон пош хӯрдаанд, ки ниҳоят ташвишовар мебошад[1].

Аз рӯйи таҳлилҳои мутахассисон сабаби асосии сар задани низоъҳо байни зану шавҳар дар оилаҳои ҷавон ба ҳаёти мустақилона омода набудани духтарон ва ҷавонон мебошад[2].

---

[1] [Манбаи электронӣ] – Речаи воридшавӣ: https://khovar.tj/2021/05/peshvoi-millat-emomal-ra-mon-bo-avononi-kishvar-mulo-ot-namudand/ (санаи муроҷиат 27.05.2021).
[2] [Манбаи электронӣ] – Речаи воридшавӣ: https://khovar.tj/2020/03/suhanronii-prezidenti-um-urii-to-ikiston-peshvoi-millat-mu-taram-emomal-ra-mon-ba-munosibati-r-zi-modar/ (санаи муроҷиат 27.05.2021).

Бояд қайд намуд, ки ба ҳаёти мустақилона омода набудан дар навбати худ яке аз сабабҳои асоси пайдоиши оилаҳои ноустувор мебошад. Дар муҳити чунин оилаҳо ягдигарфаҳмӣ байни ҳамсарон набуда, пайваста низоъ ба вуҷуд меояд, ки ин ба ҳолати рӯҳию равонии ноболиғон бетаъсир намемонад, ҳамзамон волидон аз пайи мушкилоти худ овора шуда, ба фарзандони ноболиғи худ таваҷҷуҳ намекунанд. Чунин муносибат боиси ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят даст задани онҳо мегардад.

Бо назардошти мавҷудияти чунин оилаҳо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоташон бо ҷавонон қайд карданд, ки «вазифаи волидайн фақат ба дунё овардани фарзанд нест, балки тарбия ва фароҳам намудани шароит барои таълим ва рушди фарзанд аст»[1]. Ба ҳамин мазмун нависанда ва саёҳи британӣ Эстер Селсдон гуфтааст, ки «Агар Шумо кӯдаки хуб тарбия кардан хоҳед барои ӯ ду маротиба кам маблағ ва ду маротиба зиёд вақт сарф кунед». Воқеан, ҳам волидонро зарур аст, ки барои таълиму тарбияи фарзанд вақт ҷудо намоянд, онҳоро ба роҳи дуруст ҳидоят кунанд, дар раванди таълим ва омӯзиши дониш ба онҳо мусоидат намоянд.

Бо мақсади муайян кардан ва солимгардонии оилаҳои ноустувор зарур мебошад, ки сабабҳои бавуҷудоии чунин оилаҳо аз ҷониби субъектҳои дахлдор, мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шаванд. Барои аз байн бурдани сабабу омилҳои бавуҷудоии оилаҳои ноустувор бояд барномаҳои дахлдори давлатӣ қабул шуда, дар ин самт тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, чораҳои бетаъхир андешида шавад.

Сабаби дигари ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят даст задани ноболиғон ин ташкили нодурусти раванди таълим ва омӯзгори ноуҳдабаро мебошад. Тибқи талаботи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» раванди таълим низоми фаъолияти таълимию тарбиявӣ барои расидан ба мақсадҳои таълимӣ мебошад ва омӯзгор бошад шахси дорои таҳсилоти касбӣ, ки ба таълиму тарбия машғул аст[2].

Дар баъзан мавридҳо омӯзгори ноуҳдабаро, бемасъулият ва камсавод сабаби аз таълим дур мондан, нест шудани шавқи хонандагон ва ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят даст задани онҳо мегардад. Дар ҳолате, ки раванди таълим дуруст ба роҳ монда намешавад, дарсҳо дар сатҳи зарурӣ гузаронида намешаванд, омӯзгорон диқатти хонандаро ба дарс ҷалб карда наметавонанд, шавку завқи хонандагон ба омӯзиши илм ва таҳсил гум мешавад ва онҳо ба дигар корҳо машғул шуда, қисми аз чунин ҷавонон роҳи дурустро барои худ интихоб карда наметавонанд, каҷрафтор шуда, ба ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят даст мезананд. Аз ин рӯ мақомоти дахлдори соҳаи маориф ва омӯзгоронро зарур аст, ки ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани раванди таълим, чораҳои зарурӣ андешанд. Дарси хуб метавонад барои ба ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ даст задани кӯдакон монеа шавад, шавқи онҳоро ба омӯзиши илму дониш зиёд намояд. Дар иртибот ба ҳамин масъала шоири бузурги тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ нуктаи назари худро дар шакли мисраи шеърӣ хеле бамаврид, қайд намудааст:

*Дарси муаллим ар бувад, замзамаи муҳаббате,*
*Ҷумъа ба мактаб оварад тифли гурезпойро.*

Шоири бузург таъкид мекунад, ки агар дарси омӯзгор, саршори муҳаббат бошад, бо шавқу завқи зиёд дар сатҳи зарурӣ гузаронида шавад, муаллим диққати

[1] [Манбаи электронӣ] – Речаи воридшавӣ: https://khovar.tj/2020/03/suhanronii-prezidenti-um-urii-toikiston-peshvoi-millat-mu-taram-emomal-ra-mon-ba-munosibati-r-zi-modar/ (санаи мурочиат 27.05.2021).

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, № 1004 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 532; с. 2014, №3, мод. 156, №7, қ. 2, мод. 422; с. 2016, №3, мод. 148, №7, мод. 624; с. 2017, №7-9, мод. 581; с. 2018, №5, мод. 278) (Қонуни ҶТ аз 14.03.2014 № 1081, аз 26.07.2014 № 1125, аз 15.03.2016 № 1295, аз 23.07.2016 № 1346, аз 28.08.2017 № 1462, аз 17.05.2018 № 1527, аз 17.12.2020 № 1738, аз 23.12.2021 № 1832, аз 19.07.2022 № 1905, аз 13.11.2023 № 1995; Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021.

хонандаро ба дарс ҷалб карда тавонад, ҳатто хонандаи дарсгурез дар рӯзи ҷумъа, ки аз рӯйи тақвими исломӣ рӯзи истироҳат мебошад, ба дарс ҳозир мешавад.

Аммо ба андешаи мо агар дарси муаллим ҷолиб набошад, омӯзгор онро рӯякӣ гузаронад, хонандаро ба омӯзиш ҷалб карда натавонад, сахтгиру меҳрубон набошад, бетаёрӣ ба дарс ҳозир шавад, дар чунин ҳолат майли хонанда ба мактаб, дарс ва омӯзиш гум мешавад ва ҳатто дар рӯзи дарсӣ кӯшиш менамояд, ки ба мактаб нараввад, эҳтимоли ба ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ даст задани ноболиғ ба вуҷуд меояд.

*Илмро ҳаргиз наёбӣ то набошад шаш хисол,*
*Ҳирси вофир, фаҳми комил, ҷамъи хотир, кулли ҳол.*
*Ҳам дигар устоди комил, сайъ мебояд мудом,*
*Лафзро таҳқиқ кардан то расад ҳадди камол*

Дар ин дубайтӣ шоир шаш хислати инсонро номбар кардааст, ки ба андешаи ӯ агар яке аз онҳо набошад илмро аз худ кардан ғайриимкон мебошад. Яке аз ин хислатҳо устоди комил мебошад. Мо низ ба ин ақида розӣ ҳастем, яъне агар дар баробари дигар хислатҳо устоди комил набошад, илмро аз худ кардан ғайриимкон аст.

Воқеан ҳам, ташкили дурусти раванди таълим ва муаллими серталаб, бомасъулият, беғараз, поквиҷдон ва босавод дар бедор кардани шавқу завқи хонанда ба дарс ва мактаб нақши муҳим мебозад. Муаллим пеш аз ҳама бояд маҳорати ташкили раванди таълим, омӯзиши дарс, фаъолгардонии хонандагон (талабагон), инкишоф додани қобилияти онҳо, мустақилона аз болои худ кор кардани талабагон, водор кардани хонандагон барои фикр кардан, маҳорати самаранок пеш бурдани корҳои тарбиявӣ дар ҷараёни таълим ва сатҳи баланди истифодаи техникаи педагогиро доро бошад. Дар ҳолате, ки хонанда бо шавқу завқи зиёд ба таълим фаро гирифта мешавад, дигар ба ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ даст намезанад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи Дониш қайд карданд, ки имрӯз дар соҳаи маорифи кишвар беш аз 130 ҳазор омӯзгорон фарзандони мардумро таълиму тарбия дода истодаанд, ки зиёда аз 71 фоизи онҳоро занону бонувон ташкил медиҳанд.

Дар ин соҳа зиёд шудани шумораи занону бонувон боиси хурсандӣ мебошад. Ин аз нуқтаи назари сиёсати гендерӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Вале афзудани шумораи занону бонувон ва камтар шудани мардон аз соҳаи маориф метавонад боиси пайдо шудани баъзе мушкилиҳо гардад. Аз ҷумла баъзе ноболиғон аз раҳмдилии занон сӯистифода карда, ба каҷрафторӣ майл намоянд. Ба андешаи мо чунин ҳолат мақомоти дахлдорро водор месозад, ки ҷиҳати ҷалби мардон дар соҳаи маориф дар баробари занон чораҷӯӣ намоянд.

Сабаби дигари ба ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ даст задани ноболиғону ҷавонон, муҳити носолим аст. Дар маънои васеъ муҳити носолим муҳити оила, мактаб, доираи дӯстон, ҳамсолон ва ғайраро фаро мегирад. Дар ин қисмат ба муҳити носолиме, ки ба сабаби ҳуқуқвайронкунӣ ва ба ҷиноят даст задани ноболиғон мешавад, атрофи муҳити ҳамсолон маълумот медиҳем. Оид ба муҳити оила ва мактаб, ки ҳангоми номуносиб будани он ба рӯшду такомули ноболиғ метавонад таъсири манфӣ расонад, дар боло маълумот додем.

Дар маънои маҳдуд муҳити носолим муҳити ҳамсолон, ёру дӯстон, кӯча ва дигар шахсонеро дар назар дорад, ки ноболиғ бо онҳо ҳамарӯза дар муносибат қарор дорад. Яъне муҳите, дар назар аст, ки ноболиғ дар он ба воя мерасад ва аз таъсири он аз ҷумлаи доираи дӯстон, ҳамсоягон, ҳамсинфон ва ғайра метавонад ба роҳи дуруст ё каҷрафторӣ майл намояд. Агар атрофиён, яъне шахсоне, ки ноболиғ бо онҳо дар муносибат қарор дорад, носолим бошад (майзада, нашъаманд, бадахлоқ ва ғ.) таъсири худро ба дигарон низ мерасонад. Ноболиғон баъзан ба гурӯҳҳое ҳамроҳ мешаванд,

ки онҳоро ба содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ ва дигар кирдорҳои зидиҷамъиятӣ ҷалб менамоянд.

Мисоли гуфтаҳои болоро имрӯзҳо дар мунокишаҳои миёни ноболиғон ва ҷавонони мактабҳои миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ ва донишгоҳҳо дидан мумкин аст, ки ҳатто ба маслиҳати тарафайн дар ҷойҳои муайян амалӣ гашта истодааст, ки дар натиҷа он то ба марг расонидани ноболиғон оварда истодааст. Аз ин сабаб падару модаронро зарур аст, ки бо атрофиёни фарзанди худ таваҷҷуҳ намоянд. Нагузоранд, ки фарзандашон дар кӯча, мактаб ва дигар ҷойҳо бо шахсони бадахлоқ, авбош, майзада, нашъаманд ва каҷрафтор дӯстӣ, бозӣ ва гаштугузор намояд. Дар урфият мегуян «харбуза аз харбуза ва ҳамсоя аз ҳамсоя ранг мегирад». Яъне агар муҳити атрофи ноболиғ носолим бошад, ӯро ба каҷрафторӣ метавонанд ҷалб намоянд.

Бо назардошти чунин ҳолат волидонро зарур аст, ки нисбати атрофиёни фарзандашон бе таваҷҷуҳ набошанд. Нагузоранд, ки фарзандашон бо шахсони каҷрафтор гаштугузор намояд. Чунки аз эҳтимол дур нест, ки ноболиғ бо чунин шахсон ба каҷрафторӣ майл накунад.

Хулоса, сиёсати миллии ҳар як кишвари соҳибистиқлол хусусиятҳои хоси худро дошта, бештар амалҳоеро пешбинӣ менамояд, ки новобаста ба миллату халқиятҳои гуногун ба нафъи кишвар бошад ва қайд карданием, ки имрӯз раванди таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оҳиста-оҳиста мавқеи худро ба ҷараёни сиёсати давлат мутобиқ намуда, шаҳрвандонро ба дигаргунсозии тарзи ҳаёт, баланд бардоштани ҳисси миллӣ ва пешрафти давлату миллат сафарбар намуда истодааст.

**УДК 351.74**

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ПОСТУПЛЕНИЯ ГРАЖДАН НА СЛУЖБУ В ОРГАНЫ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ (ОПЫТ ГОСУДАРСТВ-УЧАСТНИКОВ СНГ)

**Самадзода Абудуманон**
*Адъюнкт кафедры управления деятельностью подразделений обеспечения охраны общественного порядка центра командно-штабных учений Академии управления МВД России*
e-mail: samadzoda85@mail.ru

Совершенствование административно-правового и административно-процессуального регулирования общественных отношений в сфере государственного управления[1] затрагивает так же и законодательство о прохождении службы в органах внутренних дел[2]. Усиливается режимность государственного управления, идет постоянный поиск правовых средств противодействия угрозам безопасности в области охраны общественного порядка и обеспечения общественной безопасности[3]. При

[1] Организация охраны общественного порядка и обеспечения общественной безопасности : Учебник: в 2 частях. Ч. 1. / В. А. Милехин, Ю. Н. Носатов, А. В. Шевцов [и др.]. – М.: Академия управления МВД России, 2023. – 360 с.

[2] Организация охраны общественного порядка и обеспечения общественной безопасности : Учебник: в 2 частях. Ч. 2 / В. А. Милехин, Ю. Н. Носатов, А. В. Шевцов [и др.]. – М.: Академия управления МВД России, 2023. – 312 с.

[3] Редкоус, В.М. Административно-правовые режимы, устанавливаемые в целях обеспечения государственной безопасности / В. М. Редкоус // Труды Академии управления МВД России. – 2023. – № 1(65). – С. 48-55.

этом усиливается роль органов внутренних дел как государственного исполнительного органа, наделенного компетенций в области охраны общественного порядка и обеспечения общественной безопасности[1].

Глобализация преступности, тенденция развития правоохранительной деятельности предопределяют необходимость развития системы профессиональной подготовки, переподготовки и повышения квалификации сотрудников, реализующих правоохранительную функцию, делает справедливый вывод Ф.Р. Шарифзода[2].

Следует заметить, что вопросы правового регулирования поступления на службу в различные органы правоохранительной направленности являются достаточно важными как для Республики Таджикистан[3], так и для Российской Федерации, поэтому научная разработка данных проблем, в том числе и позиции использования результатов сравнительно-правовых исследований, видится особенно актуальной[4].

Сложный характер задач, решаемых органами внутренних дел в условиях изменений в политической и экономической жизни таджикского общества, роста преступности, требует обновления методов и средств правоохранительной деятельности, а также предъявляет исключительно высокие требования к профессиональным качествам всех сотрудников милиции, и в первую очередь к руководящим кадрам, говорит Ф.Р. Шарифзода[5], что требует соответствующего подхода при организации поступления на службу в органы внутренних дел.

В Республике Таджикистан вопросы поступления на службу в органы внутренних дел регламентируются, прежде всего, Законом Республики Таджикистан (далее – Закон РТ) от 17 мая 2004 г. № 41 «О милиции»[6], в котором вопросам правового регулирования поступления на службу в органы милиции посвящен целый ряд статей в рамках главы 5 «Служба в милиции».

Так, в ст. 17 названного Закона РТ закреплено, что сотрудником милиции в РТ является гражданин РТ, состоящий на должности рядового или начальствующего состава, которому в установленном порядке присвоено звание рядового или начальствующего состава милиции. В ст. 17 названного Закона РТ сказано, что на службу в милицию принимаются только граждане РТ не моложе 20 лет и не старше 35 лет, независимо от места жительства, пола, национальности, расы, языка, отношения к религии, политических убеждений, имущественного положения, способные по своим личным моральным и деловым качествам, образованию, владению государственным языком, физической подготовке и состоянию здоровья исполнять возложенные на милицию обязанности, после прохождения ими военной службы по призыву (за исключением курсантов средних и высших учебных заведений Министерства внутренних дел) в добровольном порядке. Принимаемое на службу в милицию лицо подвер-

---

[1] Кирюхин, В.В. Участие граждан в охране общественного порядка: в поисках разумного баланса / В. В. Кирюхин // Закон и правопорядок в Третьем тысячелетии : IX Балтийский юридический форум. Материалы международной научно-практической конференции, Калининград, 12 декабря 2020 года. – Калининград: Калининградский филиал Санкт-Петербургского университета МВД России, 2021. – С. 93-94..

[2] Шарифзода, Ф.Р. Совершенствование системы подготовки кадров органов внутренних дел Республики Таджикистан для решения задач противодействия внутренним угрозам национальной безопасности / Ф.Р. Шарифзода // Вестник Академии МВД Республики Беларусь. – 2023. – № 2(46). – С. 214.

[3] Николаев, А. Г. Проблемы совершенствования государственной службы в России / А. Г. Николаев // Государственная власть и местное самоуправление. – 2009. – № 11. – С. 30-34.

[4] Редкоус, В. М. Использование зарубежного опыта в целях подготовки документов стратегического планирования в области общественной безопасности в государствах - участниках СНГ / В. М. Редкоус // Труды Академии управления МВД России. – 2024. – № 2(70). – С. 107-116.

[5] Шарифзода, Ф.Р. Особенности организации учебного процесса в Академии МВД Республики Таджикистан / Ф. Р. Шарифзода // Академическая мысль. – 2022. – № 3(20). – С. 111.

[6] Закон Республики Таджикистан от 17 мая 2004 г. № 41 «О милиции» // URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=8251 (дата обращения: 12.01.2024).

гается обязательной государственной дактилоскопической регистрации и кроме документов, предусмотренных законодательством РТ, также представляет декларации о своих доходах и имущественном положении.

Не могут быть приняты на службу в милицию граждане, имеющие либо имевшие судимость (независимо от срока отбытия наказания, за исключением освобожденных по реабилитирующим мотивам и реабилитированных, либо оправданных судом).

Замещение вакантных должностей в милиции осуществляется исключительно на конкурсной основе, а также путем заключения индивидуальных контрактов в порядке, определяемом законодательством РТ. Для поступающих в милицию устанавливается испытательный срок от 3-х до 6-ти месяцев.

При поступлении на службу сотрудник милиции принимает присягу, текст которой утверждается Президентом РТ. Сотрудник милиции также одновременно принимает письменное обязательство в соответствии со ст. 8 Закона РТ «О борьбе с коррупцией».

Более детально вопросы поступления граждан на службу в ОВД РТ регламентированы Положением о прохождении службы рядовым и начальствующим составом органов внутренних дел РТ, утв. Постановлением Правительства РТ от 5 апреля 2005 г. № 137[1]. В данном Положении, в главе 2 урегулированы вопросы приема на службу и перемещение по службе сотрудников органов внутренних дел.

По мнению автора, в плане совершенствования законодательства РТ, регламентирующего вопросы поступления на службу в ОВД РТ, необходимо учитывать результаты сравнительно-правовых исследований, прежде всего, законодательств государств-участников СНГ, характеризующихся исторической общностью правовых систем[2].

Например, Закон Республики Казахстан от 6 января 2011 г. № 380-IV ЗРК «О правоохранительной службе»[3]. Тот эксперимент по введению института правоохранительной службы, который хотела провести у себя Российская Федерация, где был разработан соответствующий законопроект о правоохранительной службе, в самой России был признан нежизнеспособным. Однако в Казахстане он был реализован.

Закон Республики Казахстан от 6 января 2011 года №380-IV ЗРК «О правоохранительной службе» (далее – Закон РК) содержит главу 2 «Поступление на правоохранительную службу».

В плане совершенствования законодательства Республики Таджикистан, по нашему мнению, наибольший интерес представляют статьи 6 т 7 Закона Республики Казахстан.

Так, в ст. 6 Закона РК закреплено, что на службу в правоохранительные органы принимаются на добровольной основе граждане РК, достигшие восемнадцатилетнего возраста, способные по своим личным, моральным, деловым, профессиональным качествам, состоянию здоровья и физическому развитию, уровню образования выполнять возложенные на них должностные обязанности.

На правоохранительную службу не может быть принято лицо:

---

[1] Постановление Правительства Республики Таджикистан «Об утверждении Положения о прохождении службы рядовым и начальствующим составом органов внутренних дел Республики Таджикистан» от 5 апреля 2005 г. № 137 «// URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=8296 (дата обращения: 12.01.2024).

[2] Проблемы теории государства и права : В двух частях / О. В. Белянская, Н. С. Ельцов, А. В. Кочетков [и др.]. Часть 2. – Тамбов : Тамбовский государственный университет имени Г.Р. Державина, 2014. – 500 с.

[3] Закон Республики Казахстан от 6 января 2011 г. №380-IV ЗРК «О правоохранительной службе» // «Казахстанская правда». – 2011. – 19 января. – № 17-18 (26438-26439).

– признанное в установленном законом порядке недееспособным или ограниченно дееспособным;

– в соответствии с заключением военно-врачебной комиссии имеющее заболевание, препятствующее выполнению должностных полномочий;

– не прошедшее медицинское или психофизиологическое освидетельствование, в том числе полиграфологическое исследование;

– отказавшееся принять на себя ограничения, связанные с пребыванием сотрудника на правоохранительной службе, и антикоррупционные ограничения, установленные Законом Республики Казахстан «О противодействии коррупции»;

– на которое в течение года перед поступлением на правоохранительную службу налагалось в судебном порядке административное взыскание за умышленное правонарушение;

– на которое в течение трех лет до поступления на правоохранительную службу за совершение коррупционного правонарушения налагалось в судебном порядке административное взыскание;

– в отношении которого в течение трех лет перед поступлением на службу за совершение уголовного проступка вынесен обвинительный приговор суда или которое в течение трех лет перед поступлением на службу освобождено от уголовной ответственности за совершение уголовного проступка на основании соответствующих статей Уголовно-процессуального кодекса Республики Казахстан;

– совершившее коррупционное преступление;

– уволенное с работы за совершение коррупционного правонарушения;

– имеющее или имевшее судимость либо освобожденное от уголовной ответственности на основании соответствующих статей и пунктов Уголовно-процессуального кодекса Республики Казахстан, а также уволенное по отрицательным мотивам с государственной, воинской службы, из иных правоохранительных органов, специальных государственных органов, а также прекратившее полномочие судьи по отрицательным мотивам.

Непредставление или искажение сведений, указанных в п. 2 ст. 6 Закона РК, является основанием для отказа в приеме на правоохранительную службу.

Поступление на службу в правоохранительные органы осуществляется при условии прохождения гражданами обязательной специальной проверки. Принимаемые на службу в правоохранительные органы граждане в обязательном порядке для определения пригодности к службе проходят в военно-врачебных комиссиях медицинское и психофизиологическое освидетельствования и полиграфологическое исследование в соответствующем подразделении правоохранительного органа. Порядок прохождения полиграфологического исследования определяется Правительством Республики Казахстан. Тестирование граждан, поступающих на правоохранительную службу, осуществляется в порядке, предусмотренном Законом РК «О государственной службе Республики Казахстан».

При этом, действие пунктов 4 и 5 ст. 6 Закона РК не распространяется на сотрудников, ранее являвшихся сотрудниками правоохранительных, специальных государственных органов, принимаемых на службу в правоохранительные органы в течение пяти рабочих дней со дня их увольнения, за исключением уволенных по состоянию здоровья, по служебному несоответствию, выявившемуся по итогам аттестации, по отрицательным мотивам, а также на военнослужащих, принимаемых на правоохранительную службу в порядке перевода.

В ст. 7 Закона РК закреплено, что поступление на службу в правоохранительные органы осуществляется на конкурсной основе либо через первоначальную профессиональную подготовку в организациях образования правоохранительных органов, за исключением случаев, установленных п. 3 ст. 7 и п. 1 ст. 7-1 Закона РК.

Отбор на правоохранительную службу проводится с учетом показателя конкурентоспособности кандидата и степени его соответствия профессиональным компетенциям. Порядок и методы определения профессиональных компетенций, ключевых показателей и расчета показателя конкурентоспособности утверждаются руководителем правоохранительного органа.

Должностные лица, принявшие на службу граждан, не прошедших конкурсный отбор либо первоначальную профессиональную подготовку, привлекаются к дисциплинарной ответственности в порядке, установленном законом Республики Казахстан.

Поступление на службу в правоохранительные органы на должности рядового, младшего и среднего начальствующего состава осуществляется через первоначальную профессиональную подготовку в организациях образования правоохранительных органов. Порядок отбора на первоначальную профессиональную подготовку и условия ее прохождения для лиц, поступающих на службу в органы прокуратуры, антикоррупционную службу и службу экономических расследований, а также основания их отчисления от первоначальной профессиональной подготовки определяются совместным нормативным правовым актом руководителей правоохранительных органов.

Порядок отбора на первоначальную профессиональную подготовку и условия ее прохождения для лиц, поступающих в органы внутренних дел, а также основания их отчисления от первоначальной профессиональной подготовки определяются нормативным правовым актом руководителя органов внутренних дел.

Порядок отбора на первоначальную профессиональную подготовку и условия ее прохождения для лиц, поступающих в органы государственной противопожарной службы, а также основания их отчисления от первоначальной профессиональной подготовки определяются нормативным правовым актом руководителя органов государственной противопожарной службы.

Устанавливается, что на службу в правоохранительные органы вне конкурсного отбора могут быть приняты: лица, завершившие обучение в организациях образования правоохранительных органов, - в течение одного года после завершения обучения; лица, ранее проходившие службу на должностях в правоохранительных, специальных государственных органах и имеющие стаж службы в правоохранительных, специальных государственных органах не менее трех лет; лица, ранее состоявшие на воинской службе и занимавшие воинские должности в государственных учреждениях Вооруженных Сил РК, других войсках и воинских формированиях РК, при наличии стажа воинской службы не менее трех лет; депутаты Парламента РК, политические государственные служащие, судьи, выполнявшие свои полномочия не менее шести месяцев и прекратившие их, за исключением прекративших свои полномочия по отрицательным мотивам.

Занятие сотрудником вакантной должности в период прохождения правоохранительной службы в случае его соответствия предъявляемым квалификационным требованиям к соответствующей вакантной должности может осуществляться на внеконкурсной основе в порядке перевода с его согласия или на конкурсной основе.

Кадровая служба правоохранительного органа ведет ведомственный банк данных кандидатов на службу с отражением их показателя конкурентоспособности.

По нашему мнению, в законодательстве Таджикистана могут быть адаптированы положения, касающиеся: обязательности осуществления специальной проверки при поступлении на службу в органы внутренних дел Республики Таджикистан; обязательности прохождения полиграфологического исследования, а также тестирования при поступлении на службу в органы внутренних дел Республики Таджикистан; учета показателя конкурентоспособности кандидата и степени его соответствия про-

фессиональным компетенциям, определяемых в результате отбора на правоохранительную службу.

Таким образом, использование сравнительно-правового метода в научных исследованиях может дать реальный результат, который позволит сделать законодательство Республики Таджикистан в области поступления на службу в органы внутренних дел более совершенным. Это требует расширения проведения сравнительно-правовых исследований в области поступления на службу в органы внутренних дел[1].

**ТДУ 340.122+342.7**

## ЭЪЛОМИЯИ ҲУҚУҚИ БАШАРИ КУРУШИ КАБИР ВА ЭҲТИРОМИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН*

### ДЕКЛАРАЦИЯ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА КИРА ВЕЛИКОГО И УВАЖЕНИЕ ПРАВ И СВОБОД ЛИЧНОСТИ

**САМИЪЗОДА БАХТИЁР САЛИМ**
*Дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия*
E-mail: 935321370@mail.ru

Дар ҳама давру замони таърихӣ, шахсиятҳое ба арсаи сиёсат падид меоянд, ки бо ақлу заковат ва хиради хеш метавонанд барои рушд ва камоли ҷомеаи башарӣ хизмат намоянд. Албатта, ҷомеаи солим ва инсонҳои комил ҳамвора дар орзӯи дарёфти арзишҳои маънавӣ ва инсонгароӣ мебошанд.

Мавзуи баррасишавандаи мо низ он аст, ки маҳз кадом қонун ва ё кадом шоҳи даврони бостон бори аввал аз мавҷудияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон суҳбат кардааст. Илми таърих бошад даққиқан ёд надорад, вале назарҳои мухталиферо оиди масъалаи мазкур пешниҳод менамояд. Чунки, яҳудиён бар он андешаанд, ки ин амр тавассути қонунҳои Муссо сурат гирифтааст. Бобулиҳо дар ин хусус аз шоҳаншоҳи номварашон Хамураппӣ, мисриён аз Трисмегист, афинагиён аз Секронсу Салон, критиҳо аз Миносу Радаманте, форсиён бошанд аз Зардушт ёд мекунанд, ки ҳамаи онҳо барои башарият хизмат намуда неъматҳои бузурги маънавию инсондӯстиро пешниҳод кардаанд.

Аммо лозим ба таъкид аст, ки аҷдодони мо ориёинажодҳо ҳанӯз дар қарни 6-уми қабл аз мелод аввалин Эъломияи ҳуқуқи башарро, ки дар он волотарин арзишҳои маънавӣ ва инсондӯстӣ мавқеи хосса доранд, дар ихтиёр доштанд.

Бояд гуфт, ки дар миёни ҳама асноди даврони бостон, ки ҷанбаъҳои мухталифи ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро сарфи назар аз ҳама умумиятҳо таҳти танзим қарор додаанд, нақш ва мавқеи Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир хеле бо арзиш аст.

[1] Редкоус, В. М. К вопросу об актуальных направлениях совершенствования правового регулирования общественных отношений в сфере обеспечения национальной безопасности Российской Федерации / В. М. Редкоус // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Юридические науки. – 2006. – № 1. – С. 15-28.

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2028)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290.

Тибқи андешаи мутахассисони соҳаи ҳуқуқ, санади мазкур чи тавре, ки зикр кардем, ба сифати нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар эътироф шудааст.

Мазмуну муҳтавои Эъломия инъикоскунандаи хусусиятҳои даврони худ ва ҳодисаҳои мушаххаси таърихи мардумони тоҷику форси замони ҳукмфармоии аввалин империяи ҷаҳонии Ҳахоманишиён мебошад. Дар воқеъ, Эъломияи Куруши Кабир як санади муҳимми сарнавиштсоз барои халқҳои тобеи империяи абарқудрати Ҳахоманишиён ва умуман инсоният буд. Чунон ки аз муҳтавои Эъломия бар меояд, Куруши Бузург ҳар чи кӯшиш ба харҷ додааст, то ки беҳтарин арзишҳои инсонгароиро дар низоми давлатдорӣ пиёда намуда, ба ҳама анъанаҳои суннатӣ, мазҳабҳо, дину оин, забон, озодии инсон ва дигар омилҳои ташаккулдиҳандаи инсони комил арҷ гузорад[1].

Аз ин хотир дар баррасии мавзуи мазкур масъалаи суқути Бобул аҳаммияти калон дорад. Зеро бо ин муносибат Куруши Бузург Эъломияи таърихии хешро баён намудааст. Ин аст, ки аввалин маротиба Куруши Бузург дар ҷомеаи Бобул барои дар ҳаёти воқеӣ татбиқ намудани Эъломияи тасвибнамудааш пардохт. Таърих гувоҳ аст, ки Куруш дар доираи принсипи адолат ва инсонгароӣ дар пайкори хеш аз рӯзҳои аввали сари қудрат омаданаш оғоз намуд[2]. Чунки, Куруши Бузург ба бобулиён озодии комил дод - дину мазҳабро озодӣ бахшид, бадарғакунии яхудиёнро лағв кард ва барои баргаштани он асирон ба Байтулмуқаддас иҷозат дод. Пас аз мутаалиқ шудани Сурия ба ӯ расидани подшоҳони Финикия ба мақсуди итоат ба ӯ ва ғайра Куруши Бузург сиёсати адолатхоҳӣ ва инсонгароии хешро пайгирӣ намуд. Оқибат чунин шуд, ки мардумони тоҷику форс вайро падар, юнониён, ки кишварашонро вай забт карда буд ӯро сарвар ва қонунгузор номидаанд ва исроилиён Курушро фиристодаи парвардигор эълон доштаанд. Ин ҳама комёбиҳо дар низоми давлатдорӣ аз эътироф ва ба инобат гирифтани арзишҳои инсонӣ сарчашма мегирад. Чунки, арзишҳои мазкур дар эъломияи Куруши Бузург дарҷ гардидааст.

Далели равшани гуфтаҳои боло банди дуюми Эъломияи Куруши Бузург мебошад, ки дар он омадааст «то рӯзе, ки зинда ҳастам ва Маздо подшоҳиро ба ман армуғон мекунад, кеш ва оин ва бовариҳои мардумонеро, ки ман подшоҳи онҳо ҳастам гиромӣ дорам ва нагузорам, ки фармонфармоён ва зердастони ман Кешу оин ва дину равиши мардумони дигарро паст бидоранд ва ё онҳоро биозоранд»[3]. Ин меъёр дар Эъломия мустақиман бар асари ҳаводиси таърихии замони Куруш сабт шудааст.

Дар манифести Куруши Бузург назари куллӣ ва амали воқеии он сиёсатмадори бузурги бостон, комилан хувайдост ва мақоми волои он шахсияти худододро то замони мо ба тарз ва гунаи хосаи осебнопазир маҳфуз нигоҳ доштааст. Муҳаққиқи соҳибиродаи фарҳанги бостон Ардашери ҷаҳониён дар китоби хеш «динҳои [ахоманишиҳо» бо мақсади ошкор намудан ва намоиш додани мавқеи андешамандӣ ва назарии сиёсиву давлатдории Куруши Бузург чанд иқтибос аз гуфтаҳои шоҳони бостонро дарҷ намуданд, ки дар қиёс бо ақоид ва назару андешаи Куруши Бузург рафтори ваҳшиёна ва кору кирдори золимонаи онҳоро, ғорат ва тороҷгариҳо, куштораҳои онҳоро комилан ифшо месозад.

Аммо Куруши Кабир бар хилофи расму оини пазируфташуда, замоне, ки шаҳри Бобулро фатҳ намуд, ба зердастони худ фармон дода буд, ки бо мардуми шаҳр озоре

---

[1] Мӯсоев, А. Санаде, ки аз эъломияи Куруши Кабир замина мегирад // Садои мардум. № 155 (3140). 2013, 10 декабр.

[2] Ғафуров, Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. – Душанбе: Дониш, - 2008. - 870 с.

[3] Маҳмудов, М.А., Раҳимов, М.З. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2006. - 200 с.

нарасад, ҳама мардум дар парастиши худои худ озод бошанд ва бединон тахти фишор қарор нагиранд.

Таҳлили ин ҳидояти Куруш ба мо имкон медиҳад, ки дар он асли бархурди башардустонаро нисбат ба асирони ҳарбӣ, ки дар амалияю назарияи ҳуқуқи байналмиллалии муосир накш ва мавкеи хоса дорад ва унсурҳои ҷудогонаи давлату давлатдории дунявиро пайдо кунем. Андешаи ёдоваршударо бахши дуввуми Эъломия, ки дар он Куруши Кабир бар дӯш гирифтааст, ки фармонравоии худро ба ҳеҷ мардуме ба зур таҳмил накунад ва барои ҳар миллате, ки шомили подшоҳии уст, ҳаққи озодӣ пазируфтан ё напазируфтани ӯро ба сифати шоҳи худ таъмин кунад, тақвият мебахшад.

Эъломия мавқеи махсусро ба андешаи манъи ситами касе бар дигаре ҳифзу барқарории ҳаққи нотавоне, ки боиси ситам шудааст, ба кайфари ситамкорон додааст.

Масъалаи дигаре, ки дар Эъломияи Куруши Кабир ҷойгоҳи хосса дорад ва ҳамчун арзиши пурқиммати маънавӣ ва инсонсолорӣ маҳсуб меёбад, озодии мазҳабӣ аст. Куруш ба дарки хатари азими таззодҳои мазҳабӣ, ки боиси ҷангу ҷидолҳои оштинопазири миёни пайравони дину мазҳабҳои мухталиф гардида, оқибати он аз содир намудани амалҳои ваҳшиёна ва ғайри инсонӣ нисбат ба ҳамдигар иборат буд, дар Эъломия ҳидоят додаст, ки ҳар кас озод ҳаст, ҳар дин ва оинеро, ки майл дорад бипазирад. Танҳо ба шарте, ки ҳаққи дигареро поймол накунад ва зиёне ба ҳуқуқи дигарон ворид насозад[1].

Арзиши дигари инсондӯстӣ, ки дар Эъломияи Куруш дарҷ гардидааст, ин барои ҳамаи касоне, ки тобеият ба ӯ доштанд ҳаққи озодии сукунаторо ато фармудан ва барои онҳо имконияти озоди интихоби маҳалли зистро дар дохили империя ва ё ҳар куҷое дилашон хоста бошад, пешбинӣ намуда буд. Аммо дар инҷо низ ягона меъёри маҳдудкунандаи ин ҳақ ҳифзи ҳуқуқу манофеи дигарон будааст.

Ба андешаи кори бемузд, ки дар бахшҳои аввали Эъломия сабт шудааст, пешниҳоди он оид ба интихоби озоди ҳар касбу коре, ки мардумон мехоҳанд машғул шаванд амиқан пайваст аст. Дар ин самт кӯшиши бевоситаи Куруш ба муқобили сохти ғуломдорӣ дар ҷомеа мебошад. Ҳатто ҳама ин кӯшишҳои маънавию инсондӯстӣ бахри пойдории низоми давлатдорӣ ва ташаккули инсони комил равона гардидааст.

Андешаи олӣ ва ҷамъбасткунандаи Эъломияи Куруши Кабир иборат аз манъи бардагӣ буд. Замоне, ки тамоми кишварҳои он даврон ва мутафаккирон аз андешаи нигоҳ доштани низоми бардагӣ пуштибонӣ мекарданд, амали Куруш бидуни шакку тардид падидаи беҳамто дар таърихи тамаддун будааст. Ӯ дар Эъломия роҳнамоӣ дода буд, ки нахоҳам гузошт мардону занонро бо номи барда ва каниз ё номҳои дигаре бифурӯшанд ва ин расми зиндагӣ бояд аз гетӣ рахт барбандад.

Чун сухан аз мақоми баланди ҷаҳонии давлатдорӣ ва башардӯстӣ ва адлу инсоф дар Эъломияи Куруши Кабир меравад ба мавкеъ ва баҷост, агар чанд сатре аз гуфтаҳои муҳаққиқони сатҳи ҷаҳонӣ оварда шавад. Гегел файласуфи машҳури олмонӣ навиштааст; «Ҳадафи императории Ҳахоманишиён ин буд, ки бар милал ва қавмҳои мухталиф тавре ҳукумат кунад, ки дар қудрати мулоими худ онҳоро ба сурати як воҳид дароварад ва монанди хуршед ба онҳо равшанӣ бахшад»[2].

Ҳамид Найирӣ дар хулосаи хеш чунин нигошта аст: «Оре, императории Ҳахоманишиён бо соири импературиҳое, ки қабл аз ӯ дар ҷаҳон ташкил шуда буд, фарқи калоне дошт. Асоси ин равиши мамлакатдорӣ дар пояи озодманишӣ ва додгустарӣ ва эҳтиром ба муътақидоти афрод ва эҳтироз аз аъмоли фалсафаи мамлакатдории форсу

[1] Маҳкамов, Ҷ. Эъломияи Куруши Кабир // Ҷумҳурият. 2018. 3 декабр.
[2] Гегель, В.Ф. Философия истории: слово о сущем / перевод А. М. Воден, С. П. Гончаренко. – М.: Паблик Доман, 2016. – 630 с.

тоҷик сармашқи соири миллали озодиҳои ҷаҳон шуда, барои ҳукуматҳои мухталиф намуна ва идеал гардидааст»[1].

Бояд қайд намуд, ки низоми давлатдории Куруши Кабир, алалхусус ҷанбаъҳои инсонгароёнаи Эъломияи ӯ дер боз диққати доираи васеи муҳаққиқони ҷаҳониро ба худ ҷалб намуда, дар ҳар давру замон вобаста ба идеалогияи ҳукмрон ба ин санади муҳими сарнавиштсоз баҳо дода шудааст.

Ин аст, ки ховаршиносону муҳаққиқон, аз ҷумлаи Б. А. Тураев, В. В Струве., Н.В. Пигулевский, А.Ю. Якубовский, И.П. Петрушевский, А.М. Белинский, Эдуард Меер, Ҳасани Парниё ва дигарон фаъолияти башардӯстонаю адолатпарварона ва умуман ҷойгоҳи хосса доштани арзишҳои маънавӣ ва инсонгароиро дар эъломияи Куруши Кабир дарҷ намудаанд.

Ногуфта намонад, ки дар китобҳо ва мақолаҳои таърихшиносони тоҷик низ то соли 1972 яъне соли интишори китоби «Тоҷикон» - и Б.Ғафуров (бо забони русӣ) дар бобби Эъломияи Куруши Бузург ва сиёсати инсонгароёнаи ӯ, ки маҳаки асосии баррасӣ ва натиҷагирии таърихи он замон бояд бошад, кам дида мешавад. Албатта ин нуқтаи назар имрӯзҳо аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик диққати хоса дода мешавад. Мисоли рушани ин гуфтаҳо ҳама он асару мақолаҳое мебошад, ки имруз рӯи чоп расидаанд[2]. Бо дарназардошти масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳои хеш таъкид намудаанд, ки Эъломияи Куруши Кабир аввалин Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар дар таърихи инсоният ва маҳсули хиради ниёгони мо бар меояд, миллати куҳанбунёд ва тамаддунсози тоҷик аз қадимулаём ҳамеша барои озодӣ, баробарҳуқуқӣ ва зиндагии орому осуда талош намудаанд[3].

Бояд гуфт, ки матни Эъломияи Куруши Кабир дар боби ҳуқуқи башар, ки дар боло зикр гардид мақоми давлатдорӣ, сиёсатмадорӣ, башардӯстӣ ва ҳамчунин раҳму шафқатеро, ки ин сарвари кишваркушо дар қалби фаррохи хеш дошта, озодона намоиш медиҳад. Бояд гуфт, ки баъзе аз муаррихон кӯшидаанд, ки дар рӯ ба рӯйи пайкараи тасаввурии барҷастаи Куруши Бузург мусибатҳое, ки дар ҷанги байни давлатҳо, миллатҳо, қавмҳо ва исёнҳову шӯришҳо ва ғайра ба сари мардумон меоваранд, таъкид кунанд ва онҳоро ба шакли махсус шарҳ диҳанд. Бархе аз муаррихон бошанд сайъ намудаанд, ки ингуна бадбахтиҳо ва офатҳои замонро ба мақсади наҳ задан ва коҳиш додани ҷилои сиёсати Куруши Бузург ба намоиш оранд.

Дар поёни сухан метавон таъкид кард, ки қонуни адолат ва инсоф, қонуни ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки боиси ҳамвора маҳаки санҷиши асосҳои давлатдорӣ, фалсафаи сиёсат, ҳукуматдорӣ ва таҷрибаи гузаштагон баромад намудааст, имрӯз низ аҳаммияти хешро гум накарда, далели муҳофизони асосии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин инсонсолор будани механизми идоракунии давлатдории ниёгони моро дар масири таърих нишон медиҳад.

[1] Насурдинов, Э.С. Состояние правовой культуры таджиков при Ахеменидах // Пробелы в российском законодательстве. – 2014. – № 2. – С. 58–64.
[2] Ғафуров, Б. Асари зикршуда. – 870 с.
[3] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. - 364 с.

**ТДУ 351.7:342.7**

# ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ОИД БА ТАЪМИН ВА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ В ОБЕСПЕЧЕНИИ И ОХРАНЕ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**СОЛЕҲЗОДА ФАРОҒАТ ФАТҲИДДИН**
*Дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковник милиции*
E-mail: farogat.solekhzoda.81@bk.ru

Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи танзими ҳуқуқӣ ва ҷараёни амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон масъалаи мубрам арзёбӣ гардида, яке аз мавзуъҳои актуалии илми ҳуқуқшиносӣ дар байни олимони ватанӣ ва хориҷӣ боқӣ мемонад. Дар ин раванд ба омӯзиши ҷанбаъҳои гуногуни ҳуқуқи инсон, ҳамчун категорияҳои ҳуқуқӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар байни масъалаҳои актуалӣ вобаста ба амалисозии ҳуқуқи инсон, масъалаи бунёди механизми таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳамчун маъалаи ҷудогона баромад менамояд.

Чуноне ки А.В. Амеличкин қайд менамояд, «дастоварди асосии ҷомеаи муосир, ташаккули чунин системаи хуқуқие мебошад, ки системаи мураккаби ҳимояи ҳуқуқи инсонро пешбинӣ менамояд». Дар асоси ин, ҳуқуқу озодиҳои эътирофшудаи инсон ва шаҳрванд хизмати асосии ҷомеаи муосир, муҳаррики рушди инсонӣ, инчунин асоси заминавӣ барои пешрафти тамоми инсоният дар роҳи одилонаи аз хуқуқ асосёфтаи муносибати байни одамон гардидааст[1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи инсон пеш аз ҳама инъикоси худро дар меъёрҳои Конститутсия ёфтааст. Дар қисми 3 моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи сегонаи давлат, ки ба таъмин, эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон равона гардидааст, нишон дода шудааст[2]. Баъдан дар қ. 2 м. 14 Конститутсия мафҳуми функсияи сегонаи давлат тавассути мақомоти ҳокимияти давлатӣ кушода гардидааст[3]. Қобили зикр аст, ки меъёрҳои зикргардидаи Конститутсия нақш ва маънои ҳуқуқи инсонро дар ҷомеъа ва давлат муқаррар менамоянд.

Дар ҳақиқат, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаи афзалиятноки давлат - таъмин ва ҳифзи хуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дақиқ муайян карда шудааст. Ин нуқтаро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 с. қайд намуда буданд, ки «Таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлатӣ, оромиву осудагии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқ

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила (2023-2028», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1291.

[1] Амеличкин, А.В. Защита прав и законных интересов человека и гражданина в административной деятельности органов внутренних дел // Юридическая наука и правоохранительная деятельность. – 2011. - № 3. (17). – С. 105.

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). - Душанбе: Ганҷ, 2016. - С.75.

[3] Ҳамон ҷо.

ва озодиҳои инсон, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ӯҳдадории бевосита ва қарзи шаҳрвандии ҳар як корманди ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад»[1].

Дар системаи мақомоти давлатӣ ҷойи намоёнро мақомоти корҳои дохилӣ ишғол менамояд, ки як ҷузъи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, фаъолияти худро дар самти таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд амалӣ менамояд.

Дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки дар самти таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи инсон фаъолият менамоянд, ба мақомоти корҳои дохилӣ ҷойи махсус дода мешавад. Мисол, Р.Р. Алиуллов ҷойгоҳи махсус доштани мақомоти корҳои дохилиро дар механизми ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд пеш аз ҳама ба шароити муосири ташаккули давлатдорӣ ва тақвият ёфтани вазифаи иҷтимоии мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмини онҳо алоқаманд медонад[2].

Дар навбати худ, С.В.Гунич дар ин самт қайд менамояд, ки "татбиқи механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ инъикос меёбад. Маҳз онҳо пайванди асосӣ ва сершумори системаи ҳифзи ҳуқуқро ташкил медиҳанд ва бо намояндагони ин мақомоти давлатӣ дар навбати аввал соҳибони ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ дар фаъолияти доимии худ рӯ ба рӯ мешаванд[3].

Олимони ватанӣ низ дар ин ҷода бо муаллифони рус ҳамфикрӣ доранд. Аз ҷумла, З.Х. Искандаров қайд менамояд, ки «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи давлатии ҳуқуқи инсонро муайян намуда, иштироки ҳамаи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдорро дар ҳимояи ҳуқуқҳои инсон муқаррар менамояд. Қайд намудан ба маврид аст, ки дар баробари мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мақомоте мавҷуд аст, ки ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бевосита ба салоҳияти онҳо дохил мешавад»[4], ба шумораи чунин мақомот мақомоти корҳои дохилиро шомил намудан лозим аст.

Дар навбати худ Д.Х. Элназаров қайд менамояд, ки «дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷойгоҳи махсус доранд. Онҳо ба системаи мақомоти давлатӣ дохил мешаванд, ки ҳамчун механизми дахлдори ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷумҳурӣ амал мекунанд»[5]. Аз мавқеъҳои овардашуда хулоса баровардан мумкин аст, ки дар механизми миллии таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақоми асосиро мақомоти корҳои дохилӣ ишғол менамоянд, ки сарбории зиёдро оид ба ҳифзи бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа, ҳифзи сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамоянд.

Мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия таъсис дода шуда, дар соҳаи корҳои дохилӣ фаъолият менамоянд. Дар қонунгузории кишвар таърифи дақиқи мафҳуми «корҳои дохилӣ» вуҷуд надорад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ, муаллифони гуногун мафҳуми корҳои дохилиро ҳамчун «маҷмуи чорабиниҳо оид ба ҳифзи шаҳрвандон, аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ва дигари ғайриқонунӣ» муайян намуда, ба соҳаҳои таъмини амнияти шахсӣ ва молумулкии

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 с. // Манбаъи электронӣ: Реҷаи воридшавӣ: http://www.president.tj/ru/node/19089.

[2] Алиуллов, Р.Р. О механизме защиты прав и свобод человека и гражданина (проблемы теории и правового регулирования) // Вестник Казанского юридического института МВД России. - 2013. - № 3(13). – С. 3-7.

[3] Гунич, С.В. Тенденции модернизации конституционно-правового механизма государственной защиты прав и свобод человека и гражданина на примере деятельности органов внутренних дел // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2013. - № 1 (57). – С. 25.

[4] Искандаров, З.Х. Права человека и национальные механизмы их защиты. – Душанбе, 2007. – С. 85.

[5] Эльназаров, Д.Х. К вопросу о механизме обеспечения и гарантии защиты конституционных прав и свобод человека и гражданина в Таджикистане // Вестник Таджикского национального университета. - 2012. - № ¾ (90).

шаҳрвандон ва манфиатҳои ҷомеаву давлат, яъне амалӣ намудани фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дахлдор медонанд[1].

Асоси ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон аз ҷониби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004 ба роҳ монда шудааст. Мутобиқи моддаи 1 қонуни мазкур, «милитсия мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, таҳқиқу тафтишот буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳои ҷамъиятиву давлатро аз кирдорҳои ҷинояткорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо муҳофизат намуда, ҳуқуқ дорад чораҳои маҷбурии дар доираи Қонуни мазкур ва дигар қонунҳо пешбинигардидаро ба кор барад»[2].

Минбаъд дар моддаи 3 қонуни зикршуда муқаррар карда мешавад, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ «ҳифзи ҳаёт ва саломатӣ, ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз кирдорҳои ғайриқонунӣ»[3] ба ҳисоб меравад. Аз ин муқаррароти қонунгузории кишвар хулоса баровардан мумкин аст, ки мақомоти корҳои дохилӣ нақши муҳофизи асосии тартиботи ҳуқуқиро иҷро мекунад, ки вазифаи муҳимтарини давлатӣ дар маҷмӯъ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ва таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ба зиммаи маҳз ҳамин мақомот вогузор карда шудааст.

Бо иҷрои вазифаҳои худ мақомоти корҳои дохилӣ ду намуди асосии фаъолиятро оид ба таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон амалӣ менамоянд. Самти аввали фаъолият ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз кирдорҳои ғайриқонунӣ равона гардидааст. Самти дуюм  бошад, ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон. Самти аввали фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар раванди ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши  калидӣ мебозад, зеро он ба ҳалли вазифаҳои зерин равона шудааст: нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини амнияти шахсӣ, таъмини амнияти дохилии ҷомеа ва давлат. Мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун пайванди марказии системаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, пеш аз ҳама ба ҳама гуна кирдорҳои ҷиноятӣ ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон муқобилият менамояд. Аз ин рӯ, дар асоси қонуни болозикр, ин мақомот дар ҷараёни татбиқи чораҳои муҳофизатӣ дорои маҷмӯи муайяни воситаҳо ва усулҳое мебошанд, ки тавассути онҳо ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон амалӣ карда мешавад. Тавре Р.Р. Алиуллов қайд мекунад, мақомоти корҳои дохилӣ баъзе сифатҳои фарққунандаро доранд, ки бо хусусиятҳои объекти таъсир, муҳтавои функсияҳои милитсия, усулҳои иҷрои онҳо вобастаанд ва дар бештари ҳолатхо дар самти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз ҷониби мақомоти ВКД амалӣ карда мешавад, ифода меёбад. Аз ин рӯ, дар низоми кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои шахс татбиқи ҳуқуқ аз ҷониби мақомоти мазкур асосан ба вазифаҳои ҳифзи ҳуқуқ, яъне пешгирӣ, ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо, мурофиаи парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ки ба ҳуқуқу озодиҳои шахс ва аз ин рӯ ба объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ аз қабили неъматҳои гуногуни моддӣ, маънавӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ (ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, моликият ва ғайра) таҷовуз мекунанд, тобеъ аст[4].

Самти дуюми фаъолият, ки дар боло зикр намудем, хусусияти таъминкунанда дорад ва аз моҳияти функсияи муҳофизатӣ дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ бармеояд. Самтҳои зикршудаи фаъолияти мақомот якдигарро муайян мекунанд, аз ин рӯ баъзан мафҳумҳои ҳифз ва таъминот муттаҳид карда мешаванд.

Инчунин фаъолияти МКД-ро оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон хизматрасонӣ ба аҳолӣ низ меноманд. Ба андешаи мо, таъмин намудан дар фаъолияти

---

[1] Валиев, Г.Х. Деятельность органов внутренних дел России по защите прав и свобод человека и гражданина // Вестник экономики, права и социологии. – 2014. - № 2. – С.113.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи с. 2004, № 41 // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0.
[3] Ҳамон ҷо.
[4] Алиуллов, Р.Р.  Асари зикршуда. – С. 5.

мақомоти дохилӣ самтҳои зерини фаъолиятро дар бар мегирад, пешгирии ҷиноятҳо ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, яъне муайян намудани сабабҳо ва шароитҳое, ки ба содир намудани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат мекунанд, андешидани чораҳо барои бартараф намудани онҳо, амалӣ намудани корҳои инфиродии пешгирикунанда бо ҳуқуқвайронкунандагон, иштирок дар тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, инчунин расонидани кӯмаки иҷтимоӣ ба аҳолӣ.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз амалҳои ғайриқонунӣ ва пешгирии онҳо самтҳои асосии фаъолияти милитсия мебошанд. Кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ки мақоми ҳуқуқии худро дар шакли уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳо амалӣ мекунанд, бо ин роҳ дар таъмини татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд иштирок мекунанд.

**ТДУ 343.131:342.41**

# ТАШАККУЛИ ПРИНСИПИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ ДАР КОНСТИТУТСИЯ ВА ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФОРМИРОВАНИЕ ПРИНЦИПА ПРЕЗУМПЦИИ НЕВИНОВНОСТИ В КОНСТИТУЦИИ И ОТРАСЛЕВОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**УРФОНЗОДА ДОНИШМАНД САДОНШО**
*Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2-и Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*
E-mail: sadonschoev.donisch@yandex.ru

Барои омӯзиш ва таҳлили эҳтимояли бегуноҳӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки фаҳмиши умумии принсипро таҳлил намоем. Зеро эҳтимолияти бегуноҳӣ дар дигар сарчашмаҳо ҳамчун принсип мустаҳкам гардидааст.

Аз нуқтаи назари файлусофҳо, принсип дар маънои субъективӣ мавқеи асосӣ, шарти пешакӣ ва принсипи тафаккур мебошад[1]. Аристотел қайд мекунад, ки принсип дар маънои объективӣ сабаби аввал аст, яъне он чизе, ки аз он чизе вуҷуд дорад. Баъзе муаллифон чунин мешуморанд, ки принсип меъёри рафтор ва эътиқоди ботинӣ ба чизе аст. Принсип инчунин таърифи техникӣ дорад: “Ин хусусияти асосии дастгоҳ, қисми асосии он, қисми пешбари механикӣ ин ё он соҳа аст”. Аммо, ба назари мо, таърифи дақиқтарин ва тавонотарин аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ таърифи Д.Н. Ушаков мебошад, дар луғати тафсири ӯ принсип ҳамчун "Ибтидои асосе аст, ки дар он чизе сохта шудааст, ба мисли системаи илмӣ, назария, сиёсат, сохтор ва ғайра[2]. Аз як қатор ин таърифҳо метавон хулоса кард, ки принсип чизест, ки дар худ ибтидои асосӣ дорад, ки бе он худсарона вуҷуд дошта наметавонад. Принсип ҳанӯз дар замони фалсафаи юнони қадим пайдо шудааст. Таърих принсипҳои қонуният, адолат, инсондӯстиро медонист. Ташаккули онҳо нуқтаи ибтидоии ҳамаи принсипҳои дигар гардид.

Таърихи пайдоиши принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ он қадар осон нест, ки дар назари аввал ба назар мерасад. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар ҳамаи давру замон ба он қувваҳое рӯбарӯ буд, ки амаликунандаи адолати судӣ буданд, аммо

[1] Грицанов, А.А. Философский словарь. - М., 2013. - С. 280.
[2] Ушаков, Д.Н. Толковый словарь Ушакова. Т. 1. - М., 1935. - С. 74.

намехостанд манфиатҳои шахсони дастгиршударо ба ҳимоя гиранд ва ба ӯ имкони худашро бегуноҳ ҳисобидан диҳанд. Чунки барои он, ки гуноҳи шахсро исбот кунанд онҳо бояд далелҳои раднашавада ҷамъоварӣ кунанд, ба дастгиршуда имконияти аз ҳуқуқҳои худ дифо кардан имконият диҳанд ва ба сари ӯ уҳдадории исботи бегуноҳӣ ва гунаҳкорияшро бор накунанд. Бисёре аз муҳақиқон ва мутахассисони соҳаи ҳуқуқ изҳор медоранд, ки бори аввал низомнома дар бораи эҳтимолияти бегуноҳӣ соли 1789 дар Фаронса пайдо шудааст.

Асосгузори ҳуқуқ ба эҳтимолияти бегуноҳӣ ин муҳақиқи италиёвӣ Чезаре Беккариа мебошад. Ч. Беккариа шоҳиди он бедодгариҳои замони худ буд, ки дар он замон сифати баррасии кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ бисёр дар сатҳи паст қарор дошт ва бадтарин муносибат ба шахсони ҷиноятсодиркарда анҷом дода мешуд. Шахсоне, ки барои содир кардани кирдорҳои ҷиноӣ дастгир мешуданд аз камтарин ҳимоя маҳрум буданд, барои одитарин кардори зидди ҷамъиятӣ ҷозоҳои сангин мегирифтанд, барои ошкор кардани ҷиноятҳо шиканҷаро ошкоро истифода мебурданд ва шахсони ҷиноят содиркардаро дар бисёр шароити бад нигоҳ медошатнд. Ҳаммаи ин ҳолатҳоро дида Ч. Беккариа дар асари худ дар бораи ҷиноятҳо ва ҷазоҳо, ки соли 1764 ба нашр расид, чунин навиштааст, ки “айбдоршаванда то он даме, ки гуноҳи ӯ бо ҳукми судӣ муайян карда нашудааст бегуноҳ аст”, яъне эҳтимолияти бегуноҳии айбдоршавандаро эълон кард.

Дар таърихи ташаккули принсипи эҳтимолияти бегуноҳии Тоҷикистон баъзе хусусиятҳоро қайд кардан мумкин аст. Принсип нисбат ба Руссия ва Аврупо хеле дертар пайдо шуд ва дар аввал мафҳуми асосии он нисбат ба дигар кишварҳо ба таври дигар тафсир карда мешуд. Чихеле, ки ҳуқуқшиноси тоҷик З.А. Саидзода қайд менамояд, дар истеҳсолоти судӣ-ҷиноятии Аморати Бухоро солҳои 1868-1920 чунин тартибе вуҷуд дошт, ки “шахсе, ки оиди дуздида шудани амволе дар мурофиа нишондод медиҳад, бояд шахси аниқро бешубҳа нишон диҳад, ки ҳамин шахс дуздӣ кард. Дар дигар маврид нишондоди шоҳид далел ҳисобида намешуд. Истифодаи чунин тартиб дар мурофиаи судӣ-ҷиноятӣ аз мавҷудияти эҳтимолияти бегуноҳӣ дар он замон шаҳодат медиҳад”[1]. Ин меъёр маънои онро дорад, ки нисбати касоне, ки шахси ҷиноят содиркардаро дастгир карда мебаранд, ӯро дар содир кардани ҷиноят айбдор ҳам кунанд, эҳтимолияти бегуноҳӣ вуҷуд дорад.

Дар давраи то инқилоб принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар маҷмуъ хусусияти мусбат дошт. Зеро дар бисёр сарчашмаҳои таърихӣ мо нишонаҳои эҳтимолити бегуноҳиро дарёфтем, аз ҷониби ягон муҳақиқ ва ҳуқуқшиноси он замон танқид нашуда буд. Вале дар солҳои аввали Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сосиалистӣ (минбаъд ИҶШС) принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ аз ҷониби якчанд ҳуқуқшиносони он замон рад карда шуд ва дар на дар Консититусияи ИҶШС, на дар қонунҳои соҳавӣ мавқеъ надошт. Ҳуқуқшиноси он замони ИҶШС С.В. Тадевосян навиштааст, ки “эҳтимолияти бегуноҳӣ ба мурофиаи ҷиноятии шӯравӣ лозим нест”[2]. К.А. Мокичев бошад бо ӯ комилан розӣ буд ва ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ муносибати манфӣ дошту чунин мешуморид, ки “дар қонунгузории ИҶШС ва дар амалияи мубориза бо ҷиноякорӣ ягон эҳтимолият вуҷуд надошт ва вуҷуд надорад”.

Чихеле, ки мо дар боло қайд намудем, ин принсип натанҳо дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ вуҷуд надошт, балки дар ҳарду Конститутсияи солҳои 1924 ва 1936 ИҶШС вуҷуд надошт. Ин ҳолат шахсеро, ки дар ҷиноят айбдор мешуд, амалан беҳимоя мегузошт. Аз лаҳзаи боздошт ӯ гунаҳкор ҳисобида мешуд ва ҳуқуқҳои худро барои ҳимояи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пурра амалӣ карда наметавонист.

[1] Саидов, З.А. Исторические особенности действия норм шариата в Бухарском Эмирате : 1868-1920 гг.: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / З.А. Саидов. – М., 2006. _ С. 72.

[2] Мокичев, К.А. Против ревизионистских извращений марксистско-ленинского учения о государстве и праве: лекция. – М., 1959. - С. 22.

Чунин ҳолатҳо аз сабаби хусусияти репрессивӣ доштани мурофиаи ҷиноятии он замон бисёр буданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки баъди солҳи 50-уми асри гузашта ИҶШС иштибоҳи худро дар бораи эътироф накардани принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро дарк карда, шахсонеро, ки қурбонии репрессияҳои то солҳо 50-ум шуда буданд ва нафарони зиёд аз ҷумла тоҷикон бегуноҳ ҳукми қатл гирифта буданд, ба таври оммавӣ сафед кард[1]. Амалан принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ соли 1977 дар Конститутсияи ИҶШС мустаҳкам гардид ва Суди Олии ИҶШС 16 июни соли 1978 дар амалияи фаъолияти судӣ истифодаи принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро шарҳу тавзеҳ дод. Дар моддаи 2 қарори пленуми Суди Олии ИҶШС гуфта мешавад, ки "бо мақсади таъмини ҳуқуқи ҳимояи айбдоршаванда (судшаванда) судҳо бояд принсипи конститутсиониро қатъиян риоя кунанд, ки мувофиқи он айбдоршаванда (судшаванда) бегуноҳ ҳисобида мешавад, то он даме ки гуноҳи ӯ бо тартиби пешбининамудаи қонун исбот карда шавад ва бо ҳукми суд, ки ба қувваи қонунӣ даромадааст, муқаррар карда шавад"[2].

Дар Конститутсияи соли 1994 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳоло амал мекунад, принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҷавобгӯ бо меъёрҳои байналмилалӣ ва ба таври лозима дар чунин шакл мустаҳкам гардидааст, ки "Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад"[3].

Аз ҳамаи гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки меъёри эҳтимолияти бегуноҳӣ мушкилоти зиёдеро аз сар гузаронидааст то ин ки дар Конститутсия ва қонунгузорӣ мавқеъ пайдо кунад. Ин яке аз ҳуқуқҳои асосии конститутсионии ҳар як шаҳрванд мебошад, ки дар мурофиаи судӣ-ҷиноятӣ ва ҳатто маъмуриву маданӣ нақши калидӣ дорад.

**ТДУ 342.41**

# ҶОЙГОҲИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР БУНЁДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

## МЕСТО КОНСТИТУЦИИ В ФУНДАМЕНТЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ

**ФАХРИДИНЗОДА ҲАМЗА САИДУМАР**
*Омӯзгори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуққуии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия*
E-mail: muminov-u85@mail.ru

Баъди ба даст овардани неъмати бебаҳо, яъне истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд. Ин боис бар он гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро пеш гирифт. Барои ба таври зарурӣ ташаккул ва устувор гардонидани чунин хусусиятҳои давлатдорӣ зарурати дар асоси конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим ва мустаҳкам намудани он ҷой дошт. Аз ин рӯ 6 ноябри соли

[1] Седых, В.Н. Историческая память: реабилитация жертв политических репрессий в советское время // Образование и право. – 2023. - № 10. - С. 507-519.
[2] Сборник постановлений Пленумов Верховных Судов СССР и РСФСР (Российской Федерации) по уголовным делам. - М., 1995. - С. 159.
[3] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994, 26 сентябри с. 1999, 22 июни с. 2003 ва 22 майи с. 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуда.

1994 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар моддаи 1-уми он хусусиятҳои давлатдории Тоҷикистон аз ҷумла, соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мустаҳкам гардида дар бунёди давлатдории миллӣ замина гузошт[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари хусусиятҳои давлатдорӣ, тартиби ташкил, салоҳият ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, инчунин фарогири масъалаҳои ҳаётан муҳимми давлативу ҷамъиятӣ мебошад.

Аз ҳама муҳиммтар он аст, ки қабули конститутсия барои бунёди давлатдории миллӣ замина гузошта, ҳамчун бахтномаи миллат заминаҳои ҳуқуқии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро устувор гардонид. Ҳамзамон чихеле, ки иброз мегардад, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз ва бахтномаи миллат дар роҳи эъмори давлатдории навини тоҷикон, пайвастани он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ, таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши барҷастаи таърихӣ дорад[2].

Лозим ба зикр аст, ки бо назардошти қабули Конститутсия дар даврони соҳибистиқлолии кишвар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфта, заминаҳои ҳуқуқии тартиботи ҳуқуқӣ, қонуният, адолат ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин гардида истодааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу охзодиҳои инсон ва шаҳрвандро муқаррар ва дахлнопазирии онро муайян намудааст. Бахусус дар моддаи 5 – уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошад. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд[3]. Тибқи ин моддаи Конститутсия инсон дар Тоҷикистон арзиши олӣ эълон шуда, шинохти тамоми арзишҳои дигарро дар доираи манфиат ва манзалати он имконпазир мегардонад. Ҳеҷ як манфиат, неъмат ва доройӣ аз инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ боло буда наметавонад. Ҳама чиз дар давлат ва ҷомеа барои қонеъ гардонидани талаботи инсон равона шудааст.

Ин нукта дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он хотир таъкид шудааст, ки таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ба хотири инсон нозил шуда, таълимоти олии оламгиру фалсафаҳои таърихсоз ҳама барои ҳимояи манфиати инсон нигаронида шудааст. Конститутсия дар моддаи 14 эълон доштааст, ки мазмуну муҳтавои ҳамаи дигар қонунҳоро ҳуқуқ ва озодии инсон ташкил медиҳад. Яъне, дар маркази арзишҳо гузоштани инсон маънии дар атрофии он муттаҳид намудани ҳамаи арзишҳои дигарро дорад. Мақомоте ва ё санади меъёрии ҳуқуқие ба хотири ягон манфиат наметавонад ҳуқуқу озодии инсонро маҳдуд ва ё поймол намояд, зеро қонуни асосии кишвар инсонро дар маркази арзишҳо қарор дода, онро аз дигар муносибат ва падидаҳо болотар гузоштааст. Ҳуқуқу озодиҳоро давлат эътиров мекунад. Яъне онҳоро ҳамчун заминаи мавҷудияти инсон дар сарчашмаҳои расмии ҳуқуқ эътироф мекунад, риоя ва иҷрои онҳоро бо кафолатҳо таъмин менамояд. Давлат дар муносибат бо одамон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро риоя мекунад ва аз дигар субъектҳо риояи онҳоро талаб мекунад.

Давлат барои риояи дурусти ҳуқуқу озодиҳо шароит фароҳам меоварад, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат дода дар ҳолати вайроншавии онҳо субъектҳои таҷовузкунандаро ба ҷавобгари мекашад, тавассути мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ механизми ҳимояи ҳуқуқу озодиҳоро муқарар мекунад. Бояд гуфт, ки ҳимояи ҳуқуқу

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. - 136 с.

[2] Мирсайдзод, Ҳ.С. Дастрасӣ ба адолати судӣ ҳамчун кафолати конститутсионии ҳифзи ҳуқуқи инсон // Ҳаёт ва қонун.. – Душанбе, 2017. - С. 57-63.

[3] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. - 520 с.

озодиҳои инсон дар Тоҷикистон ҳам воситаҳои дохилӣ ва ҳам байналмилалиро доро аст. Таъмини устувории ҳар як давлат, рушди бемайлони асосҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, ҳуқуқии он ва пойдории арзишҳои ба он хос марҳилаи муайянро тақозо мекунад. Хусусияти ин марҳила аз таъмини сулҳу осоиши ҷомеа, пойдории арзишҳои демократӣ, кафолати ҳуқуқуозодиҳои инсон ва шаҳрванд иборат аст.

Ин санад дар таърих ба унвони Конститутсия эҷод гардид ва то имрӯз ҳамчун санади асосӣ шинохта мешавад. Чи хеле ба мо маълум аст, қаблан мо дорои чунин санад будем, аммо он ҷавобгӯйи ҳадафҳои давлату миллат набуд ва соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон зарурати ба низом даровардани самтҳои асоси сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати тоҷиконро ба миён овард. Масалан, забони тоҷикӣ чун забони давлатӣ расман эълон гардид ва рамзҳои давлатӣ ҳамчун муқаддасот шинохта шуданд. Мутобиқи ин талаботи Конститутсия коргузорӣ, хуҷҷатнигорӣ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, сабти асноди шаҳрвандӣ ва дигар муносибатҳои меҳнатӣ бо забони давлатӣ сурат мегиранд.

Афзалияти дигари ин санад - таҳияи боби алоҳида оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон аст ва бори аввал мафҳуми инсон дар чаҳорчӯбаи қонуни асосии давлат баррасӣ ва эътироф гардид. Мутобиқи конститутсия ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳаматарафа ҳимоя карда мешаванд ва давлат ба ин кафолат медиҳад. Ҳамчунин дар матни Конститутсия ба таври умумӣ раванди гузариш ба давраи нави инкошофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа инъикос карда шудааст. Яке аз моҳияти давлат, иҷтимоӣ будани он муайян карда шудааст, ки ҳадафи асосии он барои ҳар як инсон фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона мебошад. Асоси иқтисодии ҷумҳуриро Конститутсия гуногун шаклии моликият, баробарҳуқуқии ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият муқарар кардааст. Моҳияти демократии Тоҷикистон дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкурувӣ сурат гирифтани инкошофи ҳаёти ҷамъиятӣ муайян карда шудааст. Дар маҷмуъ ин меъёрҳо дар бораи симо ва тарҳи нави сохтори ҷамъиятии ҷумҳурӣ маълумот медиҳанд.

Ба низоми хуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон ҳамеша аз рӯи он баҳо дода мешавад,ки давлат дар кадом ҳаҷм онҳоро муқарар карда то кадом дараҷа ба татбиқи онҳо кафолат додааст. Конститутсияи баробари васеъ гардидани номгӯи ҳуқуқу озодӣ, кафолати онҳоро низ нишон додаст. Вале ин кафолатҳо бо чораҳои ҳақиқӣ таъмин нагардидаанд. Инчунин, якумин бор дар таҷрибаи конститутсионии Тоҷикистон ҳолати ҳуқуқии онсонро дар вазъияти фавқулодда ба танзим андохтааст[1].

Таркиби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз 10-боб ва 100-модда аст. Он аз муқаддимаи мухтасар, ки пеш аз матни асосии Конститутсия дода шудааст оғоз меёбад. Агарчи дар муқаддима меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷой надоранд, вале бо вуҷуди ин ҳолатҳои дар он зикр ёфта, барои тамоми матни Конститутсия ва мувофиқи мақсаду мароми халқ муқаррар кардани меъёрҳои конститутсионӣ нишон дода шудааст. Мазмуни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи нави ташаккули давлати соҳибхтиёри Тоҷикистон, моҳият ва мазмуни фаъолияти давлат, ҳолати ҳуқуқӣ-конститутсионии инсон ва шаҳрванд, вазъи ҳуқуқии ВМКБ, сохти ҳудудию маъмурии Тоҷикистон, низом, тарзи таъсисёбӣ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлтии ҷумҳурӣ, таъсиси мақомоти худидоракунии маҳалиро инъикос мекунад. Меъёрҳои Конститутсия хислати таъсиснамоӣ дошта, мазмуни конститутсия дар сатҳи баланди ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ифода ёфтааст.

[1] Ниг.: моддаҳои 46-47 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016.

Конститутсия ҳамчунин хуҷҷати ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Хусусияти ҳуқуқӣ доштани конститутсия дар он зоҳир мегардад, ки он дорои қувваи олии ҳуқуқӣ мебошад. Меъёрҳои конситутсия бевосита (мустақиман) амал мекунанд ва ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрвандро кафолат дода, заминаҳои муҳимми ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии онҳо, дигар унсурҳои давлатдориро пешбинӣ ва ба танзим медароранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбати қайд карданд, ки «Баъди барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ зарурати қабули Конститутсияи нав ба миён омад, то ки асосҳои бунёдии ҷомеа, шакли идораи давлат ва дигар арзишҳои давлатдорӣ муайян карда шаванд»[1].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёми шодбошии худ ба муносибати Рӯзи Конститутсия санаи 6-уми ноябри соли 2020 аз ҷумлаи дастовардҳои бисёр арзишманди даврони соҳибистиқлолии мамлакат иброз намуда, аҳмияти онро баҳри рушди кишвар чунин байён карданд: «Дар асоси Конститутсия таъмин намудани соҳибихтиёрӣ, истиқлолу озодӣ ва тамомияти арзии кишвар вазифаи асосии давлат буда, тағйирнопазир будани шакли идораи кишвар, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва иҷтимоии давлат ҳамчун меъёрҳои пойдору устувори он эътироф гардидаанд».

Дар ин санади бунёдии давлат мақсаду вазифаҳо, асосҳои сохтори давлатдорӣ, рамзҳои давлатӣ, ҳудуди кишвар, муносибат ба моликият, самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври возеҳу равшан инъикос шудаанд. Яъне Конститутсияи даврони истиқлоли мо ҷавобгӯ ба талаботи замони нав ва ҷомеаи муосири кишвар буда, то имрӯз барои рушду тараққиёти давлатдории миллӣ, таҳкими пояҳои он ва зиндагии осудаву озоди мардуми тоҷик нақши калидӣ мебозад.

Қобили зикр аст, ки дар кишвари мо маҳз ба шарофати Конститутсия ва дар заминаи амалӣ гардидани меъёрҳои он фазои орому осуда, волоияти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ барқарор ва барои рушди бонизоми иқтисодиву иҷтимоии давлат шароити мусоид муҳайё гардид.

Мо бо роҳи гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ то имрӯз дар самтҳои ҳифзи истиқлоли давлатӣ, демократикунонии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳуқуқиву фарҳангӣ, таҳкиму тақвияти низоми давлатдории миллӣ ва аркони бунёдии он ба дастовардҳои басо арзишманди таърихӣ ноил гардидем.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлати мо узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон эълон гардида, имрӯз тавассути ташаббусҳои созандаи худ дар ҳалли масъалаву мушкилоти глобалии сайёра нақши арзанда мегузорад”[2].

Конститутсия ҳамчун қонуни асосии давлат дорои як қатор хусусиятҳо мебошад, ки бо ин хусусиятҳо конститутсия аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ мекунад. Ин хусусиятҳо иборатанд аз:

– Конститутсия қонуни асосии давлат буда, муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро ба танзим медарорад. Масалан, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, тартиби фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судиро муайян мекунад.

– Конститутсия назар ба дигар санадҳои ҳуқуқи дорои қувваи баланди ҳуқуқи мебошад. Дорои қувваи баланди ҳуқуқи будани конститутсия маънои онро дорад, ки

[1] Конститутсия – бахтномаи миллат // Маҷмӯи суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2020. – 228 с.

[2] Имомов, А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Нашри 4-ум бо тағйиру иловаҳо. – Душанбе: «Офсет Империя», 2017. – С. 108.

тамоми санадҳои ҳуқуқи бояд ба конститутсия мувофиқ бошанд Ҳангоми ба конститутсия мувофиқ набудани санадҳои ҳуқуқи онҳо қувваи ҳуқуқии худро гум мекунанд.

– Конститутсия асосҳои сохтори конститутсиониро муқаррар менамояд. Дар конститутсия сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ, соҳибихтиёрӣ, шаклҳои гуногуни моликият ҳадафҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, гуногун андешии сиёсӣ ва мафкуравӣ, арзиши иҷтимоии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодиҳои асосии ӯ эълон карда мешаванд.

– Меъёрҳои конститутсия бевосита амал мекунанд. Амали бевоситаи меъёрҳои конститутсия чунин маъно дорад, ки субъектҳои татбиқи ҳуқуқ, ба монанди суд, мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ ва ғайра уҳдадоранд амалишавии меъёрҳои конститутсияро, новобаста аз инъикос гардиданашон дар санадҳои ҳуқуқи, таъмин намоянд.

Аз ҷониби дигар, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандонро вазифадор менамояд, ки риояи талаботи ин санад ҳатмӣ аст, яъне шаҳрвандон дар ҳама ҳолат бояд талаботи конститутсияро риоя кунанд. Дар вақти риоя накардани талаботи конститутсия мутобиқи қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ҷавобгарӣ муайян мешавад. Ҳамаи ин арзишҳодар марҳилаи ташаккулёбии давлатдории миллии тоҷикон хоса доранд. Дарки моҳият, эътирофи муқадасот ва ҳифзи ин арзишҳо вазифаи муҳими ҷамъият, давлат ва ҳар як фарди ҷумҳурӣ мебошад. Вале барои иҷрои ин вазифа равшан донистани мазмуну моҳияти онҳо зурур аст.

Хулоса, дар давраи начандон тӯлонӣ меъёрҳои қонуни асосии кишвар, ки муҳимтарин принсипҳои эътирофшудаи ҷомеаи башариро дар бар мегирад, барои эъмори давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявию ягона равона гардида, барои амалишавии ҳадафҳои созанда дар роҳи бунёди давлатдории навини тоҷикон мусоидат кард. Муҳиммтар аз ҳама, роҳнамоест барои имрӯзу фардои давлату миллат, чун дар бунёди давлатдории миллӣ моро ҳифз мекунад ва мебарад сӯйи ояндаи неку дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол.

**ТДУ 342.7**

# МАСОИЛИ ВАЗЪИ КОНСТИТУТСИОНӢ-ҲУҚУҚИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ВОПРОСЫ КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВОГО СОСТОЯНИЯ ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**ҶАЛОЛЗОДА СОРБОН ИСЛОМ**
*Омӯзгори калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2*
*Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия*
e-mail: sorbon.j@mail.ru

Бо ба даст даровардани Истиқлолияти давлатӣ дар баробари дигар самтҳои муҳимми давлатию ҷамъиятӣ падидаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд низ масоили марказӣ ва муҳими давлатдорӣ эътироф гардид.

Давлат ҳамчун шакли ташкилоти сиёсии ҷомеа, олоти асосии ба амал баровардани мақсаду вазифаҳои муҳимтарини ҷомеа мебошад. Инсон бошад, қисми таркибии ҷомеа буда, дар маҷмуъ худи ҷомеаро ташкил менамоянд. Вазъи ҳуқуқии

инсон ва шаҳрванд аз муносибатҳои мураккабе иборат аст, ки вобаста ба мавқеи шахс дар ҷомеа соҳаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти онҳоро дарбар мегирад[1].

Вобаста ба масоили вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд дар байни олимони ватаниву беруни фикрҳои мухталиф ҷой дорад. Аз ин қабил А. Диноршоев, Б. Сафаров ва Д. Сафаров бар он назаранд, ки алоқамандии инсон ва шаҳрванд ва ҷомеаю давлат мазмуни диалектикӣ дошта, ҷомеа бе шахс ва давлат бе ҷомеа вуҷуд дошта наметавонанд. Дар навбати худ шахс низ дар ҷомеа ташаккул ёфта, иштирокчӣ ва бунёдкори муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар байни шахс ва ҷомеа муносибатҳои бешумор дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти онҳо ба вуҷуд меоянд.

Қисми муҳимми ин муносибатҳо дар ҷомеаи ҳозиразамон хислати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ доранд. Вобаста ба ин муносибати шахс ва ҷомеа шакли сиёсӣ пайдо мекунад. Барои амалӣ гардондани муносибатҳои сиёсии байни шаҳрванд ва давлат, алоқамандии онҳо хислати ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Амалӣ шудани ин муносибатҳо алоқамандии шаҳрвандро бо давлат боз ҳам мустаҳкамтар мегардонад[2].

Мақоми ҳуқуқӣ ҳолати муайяни инсон, чораи озодии ӯ, омӯзиши имконпазирӣ ва ҳатмият дар рафтори ҳар як инсон аст. Асоси муносибатҳои нишондодашудаи байни давлат ва ҳар як инсонро ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳои зикркардаи давлат дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Ба ин тариқ, ҳуқуқҳо, озодиҳо ва вазифаҳои асосӣ унсурҳои мақоми ҳуқуқии инсонро ташкил менамоянд[3].

Қобили арзёбӣ аст, ки зиндагӣ дар ҷомеае, ки бунёди онро таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, адлу масъулияти баланди ҳокимиятдорӣ ташкил медиҳад, орзуи халқи тоҷик буд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 ин орзуи халқи тоҷикро амалӣ сохта, барои эҳтиром гузоштан ба арзишҳои инсонӣ ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро муқаддас эълон кард. Аз ин ҷиҳат, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз намудани давлат ба ҳайси яке аз унсурҳои муҳимми сохтори конститутсионии Тоҷикистон муайян гардидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳануз дар давраи омода намудани лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо таъкид намуда буданд, ки ҳуқуқҳои инсон бояд яке аз бахшҳои муҳимми Конститутсияи навамон гардад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид доштанд, ки ҳуқуқи инсон масъалаи муҳим буда, «ҳоло дар маркази диққати ҷаҳониён, махсусан, афкори умуми кишварҳои мутамаддин ва мутараққии дунё қарор дорад».

Аз номи халқи Тоҷикистон дар дебочаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда мешавад, ки мақсади қабули Конститутсияи мазкур аз ҷумла, муқаддас шуморидани озодӣ ва ҳуқуқи шахс мебошад. Ҳамин ғоя мазмуни конститутсионии вазъи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро муайян мекунад ва он дар низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузории ҷумҳурӣ инъикос меёбад.

Вазъи конститутсионии шахс, ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон, ҳолати ҳуқуқии хориҷиён ва шахсони бешаҳрвандро, ки дар ҷумҳурӣ доимӣ истиқомат доранд, дар бар мегирад. Таркиби ҳолати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд аз падидаҳои ҳуқуқии шаҳрвандӣ, соҳибҳуқуқии конститутсионӣ, усулҳои ҳолати ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ, кафолати ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд иборат мебошад[4].

---

[1] Имомов, А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: «Офсет Империя», 2017. - С. 209-210.
[2] Диноршоев, А.М., Сафаров, Б А., Сафаров, Д.С. Ҳуқуқи инсон: китоби дарсӣ. Душанбе, 2010. С. 29.
[3] Маҳмудов, М.А., Зиёев, Т.Н., Холиқов, А.Г., Павленко, Е.М., Сайфуллоев, С. Ҳуқуқи инсон: китоби дарсӣ барои синфи 10. – Душанбе: «АВА», 2007. – С. 95
[4] Имомов, А. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд: ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ: дастури таълимӣ. – Душанбе, 2013. – С. 8.

Амалӣ гардидани ҳуқуқи инсон аз шароити мушаххаси таърихии ҳар як кишвар ва анъанаҳои миллию фарҳангии он вобастагӣ дорад. Ин нуқта дар даҳсолаҳои охир, махсусан, бо таъсири ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла, ворид гардидани фарҳанги ба мо бегонаи ҳуқуқи инсон бештар зоҳир мешавад. Ҳамин раванди амалӣ гардидани ҳуқуқи инсонро дар иртибот ба омилҳои фарҳангӣ, ҳануз дар давраи омода намудани лоиҳаи Конститутсияи Тоҷикистон дарк ва пешбинӣ намуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVIII Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, таъкид намуда буданд, ки «Гап фақат дар сари татбиқи амалии ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандҳост, ки вобаста ба шароити мушаххаси ҷомеаҳои инсонӣ, суннатҳои таърихию маънавии кишвар, сатҳи рушди фарҳангӣ сиёсии мардум сурат мегирад».

Алоқамандии ҳуқуқии давлат бо инсон ва шаҳрванд бо сабабҳои робитаи мунтазами сиёсӣ-ҳуқуқӣ доштани онҳо, ё ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ истиқомат кардани шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд, ки ба ин муносибат соҳибихтиёрии давлат ба онҳо паҳн мешавад, ба вуқуъ мепайвандад. Шаҳрвандони Тоҷикистон узви аввали ҳолати ҳуқуқии инсон буда, вобаста ба ин ҳадди ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои онҳо муайян мегарданд[1]. Дар Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон гардидааст. Ин меъёр ҷавобгӯйи ҳадаф ва талаботи инкишофи ҷомеаи демократӣ дар ҷаҳони мутамаддин буда, ҳоло дар конститутсияи ҳамаи давлатҳои демократии дунё ифода гаштааст. Аз тариқи меъёри зикршуда Тоҷикистон худро узви ҷомеаи башар, муборизи арзишҳои ҳуқуқӣ, қонун ва демократия эълон мекунад. Ҳамзамон бо ин, пуштибанӣ аз манфиатҳои давлати миллӣ, пеш аз ҳама, сохибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлатиро дар назар дорад. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки давлат вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳамчун як ченаки арзишманд ба инобат гирифта, пеш аз ҳама дар қонуни асосии худ Конститутсия мушахасан тамоми паҳлуҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар меъёрҳои худ мустаҳкам намудааст. Аз ин қабил дар боби 1, ки ба асосҳои сохтори конститутсионӣ бахшида шудааст, дар баробари дигар рукнҳои давлатию ҷамъиятӣ вазъи ҳуқуқи инсон низ дар моддаи 5-и он ифода ёфтааст. Мувофиқи моддаи мазкур «инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд»[2].

Акнун Тоҷикистон дар бунёди ҷомеаи демократӣ ва давлати иҷтимоӣ пойдевори устувор ва заминаи боэътимодро тарҳрезӣ намуд. Инсон ҳамчун бузургтарин арзиш ва дорои манфиатҳои муайян шинохта шуд.

Аз он замоне, ки Протогор инсонро ченаки дорои арзишҳо гуфта буд, қариб се ҳазор сол сипарӣ шуд. Имрӯз Тоҷикистон дар шароити Истиқлолияти давлатӣ барои шинохти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муқаддасоти давлатдорӣ аз диди тоза назар андохта, беҳтарин арзишҳо, ормонҳо ва ченакҳоеро муайян карданист, ки метавонанд манфиатҳои имрӯзу фардои миллату давлатро дилпурона дифоъ намоянд.

Инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши олӣ эълон шуда, шинохти тамоми арзишҳои дигарро дар доираи манфиат ва манзалати он имконпазир мегардонад. Ҳеҷ як манфиат, неъмат ва дороӣ аз инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ боло буда наметавонад. Ҳама чиз дар давлат ва ҷомеа барои қонеъ гардонидани талаботи инсон равона шудааст. Конститутсия муҳимтарин рукнҳои зоҳирёбии инсон-ҳуқуқу озодиҳои онро

[1] Имомов, А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: «Офсет Империя», 2017. - С. 211.
[2] Ниг.: моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри с. 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри с. 1999, 22 июни с. 2003 ва 22майи с. 2016. – Душанбе: «Ганч», 2016. - С. 5.

низ ҳамчун арзиши олӣ эътироф намудааст. Зеро бе арзиши олӣ эълон намудани инсон таъмини волоияти қадру манзалати он имконнопазир аст[1].

Илова ба ин, вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита дар боби 2-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст, ки боби мазкур тамоми паҳлӯҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз моддаи 14 то 47 дар бар мегирад. Вобаста ба ин, амалишавии ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ки дар боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудааст, аз кафолатҳои муайяни ҳуқуқӣ вобаста мебошанд. Кафолатҳои ҳуқуқӣ барои амалӣ гардидани ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд равона карда шуда, онҳоро аз поймолшавӣ ҳифз мекунанд.

Дар баробари амалишавии ҳуқуқу озодиҳо Конститутсия дар моддаи 14, инчунин, маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ пешбинӣ намудааст. Конститутсия гарчанде дар моддаи 14 асосҳои маҳдуд карда шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пешбинӣ менамояд, дар моддаи 47 ҳуқуқҳоеро пешбинӣ кардааст, ки чунин ҳуқуқҳо наметавонанд ҳатто дар давраи вазъияти фавқулодда маҳдуд карда шаванд, аз ҷумла, ҳуқуқ ба ҳимоя, ҳуқуқ ба ҳаёт, дахлнопазирии шахс, дахлнопазирии манзил, ухдадории давлат барои пешниҳоди маълумот ва дигарҳо. Кафолати мазкур аҳаммияти назаррас дошта, ҳуқуқу озодиҳоро аз поймолшавӣ нигоҳ медорад.

Тибқи Конститутсия дахлнопазирии шахс эътироф карда шудааст. Ин маънои онро дорад, ки дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Бинобар ин, ҳеҷ касро бе асоси кофии қонунӣ дастгир кардан ё ҳабс кардан мумкин нест. Ғайр аз ин, ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор дониста намешавад. Дар ин самт кафолати муҳимми конститутсионии ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар он зоҳир мегардад, ки қонуне, ки баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунии шахс қабул шудааст ва он ҷазои шахсро вазнин мекунад, қувваи бозгашт надорад (моддаи 20 Конститутсия).

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайр аз ҳуқуқу озодиҳои табиқ, инчунин, ҳуқуқу озодиҳои сиёсиро низ кафолат додааст. Мутобиқи моддаи 27 Конститутсия шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ё ба воситаи вакилонашон иштирок намоянд. Чунин тартиб аз моҳияти демократӣ доштани Тоҷикистон сарчашма гирифта, ба он равона карда шудааст, ки халқи Тоҷикистон ба идоракунии давлатӣ бештар ҷалб карда шавад.

Дар асоси Конститутсия дар даврони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби давлату ҳукумати кишвар бо мақсади таъмини волоияти қонун, таҳкими раванди демократикунонӣ дар ҷомеа, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва пешгирӣ намудани ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ чораҳои муассир андешида шуда, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд.

Ҳануз моҳи апрели соли 1997 бо мақсади таъмини волоияти қонун дар ҷомеа, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва пешгирии роҳи қонуншиканӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуда буд.

22 августи ҳамон сол ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ» қабул гардид. Бо мақсади таҳкими минбаъдаи раванди демократикунонии ҷомеа, тарғиби арзишҳои демократӣ ва ба ин васила фароҳам овар-

[1] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни ) Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе: Шарқи озод, 2009. - С. 46-47.

дани фазои демократӣ дар кишвар 1 декабри соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ» қабул гардид. Илова бар ин, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шуд.

Ҳамин тариқ, падидаи ҳуқуқӣ-конститутсионии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки онҳо аз ҷиҳати сиёсию ҳуқуқӣ алоқамандии шахс ва давлат, қобилияти соҳибҳуқуқии инсон ва усулҳои вазъи ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрвандро муқаррар намуда, татбиқи онҳоро кафолат медиҳанд.

**МАҶМУАИ МАВОДИ КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИЛМӢ-АМАЛӢ ДАР МАВЗУИ «КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ТАҲАВВУЛ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН» БАХШИДА БА 30-СОЛАГИИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ "СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ"**
**(Ш. ДУШАНБЕ, 02 НОЯБРИ С. 2024)**

**СБОРНИК МАТЕРИАЛОВ МЕЖДУНАРОДНОЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОЙ КОНФЕРЕНЦИИ НА ТЕМУ «КОНСТИТУЦИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ЭВОЛЮЦИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ», ПОСВЯЩЕННУЮ 30-ЛЕТИЮ ПРИНЯТИЯ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И И ОБЪЯВЛЕНИЮ "ГОДА ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ"**
**(Г. ДУШАНБЕ, 02 НОЯБРЯ 2024 Г.)**

*734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3*
*Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*734012, г. Душанбе, улица М. Мастонгулова, 3*
*Академия МВД Республики Таджикистан*

Тел.: + (992 37) 226 28 01
Факс: + (992 37) 226 28 92

Ба чоп 08.10.2024 с. таҳвил шуд. 60х84, 1/16, 15 п/л
Гарнитура «Times New Roman», «Times New Roman Tj»
Теъдод 100 д., Супориш № 1033

Дар Матбааи РТМТ ва Н-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст
734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, 5